ТЕМУР ЗУЛФИҚОРОВ

# ЧОЙХОНАИ ЛАБИ ҶАР

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 тоҷик 7-4
З-92

Мураттиб *Одили Нозир*

Муҳаррир *Меҳрӣ Саидова*

З-92 **Темур Зулфиқоров. Чойхонаи лаби ҷар** *(повест ва новеллаҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2018, 308 саҳ.

Дар ин китоб повестҳои «Ишқи аввали Хоҷа Насриддин», «Достони бачагии Мушфиқӣ», «Як рӯзи айёми бачагии Пайғамбар Муҳаммад (с)» ва новеллаҳои нависандаи маъруфи русзабони тоҷик Темур Зулфиқоров гирд оварда шудаанд. Ин асарҳо ҷанбаи фалсафӣ дошта, хонандаро ба андеша водор месозанд, то нисбат ба ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои ҷаҳони муосир бетараф набошад. «Чойхонаи лаби ҷар» китоби севуми нависанда бо забони тоҷикист. Қаблан китобҳои ӯ «Ишқи аввали Хоҷа Насриддин» ва «Афъимори марҷонӣ» бо забони тоҷикӣ нашр шуда буданд. Китоб ба муносибати 80-солагии нависанда нашр мешавад.

ISBN 978-99947-2-517-5

© Нашриёти «Адиб», 2018

# МУШКИЛ АСТ БОВАР КАРДАН, КИ ТЕМУР 80-СОЛА ШУДААСТ

Муҳим нест, ки инсон чӣ қадар зиндагӣ мекунад, муҳим он аст, ки инсон чӣ гуна сифатан зиндагӣ мекунад. Сифатан зиндагӣ кардани инсон ба андешаи инсон вобаста аст. Инсони андешаманд ҳамеша зиндагиро зебо мебинад, ба рӯзҳои сахташ суханҳо ва гуфтаҳои тасаллиомез дорад ва бо ин суханон на танҳо худро, балки дигаронро ҳам метавонад тарбия кунад.

Аслан мардуми андешаманд, хосса файласуфҳо, умри дароз мебинанд. Инчунин як ақидае аст, ки аз аҳли башар беш аз ҳама ромишгарон, баъдан наққошҳо ва сеюм файласуфҳо умри зиёд мебинанд. Ин шояд ба он хотир бошад, ки ин се гурӯҳ ҳамеша бо як кори зебо, муҳим ва дилхоҳ машғуланд. Яъне агар ба мусиқӣ ишқ надошта бошӣ, он ба гӯшат бисёр дилхарош мерасад. Ё агар дидаи зебобин надошта бошӣ, ба дастат мӯқалам ва ё шамшер бигирӣ аз дастат ҳеҷ чиз намеояд. Яъне зебоӣ аз таманнои худи одам сар мезанад.

Илми фалсафа ба хотири илми мантиқ ва ба хотири шарҳ додани он офарида шудааст. Ба он хотир офарида шудааст, ки ба суолҳои беҷавоби зиндагӣ кӯшиши ҷавоб кофтан ё ки ба ҷавоби ёфтаи худ қаноатманд шудан ба инсон вобаста аст. Шахсан агар маро пурсанд, ман хаёл мекунам, ки навиштан, сухан гуфтан, андеша кардан инҳо дар маҷмӯъ як чизе ҳастанд, ки инсонро ба инсонияти худи инсон бармегардонанд. Инсонро аз худи инсон ҷустуҷӯ мекунанд. Мо дар сайёра бо ихтиёри худ пайдо нашудем ва аз сайёра бо ихтиёри худ намеравем. Аммо аз байни чанд миллион ҷондоре, ки дар сайёра ҳаст, шояд мо ақаллияте бошем, ки имконияти андеша

карданро дорем ва Худованд барои мо имкони андеша карданро додааст ва моро ба ин сазовор донистааст. Ин корро пеш аз ҳама адибон мекунанд.

Дӯсти азизи мо Темур Зулфиқоров ба ҳамаи ин сифатҳое, ки дар боло гуфтам, арзанда аст. Мушкил аст бовар кардан, ки он Темур 80-сола шудааст. Аммо дар дунё чизҳои зиёде аст, ки мо бовар намекунем, вале онҳо дар ҳақиқат вуҷуд доранд. Якеаш ҳамин 80-солагии Темур Зулфиқоров аст.

Темур аз ҳамон рӯзе, ки қалам ба даст гирифт, аввал андеша кард, баъд навишт ва то имрӯз ба ҳама суолҳои худаш агар ҷавоб ҳам надошта бошад, як тасаллое дорад. Суханҳои зебое дорад, ки зиндагии худашро пеш барад ва зебо кунад.

Орзумандам, ки ҳамчун адиби файласуф, ҳамчун адибе, ки мусиқии борон, рӯдхона ва дарёро ҳоло ҳам гӯш мекунад, мешиносад ва дарк мекунад ва ҳамчун наққоше, ки бо сухан наққошӣ мекунад ва хеле наққоши муваффақ ва хуб ҳам ҳаст, хеле умри тӯлонӣ бинад. Зеро умри ҳар як инсон аз вусъати андеша, ҳунар ва ишқи ӯ вобаста аст.

**Зодрӯзат муборак, дӯсти азизи ман, Темур!**

**Ҳамеша чунин ҷавон, ошиқ ва кӯдаки бузург бошӣ!**

***Гулрухсор***
*Шоири халқии Тоҷикистон*



# ПОВЕСТҲО

# ИШҚИ АВВАЛИ
# ХОҶА НАСРИДДИН



## ХОБИ ПОИЗӢ

*Дар ин олами фонӣ ҳама чиз тағйирпазир аст… ба ҷуз Ҳикмати Воло ва Ҳамоқати Воло*

***Конфутсий***

…Ба куҷо мепарем?... Ба куҷо?... Вой-вой! Аё, аё, мардум азизонам, ман мепарам, мепарам, мепарам!... Аё мардум, мардуми деҳи аз ман дур, аё кишоварзон, ман мепарам, мепарам!... Ууууу! Мепарам аз болои деҳ, даштҳои поизӣ, дудолуд, сард, муаттар! Ба саҳроҳои бодиянг, ғамангез… Мепарам ноаён ҷониби дарахтон, дарахтони биҳӣ!... Мепарам ва аз бими он ки навдаҳои дарахтони меваҳошон заррини деррасу гарону малолангезу рӯҳафзою анбӯҳу шахшӯл ба чашмонам, мижаҳоям, пилки чашмонам мерасанд, дида мепӯшам, валек навдаҳо ба рӯям намерасанд – онҳо танҳо рӯямро навозиш менамоянд… Ва биҳиҳо курачаҳои заррин, канда мешаванд, мерезанд, аз навдаҳо меафтанд… Навдаҳои нарму хуш бо ман қаробат меҷӯянд. Рӯямро навозиш мекунанд. Сила менамоянд…. Рӯйи барно, ҷиддӣ, шабнамзадаи маро дӯстдорӣ мекунанд…

Рӯям гулгун мешавад…

Оча, моми ман, Лапак-бибии солхӯрда, инҳо дастони шумоянд?... Боз, оча?... Намехоҳам, оча!... Намехоҳам!... Инҳо навдаҳоянд оча?... Навдаҳо?... Ман хоб наям. Лапак-бибӣ, дастонатонро – навдаҳоро бигиред, сар бидиҳед…

Ман мепарам. Ноаён мепарам. Доман ба дандон гирифтаам. Дар сари дарахтон болафшонӣ мекунам…

Очаам, очаи солхӯрдаам, дастони шумо хушк, лоғар, рангпаридаанд… Оча, шумо дарахти хушкед. Оча, шуморо дӯст медорам. Намиред, оча. Аз ман маравед, волида. Дастонатонро аз рӯям набардоред. Дастонро – навдаҳоро… сар надиҳед, онҳоро…

Он ҷо, дар канори деҳ, дарахти хушке қомат кашида. Садаи қадимаи чинӣ. Роҳи босахои чашмрабои мӯрон мегузарад аз он. Рӯзону шабон. Мӯрон ҳам рӯз роҳ меравcovered ва ҳам шаб! Мӯрони бехоб... Ҳам рӯзи хуршедӣ ҳам шаби маҳтобӣ...

Валек дарахт хамӯш... Зеро вай хушк аст, хушк ва ҳаёт ӯро хӯрда. Вай мурда. Аз ин рӯ, мӯрон ғолибона бо он роҳ мераванд, мехазанд ва чашм мебаранд...

Оча, рӯйи дастонатон мӯрон мехазанд, валек шумо онҳоро намеафшонед, намекушед, балки танҳо ба ман лабханд менамоеду бас, балки танҳо бо ангуштони нафису ороматон рӯйи маро сила мекунеду бас...

– Оча, намиред, нахушкед, оча... очаи солхӯрдаам... Шумо маро дер ба дунё овардед, дер гилам сириштед, дер бунёдам кардед... очаи солхӯрдаам. Садои зиндаи сари роҳ, мӯрбозори ман... Шумо маро дер ба дунё овардед... Аллакай тамоми мурғон боли уруҷ кушуда, парвозӣ шуда, вале ман акнун фуруд омадаам, аз ошён уфтодаам. Ман чӯҷаи ошёниам, чирросиам, аз лона дер уфтодаам, дер бурун омадаам... Кулли чӯҷаҳоятон парвозӣ шуда, волидаи ман, очаам, садаи хушкидаи мӯрбозори ман... ширинаки ман...

Аммо!

Мепарам ман аз болои дарахтони биҳӣ... аз болои ҳамон садаи хушки канори деҳ...

Ман мепарам!... Мепарам, оча!... Ууууу!....

– Писарам, писарам, бедор бишав. Оҳистатар, писарам. Ҳамсояҳоро бедор мекунӣ. Бас аст паридан. Ба замин бифуро... Бедор бишав. Чашм бикушо... Аллакай субҳ дамида... Чашми рӯз кафида... Вақти ба дара барои ҳезум рафтан фаро расида... Бедор бишав, писарам... Парвоз кардӣ – акнун бас. Бихез, писарҷон... Бедор бишав, писарам... Насриддин...

– Оча, монед, то боз каме парвоз бикунам... Ман ба

боғи заррини биҳӣ, боғи дури ноаён мепарам, чун паранда овораам!... Меваҳои заррин, дурушт, талх меафтанд... Ана онҳо!.. Мана онҳо!... ман мурғаки ошуфтаам, дар бехудӣ оғӯштаам... масту мадҳушам аз навболиам!... Аз меваҳои афтанда... Оча, парандаам, ман!... Мепарам! Ууууу!... Парандаам!...

– Ту паранда наӣ, бачамардӣ ту. Аллакай шонздаҳ сол дорӣ. Вақти арӯс ҷустан фаро расида. Вагарна ҳар шаб парвозӣ мешавӣ! Хароб мешавӣ. Об мешавӣ. Ғамину ноумед мешавӣ. Болиғ шудаӣ ту. Аз ин рӯ, мепарӣ... Аз ин рӯ, меваҳоро меафтонӣ, аз даст меафтонӣ. Аз ин рӯ, хобҳои заррин, биҳиосою ширин дамсози туанд. То роҳи ишқ нагирӣ, хобҳо аз ту намераванд, доман намекашанд.

Инро падари Насриддин бобои Мустафо гуфт. Ӯ низ солхӯрдааст. Ӯ низ садаи мӯрчадори деҳро мемонад.

Аз каломи сарди ӯ Насриддин зуд бедор шуд, аз зери кампал ҷаста хест. Дидагони хира, бехудашро бо ангуштони борику дарозаш мемолад, ғашаш меояд. Оҳи сарду субҳгоҳии поизӣ ӯро ба оғӯши сард мекашад. Хунук мехӯрад. Ғамолуд аст ӯ. Хобҳои биҳиосо, заррин аз болини ӯ доман мекашанд... Тарк мегӯянд... Бирафтанд...

– Шайх Саъдиро пурсидаанд: – Синни балоғат кай фаро мерасад? Посух дода, ки дар кутуби куҳан се нишонаи балоғат зикр ёфта: аввал, фарорасии понздаҳсолагӣ, дувум, ҷунбиши майлу ҳавасҳои шабонгоҳӣ ва севум, рӯйидани мӯйи зери каш...

Насриддин аз ин қавли бобои Мустафо басо хушнуд шуд. Оҳ кашид ва бо овози паст бигуфт:

– Ҳақ бар ҷониби Шайх аст, ман аллакай соҳиби ҳар се аломат шуда... Вале боз аломати чаҳорум ҳаст, бобо... – Боғи биҳӣ... заррин. Дурахшон. Ва дар он мурғаке парафшон... Мурғаки хаёлӣ дар боғи хаёлӣ, меваҳо хаёлӣ... Мурғаки биҳиосо дар боғи биҳӣ бол мезанад... Мурғаки заррин дар боғи заррин, меваҳо заррин...

– Боғҳои заррин ба рӯъёи озманд вобаста, писарам... Дар замин чунин боғ нест... Онҳо дар он ҷо... Дар болоанд... Дар хусуси онҳо Пайғамбар фармуда: – Муъминон, гузорандагони хайру манфаат дар боғҳои фирдавс ҷой хоҳанд гирифт...

Боғҳои Ҳазрати Одам дарҳои хешро ба рӯйи эшон боз хоҳанд намуд. Онҳо лаби чашмаҳо меораманду хешро бар ҳукми роҳат месупоранд ва гуна-гуна анвои оби нӯшин дархост мекунанд.

– Аз кӣ дархост мекунанд? Аз хидматгорон? Дар биҳишт низ хидматгорон ҳастанд? Худоё, бе хидматгор дар ҳеҷ ҷой гурез нест.

– Одамон ба якдигар бояд дасти имдод бидиҳанд, писарам...

– Оча, ба ман сарширу нони башир бидиҳед...

– Ана дидӣ, аз модарат хоҳиш дорӣ, то бароят хидмат бикунад. Худо ҳақ аст, Худо бузург аст. Ӯро бояд дӯст дошт.

– Ман нони баширро дӯст медорам. Ман барои ҳезум меравам. Ба ман халта, халтаи калон ва табар бидиҳед...

...Харамон, ал-Яхшур низ пир аст. Ба ӯ раҳмам меояд. Аз пирию бемадорӣ пойҳош меларзанд, мӯйҳои баданаш рехта, пӯсташ яшмаро мемонад, рустании поизиро мемонад. Пойҳояш бемӯянд, суда шуда... Ман аз паҳлуяш қадам мезанам, савораш намешавам. Ба ӯ, ҳайвони ба ман қарин, раҳмам меояд. Бигузор, ҳатто хар бошад... Ба пойҳои урён, лоғар, ларзону бемадори ӯ дилам месӯзад. Дере нагузашта дар онҳо низ мӯрон – муждарасондагони марг хоҳанд хазид... Чаро ин қадар ба онҳо менигарам? Аз онҳо чашм барнамедорам?... Ғамзадаву ғамборам?... Охир, дар атроф субҳи мусаффо, беолоиш, субҳи поизӣ, субҳи мурғон доман густурда, валекин ман ба ин пойҳои пиронаи хар чашм дӯхта. Ва чашмонаш низ бегона, андуҳбор, обдор... лаболаб чу

паймона…

Ва ба ман чӣ лозим ин пойҳои урён, ларзон ва чашмони бегона… андуҳбору бегона?... Чӣ лозим?...

Ҳар-он кӣ дили басо ҳассос, басо бошафқат, нозуку нарм, дили хасур дошта бошад – дер нахоҳад зист. Хароб мешавад. Нобуд мегардад. Ё худ туъмаи дастболою бадгуҳар хоҳад шуд…

Чунин мегӯяд падарам.

Каломи ӯро ба хотир меораму мекӯшам то пой ва чашмони харро ба фаромӯшӣ бидиҳам.

Ба осмон менигарам. Дар ҳоли ҷунбидан аст осмон, мавҷ мезанад. Тозатар, тирамоҳӣ мешавад он. Аллакай тиҳӣ шуда. Аллакай ҷумла мурғакон боли уруҷ кушуда. Осмони танҳо. Ғамангез… Осмон сарду мурғакон карахт…

Аммо!...

Мурғи заррин, лол, кушода пару бол сӯйи меваҳои дурушт, заррин, гулугир, муаттар, меваҳои тар, деррас, ки аллакай сардии тирамоҳ, сардии шабҳангом, бо таби сӯзон ба онҳо даст зада, шуда парафшон…

Мурғаки пурсӯз!

Бале!...

## МАҲМУД ТАЛЪАТБЕК

Дара ҳанӯз дар оғӯши ғубор аст, нопойдор аст ғубори бармаҳали намнок. Рӯдаки каҳрабофом нафис, нимхобу нимбедор, бо ғавғ ою шӯру шанг мезанад сар ба санг. Дараи чанорон гӯянд инро. Дарахтони тануманд, озод дар байни рӯд, байни сангҳо, байни обу шӯхшанг қомат кашида. Ҳанӯз сарсабзанд ин чанорони кӯҳ, ҳарчанд кунун тирамаҳ аст ва боғу дашт заъфарӣ, хазон, урён, холӣ…

Он ҷо, дар боғоти миёни дашт харгӯшони

бузургҷусса, харгӯшони тирамоҳӣ, рӯбаҳони зарринмӯ... нӯла мекашанд... Харгӯшони зарди тирамоҳ ва рӯбаҳон...

Валек ин ҷо сабзаи шабнамзада, тару тоза ва чанорон... Ман ин дараро дӯст медорам, ман ҳар санги онро медонам, ҳар дарахт, ҳар ҳайвони онро. Ҳар санги он, ҳар дарахташро дӯст медорам.

Чун зиндагон. Онҳо зиндаанд... Ва медонам, ки сангу дарахтон низ маро дӯст медоранд... Ҳамдами худ медонанд... эҳсос менамоянд... ба худ мехонанд...

Мехоҳам, ки баъди маргам дар ин дара санге ё дарахте бишавам...

Ё худ ҳайвоне, валекин на ҳайвони дарранда... бигузор харгӯши тирамоҳ, беҳ аз он ки рӯбоҳи... Гаҳвораи ман аст ин дара, мабдаъ, арғ унчаки ман...

Ин ҷо, аз рӯдаки серсанг бо сабади аз кокулони маҷнунбед бофта гулмоҳӣ медорам. Гулмоҳии чобук, марворидранг, шоҳӣ!...

Падарам мегӯяд:

– Писарам, мисли гулмоҳиёни каҳрабоpанг пок бош. Байни мардуми пок чун гулмоҳӣ байни оби пок бизӣ...

Аммо куҷост ин оби мусаффою беолоиш. Оби ҳайвон... гулмоҳиёни тозаву садафнишон, одамони пок?...

... Ал-Яхшури пир оби тез, яхсон, оби нилуфом менӯшад аз рӯд.

Насриддини кӯчак табари дарозу борик бар дарахтони хушкидаи лаби рӯд, сафедорони баландболо мезанад.

Табар оҳиста, вазнин дар ҳаво медурахшад. Ҳаворо мебурад.

Насриддин – чолок, баҷо ва навраси бодпо.

Қатраҳои қаҳрабофоми арақ аз чеҳраи тафсону кулчаи ӯ мечаканд ба рӯди оинарӯ... Оҳ, дараи ман!... Меҳрубони ман!... Дара, дараи зиндаам... Мехоҳам баъди маргам санги ту, дарахти ту, ҳайвони ту бошам... Дар

ҷони ту бошам… Ин ҷо noҷунбон, абадӣ истода онҳо… Нафас мекашанд, мезиянд, насими рӯҳфизою атрогинро эҳсос менамоянд!...

Аммо чанорон ҳам хушк мешаванд, нобуд мегарданд…

Эҳ, ба ҳар ҳол одам будан хуб аст… Охир чанор – танҳо чанор аст, санг – танҳо санг, ҳайвон – танҳо ҳайвон, валекин одам – ҳам чанор, ҳам санг, ҳам ҳайвон ва ҳам як олам чизи дигар аст…

Дар китоби Қудсӣ оварда: – Ҳама чиз дар худи шумост, аммо бехабаред аз ин! Охир чаро одамон мемиранд, ҷаҳонро падруд мегӯянд?...

Чаро момии ман, Лапак-бибии майдаяки фурӯтани лолзабон пир аст?

Чаро?...

Чаро падари ман – бобои Мустафо, кӯзагари бедандони бегунаҳ, гилкор, кулолгари риши сафедаш тор-тор пир аст?...

Чаро?...

Чаро пойҳои ал-Яхшур бемӯю, урён, ларзон, хӯрда, чун пӯсти ошдода ва беҳанганд?... Чаро?...

Чаро мехазанд саромадон – қосидон – роҳҳои мӯрчагон?...

Чаро?...

Чаро?... чаро?... чаро?... чаро?... чаро?... чаро?...

Чаро, Худоё?...

Ҷазову гунаҳ бекқиёсанд…

Ва чӣ гуна гунаҳ?...

Чаро?...

Чӣ лозим марг, чаро?

Оҳ!

Табари бебасар пойҳои Насриддинро бо озор мекӯбад, кафшҳои куҳнаи падарашро мекӯбад.

Ашк ба рухсорагони Насриддин ҷорӣ мешавад – ин дафъа аз дард ҷорӣ мешавад, аммо ӯ механдад, механ-

дад, ба як по меҷаҳад...

– Эй, ал-Яхшур, дидӣ?... Чун абадиятро, фанонопазириро хаёл кардам, Худо ҳамон лаҳза бо табар ҷазоям бидод... Чунин гуфтугӯю хаёлотро танҳо сарватмандон метавонанд бикунанд, дасти камбағалон ба гиребони орзуи абадият намерасад... Бечорагонро замона фурӯ мебарад!... Чуноне, ки анкабут магасро... Лаҳзае фикри абадиятро ба сар доштам ва қариб аз пойҳои танам ҷудо мешудам! Пойҳо! Ҳай-ҳа!...

Лозим меомад, ки чун дарвеш – қаландари қудсӣ – Девонаи Бурх чиҳил сол ба нишонаи эътироз ба як пой биистам, алайҳи он ки Худо ҷаҳаннамро офарида. Ва баҳри ин амалаш худи гунаҳкорон ӯро сангборон намуданд... Бигузор, дар ҷаҳаннам тантана бикунанд. Ба онҳо набояд монеъ шуд. Умуман, ба касе монеъ набояд шуд... Хосса, дар он ҷо, дар афлок... Валекин баъзан ҷаҳаннам мавҳум паст меояд, аз афлок ба замин фуруд меояд ва вуҷуди зиндаи заминӣ мегардад... Он гаҳ чӣ бояд кард?... Танҳо ба як пой сарбаландона ба нишонаи эътироз истодан?

Дард банди забонро кушояд. Оқил андакгӯй бояд, зеро гуфтаанд: «...Сухангӯ намедонад, сухандон намегӯяд...»

Насриддин хомӯш монд, кафши порагашта, наҷотбахши пояшро барканд ва ба рӯд афканд.

Кафш рӯйи амвоҷи ғуборолуди рӯд ба шумо омад зуд ва дар гардиш ниҳон шуд.

Ва ҳамин дам Насриддин овози наздик, бадхашмона ва бехудонаеро бишнид:

– Ёҳу!... Ҳақ!... Дӯст!... Ё Оллоҳ!...

Инҳо дарвешон – сӯфиёни оворагарди хоразмӣ, ки мавриди рақс мастонаю бехудона, кӯрона, хоболудона, баланд нидо медиҳанд.

– Дӯст!... Ҳақ!... Ёҳу!...

Насриддин дар як по кафш ба сӯйи нидо рӯ-рӯйи реги мулоим, тоза каснорасида, лаби соҳил медавиду дар он пайи аҷоиби паёпаи кафш ва панҷаи урёнашро мегузошт…

Кист, ки бо чунин садои ғафсу бадхашмона дар ин субҳи ғуборолуд фарёд мезанад?... Аз фарёд тарс, зориву илтиҷои имдод ба гӯш мерасид:

– Айюҳаннос! Ёрӣ бидиҳед!... Мемирам!... Ҷин-албастӣ маро мекушад, лоҳез мекунад!... Эй!... Ёрӣ бидиҳед!...

Одамон!...

Насриддин ба марғзори кӯчаки регзори соҳил давида баромад ва мӯйсафедеро бидид, ки чакмани кӯтаҳи бо нуқраи нозуку нафис чокдӯзишуда ва миёнбанди паҳни сурх дошт. Дар пойҳои пирамард мӯзаҳои соқбаланди шикории «сосонӣ». Ӯ сиришт дошт, тоб мехӯрд, дар болои сангҳои тару лағжонаки хурди соҳил бо як пой, чун бузи шӯху махмур меҷаҳид…

Насриддин ҳамоно онро мешиносад – куброи ҳинду, куброи шоҳонро. Вай ба тарзи ҳалокатовар, сахт ба пойи пирамард печида ва сари муқаддаси боҳашами дамкардааш алвонҷ мехӯрад, аз давидан, аз ҷаҳиданҳои пирона, бехудона, кӯр-кӯрона алвонҷ меравад…

Одатан кубро якбора ҳамла меорад… ба ӯ чӣ лозим буд ба пойи пирамард печидан, ҳалқа задан? Дар он овезон шудан… Аҷоиб!...

Валекин сари шоҳонаи мор бошаҳомат ва ҳушёрона мутамоил мешавад, мехазад, оворааст, ба таги рӯйи пирамард печида мебарояд ва ӯ – пирамард, мекӯшад худро битобад, роҳи наҷот биёбад, аз дандонҳои нишонрас, марговари мор худро бираҳонад:

– Эй! Эй! Мардум!... Мемирам!... Ҷин-албастӣ мекушад маро, лоҳаз мекунад, буғӣ менамояд!... Ёрӣ бидиҳед!... Эй!... Ҷин фурӯ мебарад маро!...

Насриддин ба пирамарди навҳакаши аҷалрасида ме-

расад.

– Шшшшш!... Мор!... Ҷонакам!... Ба ман бингар. Мешиносӣ?...

Насриддинам ман!... Биё ин ҷо! – Насриддин дар як лаҳза ва чолокона даст ба пеши сари мор бурда, алвонҷ медиҳад, мерақсонад. Имо мекунад. Хотири ӯро аз пирамарди карахт дур медорад. Сари кубро кунун дар назди рӯйи Насриддин алвонҷ мехӯрад, тоб мехӯрад, давр мезанад. Сари барқовар. Сари марговар, Ана ӯ... Зинда. Кӯр!... Бебасар!...

Валекин дасти Насриддин чолоктар аст...

Ана ин даст аз гардани мор, аз наздикии сараш сахт, занҷирвор медорад. Сипас ҳар ду дасти Насриддин ӯро ба панҷаи марг медорад, сахт мефишуранд. Дами мор мегирад... Сараш беҳол мешавад, ту гӯйӣ хоб гирифта ӯро... Ҳангаш меканад... Меафтад – мори дамкарда, боҳашамат, бузургҷусса...

Пӯсти чандиру шибирросии ӯ чун ҳамон биҳии заррини шабона шахшӯл аст...

Насриддин пойи пирамардро мекушояд, зи чанги аҷал мерабояд. Раҳо менамояд...

Дурудароз... Мор бо думаш ба рӯйи Насриддин мезанад... Ки ранги ӯ меканад... Алвонҷ медиҳад!... Думи таранг. Сахт. Чандир. Нешдор. Бадхашму печон. Кӯру беҷон...

Валекин сари мор намеорад тоб, хастаҳолона, мурдаворона, масъудона дар дастони пурқуввати Насриддин меравад ба хоб ва ангушти зинҳор бармедорад.

Насриддин морро аз пирамард кашид ва раҳо бинмуд:

– Натарсед, домулло. Шояд вай шуморо кундаи дарахт гумонидааст. Вагарна мегазид, эҳсос мекард...

– Бале, ман аллакай пирам... Кундаи хушкидаро монам... Кунун бикуш ӯро! Буғӣ бикун!...– хиррос мезанад пирамард.

– Вай ҷин аст, албастист! Кайҳост қасди маро карда…

– На, домулло… Албастӣ – паканазани мӯйзаррин аст… Вай дар билоди бекас ва регзори сокит мезияд… Дар ҳуҷраҳои вогузошта… Ин куброст… Мори одӣ… Мори шоҳон!... Шоҳи морон!... Варо дӯст медорам ман!... Меҳрубон аст ӯ!...

– Бикуш ӯро! Фармон медиҳам! Амр мекунам!

– Мумкин нест.

– Чаро?

– Охир мо ба сарманзили ӯ омадаем ва мо ӯро куштан мехоҳем. Магар ин аз рӯйи адл аст?... Агар ӯ ба хонаи мо хазида медаромад, он гаҳ мекуштемаш, валекин ин ҷо хонаи ӯст, дараи ӯст. Мо роҳгузарем… Меҳмони ӯем мо… Магар меҳмон мизбонро бояд бикушад?...

Насриддин тохта ба сӯе рафт, морро рӯйи рег гузошт ва аз ӯ дур шуд.

Қубро ҷон даровард… Сараш ба ҷунбиш омад, бархест, боло шуд… Сипас беовоз ғайб зад, дар байни сангҳо нопадид гашт. Бирафт… Пайи нозук, аҷибу дилрабояш дар рӯйи регҳо бимонд…

– Навраси нодон наӣ ту. Аз куҷоӣ? Дар мулки ман чӣ гуна пайдо шудӣ?

– Ман Насриддинам, аз деҳи Куҳан, писари бобои Мустафои кӯзагарам…

– Маро шинохтӣ?...

Албатта, ӯро, Маҳмуд Талъатбекро, зуд шинохта будам.

Нисфи вилояти мо моли ӯст… Ва ин дара, гаҳвораи ман, арғунчаки ман низ… Ва гулмоҳиён низ моли ӯянд… Ва мор… Ва чинорон… Вале сармояи ман танҳо хари пир – ал-Яхшур аст… Чаро?

– Чун медавидеду фарёд мекардед, шуморо нашинохта будам, домулло… Кунун мебинам, ки ин шумоед – Талъатбеки муътабари мо…

– Забони ту заҳрогин аст… Чун дандони кубро… Маро аз мор наҷот бахшидию кунун худ неш мезанӣ?... Аммо туро афв мекунам. Ту маро аз марг, аз албастӣ бираҳонидӣ… Мо паланги тӯрониеро ба найзор пеш кардем, аммо вай аз рӯд чун моҳӣ бигузашт ва худро ба найзори пур аз хомӯшак бизад, ман раҳгум задам ва сайёдони ман ниҳеб мезананд, маро меҷӯянд… Аккоси сагону гулдурроси нағораҳоро мешунавӣ?...

Ва ин дам садои канда-кандаи баланд, изтиробовари нағораҳои сайёдон ва аккоси пасту гургонаи сагон ба гӯш расид ва баъд аз паси буттаҳои санҷид сайёдони паланг, савори аспони зираки лақайӣ, аспоне, ки хастагиро намедонанд, бадхашму даррандаанд, бо сарварии Отабек Қара Бутони хунхор давида бaромаданд… Чашмони рӯбаҳона, зардгун, гирандаи Отабек ба рӯйи ман лағжиданд… Ту гӯӣ ду тири камони муғулӣ ҳуштаккашон гузаштанд… Садодор… Сард!...

Асома ибни Мунқиз гуфта: – Ва уқобон бидоштанд онҳоеро, ки медоштанд ва раҳо бинмуданд онҳоеро, ки раҳо менамуданд…

Ва маро низ чашмони Қара Бутон раҳо намуданд. Муваққат…

Ва шикор буд нобарор, зоеъ рафт. Нағораҳо барабас мекӯфтанд, дараи пок, беолоиш, дастнорасидаро бедор ва аз садоҳои дилбазан безор мекарданд…

Ва аспони лақайӣ беҳуда метохтанд, меҷустанд, ҳис мекарданд, саршори кафк мегаштанд, беҳолу бемадор мешуданд…

Ва сагони даштӣ, сагони даштии гургсифат беҳуда бӯй мекашиданд то пай бигиранд, муаллақ мезаданд…

Вай найзаи марговар дар дасти Қара Бутон беҳуда буд, беҳуда буд, беҳуда сайд мехост, мунтазир мешуд…

Ва напарид он найза: напарид, напарид!...

Ба махлуқ нарасид, ба даррандаи фирорӣ, чашмрабо,

нарасид!...

Ва нарасид ба он!... Ва… беҳуда!...

Ва паланг бирафт, бирафт паланг, моҳиосо аз рӯд бигузашт ва худро ба найзори обод андохт. Найзори наҷотбахш!...

Бирафт, бирафт моҳиосо!...

Худоро шукр!...

Ва Насриддин лабханд мезад…

Он гоҳ Талъатбек ин табассумро бидид ва бифаҳмид ва бигуфт, дод бизад:

– Шикор бебарор шуд!... Ман аспҳои лақайиро бо аспони таковари чусту чолок, кашидараги бодиягард иваз менамоям! Ба аспони беҳисси қаракширӣ, ки гӯшт мехӯранду ба гургон ҳамла меоранд! Ман сагони даштии гӯшгаронро бо гурггирони ҳушёру зираки шубонӣ иваз менамоям! Ман нағораҳои данги хоразмиро бо нағораҳои гӯшдарандаи туркӣ иваз менамоям! Ман туро меронам, иваз мекунам! Туро, Отабек Қара Бутон! Эй!... Эй!... Ва гузашт паланг моҳиосо аз об, аз рӯд!... Аз ҳамаи мо!... Эй!... Ман хунро дӯст медорам!... Хуношомам!... Куҷост хун?... Ба найзор панаҳ бурд?... Ҳа? Бирафт!

Талъатбек рӯйи харсанги лӯндаи лаби рӯд биншаст.

Аз даҳони пирамард, чун аз аспи лақайии заҳролуд, кафк меомад.

Ва чашмонаш чун абри ширфоми моҳи савр сапед шуданд…

– Ман дӯст медорам, дӯст медорам, дӯст медорам хуни рахшону гарми ғализро!... Валекин бирафт ӯ, бирафт, бирафт, ба найзор!... Эй!... Ба ҳамааш ҷин-албастӣ гунаҳгор аст!... Ӯ дар ҳамаҷо маро эҳтиёт мекунад… Умри ман, нафаскашии ман кам монда… Чуноне ки чиноии даврони куҳан гуфта: «Замони гусастани торҳои барбат фаро расида!». Бале!... Ва пӯсти нағораҳои шикорӣ чун ман куҳнаю пажмурда!... Ва халта задааст он… Бале!... Ва

аз ин рӯ хуни бегонаи гарм мехоҳам!... Валекин ӯ худро ба найзор бизад!... Чаро?... Бирафт?... Хун?... Ба найзор?...

– Пирон ташнаи хуни гарму ҷавонанд, танҳо ӯ метавонад хуни тирамоҳӣ, зардгун, рӯбоҳранг, хаставу сусти эшонро гарм бидорад... Ва мурғ он низ чун парандагони тирамоҳии баландпарвози кӯчиро пай мебаранд, қут-қут мезананд, болҳои пасту кӯтоҳи часпидаашонро алвонҷ медиҳанд...

Беки муътабар, дар хотир доред, хирадманди ҳиротӣ шайх Унсурӣ фармуда ки: – Ман мезистам ва баногоҳ малак – Азроил дуҳули риҳлат баркӯфт, аммо банда парвоз надоштам ва корҳо анҷом напазируфта буданд... Корҳои хайр анҷом наёфта буданд... Ва ҳанӯз дер нашуда... Савори ду асп ба билоди шар тохтан чаро?... Ҳанӯз дер нашуда... Ҳанӯз бо қасидаи мотам низ метавон кори хайре кард... Ҳанӯз то марги шумо вақт ҳаст... Наход, Маҳмуд Талъатбеки муътабар, аз авлоди манғитиён, мехоҳед, ки неъмати ягона баҳри атрофин танҳо марги шумо бошад?...

Чашмони шӯху ҷасуронаи Насриддин бегунаҳона ва равшан ба сайёд –беки пир менигаранд...

– Чӣ тавр забонат гашт, ки бо ҳокими хуршедфари мо чунин сухан бигӯӣ? Ту, писари кӯзагари фартут, хоколуду муфлису гадо?! – аз болои асп нидо дод Отабек Қара Бутон ва найзаи манфур ва шикории ӯ дар дастонаш ба ҷунбиш омад. – Шояд хуни ин навраси густохи забондароз хуни палангро ба мо иваз бикунад?... Ӯ аз дасти мо ба найзори хомӯшак нахоҳад гурехт!...

– О дилбанди шикор. Отабеки сангдили уқобсифат – Қара Бутон ба даст овардани хуни хар осонтар аст бароятон!... Мана хари ман ял-Яхшур! Вай намегурезад, моҳиосо намеравад. Намерамад. Пир аст ӯ. Найзаи манҳус, хунрез, хуношом, найзаи бераҳму беном ба сӯйи вай афганед!... Огоҳ бошед, то найзаатон хок нахӯрад,

вагарна ӯ ба сӯятон боди тунди дамхӯрда сар медиҳад, – лабханд намуд Насриддин.

– Ӯро ба ҳолаш бигузор, Қара Бутон. Вай маро аз марг наҷот дод. Аз пойи аллакай сардшуда, аллакай ба лаби гӯр расидаам ҷини марговар – албастиро дур афканд. Ӯ ҳамроҳи ман ба қалъа меравад. Мехоҳам сипосаш бигӯям... Ва гуфтори ӯ ба ман хуш меояд... Ҳарчанд тундхӯст, дар ҳар салтанат ақаллан шахсе бошад ростгӯ... Вагарна дар кори ҳокимон завол хоҳад уфтод... Валекин на беш аз як кас!... Ҳамроҳи ман меравӣ, эй бебасар, Насриддин, писари кӯзагар!...

– Ман бояд ба хона ҳезум бибарам. Волидайнам бе оташ нишаста. Онҳо солхӯрдаанд...

– Ҳезумро Қара Бутон мебарад. Сазои раҳо додани паланг ҳамин мешавад! Бигузор Отабек барои бесайд баргаштанаш шармзада бимонад ва хари туро ҳамроҳи ҳезум аз деҳ биронад!... Ҳа-ҳа!... Ба ҳисори ман меравем, Насриддин... Валекин хун аз даст бирафт, бирафт хун!... Ба ком наздик буд ӯ!... матлуб буд! Ва бигурехт! Аз даст бирафт!...

– Аз даст нарафт! – оҳиста гуфт Қара Бутон ва боз чашмони зард, рӯбаҳона, шикофанда ва маргхоҳи ӯ ба рӯйи Насриддин лағ жиданд ва боз ду пайкони муғулии гунгу бесадо, бегонаву беибо, ҳарҷобину маргтузин дар назди гӯшҳои Насриддин ҳуштак кашиданд... Алҳол ҳуштак кашиданд.

Дар осмони сарду ларзони осмони тирамоҳ гаштанд ниҳон...

Алҳол...

Аммо Насриддин лабханд мезанад. Ҷавон аст ӯ. Озод. Лоғар. Дароз. Устухонҳояш барҷаста, зеро аз кӯчакӣ бо кори табару каланд қарин гашта...

Вай наздик омад ба дарозгӯш ва гардани гарму овезони ӯро бигрифт ба оғӯш!

– Ал-Яхшур, рафтем!... Моро ба қаср хонданд… Ба ҳисори бек – Офтоб - қалъа. Илтифоти бепоёне карданд!

Рафтем, дӯсти пойурёни мӯйрехтаи ман… Рафтем ба назди бек, ҳарчанд дар олам аз ҳама беш аз марҳамату меҳрубонии ҳоким бояд канора ҷуст… Рафтем, дӯстам…

## ҲАРАМ

Шоири даврони қадими Жопун гуфта: – Боре шабро дар шабистони ҳоким рӯз кардам... Вале чун ҳамеша, танам ба чанги ларза буд!...

Аллакай шаб аст... Шаби тирамоҳ... Сард... Пурташвиш... Шаби гургон!... Оҳ!... Дар чунин шабон мехазанд гургон, худро ба замин пахш мекунанду дароз мешаванд, то бесадо ба рамаи хуфта шабохун бизананд... Маст мегарданд... Ҳаловат мебаранд... Хурсанданд онҳо ва чунин бебокона ба рамаҳои анбӯҳ, бегумон, бегуноҳ, тасфону бӯйдор наздик меоянд. Валекин ҳисори бек, Офтоб-қалъа, чароғ истон. Дар паси девори баланд, гилин, мурдаву хамӯш қасри бек ниҳон, аз берун дур уфтода... Шаҳсутунҳои пешайвон чӯбину кандакорӣ...

Дарҳои вазнинро аз чӯби нок сохтаанд ва катибаҳои арабӣ дар онҳо нақш баста. Гилемҳои исфаҳонӣ, фарғонагӣ ва чинӣ густурданд ва онҳо девору фарши хонаҳои азимро буғӣ карда... дар шамъдонҳои биринҷии димишқӣ шамъҳои дерсӯзи хушбӯ фурӯзон...

Аз бухурдонҳои нуқрагини молтӣ дуди ларзону хушбӯю муаттари қатрони ҳиндӣ ба фазо печида…

Муаллақ меистад, фаро мегирад, девонаву маст мекунад ин дуди ширину сиёҳу ангубинмаза...

Ҷорӣ мешавад, фаро мегирад, бӯйи гарони мушку тотура...

Талъатбеку Насриддин аллакай ба сари хон нишаста...

Аллакай аз нуқлу нӯш, аз сарвати хони пурнеъмат ошомида, ба болинҳои сернақшу нигори бо зари нафиси ҳиндӣ гулдӯзишуда паҳлу зада...

Аллакай аз суҳбат хаста шуда...

Аллакай хоб аз гиребони эшон дошта...

Аллакай ромишгарони дарборӣ, мутрибону сароянда-гони сарборӣ аз навохтану сурудан овозашон гирифта, валекин менавозанду месароянд, нохуш, ноҷӯр, садо базӯр арзи вуҷуд менамояд, хомӯш мешавад...

Парешон мешаванд. пора мегарданд... овозҳо...

Мушку тотураи қатронҳои муаттари хобовар меха-занд, маст мекунанд, дастболо мешаванд...

Аллакай ракқосаҳо, он кокулони маҷнунбед, сарвболоҳои нафисандом, ки пироҳани амвоҷсифати чун чашмаи дили кӯҳ шаффоф ба тан доранд, чобукона, танбалона дар сари хон мечарханд, бол мезананд ва ди-дагонашон аз хобу коҳиш озурда мегарданд ва пойҳои росту базеби онон ба нармии гилемҳо фурӯ мераванд...

Ва пистонҳои дилрабою нафису дамидаи онон ва суринҳояшон гаронтар мешаванд, аз зери кимхобҳои зернамо баръалоина худнамоӣ мекунанд...

Аллакай!...

Аллакай, аллакай, шаб аст!...

Аллакай, аллакай, хоб гирифта гиребон!...

Аллакай, аллакай, сур аст – базм худро ба гилемҳои хобовари ғафс меандозад, чунонки сели баҳорон, сели тобон, алмосгуну зиндаву сахтҷон худро ба регзори лаби рӯд меандозад... Ва мехазанд, ҷорӣ мешаванд мушку то-тураи сердуд, ангубинмазаю ҳаловатбору вадуд!...

Бале...

Аллакай Талъатбек хуррок мекашад...

Аммо!...

Бедор аст Насриддин! Ғанабаш набурда!... Нигаҳ до-рад, то чи сон ба хоб меравад, меорамад... Чун шабпараки

нимҷони тирамоҳӣ охируламр бо болҳои бирешимосояш дар рӯйи шабнами сарду шаффофи зумуррадгуни даштҳо бол мекашад.

Эҳ, ту шабпараки ман! Ана бол афшондӣ, бо болҳои маҳини чашмрабоят ба рӯйи гилем – дашти тирамоҳӣ уфтодӣ, парсӯз шудӣ!

Пажмурда шудӣ, бихуфтӣ... Нашъаи қатронии ҳушрабо овард ба чангат...

Сипас аз рӯйи гилем оҳиста бармехезам ва ғубору дуди ширинтаъму мадҳушкунанда ба зер мемонад, дар зери пойҳои ман ва оҳиста аз байни хуфтагон, ту гӯй аз байни мурдагон қадам мениҳам.

Аз байни онҳое ки дар гирогири шаҳвату ваҳшат монда!... Шайхи Рум оварда: – Мадиҳед тан бар ҳирсу шаҳвати хеш, зеро он гаҳ аспҳо бихӯранд саворагони хеш!... Ба назарам менамояд, ки пичиррос мезанам, суханони хирадманди кайҳо оламро падрудгуфта, мутаваффоро танҳо зери лаб меораму бас, вале густохона, баланд мегӯям, зеро дар ман низ асари хумори дергузари шабона арзи вуҷуд карда, дар байни чун мурдагон хуфта тантана менамоям ва ногаҳон Талъатбек чашм аз хоб мекушояд. Шояд аз суханони ман, шояд аз он бедор шуд, ки ангушти бузурги пойи урёнам дар хонаи пур аз дуд ба дутори рӯйи гилем афганда бархӯрд ва тори хобида якбора бедор гашт, ҳамдардӣ бинмуд ва дар сукунати қаср ба садо омад...

Оҳ пойи урёни ман, пойи дар тумани пасти айшу ишрат бадбӯ шудаам!...

– Ман суханони туро мешунавам, Насриддин, – мегӯяд Талъатбек бо овози паст. – Аммо паёмбар фармуда: – Оллоҳро як ҷиҳат хос аст, ки онро барбод надиҳам, дувумӣ ба дасти дилхушиву тантана бувад... Ва боз: – Ба қалбҳо осоиш бидиҳед ва қалбҳо ёди Оллоҳро нигаҳ хоҳанд дошт!... Ана!...

– Аммо паси деворҳои қалъаи шумо шаби бенавои гургона қарор дорад. Басо бенаво, замини бенаво, деҳоти бенаво, даштҳои бенаво, вале шумо рӯйи гилемҳо маст, ғарқ мешавед, мехуспед...

– Ту магар поксириштӣ? Дарвеш, сӯфиӣ?... Шояд валии хоразмӣ, Султон Вайс бошӣ, ки аз Оллоҳ дархоста буд, то арвоҳи гунаҳкоронро баҳри ислоҳ ба ӯ бидиҳад?

Ҳа, ҳа!... Шояд ба ту кулоҳу асову анбони дарвешӣ ҳадя бидиҳанд!

Ҳа, Ҳа!... Шояд ту валиӣ? Шояд ҳанӯз дар оғӯши зан набудаӣ?... Шояд ҳанӯз хобҳои биҳиосо мебинӣ?...

– Бале, – сар ба зер афганд Насриддин. – Ҳанӯз дар оғӯши зан набудаам... Ҳанӯз хобҳои биҳиосо мебинам!

– Чӣ?! – зуд ба худ омад Талъатбек. – Пас ту бачаӣ. заннодидаӣ?... Наход чунин шахс ҳам дар қаламрави ман бошад? Рафтем, баррачеки қароқӯлии ширмасти нобиноии алафхӯраки ман. баррачеки ҳанӯз пӯсти нозуку маҳину аввалинаш барнаканда!... Ҳа, ҳа. Рафтем!...

Ба ҳарам рафтан намехоҳам, ба ҳарами бегона намехоҳам... Намехоҳам, ба хона, назди волидони пирам рафтан мехоҳам: медонам, онҳо нахуспидаанд, чашм ба роҳи мананд, очаам Лапак-бибии солхӯрда ва бобо Мустафо... Бо дидагони пиронаи обгирифтаашон бар шаби рутубатноки тирамоҳ менигаранд. Мунтазиранд... Очаам косаи шавлаи наскдорро бо нони тунук ба дастархон мепечонад, то сард нашавад. Ба хона рафтан мехоҳам... Ҳарами бек?... Чаро?...

Вале Маҳмуд Талъатбек маро аз долони беохири тираву хомӯш, аз ҳуҷраву айвонҳои фофопӯш кашида мебарад. Дасти ӯ пурқувват, сахтчангол, сахист. Дасти анкабут, рехтаву чандир...

– Рафтем, писарам... Рафтем, Насриддин!... Ман туро дар ҳарам то субҳ мегузорам ва тамоми фанни ишқро хоҳӣ омӯхт!... Дар як шаб!... Ҳозир хоҷасаройҳо – пираза-

нони ҳарам, туро дар гармоба шустушӯ бинмуда, ҷомаи шабпӯши тазарвранги ишқ хоҳанд пӯшонд!... Эҳ, ҷомаи тазарвранг...

– Пиразанҳо?! Дар гармоба?! Чаро?! Ба ман ҷомаи тазарвранг чӣ лозим?...

– Магар намедонӣ, ки тазарвҳо танҳо шабона ба дидори ҳам мерасанд? Танҳо шаб!... Чун ҷайраҳо!...

– Ман ба хона рафтан мехоҳам... Ман хобидан мехоҳам. Ба дидори волидайн расидан мехоҳам!... Ман тазарв наям, ҷайра наям... Маро вогузоред, домулло, ба хона меравам...

– Бирав, бирав... Ҷасуртар бош! Пагоҳӣ аз ман миннатдор хоҳӣ шуд... Бирав тазарв! Вагарна мефармоям, то мурданат бикӯбанд! Ва хокат зи барзани ман бирӯбанд!... Бирав, бирав!...

Ва ман меравам... Ба ман аҷоиб аст. Ваҳмовар аст. Маро дар ҳарам чӣ интизор? Зи кадомин кор мешавам бархӯрдор? Чӣ? Меравам.

... Ана, аллакай ду пиразани бедандони гармоба бар сари мани урёну бараҳна аз хумҳои бузурги гилин мерезанд оби гарму атрогину мушкин.

Деворҳои гармобаи бек аз сангҳои зумуррадгуни самарқандӣ кошинкорӣ шуда...

Ман хобидаам, ба сони моҳии шикамчок рӯйи парнихсанги мармарини тару лағжон, ки чун товуси маккавӣ ва гулҳои аҷоибулрангу ҳурони фирдавс нақшу нигор ёфта, азият мекашам, метапам...

Хобидаам... Оби фаровони гуворою гарми мушкбез аз баданам мешорад...

Пиразанҳо босалобат ва моҳирона ба палмосидани бадани лоғару устухонӣ ва чарси наврасонаам медароянд, меғавҷанд, молиш медиҳанд...

Ман рӯйи худро ба ҳури мармарин ҷафс менамоям...

Ихтиёрам меравад, ғанабам меоянд, ба назарам мена-

моях, ки дар шолизори нимарӯзӣ, нарму коҳрезамонанди хуршедфом ғарқ мегардам...

Ба шолизори гарму хуршедии пур аз хомӯшак фурӯ меравам.

Ин мазраъҳо аз назди кулбаи ман сар мешаванд ва аксар вақт дар оби фораму сабзгуни дар офтоб гармшудаи онҳо ғӯтта мезанам...

Ҳамин дам аз байни садои об овози чун пӯсти биҳӣ дуруштро мешунавам.

Чашмонамро боз менамоям: ду пиразан ба рӯйи парнихсанги мармарин хам шуда, чу даррандагон ба сӯям мехазанд – ту гӯӣ зоғонанд, ки худро ба лоша меафганд.

Вой!... Дар даст теғҳои буррои дарози димишқӣ доранд онҳо ва беовозу бошавқ ва форам мӯйи бадани тарамро метарошанд. Аввал мӯйи зери каш ва баъд... Ман чу тухми мурғ урёну ҳамвор мешавам...

– Эй, пиразанон, марасед ба ман, осебам марасонед! Бибуред навдаҳоро, валек танаи онро маяфганед!... Ман хоҷасарой будан намехоҳам! – фарёд мезанам ва мекӯшам, то нафас набарорам, наҷунбам, то теғҳои бурройи ҳассос бар баданам захмҳо накоранд, набуранд, нахаланд, хасорат наоранд...

Ин замон аз байни қатраҳои оби мушкини гармоба ба сӯйи ман рӯйи кампирона, даштсифат ва ба қабри куҳани фурӯрафта шабеҳ, қаробат меҷӯяд ва даҳони бедандон, чалаппикунону пичирросзанон метабассумаду мегӯяд:

– Писарам! Ҷавони наврас!...Чаро хоҷасарой набошӣ?... Дар зиндагӣ дур аз ғаму ташвиш хоҳӣ шуд!... Барги арғувонит заҳир нахоҳад шуд!... Шайхурраис Бӯалӣ ишқу шабзиндадориро ба бемории ирода ва ҳорӣ тавъам дониста. Ба ту азият кашидан ва заҳри беморӣ чашидан чӣ ҳоҷат?... Аз суратат чунин бармеояд, ки гирифто-

ри ҳамин касофат хоҳӣ шуд!

– На, – нидо медиҳам ман, – гирифтори ҳамин беморӣ, бемори ишқ шудан мехоҳам! Ҳама умр! Мехоҳам!... Мехоҳам!... Мехоҳам!... Дафъ бикунед теғҳоятонро!... Эй, зудтар!...

– Гургзода оқибат гург шавад! – оҳ мекашад пиразан бо афсӯс ба бадани ман нигариста...

– Мехоҳам, мехоҳам, мехоҳам, мехоҳам гирифтори ин беморӣ бошам!... Бемории бедаво!... – меҷаҳам аз нишастгоҳи тар ва аз теғҳои садодори гунгу кар ва маргхоҳи дурушт дурӣ ҷуста...

Он гаҳ пиразанҳо маро ба кампали нафису парниёни чандири аҷнабӣ мепечонанд, ҷой медиҳанд ва мӯйҳоямро бо шонаи чормағзии ҳисорӣ шона мезананд ва ба пӯсти барнолю озодаи наврасонаи лағжонакам равғани хушбӯи гулобии ғеждувонӣ мемоланд...

Ман боз ғанаб мекунам, хобам мебарад, дар оби шолизори аз офтоб гармшуда меравам фурӯ ва ихтиёр медиҳам ба ӯ...

Мурғи заррин, хамӯш, кӯчӣ ба биҳиҳои дурушту заррин, анбаромези деррас ҷафс мешавад. Ба онҳо мерасад...

Мурғи хоболуд ба меваҳои сероби хоболуд мечаспад. Мечаспад. Болафшонӣ мекунад. Мурғи беовози заррини биҳӣ... Мурғи шаб... Мурғи сӯзон, мурғи оташ!...

Ду пиразан дар даст теғҳои борику буррои муҷаллои димишқӣ аз мазраи азиз, хамӯш, дастнорасида, ниҳонию зумуррадгуни шолии ман ба сӯям медаванд...

Бедор мешавам!...

Маҳмуд Талъатбек ва Насриддин аз фароғатгоҳҳои бекаси байтуссанамӣ муддате ба сукунатрафта мегузаранд. Дар дами дари аввалини аз чӯби олуболу кандакоришуда таваққуф менамоянд...

Насриддин ҷомаи рангбаланди пургули тазарвранг ба бар карда – ҷомаи шабпӯшӣ, ҷомаи ишқ...

Тазарвҳо танҳо шабонгаҳ ба дидори ҳам мерасанд! Мурғ они қудсӣ!... Танҳо шаб!... – садо медиҳад дар сари гиҷшудаи Насриддин...

Талъатбек дари олуболурангро бесадо боз мекунад:

– Бирав, писарам. Ин хилваткадаи аввалин хилваткадаи лаългун аст...

Дар ҳуҷраи лаългун гилемҳои ёқутранг густурда... шамъдонҳои ёқутосо, рахти хоби чӯбини ёқути бухорӣ. Дар шоми ёқутӣ гузошта... дар рӯйи кампалҳои ёқутосо, кӯдаке, духтарчае, духтаре, зане хобида, ки ҳанӯз умри кофӣ надида, ғарқ шуда ӯ, дар ин ҷо нигаҳдорӣ мешавад, орамидааст ӯ. Мӯйҳояш аз ҳинои порсӣ ёқутранг шуда, мушкомезу атрогинанд. Ӯ ба хоб рафта. Нафасгириаш пасту якмаром, дар шоҳию кимхоҳо акс мезанад, меғелад, мелапад, фурӯ меравад...

Насриддин ба ӯ менигарад.

Духтари кист ӯ?... Куҷоянд волидайнаш?... Шояд онҳо низ косаи шавлаи наскдорро бо нони тунук ба дастурхон печонда, мунтазири ӯянд ва ба шаби тирамоҳии хамӯшу бенавои гургона чашм медӯзанд?...

– Бедораш бикун! – хиррос мезанад Талъатбек ва ба паҳлуи Насриддин мушт монда, тела медиҳад. – Бедораш бикун ва ӯ туро бедор хоҳад кард!... Ҳа-ҳа!...

– На. Ман ёқутро дӯст намедорам. Ин ранги хун аст. Чун дар пеши чашмам гӯсфандро сар бизананд, ман хуни ӯро мебинаму ҳеҷ гаҳ гӯшташро намехӯрам... Ё дар ҳарами шумо танҳо як хилваткада ҳаст, ҳазратам? – лабханд мекунад Насриддин ҷомаи бузурги номувофиқи тазарврангро дар тани наҳифу бараҳнааш печида...

– Ҳа-ҳа!... Ҳарами иборат аз як хилваткада – ба сони лашкари аз як сарбоз!... Биё, ба ҳуҷраи зумуррадгун меравем!...

... Мадиҳед тан бар ҳирсу шаҳвати хеш... Зеро он гаҳ сутурон бихӯранд саворагони хеш!... Сутурони шаҳват

мехӯранд саворагони хеш!... Мехӯранд!... Мехӯранд!...

Аммо дар паси Офтобқалъа шаби дергузари рутубатноки бенавои поизист...

Дар чунин шаб гургон мехазанд, пинҳон мешаванд, мепоянд ва оҳиставу ноаён ба галаҳои гарми масти хоб наздик меоянд ва шабохун мезананд... Ба дунбаҳои бузурги гӯсфандҳои орому гапдарои ҳисорӣ наздик мешаванд... Наздик мешаванд, мехазанд. Лаззат мебаранд. Гургони ширкайф, маст ва гаронгӯш! Аз думи онҳо метавон дошт – онҳо намефаҳманд, намешунаванд... Онҳо танҳо хунро, хуни камтуғёни гӯсфандҳоро эҳсос мекунанд... Кӯрон! Кӯрдилон!

Шайх Саъдӣ фармуда, ки гурги аҷал моро зи рама якояк мерабояд.

Ду пиразан дар даст теғҳои муҷаллои димишқӣ аз мазрааи азизу зумуррадгуни ман ба сӯям медаванд... Медаванд, медаванд, медаванд, дар оби нарму гарми офтобӣ фурӯ мераванд...

Дар ҳуҷраи зумуррадгун гилемҳои алафсо, шамъдонҳои озодаи зумуррадгуни бағдодӣ... болинҳои зумуррадгуни бағдодӣ... шоҳиёна... Кати хоби чӯбини мурудранги ёқутзадаи шомиёна...

Дар рӯйи кампалҳои зумуррадгуни марғ монанд духтаре, духтарчае, кӯдаке... Ва хоби ӯ дурӯғину ноором, зудгузар, ҳавлангез аст ва духтар бо мӯйи пареш, қабои пареш... ва сари ӯ, ки мӯйҳош бо нозбӯи зангори ҳиндӣ рангин шуда, аз кати хоб овезон ва ба фарш уфтода... Чун сари мурғи побастае, ки аз бозор биоваранд...

Зангори амвоҷсифати кампалҳо шабеҳ аст ба мазраи зангори обии шолизори ман, моно, ки ҳамон аст, ҳамон...

– Сари ӯро бибардор... Бедораш макун... Худро ба ӯ бубахшой. Бар духтари хобида... Бар ӯ бирав... Чуноне гург бар рамаи шабхуспида меравад!... Ӯро Зумрад гӯянд... Зумуррад!... Ӯ сабзаи поизии беолоишу ровакии нарми

лаби наҳрро мемонад... Бирав бар сабзазор. Худро бияфган....Ба рӯйи сабзаи нарми баҳорон бихоб... Насриддин!

Бирав, гург! Бирав, барра мунтазири туст! Эй!... Эй!... Баркан ҷомаи тазарврангатро! – нафасгир шуда пичиррос мезанад Талъатбек.

Ӯ аз шароб, аз шаби бедорхобӣ, аз пирӣ, аз ёди ҷавонон хаста шуда... Аз ҳаёт хаста шуда...

Хиррос мезанад, нафасгир мешавад, азият мекашад...

Валекин ба ман дасти мадад додан мехоҳад...

– Бирав, гург! Бирав, барра мунтазири туст!...

– На, на, домулло... Ҳаловате ки гург аз хӯрдани барра мебарад, дар назди ҳаловати барра пас аз алафхӯрӣ ҳеҷ аст...

– Метарсӣ, бача? Ё Зумрад ба ту маъқул нест?...

– Магар ҳарами шумо танҳо ду ҳуҷра дорад? – мекӯшам. ки бори дигар ӯро бифиребам, аммо вай аллакай аз қасдам пай мебарад.

– Эй!... Ман боз дар ҳуҷраи алмос Алмосе дорам... Заррина – дар ҳуҷраи заррин!... Ва духтарони дигари бисёр, валекин ту будаӣ айёр, бачаи ҷомаи тазарвпӯш!...Фаҳмидам! Ту охир бачаӣ, заннодидаӣ!... Метарсӣ ту... Ҳа-ҳа!... Нигаҳ бикун! Эй! Гургам ман!... Бубин, ки ҷомаи куҳнаи беранги фасурдаи пиронаамро бадар мекунам ва таҳи як куртаи сафеди шоҳии одию васеи сосонӣ мемонам, аз кӯзаи беҷода шарбат менӯшам... Бубин, Насриддин! Биомӯз, эй бача, бурун ор навдаатро, алҳол ки сероб аст! Алҳол, ки гилат нарм аст, нақши зиндагиро қабул бифармо!

– Вале на нақши кампалҳои ҳарамро, домулло!... Охир, ишқ варзӣ дар ҳарам онро монад, ки ба кабку бедонаҳои қафас тир биандозӣ. Бешавқ!... Ин чӣ сайёдист, – мегӯям оҳиста, аммо ӯ маро дигар намешунавад.

Ӯ шарбати анор менӯшад. Пиёла мепаймояд...

Пир аст ӯ... Солҳо ӯро хӯрда... Ришаш барфӣ, чун кур-

таи сосонист.

...Ва мехӯранд сутурони шаҳват саворагони хеш... Мехӯранд?

Маҳмуд Талъатбек, чаро ҷомаи пириатонро бадар кардед, чаро, чаро? Чаро рӯйи шумо аз мадди хуни шахшудаи сусту камҳаракат зуд тира, сипас чун он хилваткадаи ёқут ёқутранг бишуд?...

Дар ҳуҷраи зумуррадгуни марғзорфом низ танатон ёқутранг гашт... Эҳ! Чаро?...

Гурги пири бемадору фартут, бо дандонҳои нотавон, заифу беҷон, ковоку зангор, сапеду рахшон дар байни рамаи гӯспандони ҷавону сапед, дилкашу рӯҳафзо мегардад ва фуки бемадорашро ба дунбаҳои чарсу бузурги озодаи ҳаловатбору дастнорасидаи гӯспандон мезанад...

Эҳ! Чаро?..

Чаро шарбати ҷонфизо аз куртаи бузурги барфии сосонии шумо ҷорӣ мешавад, мечакад, мешорад?... Аз риши марворидрангу садафӣ!... Чаро кӯза аз дастони карахт, бодиярангии шумо беовозу оҳиста ба рӯйи гилемҳои зумуррадӣ, марғзорӣ меуфтад...

Шарбати анор ҳанӯз ҳам аз куртаву риши шумо мешорад, мечакад, меуфтад, меборад, шарбат... Шарбати рӯҳафзою ҳаловатбор...

Домулло!..

Охир ин шарбат нест... Хун аст ин... Аз даҳон... Аз даҳони шумо, домулло...

Шумо бо риққат хиррос мезанед... Хиррос мезанед...

– Писарам, Насриддин! Ман ба ту ин корро нишон медиҳам!... Бачай ту! Заннодида! Баррача! Чӯҷаи навбол! Ширмак! Ҳа-ҳа! Ман фурсат меёбам!

– На, фурсат намеёбед, домулло!

Эҳ, чаро охир?

Чаро ба кати зумуррадгун нарасида меафтед? Абадулобод меафтед... Батамом...

Куртаи бузургу васеи барфии марворидранги сосонӣ ранги ёқут мегирад, тар мешавад.

Куртаи хунолуди вазнин...

Маҳмуд Талъатбек, куртаи шумо ранги ёқут мегирад, куртаи ранги анор, тар, часпак...

Чаро, домулло?...

Чаро шумо абои орому сияҳи пиронаро бо ин куртаи ҷӯшзани охир иваз бинмудед?

Чаро?

Ва сутурони шаҳват мехӯранд саворагони хеш!... Ва хӯрданд...

## СУҲАЙЛ

Ман ба сари Маҳмуд Талъатбек хам мешавам, аз болои гилеми ғафс сари вазнину лоҳази ӯро, рухсораҳои нарму мулоим, хомфарбеҳу ковокро мебардорам ва он аз дастонам ба рӯйи гилем моил мешавад, меуфтад...

Сари мурда, сари вазнин. Беҳис... беҳолу... сангин...

Мемирад ӯ... Чун сари ҳамон кубро...

Ман ҳанӯз ҳам сурати мурдаранг, хазоншавандаи ӯро меғавҷам, молиш медиҳам, ҳанӯз ҳам сари мастонаю бехуди Талъатбекро аз гилеми охирин мебардорам...

– Домулло!... Даркор нест!... Чаро, домулло?

Аммо меваи уфтодаро ба навдаи бебаргу беобу ғизо чӣ сон метавон часпонд...

Сипас сари Талъатбекро оҳиста ба рӯйи гилем мемонам, ба зери он болини гирдаи қунғуротии шоҳӣ мегузорам. Ӯ айнан чунин болинро мехоҳад.

Кунун ӯ муҳтоҷи болин нест.

Кунун муҳтоҷи ҳеҷ чиз нест... Кунун!...

Баъд аз долонҳои хомӯшу ором, пурнакҳату атромез, мушкзада, фирдавсии ҳарам медавам... Медавам...

Ҷомаи тазарвранги васеи ҳарам дар тан медавам... Дар

он пешпо мехӯрам, мепечам, меуфтаму мехезам ва боз медавам... Ман ин ҷомаи номувофиқ, дилбазанро баркандан, бадар кардан, аз худ афгандан наметавонам, зеро бакуллӣ бараҳнаам, чун ҳарамиёнам. Ин ҷо будагон ҳама урёнанд, тиҳиянд...

Мегурезам ман...

Норасида бар касе мегурезам аз ҳарам!...

Сипас дари печдори кандакорӣ, булӯрранги сайқалёфтаро кушода, худро ба боғ меафганам!...

Чӣ камоли хушбахтист, дар боғ будан, аз ҳарам раҳо хӯрдан! Чӣ накҳате, анбаристоне, мушкрезе, Чӣ ҳаловате дорад шамими гуворо, муаттари барги дарахтон дар тирамоҳ. Баргҳо, мурғакони заррини ба замин фурудоянда. Рӯҳфизоянд онҳо! Баъди атриёти мосткунанда, гиҷкунанда, баъди ёвагӯиҳо! Чӣ гуна дилкушост ин ҷо! Ҳавои сард, пурнавозиш!... Тоза!... Чун чашмасорон!... Гӯё дар оби кӯҳӣ, дар оби сарди ҷонфизо рӯй шустаӣ, ғӯттавар гаштаӣ...

Медаваму дар баргҳои рехтаи нарму заррин фурӯ меравам!

Медавам, мегурезам! Нафаси рост, озод мекашам. Бедор мешавам. Дар боғ аллакай субҳи содиқи мусаффою дилпазир ҳукмрон аст. Аллакай оҳи саҳар, ҳаври саҳар байни дарахтони тира саргум мегардад... Тумани серрутубат... Тунук. Аммо дар чунин тумани бомдодии нарму ларзон чизе медурахшад... Чист он?...

Медавам, вале ким-чи дар туман медурахшад, медурахшад, медурахшад...

Ким-чизи зинда! Ҷисми зинда! Медурахшад чу зар! Чашмак мезанад!... Чун сари духтараконе ки тоқии зардӯзии қӯқандӣ доранд. Аз лойи тумани ғализ, муҳаррик, чашмак мезанад, об мегардад, шиновар мешавад, лаппас мекунад...

Гӯё маҳсарони заррин, деррасу дерпази поизии ян-

гиюлианд, ки дар туман парвозӣ шуда, муаллақ мезананд. Маҳсарони пухтаю пурраю расида... Ноайёну нофаҳмо... Мавҷдору ларзон... Заррин...

Сипас боз меистам. Дар байни дарахтони туманкашида беҳаракат мемонам. Шах мешавам...

Насими бармаҳали бомдодии рутубатноки боғ мевазад ва парвозкунон меравад, дур мешавад, парокандаву парешон мегардад тумани кабудранг...

Атрофи маро боғи тирамоҳии заррини биҳӣ фаро гирифта. Боғи бофайз. Пурбор. Вазнин. Сард... Зинда...

Баргони дарахтон ҳама фурӯ рехтанд ба сабзазори боғ. Пӯшонидаанд, буғӣ кардаанд, ба оғӯш гирифтаанд ӯро. Биҳиҳои заррину ҷонфизо чун ҷисмҳои зиндаи заррин аз навдаҳои сард, дудрангу шабнамзада овезон... Ҳазорон саққоҳои заррин овезон....Рӯҳфизою хотиророрянд онҳо... Дарахтон бебарганд... Рехтаанд баргҳо, айнушшамсҳои тирамоҳӣ. Валекин меваҳо ночида... дасти кас нодида... нағундошта, дастнорасида...

Медонам, ки баъзеҳо ҳосилро то барфи нахусти моҳи қавс намечинанд. Ва дар нахустин барфи марворидии шаффоф биҳиҳои урён мемонанд овезон, нафасгир мешаванд, мерасанд, биҳиҳои заррини урён. Меваҳои зиндаву зебо дар дарахтони пурбарф! Бале! Вале ман аз меваҳои ҷонфизои заррин нахӯрдам, аз навдаҳои барфин накандам... Давлатмандон онҳоро ночида мемонанд, то бипазанд, бирасанд, то ба зери барф мондани навдаҳо обдору ширадор бишаванд. Берӯзиён меваҳояшонро ҳанӯз хомохом мехӯранд... Ҳангоми туршиашон. Бале. Аммо боғи биҳиҳои заррин аз шамоли бомдодӣ дар атрофи ман вазнин-вазнин меҷунбад...

– Ин субҳи баланд дар боғи мо чӣ кор мекунед, ака?

Воҳ! Ин чист? Кист ин? Овози кист?... Ё ҳазл аст? Шояд хоб мебинам?... Наход? Ва шояд биҳии заррин пухтаву расида, пурмағзу обдору дамида уфтод аз навдаи беҳолу

хамида? Канда шуд? Уфтод? Ба назар намуд? Ё хобам ман? Хобам?

Насриддин зери дарахтон лолу карахт шуд. Ҳушёр, чун ҳайвони хавфро пайбурда. Ҳайвони дигарро. Беҳаракат истод. Шах шуд. Ҷомаи номувофиқу васеи тазарвранги ҳарам дар тан, мунтазир аст ӯ. Лоғар, дароз, қомат каме хам. Хандаовар аст!... Истодааст ва ба ҷонибҳо менигарад... Касе нест! Танҳо боғи меваҳои заррину пухта, обдору сершира истода, боғи барггрехта мелапад, меларзад аз шамоли сард. Аллакай туман пароканда мешавад, вомегузорад боғро, заиф... нопадид мегардад.

– Кистед шумо, ака? Чаро ҷомаи додои маро дар бар доред? Эҳ! Овоз!... Овози чашмасор, овози булӯросои духтарона. Овози дарёчаи яхбастаи ман, дарёчаи дараи чанорон... овозҷон, овозак... Чу овози андалеб, парвозӣ, вазанда. Овози гулбарги олучаи худрӯи кӯҳӣ. Мепарад... Куҷост он? Куҷо?

Атрофро аз назар мегузаронам, валекин касе нест дар замини тумангирифта, дар рӯйи баргҳои нарм, беҳис, зангор, дар паси танаҳои дарахтони заррин. Касе нест.

– Ака! Чаро чун гӯсолачаи дар банд тоб мехӯред, сар меҷунбонед?

Он гоҳ чашм мебардорам... боло мекунам сарамро... Сараввал маҳсии... нақшини сурхи яманиро... мебинам, сипас хилъати сапеду марвориду парча, хилъати тангу дарози уйғурӣ намоён мешавад. Сипас ду чашм... ду олуи дудрангу сияҳфом, ду олуи шаҳлои пурнури бухороиро мебинам.

Ду олуи нурбор дар байни биҳиҳои заррин! Бале!...

... Мурғи биҳиранг, заррин, лол, мечаспад, ҷафс мегардад ба биҳиҳои деррас. Ба онҳо мерасад, меларзонад. Меуфтонад... Мурғи хоболуд ҷафс мешавад ба меваҳои хоболуди сероб! Мечаспад. Болафшонӣ мекунад. Мурғи бесадову лоли биҳӣ, заррин, дар заррин меваҳо, меваҳо,

меваҳо...

Мурғи сӯзон, дилсӯз! Мурғи оташ!...

– Ту чӣ ном дорӣ, меваи нопухтаи баҳории дарахти тирамоҳ?

– Суҳайл!...

...Суҳайл... Суҳайли Яман... Истораи биёбонҳои дур – макони уштурони яккӯҳонаи африқоӣ! Истораи биёбонҳои биёбон – бекасу бедол, урёну... беҷон. Истораи ямании бахти тобон! Суҳайл! Самум! Гармсер! Гармсер!

Кулбаи мо дар канори деҳ, ҳамон ҷое ки реги равон, ларзон, равони сурх сар мешавад, воқест ва чун аз биёбон боди самум, гармсер мевазад, кулбаи мо, ҳавличаи фақиронаи моро, инчунин шолизори андаки зумуррадгуни моро мепӯшонад, ба оғӯш мегирад, буғӣ менамояд.

Суҳайл! Суҳайл! Реги паррону афтанда мепӯшонад кулбаи моро, ҳавлӣ... шолизори дастнорасида, бепанаҳи зумуррадгуни моро мепӯшонад...

Суҳайл! Суҳайл! Ҳамла меорад гармсер! Ва шолизори маро регпӯш менамояд!

Суҳайл! Суҳайл! Гармсер меояд, мевазад! Ва нобуд мекунад киштаи ночизи бепаноҳи маро.

Суҳайл! Суҳайл! Киштаам мешавад нобуд!

Ва ду пиразан бо тегҳои дурахшони тезу борики димишқӣ аз шолизор базӯр покашол меоянд, дар регзор мегӯянд!

– Кистед шумо, ака?

– Насриддин, писари бобои Мустафои кӯзагар...

– Ман духтари Талъатбекам...

– Дар болои дарахт чӣ кор мекунӣ?

– Ман болои дарахти заррини биҳӣ хуфтанро дӯст медорам! Дар ин ҷо барои ман суфаи чӯбин сохтаанд. Ман мурғи биҳиям! Дар ин ҷо хуфта, хобҳои биҳиранг

мебинам! Хоб мебинам, ки мурғи биҳии зарринам! Акаи Насриддин, чаро одамон парвоз намекунанд?

– Намедонам. Шояд барои он ки дар фазо шолӣ кишта намешавад... Бо каланд парвоз кардан намешавад, охир...

– Акаи Насриддин, шумо низ хобҳои биҳиранг мебинед?

– Бале, мебинам...

– Акаи Насриддин, чаро лабонатонро мелесед? Об нӯшидан мехоҳед?...

– Бале, Суҳайл. Мехоҳам... Гармсер аст дар даҳонам. Самум аст. Ҳам дар сарам, ҳам дар дилу ҷонам, – оҳиста фузуд Насриддин аз духтар, аз дидагони олуранг, аз лабони нарму дамидаи ба мадди дарё шабеҳи ӯ, аз сари хурдакак, серҳаракат, аз сари ба сари мурғак монанд, ки тоқии заррини мулоими биҳиранг дошт, чашм наканда.

– Биҳӣ бихӯред. Ана... Бигиред... Биҳии заррин!... Бидоред!...

– Биҳӣ намехоҳам... Аз он даҳонам хушк мешавад. Вай часпак, гулугир аст. Ман аз ҷӯй об менӯшам...

Даҳонам биёбонро мемонад. Гармсер аст дар он. Хушк.

Аз бедорхобӣ, аз шароби ғализи самарқандӣ, ки онро аз мавизи хушки данду талхмазаи қанддор тайёр мекунанд, даҳонам чунин хушк аст...

Суҳайл! Суҳайл! Гармсер! Гармсер!... Ва нобуд мешавад киштаи бепаноҳи андаки ман! Реги тираи абрфом ба зераш мегирад мазраи шолӣ, мазраи мавизи зиндаи маро...

Ҷомаи васеи тазарврангамро ғундошта, бар лаби ҷӯйи боғ хам мешавам.

– Акаи Насриддин! Акаи Насриддин! – аз болои дарахт овози пуризтироб, ки садои гулбаргро монад, танин меандозад. – Аз ҷӯй об нӯшидан мумкин нест! Ин оби полиз аст! Оби гандида! Кирмҳои махуфи марговар дорад он – кирми ришта. Вай ноаён ба дарун даромада, касро

мекунад саришта...

– Мисли муҳаббат, – пичиррос мезанам ва лабони хушкидаамро сӯйи об дароз менамоям. Менӯшам. Об данд аст. Тира, гандида.

– Нанӯшед! Кирм дорад! Акаи Насриддин!

Суҳайл чолокона аз дарахт фуруд меояд ва биҳиҳои вазнину тари зарринро пахш карда, ғелонда, давон назди ман ҳозир мешавад ва бо дастони борику наҳиф, булӯрину ниҳолмонандаш аз китфонам дошта, мекӯшад, ки аз лаби ҷӯй як тараф бикашад.

– Нанӯшед, нанӯшед, акаи Насриддин! Нанӯшед! Оби гандида аст ин. Заҳр аст. Кирми ришта дорад!...

Биҳиҳои заррин оҳиста ва хоболудонаю мулоим ба замин, ба рӯйи баргҳои шабнамзадаю зангор меуфтанд. Биҳии бисёр. Пухтаву расида... вазнин...

Валекин ман аз он об менӯшам. Аз ҷӯй сар бардоштан наметавонам. Ман менӯшам, аммо гармсер намегузарад. Даҳонам биёбони тафсонро мемонад.

Баъзе биҳиҳо ба ҷӯй меафтанд. Шино мекунанд биҳиҳои заррин. Аз назди лабони ман шиновар мешаванд.

Ман ба Суҳайл менигараму ӯ ба ман. Дурудароз менигарем. Аз оби ҷӯй менӯшаму ба ӯ менигарам.

Дар гардани ӯ шаддаи каҳрабоии оташгуну норранг медурахшад, чашму дил мерабоянд шаддаҳои бузургдона.

Реги равон ҳанӯз шолизори маро, мазраи зумуррадранги маро пӯшондан дорад.

Ман ҳанӯз аз ҷӯй об менӯшаму менӯшам, вале ташнагиам намешиканад, ҳанӯз аз рӯйи Суҳайл сер намешавам.

Сипас ӯ банохост, чандирона, зуд ба рӯйи ҷӯй хам мешавад – кокулони дарозу қатронрангаш ва шаддаи дурри шоҳвори норфомаш ба оби ҷӯй меуфтанд ва фурӯ

мераванд ва Суҳайл аз оби ҷӯй менӯшаду менӯшад!... Менӯшаду дидагонаш илтиҷохоҳ, ғамбор, маломатангез ба ман менигаранд. Шикоят доранд бар ман...

– Эй! Ту чӣ кор мекунӣ, Суҳайл! Нанӯш! Нӯшидан мумкин нест! Об кирми ришта дорад! Нӯшидан мумкин нест, Суҳайл. – Ман зуд аз лаби ҷӯй канда шуда, ба назди ӯ медавам ва ӯро аз оби ҳалокатбор, мутааффин, гандидаю ғализи ҷӯй як тараф мекашам.

– Ту аллакай аз он нӯшидӣ, Суҳайл?

– Бале! Бисёр нӯшидам! – лабханд мекунад ӯ.

– Чаро?

– Охир, шумо менӯшед-ку, ака... Ман ҳам ... Ман низ ҳамроҳи шумо...

Дар паҳлуи ман истодааст ӯ. Нафасгирии беовозу мулоимашро ҳис мекунам. Ду чашми олусояш аз ман канда намешавад... Кокулони тарашро ба даст мегирам, ӯ хомӯш асту ба ман менигарад.

Он гоҳ аз лабони нимроғу тар, аз лабони орому муаттар ва меҳрубононаи ақиқаш мебӯсам, ӯ хомӯш асту ба ман менигарад. Аз лабонаш низ бӯйи оби ғализи ҷӯй меояд. Оби ҷонбахш... Ӯ хомӯш асту ба ман менигарад.

Вале регзор, регзори ҳаракаткунанда, равон, фаровон, абрсифат ҳанӯз ҳам ҳуҷум меорад, мепӯшонад шолизори маро, шолизори бечорагӣ, зумуррадгуни маро, шолизори зиндаву азиз, ҷавоҳироти маро ...

Ва ду пиразан бо теғҳои муҷаллои бурроаю борики димишқӣ аз пасам медаванду медаванд, баъд хаста мешаванд, дар регҳои азизи шоранда фурӯ мераванд то гулу... Фурӯ мераванд, меғӯянд то гулу, ақиб мемонанд, ақиб, ақиб...

– Суҳайл, ман туро дӯст медорам!...

Ҳамин дам биҳии вазнини моил ба уфтодан, аз навдаи баланд канда шуда, бар сари Насриддин меуфтад ва пора нагашта, ба замин мезанаду аз рӯйи баргҳои зангор

мeғелад.

Дардовар. Дар чашмони Насриддин ашк ҳалқа мезанад, вале ӯ сарашро молида, табассум мекунад.

– Мева пухтааст. Аз ин рӯ, меуфтад. Пухтааст. Ҳатто аз пухтан гузашта. Мисли ман...

– Ва мисли ман, – мегӯяд Суҳайл ва меваи дигари хушбӯи зангори лазиз бар сараш меуфтад.

– Воҳ! Дард кард? Суҳайл?

– На, на! Акаи Насриддин!

– Ман туро дӯст медорам, духтари бек...

– Ман шуморо дӯст медорам, писари кӯзагар...

Биҳиҳои заррину зангор дар оби ҷӯй зич шиноваранд...

Ҷӯйи заррин...

Вой! Кист ин?! Дастони кӣ маро зуд аз Суҳайл мерабоянд, аз лабони ӯ мекананд? Дур менамоянд? Дастони кӣ?

Аз таги биниам чашмони зард, рӯбаҳонаю халандаи Отабек Қара Бутон дӯхта мешаванд ба ман. Аз даҳони аз ҳашм каҷшудаи ӯ бӯйи тунду данд, сӯхта ва мутаафини май ва гӯшти гӯспанд меояд. Ман аз ин чашмони ғайриинсонӣ, аз бӯйи бади ноҳинҷор, дилбеҳузуркунанда рӯ метобам. Боз ду тири муғулӣ, уқобии садодор аз назди гӯшҳои наврасона, гӯшҳои бовархоҳ, харгӯшона дарози ман лағжида мегузаранд. Боз!

Дар дасти Отабек тозиёнаи кӯтоҳ, печдори вазнини туркист, ки дар нӯгаш ғилофаки нуқрагин дорад.

Ӯ хост, ки ба рӯям бо тозиёнааш бизанад, валекин нарасид, ҳарчанд ман орому беҳаракат будам.

Ман ба Суҳайл, ба шаддаи дурри шоҳвори норранги ӯ, ба дидагони олусифату дудрангаш менигарам...

Бар лабони нӯшину нармаш... бар лабони чу мадди дарёҳо дамидааш менигарам...

Ба ӯ менигараму бӯйи хушу гуворои азизи оби лойо-

луди ҷӯямон ба машомам меоянд.

Суҳайл, Суҳайл, ҳанӯз ҳам гармсери бераҳму беҳисоб киштаи ночизи маро нобуд месозад.

Ман истодаам, аммо Қара Бутон мезанад маро, қулочкаш мекӯбад, медарад танамро бо тозиёна! Ҳанӯз ҳам мехоҳад, ки бо ғилофаки нуқрагини тозиёнааш ба рӯям, ба чашмонам бизанад. То бо он ғилофаки мурда чашмони зиндаамро, чашмони бегунаҳи сӯзонамро бикафонад, бирамонад, бираҳонад аз косахонаи сар, дур андозад аз он... То дигарбора набинам Суҳайлро!

Ҳанӯз ҳам мехоҳад ба рӯям бизанад. Ва ман истодаам беҳаракату ором ва зарбаҳои ӯро намешунавам, эҳсос намекунам ва менигарам ба Суҳайл, аммо Отабек ҳанӯз ҳам мехоҳад бо ғилофаки филизии тозиёнааш ба рӯям бирасад ва чашмони маро бикафонад, биафканад. Гирди ман давр мезанад... Меҷаҳад... Мевазад... Мувофиқ менамояд худро баҳри кӯфтан... Азият мекашад... Мекӯшад. Аммо ба чашмони ман намерасад тозиёнааш! Дилам бар ӯ месӯзад. Сайёди пир... Тозиёна ҳуштак мекашад... Ғуввос мезанад, ҷомаи тазарвранги ҳарамиамро мебурад. Ҷомаам аллакай саросар дарида. Баданам аз ҳар ҷойи он намоён гардида урён мешавад... Тани бегуноҳ. Болиғ ... Аллакай дарида... Суҳайл, Суҳайл, туро дӯст медорам! Дӯст медорам! Дӯст медорам! Дӯст медорам! – фарёд мезанам ва зери зарбаҳои тозиёна табассум мекунам, табассум мекунам, табассум...

– Бараҳна! Бекас! Пойлуч! Хори марғелон! Чанг! Чанг! Гард! Хокистар! Турбат! Ман туроб мекунам, туро! Чашмони зинохоҳатро бо тозиёна мекафонам, зада мебарорам! Маргатро медиҳам! – хиррос мезанад Қара Бутон. Пир аст ӯ. Аллакай хаста шуда. Дилам ба ӯ месӯзад. Сайёди пир...

Ғилофаки нуқрагини тозиёнаи ба риққат омада ба чашмони ман намерасад... Лоҳаз мешавад ғилофак.

Лоҳаз...

Ҳамин дам Суҳайл аз ҷой якбора канда мешавад ва назди Отабек давида, аз ришу мӯйлаби ӯ медорад ва мекӯшад рӯйи вайро чанг биандозад, бихарошад, бидарад, хунаш бирезад:

– Нарасед ӯро! Нарасед Насриддинро! Шуморо чашми дидан надорам! Нафрин мехонам! Падарамро ҷеғ мезанам! Додо! Додо! Ёрӣ диҳед!

– Ту дигар падар надорӣ! Вай дар ҳарам мурда! Кунун падарат манам! Кунун соҳиби ту манам!... Ҳа-ҳа! Чун баъди дафн вақти муқаррар гузашт, ту завҷаи ман хоҳӣ гашт! Духтарак... Ғӯлунги тараки хуҷандӣ, устурушонӣ... Ғӯлунги донаки сершираю хушмазадор!... Донаатро хоҳам хӯрд!... Ва лаззат хоҳам бурд!... Ҳа-ҳа. Ман донаи чарсу тар, донаи нимхомро дӯст медорам! Донаи сершир – ширадорро! Кайфи дандон аст он! Ҳаловати тану ҷон!...

Қара Бутон бо дасти озодаш аз кокулони дарозу тари Суҳайл дошта, ӯро аз назди рӯяш, чуноне ки гурбачаро аз пистони модар ҷудо созанд, дур менамояд. Қаҳқос мезанад.

Ашк мерезанд дидагони олуранг. Гӯй дилаш чу ашк бар сари мижгон омада. Аз дард ашк мерезанд. Ба ман нигариста... Ғамолуд ашк мерезанд... Илтиҷо менамоянд...

Чаро истодаам?... Ман, Насриддин писари бобои Мустафои кӯзагар, ки аз панҷсолагӣ аз каланду табар ҷудо нагашта... Чаро истодаам, чун садаи пири хомӯши чинии хушки канори деҳ, ки дар он мӯрон мехазанд?

Суҳайли маро Қара Бутон аз кокулонаш дошта, ба рӯйи замин мекашад, базӯрӣ кашола мекунад, гӯё ба думи аспи ваҳшӣ баста бошандаш.

Кашола мекунад...

Механдад...

Сари хурдакаки чӯҷа, сари қатронранги мурғаки бе-

чора, сари дар чангу хок овора, сӯйи ман мегардад ва нидо дармедиҳад:

– Ака! Бигурезед!... Ӯ мекушад шуморо! Бигурезед, ака...

Оҳ! Баъди ин ба худ меоям! Бедор мешавам! Ба Қара Бутон мерасам. Бо мушт ба буни гарданаш мекӯбам...

Зуд мекӯбам...

Падарам, бобои Мустафо, нарговони тирамоҳии масту саркашро ҳамин тавр мекӯфт...

Чун деҳқонони деҳ аз уҳдаи нарговони баҳормасти аз марғ зорони сершираи тару тоза, фарбеҳу сархушшуда намебаромаданд, пас падарамро ба ёрӣ мехонданд, ки бо як зарба эшонро ором мекард, ба замин мехобонд. Онҳо баъди ин чун нашъамандони сархушу гаранг, бемадору беҳанг, орому беҳаракат дурудароз мехобиданд.

Дастони падарам вазнину оҳанинанд. Дастони кӯзагар...

Ман ба буни гардани Қара Бутон чун ба буни гардани наргови масти баҳорӣ бизадам ва ӯ ҳамон дам гаранг шуд, гӯё ба фикр рафта бошад, ором гашт, худро ба фаромӯшӣ бидод ва дар ҷӯй биншасту сар ба зер биафканд ва кокулони Суҳайлро раҳо бинмуд... Вай ҳамон замон орому ботамкин, вазнин, афсурда, уфтода шуд... Вай ҳамон замон ба девори куҳнаи фурӯрафта монанд шуд...

Пурғусса, ғамбор, тирарӯҳ, берӯҳ аст ӯ... Манфур, кароҳатовар аст. Дур аст аз мо... Раҳми кас меояд ба ӯ... Чунон ки ба ҳайвони ваҳшии тирхӯрда, захмин, маҷрӯҳ...

Дар лаби ҷӯй нишастааст ӯ, сархам, ту гӯӣ, хоб аст ва биҳиҳои заррини то ним дар об фурӯрафта ба ӯ ҷафс мешаванд, бармехӯранд...

Дармемонанд...

– Бигурезед, ака! Зудтар! Ҳозир сарбозон меоянд!

Онҳо шуморо то мурдан мезананд, ака! Бигурезед! Зудтар!

Дидагони шаҳлои олуранг менигаранд. Илтиҷо менамоянд. Ашк мерезанд...

Насриддин ҷомаи васеи ҳарамро ба худ мепечонад. Ҷома аз зарби тозиёна саросар дарида, пора шуда... Пайкари харобу устухонии ӯ аз ҳар ҷойи ҷома намоён...

Пайкари беолоиш, наврас, пайкари аз зарбаҳои сӯзон арғ увонишуда...

Аммо Насриддин лабханд мекунад.

– Суҳайл, Суҳайл... Ман зуд бармегардам, ҳозир меоям. Аз оби ҷӯй, хоҳам нӯшид...

– Ва ман ҳам менӯшам... Якҷоя хоҳем нӯшид...

– Ман зуд меоям! Зуд! Зуд! Зуд! Зуд! Зуд! Зуд! Маро мунтазир бош, Суҳайл!

– Ҷӯй беқарор аст, ака, Суҳайл интизор аст, ака... Ҷӯй беқарор аст – Суҳайл интизор аст...

– Ман туро дӯст медорам, духтари бек...

– Ман шуморо дӯст медорам, писари кӯзагар...

## ДЕВОНА

*Бирав, эй навҷавон, дар навҷавонӣ,*
*Ба ҳар ҷое ки чашмон мебарандат.*
***Экклезиаст***

Ин кист, ки бо овози ваҳшиёна, девонавор, мастона, чун оворагардон дар тамоми деҳ фарёд мезанад? Кист? Бо овози хиррӣ, гирифта, масъудона? Кӣ бо овози ширини саодатбор фарёд мекашад? Кист, ки дар фарёду нидо хушнудию таманно дорад, маст мешавад аз он? Ё ин овози дарвеш – сӯфии Худост, ки бар деҳи мо омад? Ё марди нашъаманд аст ӯ? Ё қаландари гадои масрур, девонааст, ки аз Роҳи Қудсии Бирешим ба деҳ уфтода? Чӣ одамоне

он ҷо мегарданд...

Эй! Кист, ки бо овози масруронаю мастона дар тамоми деҳа дод мезанад:

– Эй! Эй! Эй, ҷони ман! Дармони ман! Ёр! Ёр! Ёр!

Маъшуқаам, эй ҷони ман, туро дӯст медорам, дӯст медорам, дӯст медорам, дӯст медорам, дӯст медорам, вале ту дар паси парчини баланду ғафси дастнорас гирифтори ғаму андуҳ! Чӣ сон ба пеши ту оям? Чӣ сон аз парчин биҷаҳам? Чӣ сон?... Аё, мардум, чаро паранда наям ман? Чаро?... Эй, мардум, ёриам бидиҳед! Ёрӣ бидиҳед, азизонам! Эй, мардум, ҳамсоягон, хешу ақрабо! Одамон! Шумо фарзанди бисёр ба олам овардеду муҳаббатро ба фаромӯшӣ бидодед!... Дар паси деворҳои ғафси нодонии оилаву зиндагиатон кӯр шудаед шумо! Мадад намоед!... Ё ба ҷонам, ба дилу ҷигарам оби ях бирезед! То хамӯш шавад он! То ором гардад! Тан бидиҳад, сар бифурорад! Оҳ, сӯхтам! Дард мекунад ҷонам! Вале чӣ гуна ширин, гуворост! Эй, мадад намоед! Хушбахтам ман! Хушбахт! Хушбахт! Хушбахт! Мадад намоед, одамон! Хушбахтам ман! Ёрӣ бидиҳед, вагарна аз хушбахтӣ хоҳам мурд!... Суҳайл, Суҳайл, дар даҳонам гармсер аст! Рег аст! Аз оби ҷӯйи ту нӯшидан мехоҳам, вай дар паси парчин аст... Суҳайл! Эй, мардум, ман Суҳайл – духтари бекро дӯст медорам! Ман ӯро бӯсидаам! Ӯ низ маро дӯст медорад! Дӯст медорад! Дӯст медорад! Дӯст медорад! Ёрӣ бидиҳед, мардум! Эй, эй, эй! Даҳонам хушк аст, гармсер аст дар он!

Шахсе ҷомаи баландранги куҳнаи идона, ҷомаи домодӣ дар тан, тоқии гулдӯзии лоҷувардранги фарғона дар сар ва дар пойҳояш чоруқи куҳнаи нимдошти сағрӣ, суфта чарбу молидаи рахшон дар деҳа мегашт. Аз паси ӯ бачагони деҳа медаванд, механданд, мазоҳ менамоянд, аз остинҳои васеи ҷомааш медоранд, мекашанд, валекин ӯ ба онҳо аҳамият намедиҳад. Саго-

ни деҳ ба ӯ аккос мезананд, дандон гиз мекунанд, аммо вай намешунавад, намебинад... Фикри ӯ аз онҳо дур аст, хурсанд аст ӯ... Дилаш зи масъудӣ дамида, сараш бар коини бахташ расида...

Дар дасти ӯст дутор ва ӯ бо ангуштони резаю устувор бар торҳои он мезанад, ки гӯӣ, бар пардаи ҷон мезанад ва калимоти бехудона ва мастона, калимоте бар забон меорад ва бар дили кас тухми аҷаб мекорад...

– Эй, мардум! Ёрӣ бидиҳед! Вагарна аз шодӣ мемирам! Воҳ, чӣ дардовар аст! Оҳ, ширин аст! Бар дилам оби ях бирезед, охир, то оташи он хамӯш бигардад... То насӯзонад ин қадар! Эй, мардум, дар даҳонам гармсер аст, месӯзад он! Рег аст! Суҳайл! Ман оби ҷӯйи туро мехоҳам, вале ин об дар паси девор монда!... Эй мардум, мадад намоед!

Ин Насриддин аст. Ӯ фарёд мекашаду чашмонаш масъудона пӯшида. Чизеро намебинад ӯ. Танҳо ангуштонаш кӯр-кӯрона бармехӯранд бар торҳои борики дутор ва торҳо меканананд, печ мехӯранд ва дар ангуштони вай хун ҷӯш мезанад, ҳувайдо мегардад.

Он гоҳ Насриддин дутори хомӯшшуда, лабфурӯбаста, дамшикаста, лолгаштаашро бар рӯйи роҳ меафганад:

– Эй мардум, мадад намоед, вагарна аз шодӣ мемирам!... Ёрӣ бидиҳед!

Зани солхӯрдае ки сари сафедаш берӯймол аст, аз дунболи ӯ давида нидо дармедиҳад:

– Писарам, ба хона баргард! Моро дар саросари деҳа шармсор макун! Чаро ҷомаи домодӣ пӯшидаӣ?... Охир мо камбағ алем... Мо маҳрро аз куҷо меёбем? Баргард, писарам... Насриддин!...

Ин Лапак-бибист...

Аммо Насриддин суханони ӯро намешунавад... Ақиб мемонад... Дар роҳ менишинад... Мегиряд... Зани солхӯрда...

Насриддин хам мешавад, аз сар тоқии арғувонии мулоимашро гирифта, аз хоки сарду марворидӣ, хоки поизии раҳ пур мекунад ва онро ба сари навтарошида, навшуста, тозаю бараҳнааш мерезад.

– Ман туро дӯст медорам, дӯст медорам, дӯст медорам, дӯст медорам, Суҳайл! Ёрӣ бидиҳед мардум! Охир шумо ҳам дӯст медоштед-ку! Ёрӣ бидиҳед!

Хок аз сару рӯйи Насриддин мерезад... Ва бодаш мебезад... Хоки сард. Поизӣ, серрутубат... Нохуш...

– Девона!

– Дарвеш!

– Масъуд!

– Ситорахунук!

– Девона! Саги девона! Ӯро бастан бояд!

– Дар вуҷуди ӯ шайтон ҷой гирифта! Ӯро ба дарахт баста, чӯбкорӣ мебояд, то шайтон аз танаш дур бигардад! Агар шифо наёбад, бигузор талафи шайхон шуда бошам!

Ин нидои табиби деҳ – Илёс-махдум аст, мардум низ ба ӯ гӯш медиҳад. Бовар мекунад. Онҳо ба Насриддин дасти мадад додан мехоҳанд...

Ӯро бо расанҳои сахту дурушт аз дастонаш ба садаи пири хушкида беозор мебанданд.

Беозор ҷомаи домодиаш аз тан бармекананд.

Беозор чӯбкорӣ мекунандаш... Мадад намудан мехоҳанд. Меҳрубонона. Беозор.

– Бирав, шайтон! Бирав аз тани поки наврас, ҷини ҳарҷо – ҳозир! Бирав! Дур бишав! Наврасро ба ҳоли хеш вогузор! – пичиррос мезанад, ғур-ғур мекунад, фарёд мекашад Илёс-махдум.

– Маро бо тозиёна бизаданд, валекин шайтон аз ман дур нашуд! Гумон доред, ки табиби муҳтарам, вай мефаҳмад, метарсад аз чӯбҳои шифокори шумо? – аз зарбаҳои пайдарпай як қад парида лабханд мекунад На-

сриддин.

Боз мезананд маро...

Мӯрон аз садаи хушкида ба пушти ман меафтанд, мехазанд, мегазанд... Ҳамон мӯрон... Қосидони марг...

– Ай табиб, Илёс-махдум! Химчаҳои шумо ёрӣ додан наметавонанд! Ман Суҳайлро дӯст медорам! Дӯст медорам! Дӯст медорам! Дӯст медорам! Ёрӣ бидиҳед, мардум! Дар даҳонам гармсер аст! Чӣ даркоранд бар ман химчаҳои шумо? Оҳ, табиб, худи шумо шайтонед! Шайтони ишқро фаромӯшкарда!...

Ба ҷонам зад! Мекӯшам то расанҳоро гусаста, раҳо биёбам, аммо онҳо тан намедиҳанд ва пешам сар намениҳанд, устуворанд, сахт печидаанд маро. Барқароранд... Химчаҳо дар пушти ман базм доранд, ту гӯӣ дуҳул мекӯбанд.

Ба ҷонам зад. Фурӯхишта шудам... Мадорам канд...

Табиби хурдҷусса гирди сада медавад, чу мурғи посӯхта медавад, меҷаҳад чун малахи поизӣ ва хунхорона фарёд мекашад:

– Бизанед, бизанед, шайтонро! Раҳро бубандед бар ӯ! Беҳтар аст, ки бимирад – наҷот меёбад! Бизанед шайтонро!

Ҳанӯз дар қарни нуҳ шайх Абӯ Муҳаммад ибни Зикириё ибни Яҳё-ал-Розӣ ишқро ба қатори бемории вазнин дониста, рӯзадории ҳамешагӣ, бори гарон бардоштан, мусофирати мадиди лакотсозро ба сифати даво донистa...

– Вале химчакориро магар фармуда буд? – фарёд мезанам ба табиби гаронгӯш ба гусастани расанҳо ҷаҳд бинмуда.

– Химча барои хама дардҳо давост! Давои беҳтарин! Вай кулли фалокатро дур меандозад! Сабур бош, сабур бош, писарам! Агар зинда монӣ – шавҳари ҳақиқӣ хоҳӣ шуд!... Бизанед, бизанед ӯро! Биронед шайтонро аз ӯ!

Ана, ҳамин тавр!...

Воҳ!... Ба ӯ хуб аст, аммо ҳоли ман вазнин. Кунун мадори фарёд задан надорам ва зери лаб мегӯям:

– Суҳайл, туро дӯст медорам! Ман барои аз ҷӯйи ту об нӯшидан меоям...

Чашмонам пӯшида мешаванд ин замон ва хоб чира мегардад.

Аллакай...

Эҳ!

Боз ду пиразани ваҳшӣ дар даст теғҳои муҷаллои димишқӣ силовсинвор аз дунболам медаванд, аз рӯйи регҳои баланду хамӯшу хоболуд метозанд. Қариб мерасанд. Аллакай дар паҳлуи мананд. Садои теғҳоро мешунавам...

Аммо!...

Аммо ҳамин дам дасти сермушаку тавонои касе расанҳоро гусаст ва овози ғафс бигуфт:

– Эй муъминон! Чаро мезанед ӯро? Баҳри он ки духтареро дӯст дошта? Ҳасад мебаред? Фаромӯш кардаед ишқро? Зиндагиатон дилбазан шуда?...

Ин таҳамтани деҳа Рустам-паҳлавони оҳангар аст. Ӯ раҳо мекунад маро ва мардуми атроф дам ба дарун гирифта, карахт мешавад. Ман аз дарахт дур меравам. Тахтапуштам тар шуд. Хам шудан наметавонам. Сипас хам мешавам...Ҷомаи домодиамро мепӯшам. Мӯронро аз тахтапушти сӯзонам бо дастонам мерӯбам, бар замин меафганам.

Хандаовар! Чаро кӯфтанд маро?...

– Чаро бизадандат, Насриддин? – ғамгинона мепурсад Рустам-паҳлавон ва мебинам, ки рагу пайи кабудранги дастонаш медаманд, бузург мешаванд, меларзанд.

– Намедонам... Одамони деҳи мо зиқ мешаванд... Ҳамин ҳам як дилхушист баҳри эшон, – лабханд мекунам ман. – Барзгарон дар дашту саҳро машғули коранд,

танбалон шуғле надоранд ва ба худ шуғли дигар меҷӯянд...

– Мо ӯро даво кардан мехостем. Маризиашро аз бадан дур андохтан мехостем. Шайтонро! – вазнин нафас гирифта ва ба зери забон тамоку партофта мегӯяд Илёс-маҳдум. Дандонҳои майдаи гурбаворашро нишон дода табассум мекунад ӯ...

– Хаста шудед, домулло?...

– Бале... Дур кардани шайтон корест гарон!... Неруи кас мерабояд! Химчаи бисёр!... Хаста шудам... Ҷигарам ба дард омада...

– Муолаҷа бояд...

– Табиб дигаронро шифо мебахшаду ба дарди худ бедавост!...

– Аммо давои умумие ҳаст, домулло. Худатон дар хусуси он гуфтед. Давои беҳтарин. Вай кулли дарду фалокатро дур меандозад. Ин даво «химча» ном дорад!...

Илёс-маҳдум маънои қавли маро дер фаҳмид, фаҳмиду бо оташдастии ҷавонона бари ҷомаи сафеди моҳутии бухороиашро аз замин бардошта, чанги хокро бардошта, доман ба дандон бигрифт.

Он гаҳ яке аз химчаҳоро бардошта, дар ҳавои дору гири издиҳом худро ба дунболи табиб задам.

– Домулло! Бингаред – даво худ аз пайи бемор давида. Эй! Домулло, чаро ин қадар тез медавед?... Чанг мебардоред! Атса мезанед! Ва ҷомаи фохири моҳутии шумо андудаи чангу хоки ифлос шуда!... Эй, домулло! Истед, ки бо ин химчаи ношоиста ҷомаатонро биафшонам... Чангаш бирезонам... Дилам ба ҷомаатон месӯзад, домулло! Рухсат бидеҳ, каме биафшонам, чангу хокаш биронам. Ин қадар босуръат надавед! Ҳар қадар тезтар медавед, ҳамон қадар ҷомаатон чангу хок мегирад ва лозим меояд, ки ҳамон қадар сахттар бикӯбам онро! Эҳ, домулло! Кифоя! Давидан гиред... Химчаи ман хаста шуда... Хайр,

таҳвилгари гӯристон! – нидо медиҳам ман.

Ман ақиб мемонам, химчаро меафганам, аммо тахтапушти сапед, чангандуди моҳутии Илёс-маҳдум ба тарзи дилгир чанд муддат аз назар дур намешавад, дар дуродур мелапад, алвонҷ мехӯрад... Дар байни чангу хоки роҳ. Озоду бақувват медавад ин табиб! Пойҳояш тавонову бардаманд. Валекин майнааш хоболуд, кунд, майнаи гӯспандро монад...

– Суҳайл, Суҳайл, дӯст медорам...

Мадори фарёд кардан надорам...

– Ҷӯй беқарор аст, ака... Суҳайл интизор аст, ака... Ҷӯй беқарор – Суҳайл интизор!...

Рустам-паҳлавон ба наздам меояд ва оҳиста аз китфонам медорад:

– Биё, ба оҳангархонаи ман. Тахтапуштат мисли анори пухтаи ҳоҷиилгорӣ кафида... Рафтем. Ба тахтапуштат марҳами атрсои давоӣ мемолам...

Ман мутеона ҳеҷ намегӯям ва аз пайи Рустам-паҳлавон роҳ мепӯям. Ӯ ҳамагӣ бист сол дорад, валекин марди баркамоли рӯзгордидаро монад. Вай Гулпарчин ном зан ва ду фарзанд дорад...

– Суҳайл, ман туро дӯст медорам...

Дар оҳангархона Рустам-паҳлавон бо дастони пурқувват ба тахтапуштам марҳами хушбӯ мемолад. Тахтапуштам мулоиму лағжонак мешавад. Кунун намесӯзад. Табаш фурӯ монда...

Сипас Гулпарчин дар зарфи каду бӯзаи гармкарда ва ду табақчаи гулдори заранг меорад. Рустам-паҳлавон бӯзаро аз дока ба табақчаҳо мефолад. Мо бӯза менӯшем. Менӯшем...

– Бӯзаи хуб аст? – метабассумад ӯ.

– Бале... Валекин ман Суҳайлро дӯст медорам! Оби ҷӯйро дӯст медорам!...

– Намедонам, Чӣ сон ба ту ёрӣ бидиҳам, – афсурда ме-

гардад паҳлавон...

Даричаи пасти оҳангархона боз аст ва ман роҳи серчангу холӣ ва андуҳовари деҳамонро мебинам. Бӯза менӯшаму ба роҳ менигарам. Ин роҳи борику холии азиз ба дуродур меравад ва ба Роҳи Бузурги Бирешим мепайвандад. Аксар вақт мехостам, ки аз ин роҳ биравам ва сӯйи он бидавам... Дар кӯчакӣ борҳо бо ин раҳ гурехтам, валекин падарам савори хари вафодораш – ал-Яхшур, маро пайдо мекард, дармеёфт. Ва аҷиб, ки падарам барои гурехтанам ҳеҷ гоҳ коҳиш намекард, танҳо абру чин карда, хомӯш мемонд, вале барои рафторхои дигарам танбеҳ медод... Чаро? Роҳи Бузург ҳамеша маро ба худ мекашад. Дар он ҷо корвонҳои бузург. ҳазорон уштурон мегарданд? Забони одамони он ҷо дигар аст, номафҳум... Билоди он ҷо серодам... Деҳаи азизам бароям тангӣ карда... Чӯҷа кунун болиғ шуда, болҳояш аз ошён бузургтар шуда... Ошён дилбазан гашта... Ва ошён аллакай шуда вайрон, фурӯ уфтода аз боду борон, сиёҳӣ менамояд, овезон... моил аст сӯйи навдаҳои урён, навдаҳои тирамоҳӣ... Вале Суҳайл... Туро дӯст медорам!

Ман ба Роҳи Бузург пой намегузорам...

– Бинӯш бӯзаро, Насриддин! Аҳволат беҳтар шуд? Тахтапуштат озор намедиҳад?

– Не, акаи Рустам... Тахтапуштам озор намедиҳад. Устухонҳоям озор намедиҳанд. Баданам озор намедиҳад. Дарди сарам монда. Валекин чизе ба дард меояд. Месӯзонад! Чист ин?... Дар одам бидуни бадану сару устухонҳо боз чӣ мемонад?... Чист, ки бад-ин сон азобам медиҳад. Месӯзонад, месӯзад, ака...

– Баъзеҳо дил мегӯянд, дигарон – ҷигар...

– Маро на дил озор медиҳад, на ҷигар... Чизи дигар... Вале чист? Намедонам. Чун бо тозиёнаю чӯбҳо мекӯфтанд, сабуктар буд... Шояд ҳақ буд Илёс-маҳдуми табиб... Сабук буд вақти задан, кунун боз ба дард омада,

ака... Чист, ки месӯзад? Намедонам...

– Шояд ҷонат месӯзад...

Чист ин ҷон?...

Ҳамин дам нидову фарёдҳо ба гӯшашон меояд:

– Ҳақ... Ҳу!... Дӯст! Ҳақ! О Худои маҳбуб! Оҳ, ҷонам месӯзад!... Аланга мегирад!... Аз ишқ! Аз ишқи Ту!... Ҷонам месӯзад. Месӯзонад!...

– Оҳ!.. Боз як ишқ!... Акаи Рустам, ӯро ба ин ҷо бихонед, дарвеши пирро! Ҳофизро! Маддоҳро! Пири бодардро!... Бигузор бигӯяд, ки куҷояш месӯзад? Бихонед ӯро, ака!

Дар роҳи деҳ дарвеши пири нобино гом мезанад. Дар сари хурдакаки хушкидааш кулоҳи нӯгборики дарвешӣ базӯр истода. Дар даст баҳри хайрот каҷкул ва асои чӯби муруд, сиёҳчашуда, ки ҳалқачаҳои филизин дорад. Ҳалқачаҳо мисли ноқусчаҳои корвони гузарон андуҳовар садо медиҳанд...

– Бобо, бифармоед ба назди мо. Дам мегиред... аз бӯзаи хонагӣ менӯшед... Мо каҷкулатонро аз нону ҳалво пур мекунем. Биёед, бобо... – Рустам-паҳлавон оҳиста аз дасти дарвеши нобино гирифта, ӯро ба оҳангархона меорад.

– Ташаккур, писарам... Аз овозат фаҳмидам, ки ту инсони худохоҳӣ, меҳрубонӣ. Дар Каломи Шариф оварда: – Ва макун фаромӯши ғарибон, зеро фариштагон метавонанд биоянд ба сурати онон... Ва Ҳазрати Хизр – ҳомии мусофирон, метавонад дар ҷомаи даридаи ғарибон, дарвешон арзи вуҷуд бикунад...

Насриддину Рустам-паҳлавон пирро ба рӯйи кӯрпаҳои ғафсу нарми урганҷӣ менишонанд ва ба тахтапушташ болиштҳо мемонанд. Гулпарчин қумғону тоси мисин баровард ва пирамард дастонашро бишуст. Сипас бо овози паст зуд- зуд лабони хушку тунукашро ҷунбонда, дуо мехонад... Сипас, дурудароз, оҳиста, ботамкин макида фурӯ мебарад ҳар қатраи бӯзаро...

Хомӯш аст ӯ. Табассуми камайёну сабуке ҳувайдо мешавад дар чашмони нобино, дар чеҳраи чинзадаи ӯ...

– Эй, мушфиқон, шумо чизеро пурсиданиед аз ман?... Ҳис мекунам... Бипурсед...

– Бобо, шумо сурудед, нидо дардодед, фиғон бардоштед, ҷонатон месӯзад аз ишқ... Ва ҷони ман низ месӯзад! Валекин чист ҷон ва дар куҷост он?... Шояд ба ӯ низ бимолем марҳами атрсои давоиро, то наояд ба дард, насӯзад... Ба сони тахтапушти чӯбхӯрдаи ман...

– Дӯст медорӣ, духтаракро?

– Бале, бобо...

– Ана, ҳамон духтар ҷони туст. Бо ӯ васл бишав. Ӯ обест баҳри оташи ту...

– Аз баҳри ин об маро ду бор бикӯфтанд, бобо.

– Садди роҳат мешаванд?... Меранҷонандат?... Хайр чӣ илоҷ... Чунин аст ин ҷаҳон... Дарахти борварро сангҳо меандозанд – беборро на... Дарахти босамар бош, писарам! То рӯзи вопасин!

– Шумо ҳам дарахти борвар будед, бобо?

Нобино сар ба зер афганд. Сари хурд, хушки кулоҳи чангандуди дарвешипӯшидаро. Сипас аз зери лаб бигуфт:

– Будам, писарам. Аммо одамон бирехтанд тамоми ҳосиламро... Ва раҳм наоварданд бар дидагонам...

Пирамард бигирист. Аз дидагони нобинояш ашк ҷорӣ шуда... Аҷаб... Ман ҳеҷ наангошта будам, ки нобиноён мегирянд. Аз дидагони нобиноёшон ашк мерезад... Аҷаб...

О худоё, ин чӣ заминест? Чӣ мардум? Кишварест, ки нобиноёни он низ мегирянд?

– Бобо, магар чашмони шуморо рамад нахӯрда?...

– На. Ҷаллоди амир бо тездастӣ биканд, баровард, бикафонд... пора кард дар хонаашон бо тири тезу борики чаҳормағзӣ. Ва бидидам, бидидам дафъаи охир, ки чӣ

сон чашмонам бо чӯби буррои чаҳормағзӣ бишуд ҷорӣ. Бирафтанд аз ман бо тани суфтаи чаҳормағзӣ... Ҷаллоди моҳир буд ӯ. Ҳатто дардро ҳис накардам. Бирафтанд чашмонам, нури басарам.

– Чаро, бобо?

– Чашмони ман аз хурдӣ бисёр чизро дида. Онҳо на аз ишқ, ба сони ишқи ту, кӯр шуда. Ва аз ин рӯ, дидаанд онхо замини ҳомуну бенавои моро, дидаанд кулбаҳои фақиронаи деҳқонони лоғарро дар мазраъҳои бегона... бойҳои тозиёна бар даст... сарбозони тирарухи амир... ва кӯдакони пойурёни моҳи қавс, ки гирифтори чиллаашӯранду ишками сиёҳчашудаашон қуббаи мақбараҳои сарватмандонро мемонад, дидаанд. Оҳ, ин одамони бегуноҳи хурду ҳақир! Мардумони бечораи покзамир... Шукри Оллоҳ, ки онҳоро дигарбора нахоҳам дид. Дар ин ҷаҳон беҳтар аст, ки нобино бошӣ... Ва ононе ки биноянд, худро ба кӯрӣ зада. Вале ман ҳама чизро беҳтар аз биноён эҳсос менамоям... беҳтар мебинам... Нобиноям ман, валекин чашми биноёнро мекушоям. Мегӯям, фарёд мекашам, месароям, шеван мебардорам дар ҳама роҳ, ки Оллоҳ кулли инсонро баробар офарида ва дар ин ҷаҳон набояд буд соҳибу ғулом, берӯзиву сарватманд! Охир Умар ибн-ал-Ҳорис гуфта, ки худи паёмбар – Муҳаммад баъди хеш чизе боқӣ намонда – на диноре, на дирҳаме, на ғулому на канизе, ҳеҷ чиз ба ҷуз маркаби пиру тиру камон. Дастони ман заифу бемадору лакоту харобу лоғаранд... Онҳо ҳатто мадори каланд бардоштан надоранд... Аммо ман бо забонам, бо каломам мубориза мебарам...

– Бо каланд бояд мубориза бурд, – андуҳгинона гуфт Рустам-паҳлавон.

– Ҳам бо забон ҳам бо каланд мубориза мебояд, – гуфт Насриддин.

– Забон зӯртар аз каланд аст...

– Муҳаббат ҳам аз забон зўр аст, ҳам аз каланд! Ман Суҳайлро дўст медорам!

– Эҳ, писарам. писарам, нобиноӣ ту! Дўст доштан дар замони мо онро мемонад, ки мурғ дар сари роҳи пурчангу хоки корвон кўр-кўрона тухм гузошта бошад ё худ дар навдаҳои сарду урён биҳиҳои испеди тирамоҳӣ ошён. Корвон ки гузашт, суми уштурон зер мекунанд, ба хок яксон менамоянд, бар бод медиҳанд тухмҳои бепаноҳро ... аз тухмҳои бепаноҳ нишоне нахоҳад монд. Ҳамлавар гардад, ошён вайрон мешавад, бар ҳаво, бар бод меравад... Бинигар ин кулбаҳои лоини бенавоёнаи ҳазорсоларо, деворҳои пастаки коҳгилини фарсударо... Кўдаконеро, ки чашмони бузурги ғамбор доранд... Магар дар ин ҷаҳон дўст доштан мумкин аст?

– Бале, бобо! Мумкин аст! Ҳатто Роҳи Бузурги Абрешимро хори мағелону ушнаҳо мепўшонанд, агар корвонҳои нав ба нав наравад аз он...

– Бигузор онро хору ушнаҳо бипўшонанд, агар он бошад Роҳи Шарр, – бадхашмона дод зад дарвеш ва бигирифт ба даст асои хеш, ки ҳалқаҳои филизини он дар ҷавоб ба садо омаданд.

– На! Роҳи Ҳаётро помол кардан, нобуд сохтан нашояд. Онро ба дасти хору буттаҳо, мағелону ушнаҳо додан набояд!

– Ту нобиноӣ, нофаҳмӣ ту... Ту навбасти баҳорӣ, саргарму сархушӣ, навбасти гўлу гарангӣ... бачангӣ... Раҳмам меояд бар ту... Дилам месўзад... Валекин дар каломи нопухтаи норавшанат, намак дорӣ – вомондаи фазилат. Ман дўстат медорам ва мебахшамат, писарам... Бигузор, сархушии ту доманадор бошад! Навбаст! Пеш аз муҳлат пешпо махўр!

Ва ин дам ёдам омад, ки чӣ сон падарам ба як зарби мушт наргови масту шўх, пўстғафси гарданшахро ба замин мехобонд ва онҳо ҳамин тавр орому хамўш сарга-

рангу бемадор чанд муддат меёзиданд.

Аммо!...

– Бобо!... Ман Суҳайлро дӯст медорам! Ман аз оби лойолуди гандидаи полизии ҷӯй нӯшидан мехоҳам!... Мададам бикунед! Ӯ мунтазир аст маро! Ҷӯй беқарор аст – Суҳайл интизор аст! Мададам бикунед!...

– Ман ба ту дасти мадад медиҳам, Насриддин... Кунун дами оҳангариро ба даст бигир! Занҷир месозем! Омода бош, навбаст! Шабҳангом ба парчини ҳисор мебароем...

Инро Рустам-паҳлавон бигуфт.

Шабҳангом!...

Суҳайл!...

Шабҳангом!...

## ШАБ

*Панҷагир аст чу марг ишқ!*
*«Суруди сурудҳо»*

Эй! Суҳайл! Шаб! Шаб! Шаб! Шаб! Кайҳо, кайҳо шаб аст!

Эй! Ва борон аст! Борон! Борон! Борон! Чӣ даркор борон, чӣ даркор?

... Ману акаи Рустам медавем, хаму рост мешавем, аз пахтазори лапанда, муҳаррик, тира ва гургсифат. Меафтем, пояҳои хушку тез, дилгири бараҳна мехарошад рӯямонро. Борон. Борони сарди аввали поизӣ meборад... Рафтан мушкил. Борони бадхашм, бераҳм. Нофорам... Хоки замин нарм мешавад, ба пой мечаспад, тунук мегардад.

Дар халтае занҷири навсохта, ҳанӯз сарднашудаи дарозу борик дорам. Ҳанӯз гарм аст он. Дар нӯгаш чангаке устувор, баҳри онро ба девори ҳисор андармон намудан...

Шаб! Борон! Саҳрои тира, саҳрои серлойи нопайдоканор.

Оҳ! Шаб аст! Шаби ширин, форам! Аллакай!

Оҳ! Борон аст! Борони дилгир! Чаро?

Аммо вазнин аст занҷир, вазнин! Занҷири нав! Ӯ наҷот хоҳад дод.

– Суҳайл, ту мунтазирӣ?

Куҷост ҳисор, куҷост Офтобқалъа? Куҷост парчини баланди ту? Куҷост абои парчаи дурдонаранги уйғ уриат? Куҷост маҳсиҳои сахтиёнаи оҳарии яманиат? Куҷост шаддаи бузургдонаи норсифатат? Куҷост сараки серҳаракати ба сари мурғ ак шабеҳат? Куҷост дидагони олусоят?

Куҷост?

Боз дар даҳонам гармсер аст!

Боз ду пиразани пастаки хомӯш дар даст теғҳои муҷаллои борику бурройи дарози димишқӣ наздик меоянд бар ман дар мазраи серлойи шолизори марвориддонаи азизам...

Шаб! Борон! Медавем мо! Занҷири наву гарм дар халта.

– Ака! Раҳгум назадаем мо? – нидо медиҳам дар борон.

– Ва... Ман роҳро медонам. Ҳозир мерасем. Хунук нахӯрдаӣ?

– На, ака. Ман Суҳайлро дӯст медорам! Ӯ мунтазир аст маро! Дар навдаҳои дарахти биҳӣ нишаста. Ва чашм бар роҳи ман бибаста!

– Мурғ аст вай? – механдад Рустам-паҳлавон.

– Бале. Ӯ мурғи биҳист. Бори нахуст дар хоб дида будам ӯро...

– Майлат. Тар нашавӣ, шамол нахӯрӣ, вагарна мурғат туро ба оғӯш гирифтан наметавонад. Охир ӯ мурғ аст на моҳӣ.

Рустам-паҳлавон механдад. Ман аз пеш дар борони тираи сахт тахтапушти паҳну пурраи ӯро мебинам ва аз ин хотирам осуда мегардад, рӯҳам меболад, мадорам фузун мешавад, дар саҳрои шабонаи серлойи ҷафокори тирамаҳ.

Шаб! Борон! Ту дар анқарибӣ. Суҳайл, ҳозир мерасем, Суҳайл!

Оҳ! Ана вай! Офтобқалъа!

Аз паси пардаи борон дар пешамон девори баланди қалъа мубҳам мешавад намудор. Баланд аст он! Аз он оби ғализи гиландуди борон мешорад. Оби часпак, пурлой боре чанд маро меафтонад аз пой. Аз деворҳои азим дур меандозад.

Истодаем. Карахт шуда. Гӯшу ҳуш шудаем, валекин касе нест, садое нест дар шаби беодами ғаддор... Ҳисор ба хоб рафта... Ҳаёти сокинони сархуши он аллакай бар болину гилемҳои маст рафта. Бале! Сукунат аст! Танҳо борон мелесад деворҳои ғафсу устуворро. Танҳо борон чок мекунад саҳроҳои шабҳангомро... Танҳо борон чок мекунад моро...

Рустам-паҳлавон халтаро аз дастам гирифта, занҷири борику дарози чангакдор ва ҳанӯз гармро бурун оварда, болои сар сахт тоб дода, боло меафганад. Чангак ба лаби девори лағжонак андармон мешавад, раҳо мехӯрад ва ба зер афтода, қариб бар сари мо бармехӯрад. Сипас ӯ бори дигар онро ба боло меандозад. Аммо бебарор аст кораш. Вай аз ҳад зиёд пурқувват, сахтпанҷа аст. Он гаҳ чангакро ман ҳаво медиҳам ва он ҳамон дам дар сари девор сахт мешавад устувор...

– Офарин, навбаст! – метабассумад Рустам. – Модом ки чангаки вазнинро чунин бо тездастӣ сабук партофтаӣ, метавонӣ, ки ҷасурона ба болои дарахт назди духтармургак бибароӣ! Ку! Баро бо занҷир!

– Ташаккур, ака! Шумо ба деҳа баргардед. Барои

занҷир ташаккур!

– Навбаст...

– Ба чашм.

Ман чанд муддат мехазам, боло мебароям бо занҷири тару лағ жонак. Занҷир озор медиҳад дастонамро, мебурад. Пойҳои ларзонам албонҷ мехӯранд, қат мешаванд ва бармехӯранд ба девори ғафси резон. Дурудароз мехазам. Ана кунун дар сари девор ёзидаам. Занҷирро ба боло мекашам, ғун мекунам ва ба зулмоти холии боронии ҳисор сар медиҳам, мепартоям. Онро... дошта-дошта фуруд меоям. Занҷир мехарошад, меканад, медаронад, ба дард меорад кафи дастонамро, валекин ҳис намекунам инро. Оҳ! Ман дар ҳисорам! Суҳайл, куҷоӣ, ту?

Медавам ман аз боғи мартуби биҳӣ. Кунун дар зери борон меваҳои зичу шахшӯл, меваҳои дерраси бобаҳо зарринтоб наянд, дурахш намезананд. Дигар намедурахшанд. Дигар боғ... урён. Дигар кулли биҳиҳо рехта, уфтода аз навдаҳои сарду сармохӯрдаи дудранг.

Дигар боғ урён.

Танҳо байни навдаҳои тар лонаҳои холимондаи мурғакон сиёҳӣ доранд, хасу алафи тари онҳо овезон... афтидан доранд.

Ва ин дам симои дарвеши нобино ёдам омад: – Дӯст доштан дар замони мо онро мемонад, ки мурғ дар сари роҳи пурчангу хоки корвон кӯр-кӯрона тухм гузошта бошад ё худ дар навдаҳои сарду урёни биҳиҳои испеди поизӣ ошён. Корвон мегузарад, суми уштурон зер мекунанд, ба хок яксон менамоянд, бод мерӯбад тухмҳои бепанаҳро...

На. Охир!

Медавам ман аз боғи боронзадаи шабҳангом!

– Суҳайл! Суҳайл! Куҷоӣ ту?

Медавам аз боғ. Сӯйи ту раҳ мепӯям. Ошёнамро меҷӯям. Туро меҷӯям Суҳайл! Куҷоӣ ту?

Оҳ! Ана ҷӯй! Вай аз борон лаболаб, пур, паҳну васеъ ва дамида! Ман қад-қади ҷӯй медавам, аз даруни ҷӯй медавам. Ҷӯй дарё шуда! Оби тира, маргхоҳ, гандида то зонувон меояд... то шикам... то гулуям...

– Суҳайл, Суҳайл, омадам, ки аз ҷӯй бинӯшам об, валекин ҷӯй дарё шуда!

– Дӯст медорам! Дӯст медорам!

Ҷӯй дарё шуда, Суҳайл!

Шино мекунам, шино мекунам, ғарқ мешавам, ғарқ мешавам дар ҷӯй, дар дарё...

– Суҳайл, Суҳайл, омадам, ки аз ҷӯй бинӯшам об, валекин ҷӯй дарё шуда! Суҳайл, куҷост дарахти ту? Куҷоӣ ту? Куҷост ошёнат?

Шино мекунам, ғарқ мегардам дар ҷӯй...

– Суҳайл, куҷоӣ ту!? Омадам, ки аз ҷӯй бинӯшам об, валекин ҷӯй дарё шуда! Куҷоӣ, ту Суҳайл?

– Ман инҷоям, ака. Гумон доштам, ки намеоед. Дар чунин борони тира, сел, шаби тира!

– Ман омадам, Суҳайл. Аммо ҷӯй дарё шуда. Гумонидам, ки интизорам нахоҳӣ шуд, Суҳайл.

Ҷӯй беқарор аст – Суҳайл интизор аст. Дарё беқарор – Суҳайл интизор!

Ман бо азобе бурун меоям, раҳо меёбам аз дарёи серлойи шабҳангом. Ана он дарахти Суҳайл! Ин садои гулбарги олучаи худрӯйи баҳорист, ки мерезад аз борон.

Дарахти танҳо қад кашида дар миёни дарё. Биҳии урён! Танҳо!

– Суҳайл, ба пеши ту, ба дарахт бароям? Ин ҷо тар аст. Ҳама ҷо об... Мумкин, Суҳайл? Ин ҷо дарёст. Мумкин?

– Бале, бале, ака... Биёед ба ин ҷо... Хушк аст ин ҷо...

Ба танаи сербуғуму тари дарахти биҳӣ часпида боло меравам. Дасту поям тар, меларзанд. Чаро меларзанд онҳо?

Дар байни навдаҳо суфачаи чӯбини бухоройие сохта –

болояш пӯшида бо бӯрёи найӣ.

Борон намегузарад аз он...

Хушк аст ин ҷо, ором аст...

Суҳайл нишаста. Орому хамӯш дар суфаи ором...

Менигарад Суҳайл. Орому хамӯш!

Наргиси олуфомаш илтиҷоомез! Аз чӣ хусус доранд илтиҷо? Ман намедонам... Намедонам ман...

Борон нарму хобовар мешорад, ширрас мезанад ба найзори бӯрё бархӯрда.

Батамом тар шудаам. Дар дарё будам шиновар. Саропо меларзам. Меларзам дар болои суфаи ороми чӯбини бухороӣ...

Он гаҳ ӯ ба сухан меояд. Сафир мебарорад, чаҳ-чаҳ мезанад... Навозиш... дӯстдорӣ менамояд...

Он гаҳ ӯ ба сухан меояд...

Ба сухан меояд...

Ман меларзаму менигарам ба маҳсиҳои нақшини бесадои мулоими сурху сафиёнаи ямании ӯ... ба абои дарозу марворидфоми парчаи уйғуриаш... ба пироҳани ёқутранги... ба шаддаи норасои бузургдонааш, ки бо дурахши чу оби чоҳ тирафоми беоромаш чашми кас мерабояд, – менигарам, ба шаддааш менигарам, бар лабонаш, ки дарёи дамидаро монанд, ба наргиси олуфоми беҳимояаш, ба тоқии заррини гилемранги биҳияш, ба сараки чу сари парандааш менигарам.

Борон нарму хобовар мешорад, ширрас мезанад, ба найзори бӯрё бархӯрда...

Он гаҳ ӯ ба сухан меояд:

– Ака, тар шудаед... Ака, меларзед шумо... Ака, бемор мешавед... Ака, ман на чойи гарм дораму на шароб... Ака, шумо бояд гарм бишавед... Ака, намедонам чӣ сон гарматон бикунам. Абои маро бигиред, ака. Бадар мекунад ӯ абои дурдонафомашро ва ба сӯям дармеёзад...

– Даркор нест, Суҳайл. Хунук нахӯрдаам, ман. Ин ҷӯй

аст, ки дарё шуда...

– Хунук хӯрдаед, ака... Бипечонед худро... Саропо меларзед... Пироҳани маро бигиред. Вай ба сони кампал гарм аст... – ва ӯ бадар мекунад пироҳани вазнини ёқутфомашро...

– Даркор нест, Суҳайл! Ман на аз сардӣ меларзам! Ин ҷӯй аст, ки дарё шуда...

– Тоқиамро бигиред, ака... Ва низ шаддаамро...

– Даркор нест, Суҳайл! Чӣ лозим ба ман шадда? Чӣ кунам онро?

– Хунук хӯрдаед, ака... Меларзед... Гарм шудан наметавонед... Аз борон?

– На, Суҳайл.

– Бигиред... маро, ака... Ака! Охир хунук хӯрдаед!...

– Суҳайл, Суҳайл, ин ҷӯй аст, ки дарё шуда!... Суҳайл, кунун ту низ меларзӣ!

– Бале, ака... Ҷӯй дарё шуда, ака! Ҷӯй дарё шуда...

– Ман дӯст медорам! Дӯст медорам! Дӯст медорам! Дӯст медорам! Дӯст медорам! Туро! Туро! Туро! Суҳайл! Духтари хон! Ҷӯй дарё шуда! Суҳайл!... Дарё шуда!...

– Ман дӯст медорам! Дӯст медорам! Дӯст медорам, дӯст медорам! Дӯст медорам! Шуморо, шуморо! Шуморо, акаи Насриддин! Писари кӯзагар! Оре! Ҷӯй дарё шуда! Ака!... Дарё шуда!...

Борон, борон, борон, нарм-нармак, хобовар мешорад, ба кас ҳаловат меорад, месарояд, фиғон мекунад, нафир мебарорад, мечаспад ба найзори бӯрё. Фурӯ меравад ба онҳо... Фиғон мекунад... фаро мегирад... афсун менамояд... хира менамояд...

– Ҷӯӯӯӯӯӯӯӯӯй даааарё шудаааааа, Суҳайл! Эээй!

– Ҷӯӯӯӯӯӯӯӯӯй даааарё шудаааааа, Насриддин! Эээй!

Шабҳангом!

Борон!

Дарё!

Дарахт!

Аммо!

Ва рехт борон.

Ва ҷӯй дарё шуда.

Ва духтари бокира зан шуда.

Ва дамид субҳ.

Ва субҳ бикушт шабро...

Ва даррасид субҳи намноки ноболиғ. Субҳи тира... Тирарӯҳ... Кунун боғи тару гарон сар мекашад, мелаппад, арзи вуҷуд мекунад дар борон...

Боғи шаффоф, мусаффо...

Урён...

Боғи урёни анбӯҳи тирамаҳ...

Кунун дар он меваҳо намонда. То баҳорон ниҳон гашта.

– Вақт шуд, Насриддин!

– Вақт шуд, Суҳайл!... Ман ин шаб меоям...

– Мунтазири шумо мешавам, ака. Бигиред аборо. Борон аст онҷо.

– Даркор нест! Ҳолам хуб аст! Гарм шудам! Тасфидаам! Хушбахтам ман, Суҳайл!

– Бигиред аборо, ака...

– Ба чашм, Суҳайл... Мегирам онро... Валекин шаддаи гарданат ин ҷост... шаддаи норфомат, Суҳайл... Ту онро дар або фаромӯш карда... Бигир онро... Ба гарданат андоз...

– Ин шадда нест, ака... шадда нест... ин... хуни ман аст... хуни аввал... ака... Аборо нагиред, ака...

– На! Мегирам онро! Ман ин аборо дӯст медорам! Ман онро пос хоҳам дошт! Абадулобод! Суҳайл! Хушбахтам ман! Тасфидаам! Сурудан мехоҳам! Фарёд кашидан мехоҳам! Эй, мардум! Ман дӯст медорам! Дӯст медорам! Дӯст медорам! Ман дӯст медорам Суҳайлро! Эй, мар-

дум!...

– Оҳиста, ака! Қара Бутонро бедор мекунед! Мекушад ӯ шуморо! Оҳиста! Рафтем, ака! Алҳол ки Қара Бутон бедор нашуда, бигурезед!...

– Эй мардум! Хушбахтам ман! Тасфидаам! Ман Суҳайлро дӯст медорам! Аз ман аст ӯ! Суҳайли ман!...

Эй!

## МАРГ

*Ва он ҷое ки ҳаёт фузун аст,*
*марг фузун бувад он ҷо.*
***Авасто***

Боз медавам, медавам аз боғи биҳии бомдодии ҷунбандаи тари ҳисор!

Дафъаи аввал ҷомаи тазарвранги ҳарамии Талъатбек бар тан давида будам.

Кунун куҷоед, беки муҳтарами матаваффо, муаллими бебарори ман. Муаллими Ишқ? Оё ҷой доданд шуморо ба боғҳои шакаррези фирдавс? Ё марги шумо дар ҳарам марги охиратон буд?... Ва бимурдед ширин, ба хоб рафтед, дур шудед, орамидед чун магаси тирамоҳии афсурда, хоболуд, вазнини дар ангубин дармонда? Саодатманд аст магар чунин магас? А?... Оҳ!

Он гоҳ биҳиҳои бақодори заррини охирини деррас дар навдаҳо ҷафс мешаванд! Биҳиҳои обдор!

Кунун медавам аз боғ абои дурдонаранги Суҳайл бар тан, кунун навдаҳо аз меваҳо холӣ, дарахтон кунун урён... Вале хушбахтам ман! Сахиям!... Баҳориям!

– Эй, мардум! Ман Суҳайлро дӯст медорам! Аз ман аст ӯ! Суҳайли ман! Аз они ман!...

Фарёдзанон медавам аз боғи нопойдори тару тираи боронзада... Ва ин дам чизе аз пеши чашмам мегузарад,

ба назар менамояд, кадом сояи номаълуми кач аз паси танаҳои дарахтони оғӯши туман лаҳзае намоён мегардад. Бозмеистам, атрофро аз назар мегузаронам: сояи кач ғайб мезанад... Шояд ин ҳама ба чашмам намуда? Шояд пораи тумани ғафсест мехазад, шино мекунад, пора мегардад, худро мегустурад...

Субҳи рутубатнок, субҳи хом, тира... Субҳи нофорам... хира.

Валекин медавам, медавам ман ва аз боғи тари пуртуман зуд-зуд нафас мекашам, пораҳои пахтаосои тумани равонро мебарам фурӯ!

– Суҳайл, ман туро дӯст медорам! Дӯст медорам!

Ва ин дам чизи нарму сабуки тар поён мешавад, мепечад, фаро мегирад сари тарошидаи маро. Ин лонаи хасини тар, боронзада, кушодашудаи мурғ акест... Лонаи уфтода...

Ман онро намегирам аз сарам. Вай дастори хасинро мемонад, маро аз борон панаҳ мекунад... Медавам бо дастори хасинам.

Ва ин дам боз дар пеши назарам намоён мешавад, шино мекунад симои дарвеши нобино: – Дӯст доштан дар замони мо онро мемонад, ки мурғ дар навдаҳои урёну испеду сарди поизии биҳӣ ошён бимонад... Ҳамлавар гардад шамол – аз ошён асаре нахоҳад монд: кушода мешавад, паҳну парешон мегардад, ба ҳаво мепарад, бар бод меравад...

На!

– Суҳайл, ман туро дӯст медорам! Ошёни мо пареш нашуд, науфтод! Бар ҳаво напарид! Бар бод нарафт! На!...

Медавам аз боғ.

Дар даст абои маҳбуби дурдонаранг дорам... доғи норранг дорад он!... Абои чун биҳӣ шахшӯл! Аз миёни туман девори ҳисор намудор мегардад. Қад-қади девор медавам. Занҷирро меҷӯям... Дармеёбам онро. Бо тамо-

ми қувва ба китфонам мепартоям – чангак канда нашуда бошад. Барҷост он. Оҳангари моҳир аст... Рустампаҳлавон...

Ман бори охир баргашта ба боғи тира ва тару тумано-луд менигарам. Боз сояи касе дар он ҷо, паси танаи боронхӯрдаи дарахтон мегардад, тунук мешаваду густурда, пинҳон мегардад, мепояд. Не... Туман аст он.

Дар як даст або дорам. Бо дасти дигар аз занҷир медорам. Сарду сахт аст вай. Дар давоми шаб сард шуда. Муддати дароз бо он боло мешавам, мехазам. Бо як даст дошта боло шудан мушкил афтод, валекин бо пойҳоям мечаспаму ба хеш ёрӣ медиҳам...

Борон... Лойоба оҳиста аз девори каҳгил мешорад... Ана дар сари деворам... Вазнин нафас мекашам. Занҷирро аз боғи зери туман мекашам, ғун мекунам.

Ва ҳамин дам овози ғафси гирифтаи сарди касе аз поён мегӯяд:

– Насриддини навбаст, ин туӣ?

Оҳ!

– Ака! Дӯстам! Азизам! Бародари азизи ман. Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Туро мунтазирам, навбаст. Зудтар ба поён ой... Ҳозир чашми рӯз мекафад. Хобам гирифта.

– Ту тамоми шаб ин ҷо мунтазир будӣ? Дар назди девор? Дар ин борон?

Ман ин замон чангакро аз сари девори каҳгил меканам ва бо занҷиру чакман худро ба зер меафганам, мепарам кӯр-кӯрона хурсанд дар торикӣ аз девори баланд...

– Эй, акаи Рустам! Дӯстам! Бародарам! Азизам! Охир саропо тар шудаӣ, меларзӣ! Чаро, дӯстам?...

Ман ба лойи мулоими равон меафтам ва аз ин рӯ пойҳоям сахт озор намеёбанд, намешикананду тоб намехӯранд.

Ба оғӯш мекашам акаи Рустамро, сипас аз бахти ба-

ландам мегирям, аз ишқи Суҳайл, аз эҳтирому муҳаббате ки ба акаи Рустам, ба ин субҳи туманолуда дорам, мегирям...

– Ба яке борону ба яке духтар... Охир бори нахуст ҳамроҳи духтар будӣ, навбаст... Аз ту дар ташвиш будам. Диламро гургон тала карданд... Ҳамеша ҳушу гӯш будам, ки шояд аз байни борон садои имдодхоҳонаи туро бишунавам, – метабассумад акаи Рустам ...

Ва боз табассум ҳам мекунад. Ҳазл мекунад, механдад. Азизи ман... Чун гӯсолаи дар саҳро мондаву аз сармо ларзон асту шах шуда... Дӯстам!...

– Аборо ба китфонат бигир, ака. Вай хушк аст. Ин абои ӯст... аз они Суҳайл...

– Биё ба оҳангархонаи ман меравем... Бӯза менӯшем... Гарм мешавем...

– Медавем, ака! Эй! Хуб аст чӣ қадар! Ҷонам меболад! Мепарад!

– Хуб аст, навбаст!...

Ман аборо ба китфони акаи Рустам меандозам ва занҷирро ба дастам мепечонам.

– Давидем, ака!

Акаи Рустам ба сӯйи девор менигарад, гӯё дар тумани шиновар касеро мебинад, пай мебарад...

– Касеро дидӣ, ака?

– На, навбаст... Ба чашмам намуд... Рафтем... пеш даро... Ман аз дунболат меравам...

Мо зуд ҳисорро, деворҳои тумангирифтаро тарк мегӯем... Дар лойи ғафси саҳрои сағирмондаи бомдод меғӯтем... Босуръат меравем... Қариб медавем... Меғӯтему медавем... Саҳро бепаҳност... Борон беинтиҳост... Беинтиҳост ҳаёт... Масъуд аст!... Эй!

Медавам аз саҳро... Чашми рӯз мекафад... Ҳисор кайҳо дар туманот ғайб зада... кайҳо дар ақиб монда...

– Ака, деҳа наздик аст. Ҳозир бӯза менӯшем. Оҳ, ака,

ман сурудан мехоҳам... рақсидан! Дилу ҷонам болида, оташ гирифта!

– Бӯза ки нӯшидем, ҳар қадар бихоҳӣ, бисарою бирақс, навбаст! Чунин шаб дар ҳаёти кас танҳо як бор мешавад. Танҳо як бор. Як бор барои тамоми умр... Чун модар.

Аллакай аз паси пардаи туман садаи хушкидаи чинӣ рух менамояд. Аллакай деҳаи мо, деҳаи хурдакаки камбағали мо, ятимона, намзада дар тумани атроф шиновар мешавад... Аллакай хурӯсони камёби ҳазини тирамоҳии гаронгӯш фарёд мезананд канда-канда...

Медавам ман...

– Эй, ака, хаста шудӣ? Қафо мондаӣ!...

– Мерасам ба ту, баробар мешавам...

Ба қафо менигарам, Рустам-паҳлавон аз пасам медавад. Метабассумад. Дар китфони васею тавонои ӯ мелапад, меҷунбаду алвонҷ мехӯрад абои дурдонаранги тангу дароз... Вай барои ӯ басо танг аст... Хандаовар! Аҷиб аст, ки аз сари китфони ӯ науфтода. Охир акаи Рустам дартоз асту онро намедорад... Вале або намеуфтад.. Ту гӯӣ чизе онро дошта...

Механдам ман...

– Ака, або ҳатто гӯшатонро намепӯшад. Чӣ сон намеуфтад он?! Чӣ онро дошта?...

– Истодааст, навбаст... Сахт истода... Мисли ин ки мехкӯб кардаанд... Мехкӯб...

Дар назди оҳангархона бозмеистам. Вазнин нафас мекашам. Мунтазирам акаи Рустамро.

Ӯ тозон меояд. Метабассумад. Абои дурдонаранг дар сари китфонаш... алвонҷ мехӯрад, мелапад дар бӯрон...

Акаи Рустам дар пеши ман қарор мегирад. Сипас оҳиста, мадид, хоболудона дароз мешавад, қад меёзонад, меуфтад бар замини нарму часпаки боронзада...

– Ака, поятон лағжид?... Фалокатовар, ноаҳл, равон

аст замин... Поятон лағ жид, ака?...

– На, навбаст... Аниқтар, кунун наргов...– лабханд мекунад ӯ.

Ман фурсати ӯро доштан, боздоштан намеёбам ва ӯ дар рӯйи роҳ меуфтад. Ёзидааст вай дар замини равони боронзада, сари бузургаш ба як сӯ моил ва рухсораш ба лойи мулоими роҳ фурӯ рафта... Ту гӯӣ хобаш бурда... Дар табассум аст ӯ... Гӯйё бари рӯяшро ба болин монда, фурӯ равонда... Дар тахтапушташ тир халида... Чуқур халида. Тири ба нишон расида. Тири сармаст: Тири сархуши муғулии чаҳормағзи сахт... Мешиносам ин тирҳоро. Онҳоро «минқори паррони уқоб» гӯянд... минқор зада мекушанд онҳо... Чуқур, бераҳмона мешикофанд. Ҷисми касро нарм месозанд то абад!...

...Хун мемакад тир! Хун мемакад тир! Хун мемакад тир... Кунун макида!... Сахт фурӯ рафта! Ниҳонкор! Тарррор!...

– Ака! Кунун донистам, ки чаро або аз китфонатон наафтода!.. Вай дӯхта буд, пайваст буд, тиркӯб буд ба ҷисми зинда дар ин субҳи туманкашида бо тири борик! Тирпайваст буд он!... Ака, кӣ парронд ин тири ваҳшии девонаворро!... Кӣ, ака?... Сабр бинмоед, ака!... Намиред!... Ягон чиз бигӯед!... Ба хоб наравед. Чашмонатонро мапӯшед, ака!... Бигӯед ягон чиз!

– Қара Бутон... Ӯ дар он ҷо буд... ниҳон... дар туман, назди девор... Ман нахостам инро ба ту бигӯям, навбаст...

Ва ин дам ёдам омад он сояи пинҳонкор, ҷӯянда, бадаъмоли паси дарахтон ва нигоҳҳои акаи Рустам ба сӯйи тумани шиновари шабаҳранг...

– Мебинед, ягон касро ака?...

– На, навбаст... Ба назарам намуд... Рафтем... Аз пеш гузар... Ман аз дунболат меравам! Аз дунболат...

Ман надидам касеро. Ӯ Қара Бутонро дида...

– Ака, шумо бо тахтапуштатон пеши чашмамро гириф-

таед... Шумо инро медонистед, ака! Шумо қабул доштед, ба худ гирифтед тири маро, ака!... Чаро?... Ин тири шумо нест... Тири дигареро гирифтаед, ака... Чаро?... Бидиҳед, тирро ака?... Бидиҳед!... Бегонааст он... Тири ман аст...

– Кунун метавонӣ онро бигирӣ, навбаст... Кунун ӯ мурда...

– Ака, тир дар тахтапушт аз тамоми саҳро давидед?... Чаро зуд нагуфтед!...

– Дилам бо ту хуш буд, навбаст!.. Меболидам аз ту! Офарин бар ту!... Надидам тирро, пай набурдам, ҳис накардам... Ва аборо бахубӣ медошт... Осон буд давидан!... Ғам махӯр, навбаст... Аниқтар, кунун наргов...

Наргов...

Метабассумад ӯ. Ҳанӯз ҳам лабханд дар лабонаш гул мекунад. Чашмонашро ҳиҷоби сафедтоби хобовари тунук фаро мегирад. Ман медонам, медонам ин ҳиҷоби вопасинро... фаро мегирад. Чун абрҳои тирамоҳ. Ҳиҷоби ғафс. Ширфом...

– Ака, ман ин тирро ба Қара Бутон хоҳам баргардонд! Бармегардонам!.. Савганд мехӯрам!... Болин... болин ...биёр...

– Хуфтан мехоҳам, навбаст... Болин... болин... биёр... биёр... Ва кампал. Тахтапуштамро бипӯшон... Хунук хӯрдам... Хунук... тахтапуштам... урён... сард аст... навбаст... бар... тамом...

Тамом!

Меборад борон. Туманолуд. Лағжонак... Беҳолу суст... реза...

Дар абои дурдонафоми парчаи уйғурӣ ду доғ ест... Ду хун. Хуни ду шахси аз ҳама маҳбуб, азиз, меҳрубони ман... Аввалӣ хуни масъуди Суҳайл... Ва дувум – хуни сӯзон, гарм, хуни ҷонсӯзи Рустам-паҳлавон... Ду доғ!... То абад онҳо бирехта ... то абад...

– Ана, ман ин тири манфури тирасарро ба Қара Бутон

хоҳам баргардонд!... Савганди ман ин аст!... Бармегардонам!...

Ман оҳиста, боэҳтиёт мекашам, мебарорам тирро аз тахтапушти Рустам-паҳлавон. Сахт аст он. Чуқур рафта. Ба дарун халида. Ба ботин ... Ба ҷон... Манфур... Сайқалёфта... Кунун мурда...

Тир ҳамон вақт зинда бувад, ки мепарад, шиввас мезанад, туъмаҷӯяст...

Танҳо тири паррон – зинда.

Кунун мурда. Ғамовар. Тири биёбонхӯ... Нодаркор.. Сархӯр. Таррор. Қотил... Зиндагикуш...

Тири ман, вале онро акаи Рустам гирифта...

Ман онро ба даст гирифтаам. Аз дунболи зардаш доштаам, зеро вай батамом тоза асту тар ва тираву часпак...

– Ака, ман ин тирро ба Қара Бутон хоҳам баргардонд!... Савганд мехӯрам!...

Аммо!

Оҳ!... Чист ин?...

Аз тумани роҳро фарогирифта бурун меоянд, меҷаҳанд, медаванд, саворагон, саворагони аспони азими ваҳшии қароширӣ... Чунин аспон мехӯранд гӯшти заифонро ва дармеафтанд ба гургон... Аспҳои ваҳшӣ... Ва саворагонашон низ... Инҳо сарбозони беканд... Одамони хамӯши хоболуди даррандахӯ... Сайёдон... Ва иҳота мекунанд маро... Хомӯшанд... Бераҳмона менигаранд ба Рустам-паҳлавони мурда... Сипас Қара Бутон мешавад пайдо. Савори аспи лақай. Дар даст тозиёнаи ба ман шиноси пайкондор. Бедорхобӣ кашидааст ӯ. Шояд маст аст. Хирарӯст. Тирарух. Махуф. Пурқароҳати манфур.

Боз чашмони зардгуни сероби халанда менигаранд ба ман... Боз ду тири муғулӣ, уқобӣ, садодори борик мелағжад, аз назди гӯшҳоям ҳуштаккашон мегузарад... На! Як тир аллакай ба нишон расид. Бихалид. Кунун намелағжид. Кунун мурда, дӯсти ман акаи Рустам ва ӯ

дар раҳи серборони серлою часпак хуфта... Бо тири ман дар тахтапушт хобида!...

Қара Бутон фарёд мезанад, механдад қаҳқос аз болои асп:

– Эй бидоред, бибандедаш ин суздро!... Яғмогари меваҳои дигаронро!... Ниҳоят сайд ба дом ва луқма ба ком афтид!...

– Отабек, сайёди беҳунаред шумо!... Шуморо мебояд, ки дар байтулвуҳуш... ҳайвонҳои қафасро сайд бикунед... Беҳунарона тир меандозед шумо... Хосса бар тахтапушт!... Тиратон хок мехӯрад, Отабек!... Сайёди олус!... Нобино!... Қотил!... Бебасару хирасар!...

Пӯсти рӯйи Қара Бутон мепарад, меларзад, каж мешавад, мефурояд чу ярч. Менишинад. Хиррос мезанад...

– Кунун тирам ба хато нахоҳад рафт! Амр мефармоям, то чӯбкориат бикунанд!... Гард ту! Чанг! Сагбача! Мӯрча! Тухми мор!... Пиразанони ҳарам ахтаат мекунанд, яғмогари меваҳои дигарон!... Шабушки кӯрпаи дигарон!...

Боз пиразанон – кӯрмушҳои саҳроии пакана, бо теғҳои муҷаллои борику дарози димишқӣ ба таъқибам мепардозанд, ба таъқиб...

Чаҳор сарбози сермӯй меҷаҳанд, фуруд меоянд аз аспҳо ва дармеафтанд ба ман. Вопасин коре тавонистам бикунам, ин буд, ки занҷири борику дарози чангакдорро ба мӯзаи васеи даридаам андохтам ва ӯ он ҷо бесадою хомӯш ғун мешавад, ниҳон мегардад чу мор.

– Ман тири нобакору бадкоратонро бармегардонам, Отабек!... Ва на бар тахтапушт, чу номардони тарсу, балки бар башараи гургонаатон! Бар чашмон! Бар чашм! Тирам хато нахоҳад хӯрд!... Қотил!... Гурбаи ошолуду гаргини найзор!...

Фарёд мезанам ман! Нафасам мегардад! Ҳамла меорам! Дар даст тир сӯйи Отабек, валекин сарбозон даст-

гирам мекунанд... сарбозони фаҳул, арақшори бадбӯй ҳалқа мегиранд маро, мекашанд аз пуштам, ба дом мегиранд... тирро мекашанд аз дастам... чашму биниамро ангуштони бо дастони ғафси нашъабӯяшон... ин ангуштони мутааффин буғӣ мекунандам... ман якеро мезанам бо лағад, дигареро бо мушт... валекин онҳо маро бо банд мепечонанд, мебанданд... мебанданд чуноне ки пойҳои гӯсфандро қабл аз сарбурӣ, қабл аз кордмонӣ, қабл аз ҷонсупорӣ бибанданд...

Мебанданд ва бо дасту пойи бандпеч маро дар лойобаи роҳ мепартоянд.

Хуфтаам дар пеши акаи Рустам.

– Сараш бибурам? – хунсарду бепарво мепурсад аз Отабек сарбози чашмкабуд ва аз мӯзааш корди паҳни кабудчаи афғониро кашида, хам мешавад бар сари ман.

Ба корд менигарам... ба теги тозаю урён ва сарди наздик, наздик, наздик... сипас ба чашмони кабуди хоболуду хумории сарбоз...

– Чӣ чашмони хуби осмонранг дорӣ ту! Ту шояд, кӯҳистонӣ? – мегӯям оҳиста. – Танҳо онҳое чунин чашм доранд, ки ҳампаҳлуи осмонанд!

– Бале, – бо дили нохоҳам посух медиҳад ӯ ва чанд бор чуноне ки сартарош теғро ба тасма мекашад, кордро ба соқи чармсиёҳи мӯзааш мекашад. – Кӯҳистониам ман... Туро чӣ?...

– Чашмонат, кӯҳистонӣ, ба сони афлок озода, валекин ботинат сиёҳ аст чу ин мӯза!... Э-э! Кунун дар кӯҳҳои барфистон низ одамчаҳои сиёҳ пайдо шуда!... Ба сони кайкҳои сиёҳ дар намадҳои олиҷанобӣ мунаққаши қунғуротӣ хазанда!... Оҳ!...

Механдам ман. Дар дами теғ... Ва теғ бесаброна ба ларза меояд, дар таги гулуям беқарорӣ мекунад... Гулуямро мехоҳад!

– Бибурам? – фарёд мезанад кӯҳистонӣ гулударрон,

ваҳшиёна ва чашмонаш ба зайли осмони холии тобистон биёбонфом мегарданд. – Бибурам? Бибурам?... Бибурам?... Басо мехоҳам, ки гулуяш бибурам!... Ниҳоят буридан мехоҳам!... Отабек, мехоҳам! Мон! Бибурам!... Корд орому беовоз медарояд дар ӯ чун бар харбузаи пухтаи деристодаи нарми Хева!... Мехоҳам!... Буридан!...

– Вақт аст!... Ба ту медиҳам онро, аммо саравval худ бо ӯ гуфтугӯ карданиам. Ба зиндон баредаш! Бигузор, он ҷо чун биҳии тирамоҳ дар навда бипазад.

– Валекин мехоҳам ман, мехоҳам, мехоҳам! – қариб мегиряд аз алам кӯҳистонии ҳариси шавқманд. – Инро корди ман мехоҳад! Басо мехоҳад!... Бекор нишастан бар дилам зад!... Мехоҳам! Буридан!...

– Гиря макун, – оромаш менамоям, – кордро ба соқи мӯзаат бимон. Каме дам бигир. Охир дар аморат чӣ корҳои фузун дорӣ! Корҳои фузун!... Кунун фузунтар хоҳад шуд... Каме истироҳат низ бояд... Дам бигир аз амали порсоёна! Дам бигир, эй, заҳматкаш!... Истироҳат бикун!... Ва мон, ки мо низ каме биосоем!... Эҳ! Бимон, ки биосоем!

Дилам месӯзад бар Кабудчашм. Бар ин кӯҳистонии шавқдори номафҳум, пурхурӯш. Аммо чӣ сон метавонам мадад диҳам бар ӯ?... Чӣ тавр?... Охир Отабек намегузорад, ки вай кордашро ба кор биандозад. Алҳол намегузорад...

– Ба зиндонаш бибаред! – фарёд мезанад, хиррос мекунад Қара Бутон.

– Ман бармегардонам тири манфур! Ниҳонкор! Шабгард! Тахтапуштшини шуморо! Қара Бутон!... Савганд мехӯрам!...

Оваҳ!...

Сарбозон маро аз замин бардошта кашолакунон ба назди аспҳо меоранд... Аз Рустам-паҳлавонам ҷудо месозанд... То абад... Алвидоъ, дӯсти вафопешаи абад фавти-

даам, Рустам-паҳлавон!.. Алвидоъ, азизи ман! Алвидоъ, ҷони хобида, ноҷунбон хуфта, бегуноҳ дар роҳи борон-задаи серлойи тирамоҳии деҳа куштаам... Алвидоъ!... Ба ҷойи ман кушташуда... Оне ки тири маро гирифта... Акаам... Бародарам... Ҷони ширинам... Алвидоъ!... Эҳ! Қасос хоҳам ситонд!...

## ЗИНДОН

*Маҳбаснишастаро фикр дар озодист,*
*озодбудагонро фикр дар маҳбас.*
***(Зарбулмасали туркӣ)***

Оваҳ!

Ман намедонистам, ки дар рӯйи замин зиндонҳо мавҷуданд... Танҳо шунида будам, валекин гуфтаанд: як бор дидан беҳ аз сад бор шунидан... Ва боз беҳтараш боре дар он ҷо будан? А?... Оҳ, зиндонҳои дилнишини замини одамон!... Оҳ, гӯристони иҷорашинони зинда!... Ин ҷо дар чоҳҳои тааффунӣ, обгузар, мағорбаста одамон дафну ба чанги фаромӯшӣ додашуда.

Одамони охират... Онҳо дар ин ҷо ба сони кирмҳои таҳхона меҷунбанд. Ин ҷо мехазанд... меҷунбанд... давр мегарданд... одамон-кирмҳо...

– Суҳайл, Суҳайл, мо мехостем, ки дар болои дарахти баланд ошёни мурғонаи ишқ бунёд бикунем... ин ҷо бошад одамон дар замин... зери замин... мехазанд, одамон-кирмҳо...

Суҳайл, мо мехостем, дар болои дарахт бисозем ошён... Эй, Суҳайл! Ҷӯӯӯӯӯӯй дарёёёёё шудааааа! Чӣ сон дурӣ, Суҳайл!...

Ва реги равон мепӯшонад, фаро мегирад, мазраи хурдаки бечораҳолонаи дурдонафоми маро!...

Аммо!...

– Қара Бутон, ман бармегардонам тири манфуру бадкори шабкори тахтапуштзани туро!... Бармегардонам!...

Валекин чӣ сон раҳо биёбам аз ин зиндон? Аз ин чоҳи тааффунӣ жарфои гӯрсон?...

Истодаам ман дар гилу лойи бадбӯйи равон то зону... Ин ҷо обгурези бадбӯ, партов аст... Чоҳи мағзобадор, чоҳи мурда... Чоҳи охир... Дар ин ҷо кас мемирад, нафасгир мешавад танҳо аз бӯйи фалокатбор, данд, пӯсида, ҳазёновару манфур... Зулмоти тар, анбӯҳ, сияҳпардаи касногузар... Ба назарам менамояд, ки танҳоям дар чоҳ, аммо мешунавам, ки касе дар паҳлуям нишаста, нафас мегирад, зиндагӣ дорад... ҷисми зинда... пурумед... дар лойи равони помолшуда қадам мепартояд...

– Кист он ҷо? – як қад мепарам. – Кист дар ин зулмот?...

– Дар китоби қадими «Достони Виразиорсо» оварда, ки дар ҷаҳаннам чунон зулмот аст, ки ҳарчанд одамон он ҷо ба сони мӯйи сар фузунанд, ҳар кадом гумон дорад, ки худ танҳост... Бояд одамонро гирифтори танҳоӣ бикард в-он гаҳ дар рӯйи замин ҷаҳаннам хоҳад шуд. Ҳокимони мо ҳамин чизро хоҳонанд...

Оҳ!... Мешиносам ман ин овозро. Ин овози дарвешқаландари нобиност...

– О Худоё?... Худоё!... Бобо шумо, охир чаро инҷоед?... Барои кадом гуноҳ?... Пир... Нобино...

Ва ӯ низ бишнохт маро. Бишнохт...

...Эҳ, писарам, нобиноӣ ту ... Дӯст доштан дар замони мо онро мемонад, ки мурғ дар сари роҳи пурчангу хоки корвон кӯр-кӯрона тухм гузошта бошад ё худ дар навдаҳои сарду урёни биҳиҳои испеди тирамоҳӣ ошён... Чу корвон гузашт, аз тухмҳои бепанаҳ нишоне нахоҳад монд – суми уштурон зер мекунанд, ба хок яксон менамоянд, бар бод медиҳанд тухмҳои бепанаҳро... Ҳамлавар гардад бод, ошён бар ҳаво, бар бод меравад... мегардад

валангору вайрон.

...Бингар ба ин хоначаҳои лоини садсолаи бепаноҳ... ба ин деворҳои каҳгили пастаки камбағ алонаи гаронгӯш.. Ба ин кӯдакони гӯсолачашми ғ амбор... Магар дар ин ҷо, дар ин дунё метавон дӯст дошт?... Магар мумкин аст ин? Магар дар миёни бебизоатон сарватманд шудан мумкин?

Оҳ, худоё!... Бобо, охир шумо чаро ба ин чоҳ уфтодаед?... Барои кадом гуноҳ?... Пир... Нобино...

– Писарам, дар аморати мо кулли роҳҳои пок ва пайраҳаҳои некӣ, чун дарёҳо ба баҳр, ба зиндон мебаранд... Танҳо кӯрон, карон, аблаҳону хашмдорону шикамсерон намебинанд инро... Валекин ман мебинам... Ҳарчанд ки маҳрумам аз дидагон...

– Ва ман низ мебинам... мебинам... бобо... Кунун мебинам!... Ҳарчанд зулмот аст ин ҷо...

– Танҳо як зулмоти ваҳмовар аст – зулмоти ботин... Аз ӯ худро нигаҳ дор... Зулмоти зиндон гузарост... Аксарият дар ин зулмот мепазанд, мерасанд...

– Ман пухтаам, бобо. Ман аз ин ҷо раҳоӣ мехоҳам. Ва шуморо наҷот бахшидан... Ва кулли ононеро, ки дар зиндонҳои олам азият мекашанд!...

– Эҳ, писарам, ба ин умри ту намерасад...

– Мерасад, бобо!...

– Мо мадад мекунем! – овози гирифтаи пурқуввати касе аз зулмоти хафакунандаи зиндон баромад...

– Кистӣ, ту, дӯстам?

– Деҳқонам ман, акаи Шукур...

– Ман Насриддин, писари бобои Мустафои кӯзагар... Барои кадом гуноҳат туро ба зиндон афгананд, акаи Шукур?...

– Тирам хато хӯрд!... Каме саҳв кардам... Чигил кардам… Бесаводам ман... Нахонда...

– Чӣ кор кардӣ?...

– Ба ҷойи он ки пахтаро нарм бикунам, бо каландам

аммомаи сафеди андозғундор – амлокдорро каме нарм кардам. Андозғундори калони Бухороро... Иштибоҳ кардам – аммомаи бошаҳомати сафедро аз ниҳоли пахта фарқ накардам... Каме саҳв кардам... Нахондаам ман... Аз хастагӣ... Чашмонам пӯшида шуданд – парда гирифт онҳоро. Хобидан хостам... Хобидан хостам... Нахондаам ман... Аз ин рӯ, хато кардам! Аз ин рӯ, афтодам ба зиндон!...

– Яке бо забон мубориза мебараду дигаре бо каланд... Гуногунанд одамон...

Ҳамин дам оҳкашии мадиди хиррии касе ва овози пиронаи паст, ки ибодат мекард, расид бар гӯшам аз зулмот:

– Ло иллоҳа иллалоҳу Муҳаммад расулуллоҳ!... Дар ин торикӣ вақти намозро намефаҳмӣ, фарқ намекунӣ... Э Оллоҳи муқтадир, бубахш бандаи осии заминиатро – кирмро... Бистон ҷонамро зудтар, ноайёну нобаҳангом!... Бифирист Азроилро, ё Оллоҳ!... Дари фирдавси ангубинсифат, гулафшону серобу фаровонро бикушо ба рӯям!... Аз ин ҷаҳаннами рӯизаминӣ монда шудам... Ё Оллоҳ, чаро ҷаҳаннамро бар замин менишонӣ?... Чун пари паррони зоғ он...

– Кистед шумо, домулло? – боэҳтиром бигуфтам дар торикӣ.

– Ман Хоҷа Алӣ Акбари мунаҷҷимам.

– Домулло. пас чӣ кор мекунед, дар зиндон?... Охир аз ин ҷо исторагонро дидан ҳам наметавон?...

– Ман хаста шуда аз исторагони хамӯш, аз маҷмӯи кавкабони бепарвою сард... Ман бар оташакҳои хурди ғамбори наздик, бар оташакҳои замини ман... оташакҳои шабхангоми деҳоти нодорам... ба гулханҳои шубонон, ба оташи танӯрҳои нон... ба дуди тунди саргинхо... ба шамъҳои милмилаки халқам... менигаристам... Ман аз кавкабони азими хунсарди коин ба оташҳои

маҳбуби замини бечораю фаромӯшгаштаам омадам... Ман одамони одиро мешунидам, то чиҳо мегӯянд, на сайёрагони афлокро... Ва пешгӯӣ кардам ҳалокати ногузири ҳокимони аморатро... Вайрону харобшавии Мовароуннаҳрро... Юриши душманони афлокӣ – саҳронишинонро... Саргум уфтодани кӯшку ҳисору тахту тоҷҳоро... Ҳуҷуми регзори равонро, ки билоди қадимро то абад хоҳад пӯшонд... Ман аз осмон бигрехтам ба замин... Валекин ғамбор аст замини мо... Ва дилам мехоҳад, ки боз баргардам ба само...

– Саравваал, домулло, лозим меояд, ки ба рӯйи замин бибароем.

– Аз ин ҷо касе то ҳол зинда набаромада... Танҳо мурдааш.

– Аммо мо зинда хоҳем баромад!... Эй, мебароем!... Инро ман, Насриддин, писари бобои Мустафои кӯзагар мегӯям... Оне ки то зону даруни лою чал истода... Мебароем мо!... Бигузор лою об то гулуямон бирасад!... Бигузор, аз он боло шавад!... Валекин мо хоҳем раҳо ёфт!... Суҳайл. мебароем мо аз ин ҷо!... Қара Бутон, ман тиратонро хоҳам баргардонд!... Эй, боз кист дар ин ҷо, дар зулмот? То зону дар об? То гулу, то гӯш? Машавед ниҳон дар зулмот!... Овоз бидиҳед!... Ҷавоб бидиҳед!... Ман шуморо наҷот медиҳам! Суҳайл, ту маро мунтазир мешавӣ?...То оне ки ҳамаи ин хомӯшон, азияткашон, ҳазёнгӯёни даруни лою обро наҷот медиҳам, мунтазир мешавӣ?... То оне ки кулли зиндонҳо тиҳӣ нагарданд, Суҳайл?...

– Суҳайл ин истораи марказист, қалби самост. Истораи асосии бурҷи Киштист... Истораи бахт аст, – мегӯяд аз торикӣ Хоҷа Алӣ Акбари мунаҷҷим.

– Домулло, ин истораро пас аз чанде хоҳед дид!...

Оваҳ!...

Аммо зулмот!... Касногузар аст!... Беинтиҳост!... Азия-

товар! Гулугир!... Дар анқариб одамони оҷиз танҳо меҷунбанд, мехазанд, нафас мекашанд. Лоюю чали гандидаи зери по ҷорӣ мешавад, мехазад, тунук мегардад, боло мебарояд... Мо гӯё андаруни хуми азими гилини тар нишастаем, ки сарпӯши гирдаи риққатовари тираи чӯбин дорад... Мо мушҳои андаруни хуми холӣ уфтодаро мемонем... Ханҷол мекунем... Кӯшиши ботил дорем... Сипас меорамем... Тан медиҳем... Мемирем... На ҳавое ин ҷо. На рӯшание.

Аммо!

Кадомин нури дури азизе чашмак мезанад, рух менамояд аз боло... Шояд субҳ дамида?... Субҳ?... Намефаҳмам... Намедонам чанд рӯз, чанд ҳафта, чанд сол аст, ки зиндониям... Вақт дар ин ҷо истода, чун оби гандидаи ҳавз.. Ҳавз гул мекунад, кирмон дар он ҷо фароғатгоҳ месозанд, фузун мешаванд, чашм мебаранд... шоху навда мебароранд.

Ҳавзи кирмон...

Ё вақти ман – ҳамон ҳавзи обаш гандида аст, ки кирму лойхӯракҳои кабуд он ҷо тантана менамоянд?...

Валекин рӯшанӣ меояд аз боло... Сараввал чашмон ба дард меоянд, месӯзанд, кӯр мешаванд... Сипас ба он хӯ мегирем... Ба сӯяш мешаванд моил. Навозиш менамоянд онро. Умед мебанданд...

Зиндонро бо бӯрё зич пӯшонидаанд. Ба мисли ҳамон бӯрёҳое ки морову ошёнамонро дар миёни навдаҳои биҳӣ аз борон ҳифз, панаҳ карда... Эй, ошён!... Куҷоӣ, ту, Суҳайл?... Ҷӯй дарё шуда...

Чӣ сон дуру чӣ сон дуру чӣ сон дур!...

Бӯрёи зичи болои зиндон, болои жарфо – обхона, яктарафа мешавад, меҷунбад ва роҳ медиҳад бар нури чашмсӯзи ноёб... Башараи шиносе дар лаби нарми жарфо намоён мегардад:

– Эй, кирмҳои нобино!... Оби ифлоси чоҳ!... Шумо

ҳанӯз якдигарро нахӯрда?... Ҳа-ҳа!... Муборизон!... Қишрхӯрон! Мехостам, ки сар бизанам шуморо, валекин худ якдигарро хоҳед хӯрд!... Ҳамин тавр қарор додам ман!... Кунун ман худованди шумоям! Отабекро фавран ба Бухоро, назди амир хонданд... Омодаи разманд! Эй мунаҷҷим, ту размро барҳақ пешгӯӣ карда, аммо ба ивазаш бар зиндон афтода! Ҳа-ҳа!... Кунун шумо дар ҳукми манед!... Аммо ман шуморо чу харбузаи Хева пора нахоҳам кард!... Шумо якдигарро аз гуруснагӣ хоҳед хӯрд... Ҳа-ҳа!... Маслиҳати ман ин аст, ки аз ин... аз ҷавон... писари кӯзагар оғоз бикунед... Ҳарчанд хароб аст, лек тоза аст ӯву бомаза!... Ҳа-ҳа!...

– Ман ба Кабудчашм менигарам, ба пӯсти ларзон, каҷу бенураш менигарам. Ҳоло ӯ боз мепӯшонад болои зиндонро бо бӯрёи зич ва меравад...

Чӣ бояд кард? Чӣ?

– Эй, ғаломусон, хуш бошед!... Дар қабристон вомехӯрем!...

– Эй!... Эй, лаққии маст, бигир даматро!... Суханони ту пучу бебақоянд... Хомӯш бош!... Мон, ки даме биосоем!... Рост гуфтаанд, ки саргин беҳ аз сухани бад!... – нидо медиҳам ба тамоми овоз.

– Майлаш, – мутеона медиҳад посух Кабудчашм. – Ҳақ бар ҷониби туст!... Лаб фурӯ мебандам ман. Бигузор, суринам бо ту ran бизанад!... Ҳа-ҳа!...

Ва ӯ алъон мешавад ноаён.

Ҳоло ӯ ҷомаашро бардошта, поҷомаашро мефурорад.

Оҳ!... Ман ҳаминро мехостам! Алъон аз мӯзаам занҷири борику дарози чангакдорро мебарорам... Занҷир тар аст... Занҷири шинос... Одатӣ... Тозиёнамонанд! Занҷири Рустам-паҳлавони марҳуми ман... Чун сарбозони Отабек ба зайли тозиёни масти сайёдӣ бар ман дарафтоданд, фурсат ёфта, онро ба мӯзаам андохта будам... Оҳ, кош хато наравад!... Кош занҷир кӯтаҳӣ на-

кунад!... Налағ жад!... Оҳ!...

Хандаам меояд!... Базўр нигаҳ медорам худро, то қаҳқос нахандам!... То раҳи мақсуд набандам!...

Чизи бегунаҳи ниҳонии сафедчае намудор мегардад, дар канори болои зиндон – жарфои беумқу бепоён. Чун мағзи сафедфоми чаҳормағз...

– Эй, писари кўзагар, Насриддин! Ҳақ бар ҷониби туст – беҳ аз сухани бад саргин!... Бигузор, лабонам фурў монанд! Бигузор, суринам бигўяд!... Эй, Насриддин, кучҷоӣ ту, дар он ҷо? Аз даст мадеҳ! Аз даст мадеҳ бахти худро!... Ҳа-ҳа!... – хиррос мекунад, фарёд мезанад, ҳаловат мебарад. Мағзи Чаҳормағз аз лаби жарфо...

Кабудчашм ҳатто ҷомааш бадар накард. Танҳо домани онро ба миёнбандаш бихаст ва ҳамин сон бинишаст. Моҳӣ худ ба чангак омад...

– Эй Насриддин, бахти худро мадеҳ аз даст!...

– Аз даст намедиҳам! Матарс!... Эй!... – бо тамоми қувва чангакро ба боло меандозам ва он айнан бар миёнбанди Кабудчашм дармемонад ва зуд онро мекашам ба зўр, ба сўйи худ ва Мағзи Чаҳормағз ба поён, ба умқи жарфо мепарад, меуфтад ва мо худро базўр канора мегирему ў вазнин бар лоюю чал, бар замин, бар фаромўшхона фурў мезанад...

– Ҷонаш баромад?... Ё боз каме адабаш бидиҳем? А? – аз зулмот намоён мешавад акаи Шукур.

– Кифоя, – мегўям ман. – Ў дер ба худ меояд. Ўро ҳирси закигўӣ, суханони филфилӣ ба дом афтонд... Барои чунин ҳирсу рағбати ҷавонмардӣ куштан нашояд. Охир натавонист, ки ангезаш амалӣ бишавад... Ҳатто раҳми кас меояд ба ў... Бояд бишитобид, алҳол ки посбон ғайбзании Кабудчашмро пай набурда!...

Ман боз чангакро ба боло меафганам – вай дар лаби чоҳ дармемонад. Занҷир чанд муддат дар зулмот медурахшад... Ту гўӣ, мори дурдонапўстест, ки мехазад...

– Акаи Шукур, аввал ту бибаро! Бубин, ки сарбозон на-бошанд. Зудтар!... – мегӯям ман ва деҳқон зуд ба занҷир мечаспаду бӯзинасифат мехазад ва бар лаби чоҳ мерасад...

– Эй Насриддин, касе нест!... Зудтар бароед!... Ман чангакро медорам!... Ҷасуртар бошед, дӯстон! – қариб фарёд мезанад акаи Шукур.

Вай аз хурсандию бесабрӣ қариб мегиряд...

Сипас Хоҷа Алӣ Акбари мунаҷҷими ришсафеди андуҳгин беҳунаронаю вазнин бо занҷир боло меравад.

Ба ӯ мадад мекунам, аз пойҳои тару часпакаш дошта, тела медиҳам... ба ҷисми хушкидаю пахшу пажмурдаи пиронааш такя мешавам...

– Писарам, ман аз фалак ба замин уфтодаам... Валекин ғамбор аст замини мо... Ва дилам мехоҳад, ки боз ба фалак биравам... Мардум, боз дилам хоҳони фалак аст!...

– Домулло, шумо бар замин уфтодаед, на бар рӯйи замин... Зебову дилорост замини мо... Ҳозир осмонатонро мебинед... Ва боз дар бурҷи Киштӣ шино хоҳед намуд... Ҳамроҳи ситораи Суҳайл!...

... Суҳайл, куҷоӣ ту?... Ту маро мунтазирӣ!... То оне ки ман мардумони кулли зиндонҳои заминамро наҷот мебахшам, мунтазирам мешавӣ!... Суҳайл, барои ба фалак рафтанам барвақт аст... Дар Киштӣ – киштии булӯрини коинӣ шино кардан бароям барвақт аст. Ҳамроҳи ту!... Барвақт аст!...

– Эй, боз кӣ дар зулмот монда!... Бо занҷир боло бароед!... Зудтар!...

Эй!... Хомӯш буданд онҳо!... Фурӯҳишта шудаанд, оташашон хамӯш шуда... умедашон шикаста... дамашон баста...

Чанд каси тирарӯ, лойандуд, рангпарида ва лоғару ришу мӯйлабрасида намоён мешаванд аз зулмот... Кистанд онҳо?... Дербоз инҷоанд?... Чаро хомӯшанд?... Ва

онҳо низ дар зулмот гӯр шуда?... Сархам... хамидақомат... озурдапушт... хоболуд... Чаро охир онҳоро нигаҳ медоранд дар зиндон?... Барои кӣ хавф доранд онон?... Навдаҳои буридаи тут – туъмаи кирмаки бебасари пилла... Беному бенишон... Ноком...

Ва ёрӣ медиҳам, ки боло бароянд. Дар зиндони тор, ту гӯӣ дар чоҳи Бежан, танҳо дарвеш-қаландари нобино монда. Дар дастони дурушташ ҳалқачаҳои филизини асои куҳнаи дарахти нок садо медиҳад...

– Бобо, ман ба шумо ёрӣ медиҳам. Бихезед, бобо... Аз занҷир бидоред... Рафтем ба озодӣ...

– Озодӣ дар ботини инсон аст, писарам... Бираведс... Маро дар ин ҷо вогузоред... Пирам, ман... Нотавон... Хаста... Аллакай Азроил дуҳули реҳлат мекӯбад!... Мешунавӣ?... Аммо ман ҳанӯз омода наям... Биравед, писарам... Хастаам ман... Солхӯрда... Роҳи ман бар анҷомаш расида. Хуршеди ман сар ба домони уфуқ монда... Рагу паям дарёҳои серреги хушкидаро монад... Биравед, писарам... Маро вогузоред...

– Бобо, охир, гуфта будед, ки ба одамон ҳарфи нурполо бояд... Ҳарфи Ҳақиқат... Ва мехоҳед, ки ин Ҳарф дар умқи зиндон бимонад, бобо?...

– Писарам, ман аз бедор кардани мурдагон, аз дод гуфтан ба гаронгӯшон, аз роҳ нишон додан ба бебасарон хаста шудаам, омадаам ба ҷон... Аз кишвари нобиноён хаста шудаам, писарам... Ман хаста шудаам, аз кишваре ки дар он танҳо нобиноён, танҳо нобиноёне ки дидагонашонро кофтаанд, мебинанд... биноянд... Хаста шудаам, писарам... Ба гӯр рафтан мехоҳам, мебинанд... Аз бурдани ман чӣ ҳоҷат, писарам... ба гӯр рафтан, дар гӯр будан мехоҳам... Ва маро ба гӯристон бурдан шарт нест... Ман аллакай дар гӯрам... Валекин ту, писарам!... Ту ҷавонӣ, озодӣ... хушхӯӣ... меҳрубонӣ... Ва забони ту теғи димишқиро мемонад...Ту бирав ба назди одамон... Ту би-

бар Ҳарфи маро!... Ҳарфи маро!... Ҳарфи Ҳақикатро!... Матарс аз ҷаллодон!... Аз дасти онҳо чӣ меояд?... Танҳо чашмонатро кофта мепартоянд... Саратро мебуранд... Ба итмом!... Ин ҳеҷ аст, писарам!... Вале ҷонатро, рӯҳатро кофта намепартоянд, намебуранд... Бирав, бо Роҳи Бузурги Бирешим!... Ба Роҳи Бузурги мубориза алайҳи шарр!... Бимон пайроҳаҳои борику кӯтаҳро ва бирав бо Раҳи Бузург... Бирав, писарам ... Худо ёрат бод!... Бирав... Барои ман гиря макун. Хушбахтам ман... Басо, басо, хушбахтам...

Ӯ маро мегирад оғӯш бо дастони дурушти бесадову навозишкоронааш... Мегирад ба оғӯш... Менигарад ба сари тарошидаам... ба рухсораҳоям... ба лабҳоям...

Мегирям ман ва сиришкам ба рӯйи ангуштони ларзони падаронааш...

– Гиря макун, писарам... Хушбахтам ман... Бирав бо Роҳи Бузург... Ба корвони бузург – роҳи бузург...

– Алвидоъ, бобо... Додо... Ман бо Роҳи Бузург меравам... Ман тири бадкори Отабек Қара Бутонро бармегардонам... Ва дият меситонам... Ман ӯро дар Бухоро ҳам дармеёбам... Ман ҳамаи зиндониёни оламро наҷот хоҳам дод... Ал-ваъдаву дайн, бобо... В-он гаҳ бармегардам ба назди Суҳайл!... Алвидоъ, бобо... Алвидоъ!...

Ва танҳо ашки шогирд монд дар ангуштони устод...

Алвидоъ, устод!... Мо ҳаргиз дигар бор во нахоҳем хӯрд!... Алвидоъ!

## ХАЙРБОДӢ!

Алвидоъ!...

Алвидоъ, падари солхӯрдаам, Мустафо!...

... Мо гирди сандалии пастаки куҳнаю ларзони кулбаи пастакамон нишастаем ва қабл аз ҷудоӣ аз пиёлаҳои гилини падарамон бӯзаи гарм менӯшем...

Алвидоъ, модари солхӯрдаам, Лапак -бибӣ!...

...Ӯ тамоми шаб нахуфта, ҳарфе нагуфта, мунтазири ман шуда, кӯки чашмонаш гусаста, азият кашида ва кунун рӯйи гилеми нимдошти ҷо-ҷо дарида ба хоби масту ширин бирафта...

– Бобо, монед, бедораш макунед... бигузор, бихобад... Охир ман базудӣ бармегардам... Бигузор, бихобад очаи ман!... Бихобад, Лапакбибии ман!... Очаи солхӯрдаам!.. Очаи ҳадафи ғамҳо шудаам! Ҷони ман!...

Ба чеҳраи заъфаронии пиронааш менигарам... Пушти лабаш мӯякчаҳо баромада... Аз пирӣ...

– Бихобед, Лапакбибии ман... Ман зуд бармегардам... Ман шуморо дӯст медорам, очаам... Оча... Мом... волидаам...

– Насриддин, чандвақта меравӣ?... Шояд дар ин олам дигар бо ҳам вонахӯрем... Ман мехостам... Мехостам бигӯям... Писарҷонам... писар...

Забонаш мегирад. Баҳри ҷасорат бӯза менӯшад... Бобо... Азизам... Пир шудаед, шумо... Дастонатон меларзанд... Шумо кӯзагари пиред... кӯзасоз... кунун лойи кӯзагарӣ зи дастонатон меафтад... ғӯрӣ мешаваду ноҳамвор... чархи қӯзагарӣ сар намефурорад дигар бар шумо... Аллакай ҳамаи пиёлаву коса, кӯзаву хурмаҳотон каж, корношоям шуда... Онҳоро кунун касе нахоҳад харид... Ана онҳо дар кулбаи мо истодаанду чашмак мезананд ба мисли мурғакони тирхӯрдаи нимбисмили лангу нимҷон... Валекин шумо офаридгориатонро идома медиҳед – кӯза месозед. Аз шуғлатон даст намебардоред, наметавонед даст гирифтан, падари кӯзагарам. Наметавонед...

– Бобо, пеш аз видоъ мехоҳам бигӯям, ки кӯзаҳо, пиёлаву коса ва хумҳои шумо ба ман басо писанданд. Онҳо ба кӯзаҳои дигарон монанд наянд... Аҷоибанд онҳо... Мурғакони тирхӯрдаро мемонанд... Ман кӯзаҳои кажу

ноҳамвори шуморо дӯст медорам, бобо!... Ман мурғакони майдаҳаки резатӯшаи тирхӯрдаи лангро дӯст медорам, бобо!...

– Писарам, пир шудаам ман... Лой аз дастам меафтад... Каж мешавад, сар намефурорад. Чашмонам хира... нобино шудан доранд. Дастонам бехудӣ менамоянд... бехеш мегарданд...

– То боздид, то боздид, бобо... Ман базудӣ бармегардам... Базудӣ... Фақат тири манфури Қара Бутонро бармегардонам!... Фақат зиндониёнро озодӣ мебахшам... Ва зуд бармегардам!... Зуд!... Ба назди шумо, азизонам... Падару модари меҳрубонам!...

– Ман ба ту гуфтан мехоҳам, ки...

– Даркор нест, бобо... ман ҳамаашро медонам...

– На! Ман бояд бигӯям... Шояд дар ин дунё дигарбора вонахӯрем...

– Даркор нест, бобо... Охир ман медонам...

Чӣ гуфтанашро медонам... Ӯ мехоҳад бигӯяд, ки ӯ ву Лапакбибӣ ба ман падару модари ҳақиқӣ наянд... Маро, ятими ширмакро, дар кучҷое дар сари Роҳи Бирешим афганда ёфтаанд... Ман инро кайҳо боз медонам...

Кампирони ҳарчҷоҳозиру ломакони сирдон ҳанӯз дар тифлиям бар гӯшам даррандавор, ҷонхарош пичиррос зада буданд: – ятимбача... партофта... дар роҳ афганда... Олучаи сари роҳ... танҳо... бекас... Насриддин...

Валекин ман олучаи озоду танҳои сари роҳро дӯст медорам... Вай дастрас аст бар ҳама... Вай ба мардуми чанголуди аз рохи дур омада, ба сафариёне ки гузарои ин кӯй мегарданд, ба ҷаҳонгардон, қаландарон меваҳои заррини мулоимашро ҳадя менамояд. Ман мехоҳам олучаи сари роҳ, олучаи сарозод ва сахии ба хама дастрас бошам...

Аммо!....

– Даркор нест, бобо... Даркор нест... Ман медонам...

Валекин ӯ мегӯяду наметавонам боздорамаш...

– Солҳои зиёд мо бефарзанд будем... Оллоҳ ба мо насл надод. Оҳ, чандон бор, рӯзи дафнҳо ниҳонӣ аз паси тобутбарон давидаем, то рӯҳи маити даргузашта, чун шабпараки хамӯши болафшон бар ҷони тифли ояндаи мо интиқол ёбад ва пару бол бизанад... Вале наомад шабпарак... Пайдо нагашт тифли мо... Он гаҳ мо ба Роҳи Бирешим бирафтем... Бар соҳили Омӯ ба назди олиҳаи қадим Анаҳито омадем, бар лаби рӯди паҳновар, шифобахш, рӯде ки мардонро неруву тавон, пистони занонро шир бубахшад ва кори тавлиди кулли эшонро саҳл бинмояд... Мо ба рӯд намак андохтем... намаки фузун... рӯд чу баҳр шӯр бишуд... Он ҷо занону мардони бенасл бешумор буданд... намаки зиёд андохта шуд бар Анаҳито...

– Ҳамаи онҳо намак андохтанд?...

– Бале...

– Бобо, шумо бояд ба Анаҳито як пора қанд меафгандед!... Шояд ӯ аз намак безор шуда!...

– Ман ҳамин тавр ҳам кардам... Аз модарат пинҳонӣ.. Ман ба олиҳа як пора ҳалвои бухороӣ партофтам!... Ва ҳамон дам... ҳамон дам гиряи туро шунидам!... Дар ҷазирачаи алафзори Аржандбобо мехобидӣ ту... Ту дар лабаки соҳил... Дар шафати амвоҷи хурӯшони баҳории тирафом... Туро бар дастурхони оҳарии хуросонӣ печонида буданд, дастурхоне ки доғҳои зиёди шаробу равған дошт... Дар паҳлуят кӯзаи бӯзадор ва ду нони парзадаи самарқандӣ... Ман то ҳол намедонам, ки чӣ сон ба ҷазирача уфтода бошӣ?... Кистанд волидайни ту? Кистӣ, аз они кистӣ?...

– Даркор нест, бобо. Даркор нест... Хомӯш бошед...

– Кистӣ ту? Ҳиндӣ?... Форс?... Ӯзбек?... Тоҷик?... Қазоқ?... Қирғиз? Юнонӣ?... Яҳудӣ?... Араб?... Турк?... Ман намедонам... Бозори мардумӣ бузургу мухталифмиллату мухталифзабон аст, мардуме ки аз Роҳи Бирешим ра-

вон!... Ҳамин тавр, намедонам, ки ту фарзанди кистӣ?... Ҳатто тӯйи хатнаатро накардаам...

Оваҳ!... Ана чаро пиразанони пастаку кӯрмушмонанди ҳарам бо теғҳои борику дарозу бурройи муҷалло аз дунболам медавидаанд, таъқибам мекардаанд... ақиб мемондаанд, ақиб мемондаанд, ақиб... Онҳо ақиб мемонданд...

– Бобо, чаро одамон аз хурдӣ кӯшиш доранд, ки чизеро зада бигиранд, аз худ бикунанд?... Касро мехоҳанд бикӯбанд, танг, буғӣ намоянд?... Сараввал пӯстпораеро мебуранд. сипас тозиёна месозанд, сипас бо чӯбҳо мекӯбанд, сипас ба зиндон меафгананд, сипас мехоҳанд, ки сари бечораю беҳимоя, сари озоду хушҳоли касро бибуранд, сипас ҷони касро тазъиқ медиҳанд, рӯҳро помол мекунанд, пора месозанд чун зарфи булӯрини шаффофи каҳрабоию садодори чинӣ?... Чаро, бобо?... Чаро бе теғҳои муҷаллои димишқӣ, бе кордҳои афғонии харбузакуш зистан нашояд?... Чаро ман роҳ мегирам ҷониби Роҳи Бирешим, то тири манфури шабгарди тахтапуштзани Қара Бутонро баргардонам?... Чаро зиндониёнро наҷот бахшидан мехоҳам?...

– Писарам, медонистам, ки ҷониби Роҳи Бирешим хоҳӣ рафт... Ту он ҷо чашм кушудаӣ... Ва боз ҳамон сӯй равонаӣ... Чун паранда бол мезанӣ, майл дорӣ, ҷониби ошён...

– На, бобо!... На, азизам! На!... Ошёни ман инҷост... Ба ҳамин ҷо бармегардам... Базудӣ бармегардам... Мо боз якҷоя шолӣ хоҳем кишт... ва аз кӯзаҳои шумо бӯза хоҳем нӯшид!...

– На, писарам... Ту базудӣ барнамегардӣ... Моро зинда дарнамеёбӣ... Мазрааи шолӣ хушк хоҳад шуд, ба зери алаф хоҳад монд... Кулба хароб мегардад. Мӯрон мехӯранд онро...

– То боздид, бобо!... Падарам, падари ба ҷону дил ба-

робарам! Вақт расида... Аллакай субҳ дамида... нафасаш рутубат дорад... Хурӯсон бонг мезананд...

– Модаратро бедор мекунам...

– Даркор нест, бобо... Бигузор, бихобад... Мондаю лакот шудааст ӯ... Ман ӯро дӯст медорам... Бигузор, Лапакбибии меҳрубони ман бихобад. Ман зуд бармегардам... Ва якҷоя шолӣ хоҳем кишт...

... Аз кулбаамон бурун меоям...

Субҳи кабудчаи нофармонӣ ширфом аст... Хурӯсони сурхранги хомфарбеҳ ҷеғ мезананд... Субҳи кабудчаи олуболуранг... Ту гӯй думҳои азими тирафоми тумангуни товусҳост, ки гирди ман алвонҷ мехӯранд, мелаппанд, мутамоил мешаванд, медурахшанд... Ҷафс мешаванд бар ман... қаробат меҷӯянд... Субҳ думҳои тирафоми муаттару муҷаллои лаппандаи товусҳо!... Субҳи реҳлат!...

Назди кулбаамон ба зайли доғ и тира сиёҳӣ мекунад хари ман ал-Яхшур.

– Ассалом, дӯсти пирам, оне ки пойҳоят бемӯву мутеъкоранд!... Ту аллакай бедор шуда? Аллакай ба сафари дурудароз омодаӣ?...

Ба пушти ал-Яхшур хӯрҷини сафар андохта. Дар хӯрҷин нонҳои парзадаи самарқандӣ, кӯзаи шароб ва дастурхони оҳории пургули хуросонӣ, ки аз доғ ҳои шаробу равғ ан гулдӯзӣ шуда...

Шумо нӯшидаед, резонидаед ин шаробро?... Шумо резонидаед, чаконидаед ин равғ анро, волидайни хомӯшу меҳрубонам?... Ҳолатон хуш буд? Осуда будед? Шумо маст, махмур, сероб будед?... Ва аз ин рӯ резонидаед шаробро? Ва аз ин рӯ «резонидаед» маро?... Ва афгандед ба соҳилам, чунон ки рӯди сероби баҳорӣ ба соҳил мебарорад, меафганад моҳичаҳои аввалини нобинои заифро?... Ва кунун куҷоед, шумо?... Дар сари кадом дастурхон шаробу равғ анрезӣ доред?...

Худоё, бигузор, ҳамеша нобиною махмур бошед... Э бор Худоё, бигузор, то абад ба рӯйи дастурхон шаробу равғ анрез бошед!... Бигузор, Худоё!... Ман шуморо дӯст медорам!... Бале!...

Аммо хурӯсони рустоии бӯрранги ин ҷо месароянд!... Аммо субҳи тирафоми баланд чун думҳои азими тозаю лаппандаи товусон шиновар аст гирди ман... Субҳи кабудранг, нопойдор, туманандуди баланд.

Ман ба харам савор мешавам ва оҳиста ба роҳ мебароям ва ҳамин дам чизи номаълум, нафис, сафеду ширгуне, дар пеши пойҳоям ҷило медиҳад. Ба зайли гӯшмоҳии садафии азими лағ жонаки обшуста шино мекунад, мехазад... Аз хар мефуроям... Оҳ!... Охир ин буттаи садбарги астарободист!... Буттаи гӯшмоҳиёни садафин!... Дар тумани нарму гарми пагоҳӣ шукуфта... Онро очаи ман Лапакбибӣ шинонида!...

Ва ана дар як шаб кушода, паҳлу зада, хандида, лаб кушода, ғунча дарида... Буттаи садбаргҳои сапеди даймоҳии астарободӣ!... Дар субҳи фирори ман!... Дар субҳи хайрбодӣ!... Ман гулҳоро бо ангуштони сардам меҷунбонам. Сипас ба сӯйи гулҳои калони сапед ва муғчаҳо хам мешавам... Сипас ба машом мекашам накҳати мушкини онҳоро... Бӯй мекашам!... Рӯямро ба байни садбаргҳои бузурги испеди сард медарорам... Валекин бӯй надоранд онҳо... Онҳо садбаргҳои қавсианд... Бебӯй... Танҳо дар туман механданду бас... Гулбаргҳои тозаи нафису сардро бо ангуштонам меҷунбонам – ба рӯйи онҳо шабнами сабуку латифи рахшон рехта!... Гулбаргҳои шабнамзада. Аз ин рӯ бебӯянд онҳо... Буттаи сарди садбаргҳои испеди... испеди... испеди дурдонафоми даймоҳии астарободӣ!...

Ман буттаро бӯй мекашам. Бӯйи сарду безавқи онро. Бӯйи шабнамро... Бӯйи пурнамро...

– Хайрбодо, буттаи меҳрубони зимистонаи сарду бар-

фини садбаргҳои астарободӣ!... Хайр, буттаи яхбастаи садбаргҳо!... Хайр... Хайр, кулбаи маҳбуби пастаки каҳгиландуди падарам!.. Ман зуд бармегардам!...

Хайр!...

Ман ба хар нишаста, аз бутта дур мешавам ва ӯ низ ба оғӯши туман меравад чун барфтӯдаи дудгун...

– Хайр!...

Аммо!

Аммо касе ба ман мерасад... оҳисташу пинҳон... Оғӯшам мегирад...бо меҳрубонӣ... бо дастони борику шиноси азизаш... Навозишу меҳрубонӣ мекунад... Аз дастонаш бӯйи нон, бӯйи орд меояд... Лабонаш шамими алафи тозаи баҳорӣ доранд... Шамими алафи сабзи говхӯр...

– Писарам, хобам рабуда, ҷонакам... Саршир бихӯр... Вай ба ту рӯҳу тавон мебахшад... Бинӯш... Барои роҳи дуру дароз қувва мешавад.

Вай аз мобайни туман меёзонад косаи бузурги сарширро. Менӯшам. Ба ӯ менигарам. Ба мӯякчаҳои ларзони пиронаи пушти лабонаш... Медонам, ки дигарбора ҳеҷ гоҳ, дар ин олам, ин чеҳраро... ин дидагони меҳрубони пуроб, серӣ нодида зи хоб, тираю фурӯрафтаро... ин бинии теғ кашида... ин дастони нозуку лоғарро нахоҳам дид...

– Оча, меҳрубонам...Ташаккур барои саршир... Беҳуда бедор шудед... Ман зуд бармегардам... Зуд...

– Зуд баргард... Ман ба ту арӯсе меёбам... Баргард, писарам...Дар роҳ боз шамол нахӯрӣ... Шамоли пагоҳӣ сард, тезу сахт аст... Шамоли талх... Талх... Вай ба сони дуд аст, ба чашми кас медарояд, месӯзонад... Ашки касро мерорад... Ҳатто хурӯсон баъзан мегирянд аз он... Бино бар ин фарёд мезананд, ки мегирянд... ва одамон низ мегирянд... Аз шамол мегирянд, писарам... Ман низ мегирям... Аз шамол...

– Хайр писарам... – ва ӯ вомондаи сарширро аз паси ман чун одати куҳна пош медиҳад...

Ва ӯ низ меравад бар оғӯши туман... Сархам...

– Хайр, оча!... Лапакбибии пири мӯйлабчаҳои азизи ларзону паррондори ман!...

– Хайр, бобо!... Кӯзаи куҳнаи кажшудаи азизам, ҳамоне ки ҳамеша бӯйи бӯзаи гарму саодатвор дорад!...

– Хайр, кулбаи каҳгиландуди кажи пастаку майдаҳаки падарам!...

– Хайр, буттаи сарду барфин, буттаи садбаргҳои дурдонафоми даймоҳии астарободиам!...

Оваҳ!...

Аз миёни деҳа роҳ меравам.

Хурӯсони садафранг бонг мезананд.

Хурӯсони дурдонаранг бонг мезананд. Бонг мезананд хурӯсони хомфарбеҳ. Дар гулуи онон шабнам аст, чун дар рӯйи гулбаргҳои садбаргҳои испеди бебӯйи даймоҳии сарди астарободӣ...

Садбаргҳо аз шабнам бӯ гурезондаанд, мушкрез наянд...

Хурӯсон аз шабнам бонг мезананд, хира, бо овози гирифта... Ҷеғ мекашанд хурӯсони деҳи ман, ҷеғи хайрбодӣ!...

Хайр, хурӯсон!...

Раҳмхӯрони ман!...

Ҳанӯз дар хоб аст деҳи кабудчаи маҳбуби ман.

Ҳанӯз дар хоб аст замини кабудчаи маҳбуби ман.

Ҳанӯз дар хоб аст зодгоҳи хоболуду хамӯши ман.

Ҳанӯз дар хоб!

Зодгоҳам, Ватанам!

Ман мехоҳам, мехоҳам буттаи даймоҳии садбаргҳои дурдонафоми астарободии ту бошам!...

Мехоҳам хурӯси бармаҳаловозу хирриовозу тозаовози ту бошам! Хурӯсе ки дар сукунати ороми субҳгоҳон

бонг мезанад!... Бигузор, шабнам дармонад дар гулуям, бизияд он ҷо!... Бигузор, гулуямро намояд буғ й!... Аз он сурудам тоза, хушоҳанг хоҳад шуд!...

Эй!... Мехоҳам буттаи шукуфтаи моҳи қавс бошам!...

Эй!... Мехоҳам хурӯси дар торикӣ бонгзанандаи сард бошам!...

Ова!...

Ман аз деҳаи кабудтоб роҳ меравам.

Назди оҳангархонаи Рустам-паҳлавон тавaққуф мекунам ва аз хар фуруд меоям. Меҷӯям. Чашм медавонам ба замини кабудчаи туманандуд... Меҷӯям. Меёбам. Ана он тир... Ҳамон тири шабгард... Ҳамон тири сӯзон, манфур, тахтапуштзан... Тири мурдаву кӯр дар канори роҳ хобида. Мебардорам онро. Дар нӯги он карахши часпида. Ин хуни Рустам-паҳлавон аст. Ман онро намешӯям, тоза намекунам. Бигузор, дар сари тир бошад он...

Бигузор, хуни бегунаҳ, гиребони қотилро бигирад!... Ҳарчанд ки на ҳамеша ин тавр мешавад... На ҳамеша... Валекин ин хун хоҳад ёфт қотилро!... Он бефарҳанги ботилро!... Савганд мехӯрам!... Комил аст маро имон, ки бармегардонам ин тир, ин хунро ба Отабек Қара Бутон!...

Ман деҳи кабудтоб роҳ мепӯям. Аз назди садаи пири хушкидаи чинии мӯрбозор... Онҳо на шаб ором мегиранду на рӯз, ин роҳ ҳамвора мехазад дар роҳҳои вопасин... Сада, ту гӯй, меҷунбад, каҷу маҷ мешавад...

– Хайр, садаи мӯрбозори ман!...

Ман аз саҳрои кабудтоби шабнамзадаи туманандуди лаппасзанандаи бекарон, бекарон роҳ мегирам.

Ғарқ мегардам дар саҳро...

Сипас ба Офтобқалъа наздик мешавам. Фуруд меоям аз хар. Гӯш меандозам. Чашм медӯзам. Касе нест дар атроф чун он субҳ. Чун он субҳи орому пурасрори... Шояд ҳоло низ ӯ дар куҷое пинҳон шуда?... Тири ман? Нигаҳ мекунад? Омода аст? Вақт меҷӯяд? Ва раҳ мепӯяд? Бӯйи

тахтапуштам ба машомаш мерасад?... Эй!... Суҳайл, омадам, ки хайрбод бигӯям, валекин ту хуфта? Суҳайл... Хуфтаӣ ту?...

Бо кумаки занҷири Рустам-паҳлавон зуд аз бораи баланду тираи қалъа мегузарам ва ба боғи биҳӣ меоям... Боғи кабудтоб, тумандуд, холии бодиёранг... Боғи ором меҷунбад, мелаппад. Танаҳои тамизи дарахтон дар ҳоли ҷунбиши номафҳуме...

Ман дар боғ гом мезанам... Меҷӯям он дарахтро. Меёбамаш. Дар зери он рӯйи алафҳои сарди боғӣ, бӯрёҳои даридаву помолшуда ва суфаи чӯбини харобу вайроншудаи бухороӣ... Дар рӯйи сабзаи зери дарахт ошёни валангори мурғе... Пайи сарду сафедчаи ҳалқа-ҳалқа тӯл кашида дар рӯйи сабза... Пайи борик... нафис...

– Суҳайл, ман баҳри хайрбод омадам... вале ту хуфта... Суҳайл, аз ҷӯй, аз рӯд танҳо яхи сабзаи субҳгоҳон ва шабнам боқӣ монда... Суҳайл, ту хобӣ?...

Боғи кабудтоб чашмак мезанад, ҷафс мешавад ба тумани сафедтоби сурхча...

Боғи кабудтоб, шуста, пурсукунат... Хамӯш... Танҳо баъзан шамоли гулгуна мевазаду хиширроси навдаҳои урён ба гӯш мерасад... Аллакай гулгун шуда танаҳои дарахтон. Аллакай вақти рафтанам фаро расид... Аллакай, Суҳайл!...

Он гоҳ!

Он гоҳ хомӯш дар боғи хомӯш...

Он гоҳ Гулгун дар назди Биҳии Гулгун...

Он гоҳ дар бар пироҳани гулгун аз паси танаи гулгуни биҳӣ ӯ ба сухан меояд, пичиррос мезанад, шакар мерезад, гуҳар мебезад, ба наво мехезад...

– Ман хоб наям, ака... Ман паси танаи гулгуни дарахтон пинҳон шуда... Ман гулгун шудаам, ака... Баъди он шаб... Наметавонам аз паси танаи дарахтон бурун оям... Гулгунам, ака...

– Суҳайл, охир, аллакай субҳ чашм кушуда!... Аллакай боғ батамом гулгун шуда!... Валекин кабудтоб буд он!... Саропо гулгун!... Баро аз паси дарахт, Суҳайл!... Машав пинҳон! Аллакай тамоми боғ гулгун шуда!...

Валекин намебарояд ӯ. Пинҳон шуда. Танҳо ду наргиси олуболусифати дудрангаш аз паси дарахти гулгун менигаранд... Менигаранд!... Андуҳборанд!... Дилсӯзанд... Илтиҷохоҳанд!...

Оваҳ!... Дар ин дунё бидуни ин наргиси олуболусифати илтиҷохоҳ чӣ ҳам ҳаст?...

Бидуни ин боғи бомдодии лаппандаи гулгун, гулгун, гулгун, гулгун?... Боз чӣ ҳаст дар ин ҷаҳон?...

Ба куҷо равонаам?... Чаро?... Чаро то абад вомегузорам ин дидагони шаҳлоро паси дарахтони гулгун?... Чаро?...

Ва ин дам чашм мепӯшам ва мебинам, ки чӣ сон дар дашт Рустам-паҳлавон бо тири тахтапушташ метозад... Чӣ сон метабассумад ба ман: «Бӯза менӯшем, бинӯш, бирақс, навбаст!... Чунин шаб дар ҳаёти кас танҳо як бор хоҳад шуд!...»

Чашм мепӯшаму Кабудчашмро мебинам, ки корди бузурги афғониашро дар таги гулуи хароби ман алвонҷ медиҳад: «Бибурам? Ман басо мехоҳам, ки сараш бибурам!. Онҳоро куштан мехоҳам! Ҳамаашонро! Куштан мехоҳам!... Эй! Мон, ки сар бизанам ӯро!...»

– Суҳайл, машав пинҳон паси дарахтон!... Аллакай тамоми боғи кабудтоб гулгун шуда!... Суҳайл, ман барои хайрбод омадаам...

– Медонам, ака...

– Қара Бутон дӯсти маро бикушт... Ман бояд қасос биситонам... Тирашро ба ӯ баргардонам...

– Медонам, ака...

– Ман зуд бармегардам. Зиндониёнро наҷот медиҳаму зуд ба наздат бармегардам, Суҳайл!... Зуд!... Зуд!...

– Медонам, ака...

– Баро, аз паси дарахт... Биё, падруд мегӯем, Суҳайл...

– На, ака... Ман саропо гулгунам... Шармам меояд...

– Тамоми боғ гулгун аст... Танҳо аз лаби ҷӯй, аз лаби рӯд, болои сабзаҳо пайи дурдонаранги шахшудаи ҳалқабастаи қудсӣ сафедӣ дорад... Баро, Суҳайл...

– На, ака... Гулгунам ман...

– Хайр, Суҳайл!... Ту маро мунтазир мешавӣ, духтари бек?...

– Бале, писари кӯзагар... Ҷӯй беқарор аст – Суҳайл интизор аст... Рӯд беқарор – Суҳайл бештар интизор! Марг гар биояд – Суҳайл роҳи ту пояд... Марг бимирад – Суҳайл зи раҳ чашм нагирад...

Оваҳ!...

– Хайр, Суҳайл!... Ман зуд бармегардам!...

Ман аз боғ медавам.

Боғ.

Гулгун.

Оҳ!...

## АНҶОМ

Дар рӯзгори қадим овардаанд, ки одамон аз пайроҳа мераванду аксаран Роҳи Бузургро ба фаромӯшӣ медиҳанд. Роҳи Хайрро. Роҳи муборизаи абадии алайҳи Шарро. Набояд гузошт, ки дар Роҳи Бузург хори моғелон бирӯяд, фаро бигирад, бипӯшонад Роҳи Бузурги Берешимро...Набояд...

Ва Хоҷа Насриддин аз пайроҳаи хурди ҳаёташ фуруд омаду бирафт сӯйи Роҳи Бузурги Хайр... Ӯ ҳамроҳи хари пираш ал-Яхшур то ҳол дар ин Роҳ мегардад...

Аммо Муҳаббат?...

Аммо Суҳайл?...

Ҷӯй беқарор аст – Суҳайл интизор.

Рӯд беқарор аст – Суҳайл интизор.

Марг ҳам биояд – Суҳайл роҳ бипояд.

Марг бимирад – Суҳайл зи роҳ чашм нагирад...
Оҳ!...

# ДОСТОНИ
# БАЧАГИИ МУШФИҚӢ



## БОДОМ

*...Тир аз камон ҷаставу ҳанӯз*
*суруд мехонад мурғи шохсор...*

Чаро ин қадар нобаҳангом гул мекунад бодом?...

Ҳанӯз кӯрпаи симини зимистон аз рӯйи бомҳои хасандоваву ҳамвори хонаҳои гиливу афсурдаи деҳ об нашуда... ҳанӯз шишаи нафиси барфи мулоим болои бомҳои коҳгил медурахшаду... бодом гул мекунад. Гул мекунад ба ранги сарди дудгуну гулобӣ.

Чаро ин қадар нобаҳангом гул мекунад бодом?...

Мушфиқии хурдсол лабони ларзонашро ба шукуфаҳои нобаҳангому пешхезу густох мерасонад. Гумон мекунад: онҳо бояд гарм бошанд, саршори зиндагӣ бошанд, пурнавозиш бошанд. Охир фақат онҳо, фақат онҳостанд, ки дар сукунати сафеди чиллаи зимистони дилгир ба сӯйи зиндагӣ лабханд мезананд. Фақат онҳо мешукуфанд ба як деҳи намноку андуҳзо. Вале ин гулбаргҳои сарду дурушт аз лабҳои гарму нарм ва зудбовари писарбача мегурезанду мерезанд. Он гоҳ Мушфиқӣ ба лабу дандонаш онҳоро аз шохаҳои сарду карахту афсурда меканад, мехояд. Ҳеҷ лаззате надоранд онҳо, вале баъд ба комаш андах мешаванд. Андах мешаванд ин гулбаргҳои талху туршу нобаҳангом. Мушфиқӣ онҳоро туф мекунад, андуҳгин мешавад.

Чаро ин қадар нобаҳангом гул мекунад бодом? Чаро гулҳояш сарданд? Чаро талханд?...

Чӯпони куҳансол Бобо Саид ба писараш Мушфиқӣ мегӯяд: бодом аз ҳама барвақттар гул мекунад, вале дертар аз ҳама бор медиҳад. Тут баъд аз ҳама дарахтон гул мебандад, вале пештар аз ҳама мева ба бор меорад.

Писарам, Мушфиқии ман, ба мисли як нахли тут бош,

ба мисли тути сербори балхӣ.

Вале Мушфиқӣ намехоҳад, розӣ намешавад. Ба ӯ бодом маъқултар аст, зеро дарахтест, ки тани танҳо, дар чиллаи зимистони як деҳи тираву хурдакаке гул мекунад. Ҳарчанд ки гулҳояш талханд, вале онҳо пешхезтаранд. Аммо тут... тут ҳам муҷиби таассуф аст. Дареғо, ки баргҳояш хӯриши кирми пилла мешаванд. Дарахти шоҳтут назди ҳавлии онҳо рустааст. Вай ҳанӯз карахт, хуфта ба кобусҳои сарди зимистонии худ аст. Бо танаи сангину афсурда. Мушфиқӣ мебарояд болояш ва шохаҳои захмхӯрдаи онро мекунад навозиш. Мисли ҷонзоди маъсуме. Мисли саги велгарди аз озори бачаҳои бесари деҳ маҷрӯҳ шуда. Бо думи бурида ронда шуда аз галаи гургкушон. Дарахти тут ба ҳамин саги бедуми аз гала рондашуда монанд буд. Дарахтро шохаҳо бибридаву сагро дум. Дарахт ба галаи гургкушони думбуридаи велгард шабоҳат дошт. Ба галаи велгардони осмони намноку бепаноҳи деҳи сокиту яхбастае...

Эҳ падар, падар чаро ҳанӯз дар ҷаҳон сагҳои думбуридаву дарахтони бешоху навда вуҷуд доранд?...

Чаро ман зери дарахти ҳанӯз карахту сангини тут истодаам? Чаро кафамро ба рӯям мекашаму беихтиёр пушти лабони ғафсу тифлонаам хати сабзи беҷуръатона сарзанандаву наҳифу зард ва ларзанда аз шамолаки сардро эҳсос мекунам. Ин балоғат аст. Ба шохчаҳои гунгу карахти нав бархостаи сари гӯсолаи мо шабеҳ аст.

Оҳ падар, чаро ин қадар нобаҳангому бемаҳал медамад хати балоғатам. Пештар аз ҳама чӯпонбачаҳо, пештар аз ҳамсолонам. Онҳо акнун ханда мезананд ба ман. Оҳ падар, шумо ҳақ будаед: беҳтар ки дарахти тут бошем. Беҳтар аз бодоми сӯхтаву тани танҳо дар чиллаи зимистони сарду дилгири як деҳи кӯчак нобаҳангом гулкунанда аст...

Писарбача миёни кӯчаҳои пургилу ифлоси деҳ меда-

вад, миёни мазрааҳои нарму тирафом ва тиҳӣ аз кишт медавад. Медавад, бо кафшҳои пошнабаланд, медавад афтону хезон миёни заминҳои пургилу заҳнок: медаваду медавад. Замин меҳрубон аст. Ба Мушфиқӣ хуш меояд, ки чи сон зери пояш лой мечаспад, мешавад титупит. Ӯро хуш меояд фурӯ рафтан ба гил. Алъон замини ғамхору пурнавозиш ба лабҳои намноку навозишкори ягона гошон – Уляш ба ҳангоми лесидани навзод гӯсолааш монанд аст...

Додо, додо, чаро шумо рамаи калонеро бонӣ мекунеду фақат буду шуд як гов доред? Чаро, падар? Чаро?...

Писарбача медавид ба киштзорҳои бегиёҳи баҳманӣ. Медавид танҳо. Медавиду беихтиёрона кафонашро ба рӯяш мекашид ва панҷаҳои аз сармо карахтшудааш эҳсос мекарданд, мӯйҳои чандиру қитиқоварандаро ба пушти лабони фарбеҳу мулоимаш. Мӯйи лабаш сабз мешавад. Сукут варзидаанд киштзорҳои нарму беохир. Ба паҳнои ин киштзорон мевазад боди сахту намноки велгард. Ва ҷойи ин киштзорон, қитъа-қитъа абргун, дудгуну гулгул қад кашидаанд дарахтони ғарқа ба гули бодом. Қад кашидаанд бодомҳои пургулу бепаноҳ. Мушфиқӣ то ба зери ин қитъаҳои дудгун медавад. Медавад даст аз пушти лаб наканда, қарор мегирад ба зери абргун дарахти бодом. Пушти лабаш сабз мешавад. Гул мекунанд нобаҳангом дарахтони сармозада...

Писарбача мегирад аз сараш тоқии чоргули чустиро. Мерезад пурпечу тоб, шир-ширкунон мисли морча кокули майдабоф, аз сари тоза тарошидааш ба пушт. Мушфиқӣ ягона писари Бобо Саиди чӯпон аст. Писари бо ҳазор нарзу ниёиш зи даргоҳи Худованд хостае. Писари ба зери деворҳои бодзадаву кайҳо зи реги равони Қизилқум гумшудаи мазори Алӣ Ота талабидашудае аз даргоҳи Худованд. Оя Қумрихонум лабони тунукашро газида буд сокиту хомӯшона ба ҳангоми зодани

Мушфиқӣ: Шариат манъ мекунад. Шариат занро ба ҳангоми зоидан мекунад манъ зи фарёд кашиданҳо. Тифл бояд ба дунё ояд дар сукути муқаддас, дар сукути беолоиш. То ки тавонад фариштаи нек болои сари тифл мавҷ занад, бивазад. То ки нарамад, нагурезад фариштаи нек.

Қумрихонум сари хишт рафт. Бо забони газида, бо лабони баста. Шояд мезист аз як фарёд? Шояд мезист, агар имкони фарёд задан медошт?...

Мушфиқӣ дар ёд надошт модарашро. Фақат номе аз ӯ ба ёдгор мондааст. Ба мисли тиҳӣ пӯсти зердори мор. Мушфиқӣ ин лаҳзаҳо зи модараш ёд мекунад. Ёд мекунад истода ба зери албонҷхӯранда бодоми намнок. Дар пиндораш менамуд, ки ӯро медонад ва зиндааст то ба ҳол, ба оғӯш мегирад фарзандашро бо тарсу ҳарос, бо изтироб. Дар пиндораш, дар хаёлаш менамуд, ки худро ба рӯю мӯйи ғӯлии модараш мемолад. Аз мӯйи ӯ бӯйи ҷурғот меояд, ба мисли занҳои деҳа, ки мӯяшонро кушода, парешон карда ҷурғот мемоланду мешӯянд. Мӯйҳое, ки аз ин парвариш меёбанд, сияҳфому ғӯливу пурҷило мешаванд.

Оҳ аз ин дурахши пурбӯ кокулони занону духтарон! Оҳ аз ин кокулон, ки ба оби ҳулбӯ, ба мушки Эрон мағз ба мағз шодоб гаштаанд...

Мушфиқӣ истода, зери бодоми пургул кашид бо панҷаҳои чолок хатти пушти лабашро. Дарднок буд, оҳ чи қадар дарднок. Ҳатто ҳалқа зад ашк гирди чашмаш. Ӯ мефаҳмид, ки беҳуда аст ин кораш. Ба сони тути бенавда беҳосил аст. Ба ҳар навъ, то даме, ки реша дар об аст онҳо месабзанд дубора, бор меоваранд аз нав. Акнун писарбачаҳои густохи деҳ ӯро ба дашном, ба писханд масхара мекунанд: сарбози амир! Охир фақат сарбозон мемонанд бурутҳои дароз, ғӯл, бадвоҳимаву овезон.

Талх гирист Мушфиқӣ. Оҳ падар, чаро ин қадар

барвақт гул мекунад бодом? Чаро талханд гулҳояш? Ба мисли ашкҳои ман... Чаро, падар, чаро?...

## ФАРИШТАИ ЗАРРИНБОЛ

*Бар сари фарзанди одам*
*ҳар чӣояд, бигзарад.*

Даруни хона, ба рӯйи кӯрпачаи пургулу фартут нишаста мехонам Қуръон. Ба тарсандагон аз хашми Худованд биҳишт гашт муназзам... Боғ ва чакалакзорҳои ангур... Ҳурони норпистон... Ҷомҳои лабрез... Ва ҷойи мардуми ба имон аст он, ҷойи мардуми некуамалу некуаъмол. Онҳо дар ин боғ, дар ин биҳишт, дар ин ирам, ҷой мегиранд ва ҳамчун мутанаимтарин касон зиндагӣ ба сар мебаранд... Даруни хона занбӯри заррини баҳорӣ ба парвоз меояд. Худро сангину хоболуд мезанад ба деворҳои холиву фақиронаи мо ва боз ғиз-ғизкунон перомуни ман гашта сӯйи тиреза медавад ва ҳамон замон мешавад сарнагун. Ва ба умқи осмони шаффофи субҳгоҳи хурдодӣ мешавад гум. Ман боадабонаву ба эҳтиёт китобро пӯшида дар бораи ин занбӯри зарринбол мекунам андеша. Чаро вай парвоз кардан метавонаду ман не? Охир ман инсонам, тоҷи офариниш, вале ниёзманди парвоз. Наметавонам парвоз кунам дар ин осмони софи хурдодӣ, болои зардолузорҳои саросар гулпӯш, ки деҳи хурдакаки маро кафксон то доманаи кӯҳҳои Қаратоғ беохир фаро гирифтааст, парвоз кунам. Оҳ болои ин боғистонҳо мешуд агар парвоз кардан! Шояд ин ҳамон биҳишт аст, ҳамон манзили кайфияти абад? Вале афсӯс, ки ба ин зудӣ хазон мешаванд ин боғистонҳо. Ман медонам. Инҳо заминро зудгузар боғҳоянд. Тезамал. Зудгузар. Тавлидгари фавҷ-фавҷ тиллогун барги зудгузар. Сокинони деҳ тавон надоранд

ин ҳамаро ҷамъ оваранд. Ва рӯйи замин пӯшида мешавад аз афтида зардолуҳои тиллогуни пухтаву кафида, пармич. Чӣ кайфиятест хушу гуворо рӯйи онҳо пойи луч гузоштану лағжидан! Қадам задан рӯ-рӯйи беҳадду ҳисоб афтида ин меваҳои часпак! Меваҳои кӯр, нодаркор! Муаттару хушбӯ. Часпак! Беҳисоб... Ин ҷо фақат миттаҳо мекунанд фароғат. Мебаранд лаззат! Ҳар зардолуи афтида дорад кирми худро. Ба мисли соҳиб. Кирмҳоро бад мебинам. Надорам рӯйи дидани онҳоро. Онҳоро аз қабати зардолу баровaрда мекунам маҷақ, зери пошнаам. Вале чӣ қадари онҳоро мешавад куштан? Чӣ қадарро?... Онҳо шумор надоранду ин дам ман шуда беҳолу мадор. Менишинам лаби ҷӯйбор, дароз мекашам даруни тунукоби он ва ба ҳам мезанам чашмонамро. Меравам пинак, меравам хоб, дар тунукии оби шӯянда баданамро. Ба хоб мебинам Занбӯри бузургу зарринболро. Парвоз мекунад болои боғ истонҳои гулпӯш. Ба ӯ менигараму мепиндорам, ки фариштаест. Охир ҳамчунин занбӯрони калон-калон вуҷуд надоранд. Ба яқин ин занбӯри зарринболи зардолузорҳои пургул аст... Ана вай поён меояд, ба ман мешавад наздику наздик, мекунам эҳсос дами гармашро. Ва ҳамин лаҳза аз даҳони бози ӯ мешавад пайдо неши тиллогуни мориву меафтад ба рӯйи пурбими ман. Мехоҳам, мекӯшам, ки худро чап гирам зи неши тезсуръату қобил. Вале мекунад сӯрох тахтапуштамро сӯзанда дарди ваҳшӣ. Ин хоб набуд. Ҳанӯз фурсати чашм боз кардан наёфтам. Базӯр пилкҳои гарону танбаламро боз карда, зи ғафлатгузор ҷӯйбори тунукоб ба талвоса, ба бим мехезам: болои сарам истода бародарони гунг – Ҳасану Ҳусайн тозиёна ба даст. Боғбонҳо. Рӯяшон зи хандаи пурфараҳи як ҳайвони ваҳшӣ тобон. Мезананд маро бо ҳама қувва, бо ҳама шавқ, мезананд бо садои пуррези тозиёнаи ғафс ва танҳо дами хато рафтан зи хашм бо забони безабонии

даррандаҳо ғур-ғур мекарданду тозиёнаро ба тунукоби ҷӯйбор мезананд, пош мехӯрд ҳазорон қатраи булӯрин... Ман медавам даруни боғ, ҳанӯз бедор нашудаам, ҳанӯз мебинам пеши чашмонам Занбӯри Зарринболро. (Маро зи дасти сарбозони гунгу ваҳшӣ, Худоё наҷот деҳ, наҷот деҳ, Худоё). Ман боз болои ғиттаҳои рехта мелағжаму меафтам. Ва сарбозони гунг давону ғуд-ғудкунон маро дарёфта ба як шавқи шаҳватангезу бенидо мезананд, ба тозиёнаи перомунам печанда маро зинда доғ мекунанд, мепазанд. Боз мехезаму мегурезаму мегурезам. Баъд баргашта ба рӯйи даррандавор қаноатманди онҳо мезанам фарёд; ман чӣ гуноҳ кардаам? Фақат каме зардолу хӯрдам. Зардолуи раҳзадаро. Аздусар ҳадар мерафт, мепӯсид. Ғизои замин мешуд. Наход хӯрдани онҳо мумкин набуд? Мумкин аст кирмхорову инсонро не, ҳамту?... Ба кирмҳо мумкину ба одамон не!... Даруни боғ медавам, бо ҳазорон кӯшиш чап медиҳам, худро зи нишонрас тозиёнаҳои чобук. Тахтапуштам шуда монанд ба зардолуҳои раҳзадаву маҷақгардида.. Ман гурезон мешавам зи ин боғистонҳои беҳудуд. Ин боғистонҳо азони Оллоёрбеки девонбегианд. Ӯ хеши амири Бухорост. Ӯ вазир аст. Ӯ кайҳо ба Бухоро кӯчида буд. Вогузошта ба бародарони гунг боғро.

Падарам молид ба ҷароҳати тахтапуштам равғани нахл ва ким-чӣ хел дорувори гили хушбӯйи ғиждувониро. Баъд гуфт: ба ёд дор, писарам, ки саг бо ликкондани дум рӯзӣ меёбад ва аз зузакашиву аккос фақат шаллоқ... Эҳ, падар, боз ҳам наметавонам бо шумо бошам ҳамфикр, ҳатто ба зери тозиёнаву табари қотили ҷаллод ҳам наметавонам шавам розӣ. Ман назди ҳеҷ кас дум намеликконам. Ман надорам дум! Ба мисли гургкушҳо...

Ҳама шаб гуфтам аноӣ, задам фарёд. Фариштаи Зар-

ринбол! Эй Фариштаи Зарринбол, чаро ба кирмон мумкин асту ба одамон не?... Охир чаро?...

## АМУДАРЁ

*Фитод аз захми он бар синааш чок,*
*Чу сайди захмнок афтод бар хок.*
***Ҷомӣ***

Зуд расидаанд себҳо. Аксар вақт аз болои девори ҳамсоя ба ҳавличаи Саиди чӯпон мерехтанд вазнину гаронбор. Вале Мушфиқӣ нисбати онҳо беэътино буд, намебардошт аз замин. Бигзор шаванд хӯроки кирмҳо. Беҳуда меафтиданд себҳо. Баъзан ба ҳини зарб ёфтан пош мехӯрд дона-дона пораҳои ширину сероб. Мушфиқӣ оби даҳонашро фурӯ мебурд... Аз сари девор шуд пайдо. Тифлона сарак, чобук бо парешон кокулони майдабофту қиргун.

– Эй Мушфиқӣ, чаро аз себҳои мо намехӯрӣ? – саволомез лабханд зад тифлона сари чобук. Ин духтари ҳамсоя, тотордухтар Амударё буд. Вай сездаҳсола аст. Қоҳ-қоҳзанон механдад, филфавр маккорона нимпӯш карда чашмони лаккону тезбини худро. Ӯ ба Мушфиқӣ дил додааст ва дигар баҳраманд гашта аз ин эҳтиросоти талху гуворо. Вале ҳанӯз гаранг асту карахт Мушфиқӣ. Ҳанӯз аз ин эҳтироси гуворо бехабар аст.

– Аз себҳои ту хӯрдан намехом. Чизи бегонаро гирифтан намехом, – воқеоти боғ и Оллоёрбой девонбегиро ба ёд оварда мегӯяд оромона.

– Маро бӯса задан мехоҳӣ? – беихтиёр пичиррос мезанад Амударё намудор гашта, ба тамоми қад болои девори хиштин. Ӯ ба бар дорад сурхчатоб куртае зи шоҳии Марғелон. Зери сурхчатоб куртаи дарози шоҳияш менамояд товусҳо, нақшин ичигии нафисаш. Медурахшанд ба

гӯшҳои майдаву ҳассосу гурбавораш вазнин гӯшворҳои тилло.

– Ман ҳеҷ гоҳ касеро бӯса накардаам... Ман намедонам, наметавонам ин корро кардан, – аз шарму ҳаё чашмонашро ба зер меафканад писарбачае, ки дамида хати сабз пушти лабонаш.

Он гоҳ тотордухтар аз болои девор бесадову густохона худро ба зер меафканад ва сӯйи Мушфиқӣ медавад. Ӯ чобук асту тезгом асту уҳдабаро. Доғ аст!... Ӯ Мушфиқиро оғӯш мегирад, ба дастони химчагун нозукаш. Аз ӯ бӯйи гулоб меояд. Ӯ бӯса мезанад сару рӯйи Мушфиқиро бо лабони нозуку қитиқовару густохаш. Ӯ бо гулбаргҳои густохаш мекобад лабони Мушфиқиро. Лабони ҳанӯз бӯсанадидаро... Мушфиқӣ аз ин эҳтирос меҳаросад, меёзад ва сарашро мегурезонад. Чӣ илоҷ. Амударё пурзӯртар аст. Лабони бӯсанадидаро меёбад. Бӯса чу гулбарги чандири бодоми абргун миёни ин лабон мерезад. Баъд... Баъд тотордухтар Мушфиқиро башаст паст партофта, ба ҳамон суръат мебарояд сари девор. Тобанда аз фараҳ, шукуфанда чу гулбарг зи нури зиё. Лабханд мезанад, чу хуршеди субҳгоҳон. Меларзанд гӯшворҳои тиллоияш чун шабнами гулбаргҳо. Меларзанд, меларзанд. Оҳ меларзанд... Мисли дили пуризтироб...? Оташ мегиранд. Вале сару рӯю лаби Мушфиқӣ доғ тару пуробтар оташ мегиранд!

– Боз мехоҳӣ бӯса занӣ бар лаби ман? – қоҳ-қоҳ мезанад духтар сари девор.

– Ҳо! – мегӯяд писарбача.

– Пас сари девор баро! – амр мекунад Амударё.

Мушфиқӣ мебарояд бар сари девор. Меистад дар баробари тотордухтар. Мутеъкоронаву шармида.

– Ба боғи мо фарову бароям зи шохсор як себ кан! Фақат якто! То ки халал наёбанд, бар ҷой монанд дигар себҳо. То ки нарезад бар замин ягонто. Нарасида ба ди-

гаре, танҳо як себ кан! Баркан, Мушфиқӣ, кан! Ва он гоҳ метавонӣ маро бӯса кунӣ! Поён фаро, эй бача! Тезтар, ҳанӯз барнагашта зи бозор падарам!...

Мушфиқӣ мефарояд ба зер ва бо тарсу боэҳтиёт мениҳад гом бар сабзазор. Дарахтони себ хам шуда аз пухта меваи бисёр. Баъзе шохаву навдаҳо шикаста. Меафтанду мешоранд меваҳо. Бо садо. Коҳилона. Мушфиқӣ зери дарахте меравад, боэҳтиёт бо панҷаи дилсӯз ламс мекунад меваҳоро, мекобад себи сафеду серобро. Вале аз ҳаракати сабук навда меларзад, мерақсад ва себи пухтаву сероб канда мешавад аз шохсору мерезаду мерезад сахту беамон бар сару рӯяш. Боғ зи ҳамли расида гаронбор шуда. Вай аз навозиши насим ҳам мерезонад зудгузар ҳосилашро.

Сари девор механдад Амударёи маккор. Меларзанду метобанду шуъла мезананд тиллоӣ гӯшворҳои рехта ба гӯшчаҳои нафису нозуку ҳассосу гурбагунаш. Мушфиқӣ гаштаву баргашта меёзонад боэҳтиёт панҷаҳои ларзону гиро сӯйи себи дигаре, вале боз мерезанду мерезанд зи шохсорон пухта себҳои муаттару дилкаш, зудрасу сарборӣ. Дигар озурда шудааст Мушфиқӣ аз меваҳои афтандаву пулашаванда. Ӯ дигар ноумед мешавад. Ӯ мешавад машғул ба боғи пухтаву расида ва мезананд, мерезанд ба пушту ба сару китфонаш себҳои сероб. Себҳои нафису пухтаву дастнорасида... Тотордухтар сари девор механдад: Мушфиқӣ бароям як себ кан! Фақат якто! Ба дигар себҳо даст нарасонда! Норасида! Магузор, ки канда шаванд зи шохсор! Эҳ, Мушфиқӣ, аз дастат намеояд ҳеҷ кор! Ту аз ҳад тез! Ту содалавҳ! Ту хушбахт намешавӣ ба ин зиндагӣ! Мушфиқӣ, ту одами хубе ҳастӣ! Вале дигар ҳеҷ гоҳ маро бӯса нахоҳӣ кард! Эй Мушфиқӣ!... Ку охир себҳои ту?...

Амударё сари девор механдад. Амударё сари девор меларзад, мекаловад, печутоб мехӯрад, вале ғамангезанд

лакконаҳои чашмони ошиқаш. Мушфиқӣ хаста шуд. Ӯ китфи овезон меистад зери дарахтон. Шамолак мевазад, себҳо мерезанд, мезананд сару китфу пушташ, вале ӯ беэътибор аст. Ба Амударё чашм медӯзад. Ба тифлона лабҳои ғунчагуну фарбеҳаки ӯ. Ба лабҳои сабук чун абри баҳорияш.

Тотордухтар механдад бо чашмони беқарор, гӯш медиҳад ба сӯйи дарвозаи баланду чӯбин, ба садои суми аспҳои тозон: гурез Мушфиқӣ, гурез, падарам зи бозор меояд. Тезтар! Ту резондӣ ҳама себҳоро! Набояд, ки падарам бинад туро! Алвидоъ, Мушфиқӣ!.. Ман туро дӯст медорам! Вале ту аз бароям натавонистӣ як себ, фақат як себ барканӣ!... Алвидоъ!... Ва якбора гиря кард тотордухтар. Гиря мекунад Амударё...

Чаро гиря мекунад ӯ?...

Мушфиқӣ саҳарии барвақт, субҳи содиқ мешавад бедор зи овози пурмағалу баланди карнайҳо. Зи садои идонаи карнайҳо. Аз паси девор, аз ҳавлии Амударё меояд пурнишот оҳанги гуфтугузори мардум. Мушфиқӣ мебарояд сари девор, нигоҳ мекунад ба ҳавлии тотор бо чашмони гарону хоболуд. Ҳавлии тотор пуродам аст. Одамон ҷомаҳои нави шоҳӣ, парча ба бар, миёнҳо баста бо рӯймолҳои чашмбар, тоқии чоргул ба сар, ба по мӯзаҳои муҷалло. Сари ин тӯдаи ороста истода хушкида мӯйсафеде, калтаву дасторкалон, ба тан дароз яктаҳи сафеде. Мушфиқӣ мешиносад ӯро. Мулло Ғафури Маҳдум аст. Эшон. Муқарраби садрулмуфтии Бухоро. Мушфиқӣ медонад. Ӯ ба Чептура фақат рӯзҳои ниҳоят муҳим меояд. Чаро ӯ имрӯз омада? Зери панҷаҳояш мелағжанду мерезанд бодомгун шаддаҳои сабзфоми тасбеҳи ғиждувонӣ.

Мушфиқӣ ба боғ мефарояд аз сари девор, миёни себҳои дирӯз резондааш боэҳтиёт мегузорад қадам, то онҳоро маҷақ накунад зери кафҳои урёнаш. Ӯ наздик

мешавад ба тӯдаи оростагон ва гӯш фаро медиҳад ба гуфтугӯи эшон. Онҳо аз чӣ хусус сухан мекунанд? Ин мардуми серу ланҷу пероста ба либоси қиматбаҳо... Дар бораи наварӯси ҷавон. Дар хусуси дер монданашон. Кист ин наварӯс? Ку домод? Худовандо ин ду зол киро берун меоранд зи дари ороставу перостаи хонаи мустағнии тотор. Аз ин дари пурнақшу пастак киро меоранд берун? Бар сари кӣ мекунанд ин тангаҳои тиллоро нисор дам ба дам бачаҳои сари бомҳои ҳамвор. Кист ин наварӯси химчамиёну беҷуръате, ки зери фаранҷии вазнину нуқрафом хамида меравад? Кист ӯ?...

Тӯдаи мардум ях мебандад.

Мардон сар ба зер мегиранд.

Мулло Ғафури Маҳдум сура мехонад. Мардон бо он сифати зотие, ки Худованд лоиқашон дониста, аз занҳо афзал мегарданд... Занони отифаву покдоман бо мутеӣ ва вафодории худ аз дигарон афзал мешаванд: онҳо дар набудани шавҳаронашон шарафи ӯро поймол намесозанд, он чиро ки бо хости Худо боистӣ нигоҳдорӣ шавад, ғамхорона, покдинона ҳифз менамоянд. Агар аз саркашии эшон битарсед,ононро коҳиш кунед. Аз бистаратон биронед ва ҳатто шаллоқ занед. Ва агар мӯнису меҳрубон бошанд, барояшон сари пурҷангу дилсиёҳӣ махоҳед. Оллоҳу Акбар... Ло илоҳа илаллоҳ Муҳаммадан расулаллоҳ!.. Худо яккаву ягона Муҳаммад расули барҳақ аст.

Ҳамагон калимаи шаҳодатро дар дил такрор мекунанд. Мулло рӯ ба арӯс меорад: оё ту розӣ ҳастӣ, ки зани некукор, покдоман ва вафодори Оллоҳёрбой девонбегӣ шавӣ, зани марде, ки аз паси умури давлати олампаноҳ, амиралмуъминини мо дар ин маросими сururу шодӣ иштирок карда натавонист? Ту розӣ ҳастӣ, ки худро битамом ба ӯ бахшӣ?

– Не,– мебарояд овози тифлонае аз зери фаранҷии га-

ронбор.

– Оё ту розӣ ҳастӣ, ки зани накукор, покдоман ва вафодори Оллоҳёрбой девонбегӣ, зани он касе, ки аз паси умури давлати олампаноҳи мо амиралмуъминин шуда дар ин маросими тӯйи арӯсӣ иштирок карда натавонист, бишавӣ? Оё ту розӣ ҳастӣ, ки худатро битамом ба ӯ бахшӣ? – бо овози якмаром мулло ба ҷо овард пурсиши анъанавии секаратаро.

– Не, – баромад овози хафӣ ва ларзид.

– Оё ту розӣ ҳастӣ, ки зани накукору покдоман ва вафодори Оллоҳёрбой девонбегӣ шавӣ? – хастаҳолона гуфт мӯйсафед. – Оё ту розӣ ҳастӣ, ки худро битамом ба ӯ бахшӣ?

– Ҳо, – гуфт духтарак баъди мулоҳизаҳои дуру дарози зери фаранҷӣ. Он гоҳ гирист. Зери фаранҷии хафӣ гирист. Оҳ гирист. Дар сукути пурбими мардум ин садои гиряи хафиф баръало ба гӯш мерасид. Вале мардони дар либоси идона пироставу хоболуду коҳил, лабханд мезаданд ба маъсумона ашкҳои ширину беолоиши зиндонии зери фаранҷӣ.

– Эй нозпарвар, аз паси ман ой, – бо меҳрубонӣ гуфт Ғафури Маҳдум ва бурд духтарро ба сӯйи дарвоза. Истода паси дарвоза аспҳои ороставу перостаи ахалтегинӣ буд. Онҳо зери мӯйи худ, пӯсти худ медурахшиданд ба мисли шоҳӣ. Аспҳо шоҳингун метофтанд. Азоб мекашиданд. Дилгир шуда аз интизорӣ... Аспҳои атласӣ...

Ана шинонданд навварӯсро ба айғири мутеу ороми сарқофила ва ба роҳ баромаданд аз ду бараш сарбозони шофбурути амир нишаста рӯйи аспҳои сиёҳчатоби фарбеҳи тозӣ...

Мушфиқӣ дурудароз нигарист зи дунболи батамкин раванда корвони серҷиҳозу пурҷалолат. Нигарист дуру дароз, то ғарқ шуданашон ба умқи кӯчаҳои пурчангу ғубори деҳ. Нигоҳ кард, то даме ки корвон даруни

ғубори ҷовидонаи осиё ғарқ шуд... Ғубори ин субҳгоҳон тоза, шабнамгун, гулранг буд. Гулгун буд. Ғарқ шуд корвони аспҳои арӯсӣ даруни ғубори гулгуни субҳгоҳӣ. Ғарқ гаштанд атласӣ аспҳои гулгун даруни ғубори гулранг. Мушфиқӣ бияндешид; чи хуш фаслест, ки корвони арӯсӣ рафт ба ҳангоми субҳгоҳи ғубори гулгун, на дар ғуруби зардчатоби гардҳо... Охир дӯст медошт куртаҳои гулгунро Амударё... То замоне, ки онҳо ба ҳам якҷоя камол меёфтанд, то даме, ки шӯрзада девори хиштину сербаре онҳоро аз ҳам ҷудо мекард, тотордухтар ҳамеша ба куртаи гулгун мегашт. Ин замон ҳам ӯро ба ҳангоми тоза ғубори гулгуни субҳгоҳӣ бурданд...

Оё ту розӣ ҳастӣ, ки битамом худатро ба ӯ бахшӣ?

Мушфиқӣ ба ҳавлии тотор баргашт ва сӯйи девор рафт. Мерафт бо сари хам, чизеро надида мерафт. Ва якбора ларзид: рӯйи замин, перомунаш то дуриҳои дур, то беинтиҳоҳо дид рехтаву маҷақшуда себҳои ширин, поймол шуда себҳои сафед ба зери мӯзаҳои ғижжокии олимансабонро. Себҳои ӯ. Себи зиёде ва ҳамааш, ҳамааш маҷақу яксон ба хок буд...

...Эҳ, Мушфиқӣ ту бачаи аз ҳад зиёд тезӣ. Содалавҳӣ! Ту дар зиндагӣ бадбахт мешавӣ! Мушфиқӣ, охир куҷост себи ту? Алвидоъ, Мушфиқӣ! Ман туро дӯст медорам! Вале ту натавонистӣ пинҳон аз дигарон маро бидуздӣ! Бо ман гурезӣ, бо ман парвоз кунӣ чун парандаҳо, чун кафтарони саҳроӣ ба сӯйи ҳомунҳои беканору дуродур, ба сӯйи дарёҳои маввоҷу хуршедӣ. Ту маро ба дигарон бахшидӣ. Эй сахои нобаҳангом. Беҳуда расидӣ, нороҳат кардӣ, бедор намудӣ себҳои дигарро... Мардуми дигарро! Алвидоъ, Мушфиқӣ! Ман, даруни ғубори гулгун мешавам ғарқ! Алвидоъ!...

Магар ин ишқ буд, падарҷон, падар! Чаро ин қадар зудгузару андуҳбор? Магар тезгомтар аз оҳуи ҳассоси

Бухорост? Тезгомтар аз шаршараҳои дараи Варзоби анбӯҳи дарахт аст? Тезгомтар аз даманда дарёи Коко ба ҳангоми борони гилолуди баҳор аст? Магар ишқ – бадбахтист? Магар ишқ маҷақ шуда себ аст?...

Оё ту розӣ ҳастӣ, ки битамом худро ба ӯ бахшӣ?

...Ҳо...

## ПАДАР

*...Ва марг ба қасри зиндагии ӯ панҷа зад...*
***Хоҷа Самандари Тирмизӣ***

Пир шудааст Саиди чӯпон. Мекашад кӯкнор нишаста ба айвон, зери сояи ток. Зарду заъфаронӣ шуда ба мисли димоғ сӯхта биҳии тирамоҳӣ. Ӯ дигар намеронад рама. Бурда ҳатто зи ёд номи дӯстдошта гургкушҳоро. Дӯстдошта гургкушҳое, ки буданд ягона ҳамсафарони зиндагии кӯчияш. Ӯ ғарқ шуда ба дуди зарду сокит, мегӯяд аноиҳои гуворо.

Ӯ мегӯяд: зиндагӣ сархушиесту хумор. Кайф. Гувориши дуди хоболуд. Марон ин дудро, писарам. Даруни он ғарқ шав. Зиндагӣ кун. Аз он гир нафас. Он гоҳ ту нахоҳӣ дид деҳоти харобро, ҳокимони серу бепарворо, атфоли гуруснаро, киштзорҳои хушку беҳосилро... Онҳоро нахоҳӣ дид. Ҳамааш ғарқ мешавад даруни худовандона дуди кайёфу хушгуворо. Ғарқа ба дуди муқаддас Муҳаммад Пайғамбар гуфтааст, ки фақат занон ва намозро дӯст медорад. Ӯ ин дуди заъфарониро фаромӯш карда буд. Осиё дӯст медорад заъфарони дуди фаромӯширо. Онро металабад. Онро ҳамеша суроғ мекунад. Ва ту ҳам, эй Мушфиқӣ, дар талоши вай бош, суроғ куну онро талаб. Биҷӯй, то даме ки рагу паят шавад сусту пора. Нигоҳ кун ба ин гардани ман. Вай ҳама раг асту пай. Шуда ба мисли навдаи хушк. Фурсати мо

монда кам, бояд кашид зи ин дуди фаромӯшӣ дам. Дар рагу пайҳои ман дигар ба ҷойи хун дуди ширину хушбӯ ҷорист, ҷорӣ. Рӯзу соати ман ба шумор монда, писарам. Пода рондам ман тамоми умр, мешинохтам хазорон гову гӯсфанд. Бигӯ чӣ шуд? Ҳамагон рафта аз рӯйи замин, вале ҳанӯз ман монда бар ҷой. Ман ҳанӯз зинда нафас мекашам. Умри маро бақои зиёдтар будааст... Ман онҳоро ёд мекунам, миёнашон мекунам гардиш, гӯё онҳо ҳанӯз зиндаанд. Ва ҳатто гови худамро – Уляши худамро дорам. Якто. Фақат якто. Аз ҳамаи он рамаҳои рафта ба манзили бақо. Дигар ҳамааш рафт ба мисли дуд. Ман фақирам, вале доротар аз амирам. Ман дорам дуди фаромӯшӣ. Бигир, писарам, қалёнро. Бичаш онро. Ва ту ҳам фаромӯш мекунӣ ишқро.

Мушфиқӣ, ту чашидӣ, бидидӣ нахустин шаҳди андуҳро. Ба хок яксон карданд мардум себҳои туро. Бигир қалёнро ва меравад ин ҳама андуҳ даруни саробгун дуди муқаддас... Бигир қалёнро, писарам!... Худовандо худат медонӣ: то аз даст шудани он гӯсфанд, бовар надоштам ба дуди заъфаронӣ... Ҳамон гӯсфанд, дилрабо гӯсфанд! Чи думбае дошт гиб-гирд, ба мисли карсони мисин, карсоне, ки худораҳматӣ ҳамсари ман Қумрихонум мепухт дарунаш мураббои биҳӣ. Чӣ пойҳое дошт ба мисли айғири ахалтегинӣ... Чӣ гӯсфанде буд зебо! Ва ман бо дастони худам сар задам ин эъҷози табиатро... Ин эъҷози Худовандро... Ин...ин гӯсфанди гӯсфандонро!... Ва шуд сарфи кабоб!... Аз ҳамон рӯз медарояд ҳар бор ба хобам. Медидам ӯро дар шомхӯрда чарогоҳҳои дурдаст... ба назди танҳову сардшуда гулханҳои равшан... Ман ҳазорон гӯсфандонро сар задам, аммо ҳамчунин дилбару зебоеро надида будам... Надидам!... Маро мазҳар шуд нокостанӣ зебоӣ. Вай суруши осмонҳо буд. Ҳо, вай Фариштаи зиндагӣ буд, ки дар сурати як гӯсфанд бар ман зоҳир шуд, охир шубонам ман...

Ман ҳамон гӯсфандро ҷустам даруни фарогиранда дуди печони заъфаронӣ... Ва бар ман гашт зоҳир, чӣ чашмоне дошт маъюсу тумангуну беқарор. Чӣ чашмоне дошт, ба мисли чашмҳои миранда Қумрии ман, модари ту. Ва ман кардам бовар ба ҷони кӯчӣ аз бадан. Бовар кардам ба мисли сӯфиён, ба мисли дарвешон, ба мисли орифони қадим...

Чӯпон, чӯпон бикуш бо теғ гӯсфанди думбадори ҳисориро дар лаби ҷӯйбори гилину пуралаф ба ҳангоми нимарӯзӣ.

Бикуш гӯсфанди думбадори сияҳро назди ҷӯйбори алафини тозабӯй ба ҳангоми нимарӯзӣ.

Бибур бо зарҳалин теғи оромибахш, бибур нозук гулуи нозанин гӯсфанди нимхобро.

Бибур, бесаранҷом кун ба теғи тез гулуи нисфирӯзии дилгиру бепоёнро.

Бибуру ба оби ҷӯй дардеҳ сар мавҷи хунҳои поку софу бегунаҳро.

Ва сар деҳ марғӯладор хунҳои пуршикану дар ғазаб ҷавону сурхро ба ҷӯйбори пуралафи тираоби орамида.

Ва сар деҳ хунҳои ҷавону дарозу моросо пуршиканро, хунҳои сурхи дарозро ой кӯтоҳро, тозаву лек кайҳо гилолудро ба коми ҷӯйборҳои орамида.

Магар ҷорист лойи зери ҷӯй? Ва ё моҳиён тухми хеш меҷӯянд?

Ё ки ба ҳам пайваста ҷорианд бо маром лойҳои шабгун тираву зиндагашта?

Баромаданд!

Ва шуд равшан оби ҷӯйҳое, ки мераванд бенишон,

Ва шуд равшан оби ҷӯйҳое, ки мераванд бенишон.

Ва мебурданду мебурданд абри рехтаро ва мебурданд тумани зиндаро, мебурданду мебурданду мебурданд.

Ва мебурданд абри сиёҳи рехтаро, рехтаро, рехтаро.

Ва мебурданд абри рехтаро, рехтаро, рехтаро.

Ва мебурданд абри рехтаро.
Фаромӯшгаштаро? Фаромӯшгаштаро?
Фаромӯшгаштаро? Фаромӯшгаштаро?
Нимфаромӯшгаштаро? Нимфаромӯшгаштаро?
Як умр, як умр, рехтаро, шустаро, рафтаро?

Чӯпон, чӯпон назди сари буридаву захмии гулуи гӯсфанд, ки зи он мерафт хун бо талвоса мехонд оятҳо, телбавор мехонд оятҳо, бо андуҳ мехонд оятҳо, мехонд оятҳо.

Оят мехонду поку покиза мекард теғашро бар алафҳои лаби ҷӯй афтода рӯйи замин мехонд оятҳову мехонд оятҳо.

Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадан расулаллоҳ,
Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадан расулаллоҳ.
Худо яккаву ягона Муҳаммад расули барҳақ.
Дуо мекарду мехонд оятҳо чӯпони қотил.

Ман будам қотил... Ман кушта гӯсфанди пурэъҷозро. Гӯсфандеро, ки ба мисли Қумрӣ чашмон дошт. Худовандо, бубахш гуноҳамро. Писарам, дишаб назди ман Азроил – ин фариштаи охират, ин фариштаи бақои рӯҳу ҷонҳо оварда буд ташриф. Ӯ гуфт ба ман: гардунаи умрат шуда холӣ, хушку ҷудо зи пайванд, шуда об, эй Саид... ва саллаҳои аз ҳам гусаставу яккаву хурдаат рафтанд ҷовидона ғелида ба умқи хазанда ғубори рангпаридаи роҳҳо ба мисли боли пурнақши шаҳпаракҳои бевақтии саҳроҳо ба ҳангоми тирамоҳ... Рафтем, Саиди чӯпон... Ман ҳам охир шубонам... Ман Абаршубонам... Ман шубони шабистонҳостам... Ман шубони хуфтагони абадам, хуфтагони охиратро ман мекунам бонӣ... Шубони мурдаҳо... Шубони ҳазорсола чинорҳо.. Рафтем, Саиди пир... Бо худ гир қалёнатро... Ту ҳам шубони мурдагон хоҳӣ шуд. Саҳлу осон – онҳо намедонанд бероҳаҳоро... Ман ба Азроил гуфтам, ки намехоҳам бошам шубони мурдагон, аммо мехоҳам, ки бошам шубони чинорҳои

заминӣ...

Ва фариштаи шаб буд шубони рангин чинорҳо.

Ва фариштаи шаб буд шубони рангини чинорҳо, чинорҳо.

Ва фариштаи шаб Фариштаи Осиё буд, шубони чинорҳои лаби чашмасорони сард.

Ва фариштаи шаб буд чӯпони чинорҳо.

Ва мекард парвоз.

Ва менӯшид об зи ҳавзҳо дар нӯшгоҳи оҳувони масти кӯҳӣ мечашид об, мечашид об, мекард ҷустуҷӯ.

Ва навдаи дарахтони беду сафедорро рӯйи рег мехост монад нишони субҳ, вале меафтиданду меафтиданд, гум мекард ҳисобашро.

Вале мерафт ҳар субҳгоҳон шубони гӯсфандону занбӯрон ба ҳам пайваста рамаҳо, рамаҳо, рамаҳои пок пок.

Ва чун меёфт навдаеро афтида назди чашмаи сардобу зулол мехонд дуо.

Худовандо, чаро ман танҳо ҳомии одии тухми муранда оҷиз рамаҳо рамаҳои заминиям, заминиям.

Худовандо, Худовандо, чаро ман наям чӯпони парандагони осмонҳо, наям шубони рангин чинорҳо.

Чаро ман нестам шубони ҷовидонии мавҷудоти осмонӣ, чинорҳои ҷовидонӣ, ҷовидонӣ нестам.

Чаро ман наям чӯпони чинорҳо, чӯпони чинорҳои худовандӣ.

Чаро наям чӯпон?

Ва мегирист бо ҳазор андуҳ миёни анбӯҳ бешазорони хомӯшу сокити чинорҳои пурандеша.

Овози падарам буд гирифтаву хафиф. Саллаҳои бандбанд ҷудои гардунаи танҳои зиндагияш ғелида ба умқи ғубори сабзгуну тиллоии роҳҳо ва он ҷо шуда порапораву сокиту ором ба мисли болҳои нақшини шоҳпаракҳои нобаҳангоми саҳроҳо ба тирамоҳон...

– Писари дурам, бепарасторам, маро бубахш, чи кунам, ки фариштаи Азроил ҳам чашмҳо дорад... Чашмҳои ҳамон гӯсфандро... Бубахш, писаракам... Оҳ ғалаёни дуд ба мисли гулхани баргҳои намноки дарахтони зардолуи Чептура ба ҳангоми тирамоҳ аст... Мехӯрад чашмро... мехӯрад ҷонро... Оҳ аз ин кӯрдуд...боз ширину гуворо!... Алвидоъ Мушфиқӣ! Алвидоъ!... Дуд!

Падарам миёни дандонҳояш қалёнро сахт дошта ба айвон хуфта буд. Вай мурда буд.

Қалён бар даҳон. Барои абад рафта ба қаъри дуди фаромӯшӣ.

Муллои деҳ Иброҳимхоҷа гӯр кардани ӯро манъ карда. Манъ кард гӯр кардани ӯро чун ба имон як мусулмоне.

Иброҳимхоҷа гуфт: «Саиди чӯпон зист ба мисли як кофир ва мурд ҳамчу кофир. Ӯ наёвард имон бар Каломи шариф, вале хонд зи авроқи заъфаронии қалён дарси фаромӯширо. Дар Қуръон гуфта мешавад: барои касоне, ки мехоҳанд мазрааи охирати худро обод созанд, мо онро фароху пурвусъат мегардонем. Вале он кас, ки барои ободии мазрааи инҷаҳонӣ мекӯшад, муваффақ мешавад, аммо наметавонад ба охират даъвогар бошад. Вай охират надорад.

Саиди чӯпон биҳиштро дар ин ҷаҳон ҷуст, фаромӯш карда ҳамешабаҳор боғистонҳоро ба ёд наёварда хуррам биҳиштро. Ӯ аз охират бенасиб аст! Ӯ охират надорад!

Аё эй мавло, шариатпаноҳ, Хоҷа Иброҳим! Раҳм оваред бар ин наъш. Охир ӯ гӯсфандҳои шуморо ҳам чаронда буд. Онҳоро бонӣ шуд аз гуруснагиву аз гургҳо дар марғзорҳои сарду бекаси кӯҳсорон. Мегашт тани танҳо, бо галаҳо дар пайроҳаҳои дуру хилват, чарогоҳҳову ҳомунҳо. Ҷавонмард бошед. Бар мурда суннати гузаштагонро риоя кунед, маросими дафн ба ҷо

оред, охир худи Худованд ҳам оғ ози каломаш бахшидану раҳмоварист. Бахшоянда асту меҳрубон. Тараҳҳум кунед, аё эй хирадпеша, эй ҳофизи ҳақоиқи бебаҳси Худованд ин нигоҳдорандаи галаҳои маврусии гўсфандонро! Раҳм оваред... – Мушфиқӣ назди Мулло Иброҳимхоҷа ба зону зад. Ба зону зад болои фартут намадҳои пурчанги масҷиди гилпўши деҳ. Ба рўйи намад мепарид дурдонагун миттаи фарбеҳ, мехўрд печутоб, мезад худро ба ҳар тараф. Намадҳо аз асорати ин хўриш шуда ғ албер. Хоҷа Иброҳим аз баландии минбар, бо шиками сер сўйи зонузада писар бо табассум нигоҳ карду гуфт: Раҳмати Худованд беканор аст. Худованди азза ва ҷалла мефармояд: ва касоне, ки сангдил шудаанд боре ҳам ёди Худованд намекунанд! Онҳо ба яқин гумроҳанд! Ва ононе, ки аз ғ азаби Худо метарсанд ҳини хондани Қуръон эҳсос мекунанд кашида шудани пўсташонро, фишурда гаштани ҷонашонро!... Вале пўсти Саиди чўпон зи дуди хушгуворн тарёк гашта буд хушку заъфаронӣ. Аз ин рў, мо бар наъши нопоки ў оятҳои муқаддаси Қуръонро намехонем, фарзандам, бепарастори ман Мушфиқӣ...

Он гоҳ Мушфиқӣ аз рўйи намадҳои миттазадаву фартут бархост. Чашмонаш мезаданд барқ.

– Барои он ки шумо намехоҳед падарамро аз рўйи шариат дафн кунед, барои он ки шумо накукорӣ, саховат, бахшидани мардумро фаромўш намудаед, миттаву ширинча мехўрад шуморо, ба мисли ин масҷид, ба мисли ин пора-пора намадҳо. Шуморо миттаҳо мехўранд! – фарёдзанон зи масҷид бадар рафт писарбача.

Иброҳимхоҷа ларзид зи ин суханҳо... «Бадбахтӣ ҳамарўза бар куффор гаронӣ меорад, аз барои гуноҳашон» – оятеро хонд зери бинӣ ва оҳ кашид. Нос кашид, ки дар таркибаш кўкнор ҳам дошт...

Аммо писарбачаро шайтон аз роҳ баровардааст. Ва дурахшиданд чашмонаш ба мисли савсори сангину дар-

ранда ба ҳангоми шикори кабкҳо. Ман-кабк... Не. Хизматгори даргоҳи Худованд. Кӣ метавонад ҳамла кунад бар ман дар қаламрави шоҳи Бухоро? Дар Мовароуннаҳр?... Манам савсори ин чашмҳо, вале пурзӯранд чашмҳои ин писарбачаи бепарастор. Фақат муҷовир дарвешон доранд чунин чашмҳоро. Буванд девонагонро. Ва ҳамчунон пайғамбаронро... Ҳа-ҳа!... Пайғамбар омада ба дунё дар пурчанг деҳи хилвату торик?! Ҳеҷ гоҳ! Вале пайғамбарон танҳо аз музофотҳо ба дунё меоянду мерӯянд. Фақат дар онҷо, дар музофотҳо футур рафтани давлатҳо ва хатари сарҳадҳо пурзӯртар мешавад эҳсос...

Аммо!...

Зи нашъаманд ба дунё омада Пайғамбар. Ҳеҷ мумкин нест. Кори шуданӣ нест. Писарбача чашмони як марди девонаро дорад – на беш аз ин! Фақат мешавад дарвеш, миранда дарвеше, оворагард дарвеше, девона дарвеше, хушҳолу фараҳманд қаландаре хобонда бар лаби ҷӯйҳо! Аммо каломаш, забонаш...

Миттаву ширинча мехӯрад шуморо, ба мисли ин масҷид ба мисли ин пора-пора намадҳо!...

Иброҳимхоҷа як лаҳза чашмонашро ба ҳама зад ва дар назараш масҷиди ҷомеи Девонбегии Бухоро намудор гашт. Масҷидро фаро гирифта харобкунанда ширинчаҳои виҷирросӣ! Ба мисли мурдаи пашшае дар саропанҷаи мӯрчагон!...

Сари Иброҳимхоҷа гиҷ рафт, чархиду лағжид. Ва болои намадҳое нишаст, ки рӯяшон меҷаҳиданду мепариданд, миттаҳои марворидгун. Дигар онҳо ба назараш ҳамчун малакҳои сафед, марворидгун аспҳои сафед, бо сарҳои чун малах даррандавор менамуданд. Медавиданд марворидгун аспҳои марговар. Мехоиданд мулоим масҷидро бо сафед дандонҳои тезу аррасони хеш...

Малахи сафеде ба дастони сафеди Иброҳимхоҷа ни-

шаст...

## ДАРВЕШИ МУҶОВИР ХОҶА ҲОТАМ

*...ӯ шамъе буд дар шабистони кишвар...*
***Хоҷа Самандари Тирмизӣ***

Ба хонаи марҳум Саиди чӯпон фақат чанд нафар омаданд – тарёкиёни зарду зардолугун. Омаданд чанд нафар дӯстонаш. Шустанд наъши хушкидаву сардро. Печонданд ба кухна кафани дурушту ба тобут гузоштанд. Бурданд ба мазористони дуру фаромӯшшуда. Бурданд хомӯш. Рафтанд хамӯш. Ба ҳомунҳо оромӣ хилват дошт. Мепариданду париданд хоболудона кабӯтарҳои ваҳшии ҳомунҳо. Мавҷ мезад шолизорҳои баҳорӣ. Онҳо рафтанду рафтанд. Бо худ бурда мурдаро. Тобут чун пилла сабук буд.

Расиданд ба мазори домани кӯҳҳои Қаратоғ, ба мазори муқаддаси Аловиддин. Расиданд ба он мазори фарсудаву кухна. Кайҳо бод хӯрда, шуста, пок карда зи рӯйи тобасанг ҳуруфи муқаддасро. Шуда ба хок баробар, гашта гил, рехта фурӯ, шуста зи боронҳо, рафта ба боди фано деворҳои гилошураш. Мазористон зи борони айём вайрон гардида буд. Ва танҳо пашшаҳои заррин болои мазор чарх мезаданд, он ҷо ҳукумат доштанд. Онҳо пашшаҳои муқаддаси мазористон буданд. Онҳо ягона ҳофизони оромишу осоиши хуфтагон буданд...

Ба ёди Мушфиқӣ омад кухна рубоие, кухна рубоие, ки онро боре аз забони ҷаҳонгашта дарвеше шунида буд. Он рубоӣ ба марги Темури Ланг буд...

Тахти Темур месӯхт. Пойи Темур месӯхт зи оташи даштҳои Ошӯр.

Ҳоким омад ба назди дарахтони бед, бар мазори дар-

вешон.

Бо ҳарос кардан навозиш варо барги дарахтон.

Баромад бар манора он Темури лангу ғазаболуд сӯйи дашт афканд назар

Ва бо ангушт бихонд ба сӯйи хеш фариштаи олами уқборо.

Мазористони пашшаҳои заррин. Мушфиқӣ ин лаҳза огаҳӣ меёбад аз ин ном. Ӯ фаҳмид, ки чаро мазористонро ба номи пашшаҳо ёд мекунанд. Ва ёдаш меравад бар ҳашамати амир, андеша мекунад дар бораи амир. Амире, ки бар фариштаи Марг – Азроил гуфта буд: ба вақти хости ман ой. Вале куҷост он дарахти пашшагин?... Ҳо, ана он. Тани танҳо руста маҷнунбеде миёни тахтасангҳои кӯршудаву бефурӯғи рӯйи қабрҳо. Ягона. Руста сабзу зиндагихоҳ миёни кишвари хомӯшон. Вале ларзанда зи анбӯҳи зарандуд пашшаҳои зарринболи Марг. Ягона зинда монда мавҷуде. Зинда миёни мазористони мурда...

Дигар мемонад ин ҷо Саиди чӯпон. Мемонад барои оромиши ҷовидон. Дигар барои абад болои сараш беди марворидгуну зарандуд бод меравад. Ӯ танҳо намемонад...

Тарёкиёни зардолугун зард боэҳтиёт медароранд наъши Саидро ба вайрона дахмае гилин хобонда бар хоки намноку заҳ, ба фарзу суннат, рӯ ба сӯйи қибла. Хуфтааст ба мисли зиндаҳо. Куҳнакафан дарид, берун омад чеҳраи Саид. Чӣ сон хушнуду фараҳманд буд дар охирин манзили хеш...

Оҳ, падар, падарҷон, наход бигзорам ин ҷо, танҳо ба замини намноку пурзаҳ шуморо? Бигзорам ин чеҳраи фараҳманду қаноатмандро то рӯзи ҳашр? Барои абад, танҳо мегузорам? Дигар то абад натвонам бубинам ин рӯйро? Падар! Падарҷон! Падар... додо... наход... то абад гузорам танҳо... Ин лаҳза мегузорам... Дигар дахма бароям диму заъфарон шудааст... Аллакай ин тарёкиёни

мурдарӯ рафтаанд... Фурсати ман ҳам расида... Фурсат расид, падар!... Алвидоъ!... Мегузорам ин ҷо чилими дӯстдоштаатонро... Мехоҳед, оташашро гиронам, охир дигар шуморо роҳ намедиҳанд ба биҳишт, ба боғ истонҳои ҳамешабаҳор... Он ҷо шуморо дилгир мекунад... Алвидоъ, падар... Ман боло меравам. Он ҷое, ки беди марворидгуну зарандуд мерақсад. Ин ҷо дигар нафас гирифтан мушкил аст... Ман меравам... Ҳолӣ... ҳолӣ... барои абад... падар меравам... Алвидоъ...

Мушфиқӣ аз дахма меояд берун. Ба ёд меорад садафгун кирмҳои печанда, берунхазанда аз раҳзада зардолуҳои зарандудро... Акнун онҳо ба манзили падараш меоянд. Мехазанд ба рӯйи қаишгуни ӯ кирмҳои садафгун...

Мушфиқӣ гиря мекунад. Ба зери беди сокиту ором қарор гирифта, ӯ дигар ятим шуда буд. Ӯ дигар танҳо шуда буд ба мисли ин яккабеди мазористон. Дар ҳама олам монда тани танҳо...

Ва ҳамин лаҳзаҳо ба гӯшаш овози ким-кие мерасад: Ин ҷо биё, эй писар, эй нахустин бор дарак ёфта зи марг. Дигар ғаму андуҳ мерезад бар сарат мисли ҷовидона шабнам. Дигар то дергоҳ пеши назарат қабрҳо барҷой мемонанд. Ва ҳамчунин ин тобасангҳои болои мазорҳо. Вале ин нукта дар ёд дошта бош, ки ин мазорҳо, ин сокинони диёри марг ҳам рӯзе мемиранд. Фанои фонӣ. Марги миранда. Танҳо ҷовидонаст нишони одамизод. Каломи шоирон, пайғамбарон.

Ҳокимону масхарабозон. Намешавад ба ҳеҷ мазор гӯр кард онро...

Мушфиқӣ қафо гашт. Зардӣ мекард миёни дахмаҳои фурӯрафтаву бенишон хурдакак козае монда байни хорҳову гиёҳҳо. Хуфта буд даруни он козаи алафин нимбараҳна мӯйсафеде бо либоси ҷандаву гардолуд. Дар сараш тоқии заъфаронии чоргул дошт. Дар бараш

асои нӯгтези бодомӣ. Ашкрез чашмонаш зи дарди шилпук.

– Шумо кистед, домулло? – даст ба сина гузошта бо эҳтироми пурбим пурсид Мушфиқӣ.

– Ман дарвеши муҷовир. Ҳотамхоҷа. Шайхи ин мазористон. Бенавои ин даргоҳ... посбони хоку туробшудагон. Замоне ки ба мисли ту ҷавонписар будам, боре ба ҳангоми бонги хурӯс аз хона ба қасди бозор берун шудам. Ба амри тасодуфе зери пойи худ нигаристам ва чӣ сон зери кафи бараҳнаам маҷақ шудани мӯрчагонро дидам. Онҳо бебозгашт ба олами фонӣ мерафтанд. Ман онҳоро мекуштам маҷақ карда зери пойи урёнам. Чанд қадам болои ғубори гарму нарми роҳ бардоштам ва баъд ба қафоям нигаристам. Мӯрчагон, ин қурбониҳои ман рӯйи роҳ мехуфтанд. Ман ба ҷоям истодам ва рӯйи онҳо хам шудам. Ашкҳо рехт зи чашмонам ба рӯйи заргун ғубори роҳ.

Ҳамин тариқ, ман нахустин бор маргро дидам. Аз ҳамон лаҳза ман дарвеши муҷовири ин мазористонам. Ман дар ин олам фақат тантанаи фано, ҳукми маргро дидаам. Ба назарам замин мазори беинтиҳое намуд. Он гоҳ ман ба ҳасбаш марсия сурудам. Марсияи Марги Ҷовидона...

*Мегирад ҷон пояи он лолаи шоҳӣ,*
*Карда пур зи об ҷоми арғувониш,*
*Ки менӯшид з-он чу аз ҷоми тақдир,*
*Ҳарчи мерафт дуртар байни куҳна мазорҳо,*
*Чу бигашт тиҳӣ он ҷоми рустоӣ,*
*Подшоҳ фавтиду мазоре гашт бунёд.*

Гузида манзил ба қабристон, шудам ғарқ ба дарёи андуҳ. Ва як шабонгоҳ ҳофизи ҷаҳонгарде сари роҳ ин ҷо меҳмонам шуд. Ӯ нишаст болои тобасанги қабре ва аз

кӯлвораш найе берун оварда, дар дили шаби орому сокит ва муқаддаси мазористон нола сар дод. Ӯ навохт, то дергоҳ, сомеаш танҳо бадри мунир буд. Аз садои нояш чир-чиракҳо хомӯш шуданд ва ғамнок гардиданд туробшудагон ба боғистонҳои анбӯҳу биҳишти дурдаст. Он гоҳ таронае соз кард. Ман онро ёд дорам. Ана чӣ сон аст он...

*Сағонаи дарвеш чӯкид, сағонаи дарвеш чок хӯрд,*
*Сағонаи дарвеш нагунсор шуд,*
*сағонаи дарвеш тарк хӯрд,*
*Чиро ӯ дар забонаи оташ пешакӣ бидид,*
*Чаро ӯ дар ин ҷаҳон ҳамедавид,*
*Чаро ӯ рустои бодомиро давр зад,*
*Чаро дадони ӯ хӯрданд.*
*Чиро ӯ идрок мекард, чиро навозиш менамуд.*
*Чиро бо орзуи шабҳангом назора мекард,*
*Чиро дар бодияи кабир месуруд ва андоза менамуд,*
*Чиро барои инсонҳо дуо мехонд,*
*Чаро бифитод ба лонаи занбӯрӣ*
*ва онро бо ғурур зери хок кард.*
*Дигаре дар ин гетӣ гом мезанад*
*ва паси ӯ фонии дарвеш*
*Чаро дастонашро лаҳзаи роҳат ба осмон бибурд,*
*Ва санги рӯйи дахма ҳам балодидаву бенақш аст.*
*Ва дар ин ҷо навои нолаи най садо дод,*
*Ва ба рӯйи санг бинишаст дарвеши навхат.*

Баъд ҳофизи ҷаҳонгард рӯ ба ман оварда гуфт: ман акнун пир шудаам. Холӣ шуд бозори зиндагиям. Шаб даррасида ба диёри мо, ба хоб рафта харидору фурӯшандагони неку бади Марг – Мункару Накир рӯ ба сӯйи ман овардаанд. Бигир нойи маро, бигир сурудаҳои марову рӯ ор ба мардум. Бозори умри ту мунаввар аст зи

нури тозаву субҳонии хуршед. Ту сиришк рехта ба марги мӯрчагон, лек фаромӯш карда манзилашон. Бирав. Сабуку пурвусъат мегардонад ҷаҳонгардӣ рӯҳро. Он гоҳ рӯҳ ба корвонсарое табдил меёбад, ки бар он ҳазорон равандагону ояндагон аз худ нақшҳо боқӣ мегузоранд. Чӣ хушбахтанд ҳофизони ҷаҳонгард!... Охир ба ҳангоми навбаҳорону хазонрез ҳатто парандагон ҳам боли парвоз мекушоянд ба осмони ҷаҳонгардӣ. Вале одамизод, ки дилаш лонаи садҳо тоири ташналабу ниёзманди парвозҳост, пас аз хӯрдани палави серравған худро бо яктаҳи коҳилӣ печида, дар иҳотаи зану фарзанди шилқину ғамхораш болои суфаи фориғ болӣ ғанаб меравад...

Як шоири муғул гуфтааст: кӯчиёнро ба ҷуз асп дигар ватане нест!... Ҳақ ҷонибгири ӯст!...

Бигир найрову бирав назди мардум. Замоне, ки лабонат ларзаи нотавонӣ заданду аз ной ба ҷуз фарёди пирӣ нафире дигар барнадамид, замоне, ки пойҳоят ба мисли маркаби гаронбор шиканак доданд, ба ин ҷо, ба мазористон ой ва интизор шав ҷавонписареро, ки аз пасат меояд. Он гоҳ ба ӯ деҳ нойу асову таронаҳоятро ва кунҷи боғ истонҳои ҳамешабаҳор узлат бигиру орому пуросоиш биғнав! Оҳ аз ин боғ истонҳои ҳамешабаҳор! Ба назарам мерасад, ки порсоёни манзалатёфта ба ин бӯстонҳо орзуи ҳамешагӣ аз баргҳои зарандуди поизӣ доранд, вале ҳайҳот. Дидани ин баргҳои зарандуди орзуӣ ҳеҷ муяссарашон намешавад, зеро ба китобҳои куҳан дарҷ шудааст: дӯзахи аздастшуда биҳишт аст...

Ҳотамхоҷа сар ба хомӯшӣ фурӯ бурд. Ашки ниёзмандӣ гирди чашмонаш ҳалқа зад. Аз дард буд ё аз андуҳ ва ё аз фарҷоми анқариб? Вале ба чашмони осмонигунаш ҳанӯз нури тозаи ҷавонӣ медурахшид, ба чашмони тоҷиконааш. Чашмоне, ки тоҷикони маскуни кӯҳсоронрост. Тоҷикона чашмоне, ки аз рӯзи азал чун

домани ин гардуни осмонсой пурсафову нилгунанд.

Мушфиқӣ ба забони ҳол омад: Домулло! Ман ҳанӯз кӯдакам, ман ҳанӯз барои ҷаҳонгардӣ комил нашудаам. Ман ҳанӯз тухми хобонда ба козаам. Маро нав пушти лабам хати сабз медамад... Кист, ки ба чун мане ҳанӯз ширхора гӯш фаро диҳад. Мардум ба сухани марди хирадманде ниёзманд аст, на ба ширин забони кӯдакона. Охир ман боз сарборӣ ятимам...

– Ятим касест, ки дар парастории оила монда чизеро паси девори ҳавлияш надида. Туро сарнавишт дигар аст, писарам. Ман аз чашмонат, аз чашмаи бедзору амиқу тозаат, аз пойҳоят, аз кафи пойҳои урёнат, ки барои навардидани роҳҳои дурудароз омода шудаанд, мебинам... Бигир ин ною асоро... Ва фурсат, ки расид, онҳо худ туро ба роҳ ҳидоят мекунанд. Алвидоъ, эй писар! Дигар Худованд худаш нақш канда ба замин роҳи туро. Хуш бош, эй писар! Дигар монеи назаргоҳи ман нашав, дигар пеши назари маро зи сӯйи Макка мапӯшон... Бирав...тезтар... Ин замон фариштагони марг нозил мешаванд. Ту метарсонӣ онҳоро... Ана онҳо, ба регистони ҳомун болҳои тезу сояафкани худро соида, ғубори даштро бардошта, ба сӯйи ман меоянд! Оҳ, аз ин ғубор, ки хомдӯзӣ мекунад чашмонамро, тира месозад чашмони пурдардамро! Оҳ аз ин ғубор! Оҳ ба ин ҳайбат, эй фариштагони марг, нарӯбед ҳомунро, нахезонед ғубореро!

Рӯйи чашмони пирамардро пардаи ғафси сафеду дудгун гирифт. Мушфиқӣ ба ин чашмаи хушкидаву шӯрагирифтаи мӯйсафед менигаристу ба лавҳи хотираш пардаи чашмони мурғони бесаршуда мерехт. Ин пардаи маргро мурғон ба ҳангоми бесар шуданашон соҳиб мегаштанд. Гӯсфандон ҳамчунин: гӯё фақат чашми гӯсфандон хираву пӯшида мешаванд. Чашмони одамӣ низ ҳамчунин. Чашмони Саиди чӯпон ҳам. Марг якмаром, ба як оҳанг аст. Беохиру серпаҳлуст, зиндагӣ

ва фақат марг аст ба як рӯ...

– Домулло, шояд бароятон об биёрам? – овози писарак аз кишвари дуру гунги кобусҳо садо дод.

– Бирав! Ту фариштагонро метарсонӣ!... Мегирйӣ ба марги мӯрчагон, балки рӯ ба сӯйи мӯрчахона овар!... Бирав... Ною асо ба вақти ваъдагӣ туро фаро хоҳанд хонд!... – чашмони пардагирифтаашро ба ҳам пӯшида, овози хафифу наҳиф баровард Ҳотамхоҷа.

Мушфиқӣ ною асоро боэҳтиёт гирифта, аз назди козахонаи хасин дур шуд. Баъд дар паси мақбараи нимхаробе, паси мақбараи гунбазаш кафида, мақбарае, ки ҳанӯз дар баъзе ҷойҳои гунбазаш сафолпораҳои нилгуну пурҷило боқимонда панаҳ шуд.

Мушфиқӣ иштиёқманди дидани фариштагони марг буд. Чӣ сон боли парвоз мекушоянд? Чӣ гуна аст болашон? Тозатару рангинтар аз боли товусҳову тӯтиҳо. Ва ё қиргунтар аз пари зоғҳо? Чӣ гуна бошад овозашон? Дасту панҷаҳояшон? Лабҳояшон? Чашмонашон?... Мушфиқӣ паси мақбараи харобшуда то дер гоҳ истод. Фариштагони марг наёмаданд. Шаб шуд. – Писарбача роҳ сӯйи деҳи азизаш – Чептура гирифт. Нури бемори моҳ ғубори гарми роҳи ҳомунро, ки аз фурӯ рафтани кафи пойи урёни ӯ бармехост, сафед мекард. Чӣ сон нарму гуворо буд ғубори роҳи ҳомун. Ошно буд. Азиз буд! Муаттар буд. Мушфиқӣ зери фонуси зарду рангпаридаи моҳи харбузагун бузурги осиёӣ роҳ мепаймуд. Тани танҳо. Фақат ғубори нафису абргуне дунболагираш бар фазо мехост. Ин лаҳза рубоии Умари Хайём ёдаш омад.

*Бар каф майи лаълу зулфи дилдор ба даст,*
*Бар тарфи чаман кунам ба иқбол нишаст.*
*Май нӯшаму аз даври фалак нандешам,*
*То он ки шавам зи бодаи ишрат маст...*

–...Май нӯшаму аз доври фалак нандешам, то он ки шавам зи бодаи ишрат маст... – ба такрор хонд Мушфиқӣ. Ӯ мехост ин лаҳза рӯйи ғубори гарму нарм дароз кашаду ғанаб равад. Охир ӯ ду маргро ба як рӯз дид... Барои ҳамин ҳам ғунудан мехост. Умари Хайём то ки ин рубоиро бинависад, шояд бисёр маргҳоро дида буд.

Мушфиқӣ найро гирифта, ба лабҳояш гузошт ва бо тамоми нафасаш пуф кард. Миёни торикии шаб садои хафифу ғамангезе бархост. Фарёди сӯгворона... Дигар най ба фармони Мушфиқӣ набуд. Он гоҳ ӯ таронаеро замзама кард. Мерафт ба роҳи холиву бекас суруда шеъри ҳофизи ҷаҳонгардро...

*Ва санги рӯйи дахма беранг асту бенишон,*
*Ва дод навои нолаи най садо ин ҷо.*
*Ва нишаст ба рӯйи тобасанг дарвеши навҷавон.*

Писарбача зери фонуси моҳ мерафт сурудхонон. Сурудхонон бо овози нафису борики тифлона. Вале ба лаҳни пуршикан мехонд. Суруди қадимиву меросияшро. Зи дунболаш бар ҳаво мехест ғубори гарми роҳи ҳомунҳо...

Оҳ, аз ин ғубор, ки чашмони дарднокамро тира месозад. Оҳ аз ин ғубор! Оҳ, чунин чанг нахезонед, чунин нарӯбед, эй фариштагони марг!

Алвидоъ падар... Ман боло меравам. Он ҷо беди марворидгун мерақсад..

Ба рӯйи ҳарими ғубор хуфтан мехоҳам...

## ДАРЁИ КОКО

*Ва хешро ба дарё мезанам, ой, чӣ сард аст дарё,*
*Бо фиғон мебарам дастони худро сӯйи пиряхҳо...*

Кучо меравад дарё?

Куҷо меравад дарёи пуршӯри Коко?... Меравад якмаром, беист, шабу рӯз. Каҳолатнопазир... Ба шабҳангом мехусбанд инсонҳо, хурӯс меравад хоб, вале меравад дарё, мегурезад дарё, мерезад дарё, меравад бо шӯру исён. Ба шабҳангому рӯзони дароз меравад дарё, меравад дарё.

Куҷоҳо мешитобад он? Солиёни дарозу қарнҳое чанд мебарад хунсардонаю бемақсад, шаффофу сард мавҷҳои булӯрини худрову мерезад пуркафк гирдобҳои тези худро. Чи одамоне надидаанд ин соҳилҳои фиребо, нопойдор, партгоҳию сералафи ин дарё? Пайи пойҳои бешумор дидаанд регзорони пастобаҳои нуқрафоми вай. Куҷо шуданд ин нақшҳои хираву бебунёд?... Мушфиқӣ мегузорад рӯйи регзори намноки тунукоби соҳилҳои нарм кафи пойи урёнашро гузошта зи худ нақшҳои яккаву танҳо. Вале регҳоро ба ҷунбиш оварда медавад коҳилона мавҷи хоболуду пурсадо, ба гардиш оварда реги соҳилро, медавад шуста нақшҳоро, заранд уд регҳои тунукоби соҳилро, ки мисли ҳамешагӣ гузошта меравад урён заранд уд реги соҳилро. Аз нақшаҳову пойҳо нишоне намонда. Ва боз мавҷи дигаре медавад сӯйи соҳилҳо. Ва бозу боз... Ва боз мемонад нуқрафом тунукоби соҳилҳо...

Мушфиқӣ шабонгоҳон дӯст медорад ба дарё оббозӣ карданро, ба ҳангоме ки доман мегустарад рӯйи мавҷҳои сафедчатоб тумани ғозида, ба ҳангоме ки мешавад обу мегардад сарсон хашми дарё, ба ҳангоме ки қуллаҳои кӯҳсорон мезананд дакка бар осмони пурситора, дӯст медорад шино кардан ба дарё.

Оҳ, шайхи бузургвор Умари Хайём! Шояд шумо ҳам дӯст медоштед шабонгоҳон оббозӣ кардан ба холӣ дарёи хатарнок. Ва аз қабати муҳаррик мавҷҳои сарду на-

возишкор нигаристан қандилгун осмони осиёиро?

*Дарёи шаб, дарёи шаб, миёни ду соҳил бехудона*
*мехӯрд алвонҷ.*
*Шабонгоҳӣ дарё, дарёи шаб хобрафта дарёи шаб*
*мерафт зи дунболи мавҷи сардаш.*
*Кашида шиноваре ба комаш, боэҳтиёт мекард*
*навозишаш ва мебурду мебурд.*
*Дарё, дарё, гаҳвораи ҷунбони шаб, шиноварро ба мадду*
*ҷазри хеш навозиш мекарду мегардонд.*
*Алла мегуфт тифли шиновараширо ба рӯйи мавҷҳои*
*нимашабии хеш модар – дарё, дарёи шаб.*
*Тифли худро, шиновараширо гузошт дарё оқибат*
*ба рӯйи реги соҳил дами саҳар дарёи беҳушу бенафас.*
*Дарё, дарёи шаб бебозгашт гузашт, беҳушу*
*ёд гузашт, гузашт.*

Шумо, эй устод, сухан мегӯед дар хусуси шабонгоҳи кӯҳистон, дарёи шомгоҳон, шинокунанда роҳгузаре танҳо рӯйи ширгун мавҷҳои сард!... Шумо ҳарф мезанед!

Вале чӣ сон наздиканд ин ситораҳо! Аз ин ахтарони тоқи минуӣ мешунавам ман аккоси сагҳоро. Чӣ сон мезананд фарёд?... Оё шумо, ҳам мешунавед, домулло? Ва ё ин садои аккоси сагони деҳаҳои тираву ғамангези баландкӯҳҳост. Ва ё зӯзаи гургкушҳои хазанда, рамаҳои хоболуд ба шабҳангомҳост?...

Эй рама, эй рамаҳо шояд шумо падари рахтбастаи ман, Саиди чӯпонро дар ёд дошта бошед? Мавлоно, ман дидаам боре гиряи сагҳоро. Ин замоне буд, ки падарам рамаҳоро барои абад тарк гуфт. Рӯзи видоъ буд. Онҳо перомунаш ҷастохез карда, бо забони навозишкору меҳрубонашон мелесиданд мутаҳайир сару рӯйи чӯбу

устухонашро, тани хушкашро. Ва мерехту мешорид зи чашмони зираку вафопешаву гирду амиқ ашон ашкҳо...

Ва шояд ман ин ҷо ҳамаашро биёмехтам? Шояд падарам буд, ки мегирист? Ва шояд сагҳо на аз ситораҳо, балки зи деҳкадаҳои ғунуда ба фағонаи торикии баландкӯҳҳо мезаданд зӯза. Ҳош, Мавлоно?...

Не, Мавлоно, не. Ман чизеро наёмехтам...

...Ман шино мекунам ба хоки дарёи шабонгоҳон, шино мекунам рӯйи роҳпӯй мавҷҳои тезу маҳин. Чӣ хуш беқарор гаҳвораест ин дарё. Ман шино мекунам даруни гаҳвораи беқарорӣ, мехӯрам алвонҷ, менамоям фаромӯш даруни ширгун гаҳвораи дарё... Ман мешавам фаромӯш, меравам зи ёдҳову месупорам сарнавиштамро, беихтиёрона, коҳилона мекунам озод дасту поямро, хоб меравам ба дарёи шабонгоҳон. Месупорам сарнавиштамро ба сарпанҷаи даванда мавҷҳои мулоим... Ман хоб меравам ба гаҳвораи дарё, мекунам шино, мехӯрам алвонҷ. Охир, ман бемодар шудаам калон. Охир наҷунбонда касе гаҳвораи маро. Ноҷунбонда ба зери нахли пургули зардолу пурнақшу нигор гаҳвораамро. Ин замон қарор дорам даруни модари гаҳвораи хеш... мезанам алвонҷ, мекунам шино, менамоям табассум... Фурӯ бурда кушанда оби сардро...мешавам нафастанг... мешавам ғарқ. Ва ё ин ёдбуди кӯдакӣ лаҳазоти пеш аз маргист... вале бебунёд нақшҳои сабук бар нуқрафом соҳиле тунукоб аст... Нақшҳои шусташудаву кӯргардидаи ман зи маҷрои мавҷҳои танҳову пурсадо...

Он гоҳ боло мекунам афтода сари хоболуду карахтамро зи бесадо мавҷи болохез ва дасту по мезанам, талош мекунам бо ҳама ҷон, ман мешавам бедор, раҳо мешавам аз панҷаи фурӯбаранда гаҳвораи маргзову маккор, мешитобам сӯйи соҳил, сӯйи шабонгоҳӣ соҳили сарду

вашмин[1]. Фақат ҷониби соҳил! Ва мебароям ба ширгун тунукоби нуқрафоми соҳил, медавам ларзон. Пайҳои гармам мекашанд тӯл, медаванд зи дунбол пайҳои гарму зиндаи ман!... Они ман!

Оҳ дарёи Коко! Гаҳворае, ки анқариб мешудам кафан! Медавам ҳама шаб, қад-қади ширгун соҳили дарё ва месароям ларзон суруди марди шиноварро, суруди дарёро.

*Ва хешро ба дарё мезанам, ой чи сон сард аст дарё,*
*Бо талош мебарам дастони худро сӯйи пиряхҳо.*

Вале баромад Мушфиқӣ зи шабонгоҳӣ дарё. Ва меравад қад-қади соҳил. Субҳ медамад. Зи нури офтоби субҳгоҳон медурахшанд теғаҳои барфпӯши кӯҳсорон. Сапедадамон мурғони ҳаво меоянд ба нолиш. Кабӯтарон мекунанд парвоз, сар мезананд дудгун бедҳои гулранг аз қабати паҳншаванда туман. Субҳидам асту ҳаво сахт хунук. Аз насими субҳгоҳон ба рақс меоянд растаи сафедорҳои нуқрафоми соҳилҳо. Оҳ аз ин пурнавозиш насими субҳгоҳии осиёӣ, ки меорад ба хориш димоғи Мушфиқиро... Оҳ агар ин дам мебуд зирагин нони гарм аз танӯр кандае хушбӯй, варо тар карда мехӯрд бар саршири субҳгоҳӣ, бар ширин қаймоқи болаззат! Мушфиқӣ мебарад оби даҳонашро фурӯ ва ҳамин лаҳза ба самъаш мерасад пурхашм фарёде ва мебинад даванда ду хутукро қад-қади соҳили баланду пуртпартгоҳи дарё. Медаванд дунболгирон. Ба ҳам пархош мекарданд. Пархош мекарданд аз баҳри як модиён. Ба хашм мегазиданд ҳамдигарро, мепечиданд ба ҳам, мешуданд болои якдигар, мезаданд по, то ки якеро афкананд бар партгоҳи амиқи дарёи пуршӯр. Ва мезаданд бадхашмона арросу меҷаҳиданд қад-қади соҳил. Ва ба-

[1] Вашм – дуд, туман.

шараашон буд хашмин, қафкин, чашмашон вашмгин ба мисли нуқрафом тунукоби соҳилҳо! Ин эҳтиросоти болохезу бедоршавандаи баҳорӣ буд!

Мушфиқӣ менигарад ба ин маҳшари харҳо бо ҳайратзада нигоҳи кунҷков. Ва гирифта сангерову медиҳад ҳаво сӯйи маркабҳо. Мезанад фарёд: – Ҳой, ҳой, иш, иш!

Яке мегурезад аз онҳо, дигаре медавад бепарво зи ин фарёдҳо, меравад сӯйи соҳил ва бардошта сӯйи осмон сарашрову мезанад фарёд. Чӣ фарёде! Фарёди истиғосаи хар ким-чӣ хел андуҳбору муассир буд. Ва дили Мушфиқӣ сӯхт ба ҳолаш.

Хар фарёдкашон мезанад ба рӯдбор ва меравад ба қаърҳо, ба қаърҳо... Дар он соҳил истода рехтаву пуртавон модиёни сафед. Истода ба як ҷой, сокиту ором. Фақат парраҳои бинияш меҷунбиданд ноаён. Нархар бо фарёдҳои яъсбор мезанад худро ба қаъри девона рӯдбор. Ва анқариб аст, ки пуршӯр дарёи беэътино ба коми хеш печад, нобуд созад, ин кӯршуда ҳайвони ошиқро, ин бедоршуда ба ҳангоми баҳорро!

Он гоҳ дар ҷавоби фарёди истиғосаи хар Мушфиқӣ мезанад худро ба дарё ва дошта зи думи сахташ мекашад сӯйи соҳил ва механдад қоҳ-қоҳзанон. Бо ҳазор машаққат хашмгин маркабро зи панҷаи ин пурталотум дарё. Эҳ, маркаб, маркаби зебо, боз дар ивази ин некӣ газидӣ дастамро. Газидӣ дастеро, ки додат наҷот. Хуншор намуда наҷотдиҳандаатро. Зиндагӣ ҳамин аст. Қонуни зиндагӣ ҳамин аст. Ағлаб аз ноилоҷӣ мегазем дастҳои бегуноҳи хешро, мегазем наҷотбахш дастҳои хешро!.. Шояд наҷот додани ту гуноҳ буд? Лозим набуд туро наҷот додан? Шояд боистӣ мурдан ошиқони шайдоро? Ва беҳосил аст ононро зи думи зиндагӣ дошта худро ворахондан аз дарёи марг? Бефоида аст? Беҳосил аст паноҳ бурдан ба домони зиндагӣ?

Мушфиқӣ механдад қоҳ-қоҳ.

Хар бо сари хам, афсурдаву ғамгин бо пайраҳае меравад боло...

Дар он соҳил чӣ? Сокит модиёни сафед бо паранда парраҳои бинии ҳассос чӣ?.. Мушфиқӣ бовар намекунад бо чашмони худ: Он мағлубшуда хар тоб наёварда ба пайкор, гурезанда қад-қади соҳил зи тарс ин замон дар соҳили муқобил бо тамкину бовиқор наздик мешавад ба модиён, фарёдкашон мебарад ҳамроҳаш варо... мутеъкорона мебарад варо сӯйи мурдобҳо... Вай бо пули чӯбин ба соҳил гузашта буд. Барояш набуд эҳтиёҷи худро ба дарё задан. Варо зи дунбаш накашиданд...

Акнун дигар намехандад Мушфиқӣ. Вай нигарист зи дунболи хари сархаму ғамгин. Нигарист аз паси ноумед раванда харе. Абас ӯро наҷот дод. Марг аз шикаст бувад авло. Шарафманданд ононе, ки худро ба дарё мезананд, на ононе, ки ба василаи пулҳои чӯбин ба соҳили муқобил мегузаранд. Шарафманданд бебокон!

Вале тира мегардад дарё. Мешавад дарё ғализ. Дарё мешавад афзун. Медамад дарё. Дарё мекунад вайрон ноустувор соҳилҳои пуррегро, ноустувору нопойдорро. Гӯё дар кӯҳсорони дур меборад борони баҳорӣ. Боронҳои саропо хатарноку гилолуд, боронҳои шӯянда кӯҳсоронро. Вале дарё мешавад тираву ваҳшӣ. Дигар даруни дарё пуркафку гирдобдор мавҷҳои шаффофу булӯрин намешавад ҷорӣ. Дигар медамад гаронбору коҳил мавҷҳои ғализу гилолуд. Дарё равғанолуд ба тамкин мешавад ҷорӣ.

Тирагуна...

Мушфиқӣ худро зи оби хазанда ба соҳил мегирад канор. Вале мавҷҳо медарёбанд ӯро. Ҷисми гарме зери пояш мерасад, мезанад, мепечад, метапад. Мушфиқӣ дарҳол мешавад хам, медорад ба дастонаш лағжанда моҳии пуртавонро. Ин пурнақш моҳии чашмасорон аст.

Гулмоҳӣ, вайро мо тоҷикон ҳамин зайл меномем: гулмоҳӣ. Метапад гулмоҳӣ ба рӯйи дастони Мушфиқӣ. Хурсандиаш надорад карона, охир дошта моҳиро бо дастонаш. Вале як изтироби номаълуме зи хазанда дарёи ғализ мешавад бар ӯ интиқол. Мушфиқӣ ба ҳама ҳушу гӯш менигарад, муояна мекунад моҳиро: аз беихтиёрона даҳони бозаш, зи чашму зи бозуи тапанда ғалсамааш мерезанд кулӯлаҳо, ғурушаҳои лой. Моҳӣ мешавад нафасгир. Гулмоҳиҳоро мекушад ғализ дарёи гилолуд, мекушад гулмоҳиро рехта бар ғалсамаву даҳонашон гилолуд об. Мемиранд ба гилолуд дарёи ғализ гулмоҳиҳои чашмасорон. Онҳо ба рӯйи тираоб меҷаҳанд, онҳо бисёранду бисёранд. Магар мешавад ҳамаи онҳоро бо дасти урён боздошт. Вале аз чӣ рӯст, ки баҳри ин кор намешавад хоҳише бедор. Ғамангез моҳиҳо. Муқаддас моҳиҳои нуқрафом, миранда ба сатҳи оби тирафом. Меҷаҳанд ба сатҳи кушанда дарёи батамкин. Медурахшанд бо кашизаҳои тирафом...

Мекунанд шино ба дарёи решаканшуда дарахтони боғзорҳо... Мекунанд шино гулгун дарахтони бегуноҳ, дарахтони ғарқа ба гули зардолу, шафтолу... олуҳои сафед... себҳо... Мекунанд шино пораҳо зи девори хонаҳо, дарҳои нақшин, суфаҳову гулдор сутунҳо... Мушфиқӣ меояд ба худ, ба дарё гаҳвораи пурнақш мекунад шино...

Дар ким-куҷои кӯҳистони дур боронгарии бисёр аст. Ба ҷунбиш омада обҳои қаъри кӯҳсор, ба ҷунбиш оварда кӯҳро то гирад пеши роҳи дарё. Пуру канда карда об ҳисори саддро, вайрон намуда деҳоти атрофро, шуста аз пайу пайҷояшон, бурда ба дарё, карда ғарқ, ба ғализ оби гилолуд. Мушфиқӣ истода ба соҳил наззора мекунад маҷрои дарёро. Мелағжанду мекунанд шино аз бараш мегузаранд гӯсфандону бузону говон. Мушфиқӣ аз ин манзара меояд ба ваҳшат: ӯ медонад, ки кам нест ба дарё ғарқшуда одам. Ӯ медонад. Ба ҳангоми борони найсон

аҳвол чунин аст...

Ва нохост дар ҷояш ях мебандад, лабонашро ба ҳам сахт мефишорад, то ки назанад фарёд. Дарё мебурд ба болои абрувонаш баста рӯймоли сурх духтареро. Деҳотӣ духтареро, кӯҳистонӣ духтареро бо абрувони сурмасо. Ҷасурона сӯйи соҳил дасту по мезад бурун ҷаста зи хона чашмаш аз ваҳшати дунё. Вале мавҷи пурзӯре зи маҷро ӯро мутеъкорона мекашад ба қаъри дарё. Ҳар лаҳза метавонист бархӯрад ба харсанги миёни тирафом дарёи жарфно.

Мушфиқӣ давид дар баробари ӯ, андохт худро ба обу мекард шино болои ғализу тирафом мавҷҳои сард.

Дарё, дарё. Кокои меҳрубони ман, гаҳвораи ҷовидони ман, ба имдодам бирас! Маро ҳам набар! Ҳанӯз аст барвақт... Охир ту-ку медонӣ, ман ҳастам ҳанӯз бача ва дар пешаст маро роҳи дуру дарози зиндагӣ... Маро асову ной аст интизор... Ман бояд бахшам ба мардум шодӣ! Ман мешавам марде ҳакиму тундзабон. Он гоҳ ту фахр хоҳӣ кард, ки чун мане дар канораҳои ту камол ёфтам. Аё эй Коко, ба имдодам бирас! Маро кун мадад. Дар наҷоти ин духтари рӯмолсурхак маро мадад кун. Агар хоҳӣ ситон маро, аммо наҷот бахш ӯро. Наҷот бахш духтарчаро!

Оҳ чӣ сон сард аст ин дарё! Чӣ сон ғализанду сангин ин мавҷҳо! Оё ту гузашт мекунӣ, Коко? Ана, он деҳотӣ духтаракро, рӯймолсурхак, духтаракро, он камонабру духтаракро, себрӯ духтаракро!...

– Ҳой, ҳой духтарак, беҳуда дасту по задан бас аст! Зи дасти ман гир! Ку! Ман мекашам туро ба соҳил! Ман Мушфиқӣ, аз Чептура!

Ятимча! Деҳ дастатро!

Мушфиқӣ тамоман мешавад ғарқ ба гилолуд оби ғализ. Фақат дандонҳои садафгунаш медурахшанд зи лабханди гуворое. Ва дар ҳамин ҳолат мекунад дасти

имдод дароз.

– Ба ман нарасед. Мумкин нест! – базӯр лаб мекушояд духтарак.

Он гоҳ бо қатъият, бо панҷаҳои гиро мегирад зи рӯймоли сурхи духтарак, зери панҷааш, тайи рӯймол эҳсос мекунад резиши майдабофт кокулони духтаракро. Мушфиқӣ аз ин кокулони морпечу борик сахт медорад, мепечонад ба дасташ, мекашад ба сӯяш. Ин бор гаронӣ мекунад ӯро. Ва духтарак ҳам ваҳшиёна мекунад муқобилият, мебарад фурӯ оби гилолудро, худро ба об мезанад ба мисли нафасгиршуда гулмоҳӣ. Печутоб мезанад бо сараки моргунаш! Вале Мушфиқӣ дилпурона сӯйи соҳил мекунад шино. Соҳил дигар қариб аст. Мушфиқӣ базӯр мегирад нафас. Борҳо мебарад фурӯ оби гилолудро. Ба дасти озодаш дошта зи решаҳои дӯлонаи соҳил. Худро ба соҳил мекашонад ва мебарорад духтаракро зи об. Духтарак ба мисли дар об таршуда гурбаи дайдуст. Мушфиқӣ ҳанӯз кокулони духтаракро зи дасташ раҳо накардааст. Базӯр нафас кашида лойи даҳонашро туф карда мешинад ба рӯйи санг.

– Сипоси бекарон, эй дарё! Чӣ сон ба ман мадад карданатро эҳсос мекардам!... Сипоси бекарон, эй Коко!... Ин замон ӯ даруни ҷонаш тоза дарди давандаро эҳсос мекунад: духтарак дасти ӯро мегазад бо дандонҳои тезаш. Эй кӯҳистонӣ духтар? Ваҳшӣ духтар! Деҳотӣ духтар!...

– Маро ба ҳоли худ гузоред! Ба сӯйи ман нигаҳ мадоред! Шумо номаҳрамед! Шумо ҳуқуқи ба ман нигоҳ кардан надоред! Охир шумо шавҳари ман наед! – ду чашми қиргун сиёҳу аз гиря варамида, вале меҳрубон ба сӯйи Мушфиқӣ гунаҳкорона дӯхта мешаванд. Ӯ дасташро зи кокулони духтар мекунад раҳо, мебинад дамида хуни сиёҳ. Бо вуҷуди ин эҳсоси пурдард Мушфиқӣ механдад қоҳ-қоҳ: Ин субҳгоҳон бори дуюм аст, ки маро мегазанд. Аввал маро ошиқ маркабе ба ҳангоми наҷот бах-

шиданам газид. Ва ин бор шумо, ба ҳангоми зи кокулҳоятон дошта ба соҳил барованданам. Оҳ, чӣ сон ман гӯл ҳастам!... Аҷабо, ба вақти ғарқ шуданам, кӣ маро наҷот бахшида бошад, ҳайҳот, маро ки не дум дораму не кокул, кӣ мекашад ба соҳил?...

– Шуморо аз забон мекашанд! Хеле дароз аст забони шумо! – ба гардиш оварда чашмонашро гуфт духтар.

– Вале абрувони шумо дарозтар зи забони ман! – бо фараҳмандӣ гуфт Мушфиқӣ. – Ва хатарноктар аз забони ман! – ба ҳангоми муоянаи кӯҳистонӣ духтарак орому пастакак илова кард. Зи сари ранҷуру харошхӯрда рухсораҳои духтарак ба сӯйи ӯ ду ҳавзи пурбед орому батамкин дӯхта шуданд. Менигаристанд сӯйи ӯ хира ду ҳавзи шабгун...

*...Вале Маҷнун буд равон бо пойи урён*
*дар кӯчаҳои Бухоро*
*Мезад дод, мекашид фарёд, медарид пероҳанашро,*
*Намеғунҷид ӯ, кӯчаҳову шаҳр тангӣ менамуд барояш...*
*Куҷо меравад дарё?*
*Куҷо?*

...Баъди гузаштани солҳо, баъди ҷаҳонгардиҳои дуру дароз Мушфиқии ҳакиму мӯйсафед баргашт ба соҳили рӯдбори диёри азизаш. Баргашт ба соҳили Коко. Тунукоб шуда буд дарё. Акнун вай нуқрафом ҷӯйборе буд хазанда миёни регу санги соҳилҳо. Вале Мушфиқӣ дар даст дуторе, бармедошт гом ба хушкида соҳили тунукоб ва месуруд чакомаашро бо лабханде гуворо...

Ӯ дошт чашмони модарашро... Ҳамчунин чашмони нурэъҷози гӯсфандашонро... Ва ҳам фариштагонро... ва хам духтари деҳотиро...

*Ва он ҷо ҷорӣ буд дарё, ки ман хуфтам ба гаҳвораш,*
*Ки ман дар он шудам ҷорӣ, ки ман дар он шино кардам,*
*Нола кардам, задам доду дуо хондам.*
*Ва он ҷо ҷорӣ буд дарё, ки ман рехтам дарунаш, ба ранҷ,*
*Кашидам нафас, зистам, шудам нафасгир зери яхҳо,*
*Мезадам дод, мекашидам фарёд.*
*Ва он ҷо дарёест, ки ғамхор аст.*
*Ва он ҷо дарёест, ки аз қадим буд ҷорӣ*
*бо гаҳвораи равон*
*Мавҷҳои ошиқу зебо.*
*Ки буд равон гаҳворае,*
*Ки буд равон гаҳворае дар миёни маҳин реги равони*
*Соҳилҳои маҳину қадиму қадим*
*Ва мешусту мебурд ба мавҷҳои рафта фаромӯшгашта*
*Наъши кайҳо рафтаву гашта ночизи маро*
*Гашта моҳиву рафтаву рафтаву рафтаро.*
*Рафтаро.*
*Ба ёдам ояд ночиз гашта, дарёе миёни хушкида соҳилҳо,*
*Ёд мекунаму меравам шод, меравам шод, меравам шод.*
*Ай мекунам шодӣ.*

– Чӣ ном дорӣ?

– Қумрӣ.

– Дарёи Коко шуста бурд деҳи туро – Чангиро. Бурд лонаатро, канд ба ҳар тараф хонаатро...барои абад. Ва танҳо ту мондӣ зинда. Якто ту боқӣ мондӣ. Дарё раҳм овард ба ту. Бароят соҳили зиндагиро намуд эҳдо. Ба дарё намо таъзим, ба дарё бар ниёиш, Қумрӣ!... Қумрӣ, бигир ин чормағзи шонаро! Шона зан муаттар кокулонатро! Шона зан жӯлида гесувони сиёҳу ғулба ба мисли арчаҳои кӯҳсоронатро! Қумрӣ! Оҳ чӣ сон ман дӯст ме-

дорам ба ҳангоми хазонрезон миёни арчазорони анбӯҳу печидаву касногузар сайр карданро! Он ҷо нодира мурғон мекунад парвоз-мурғони арчазорҳо! Бигир чормағзи шонаро Қумрӣ! Паси харсангҳо панаҳ шав! Нигоҳ кун ба маҷрои оби чашмаи ойинагун... Ту акнун бекас ҳастӣ... Ба мисли ман... Ҳамчу рафиқи ман Турсунҷон... Мо ҳастем се бепарастор... Туро дарё ба мо расонд. Ба дарё кун таъзим, бар ниёишҳо, эй Қумрӣ!

– Дарёи ваҳшӣ! Дарёи қотил! Ман бад мебинам туро! Дарё, дарё чаро маро бо худ набурдӣ, ончунон ки падарамро, модарамро ва бародаронамро... Куҷо бурдӣ онҳоро? Ман ба онҳо расидан мехоҳам... Ман онҳоро мекунам дарёб... Ба дарё мезанам ин чормағзи шонаатро... Дигар чӣ эҳтиёҷ бар он? Ман хешони худро ёфтан мехоҳам... Мушфиқӣ, Турсунҷон, аз баҳри Худо маро раҳо кунед. Раҳо кунед, ба дарё, ба назди хешонам... Ман бепарасториро намехоҳам... Ба ман шонаи чормағзӣ чӣ лозим?... Ба ман ин муаттар гесувон чӣ даркор?

– Гиря макун, Қумрӣ!

Ва дар ҳамин лаҳза пас хазид дарё бар соҳили худ шуд мусовӣ. Мехуфтанд рӯйи лойи хилқу часпаки соҳилҳо гулмоҳиҳо. Хуфта буданд бо даҳони сиёҳ, бо ғалсамаҳои сиёҳ гулмоҳиҳо. Рехта буд дарё ба соҳилҳо нуқрагун ҳосили беҷон.

– Ин чӣ шикор аст? – гуфт ба ҳайрат Турсунҷон, ки нав аз деҳ тозон омада буд.

– Шикори марг, – гуфт Мушфиқӣ. – Шикори вай ҳамеша бобарор аст. Бобарор аст ин шикор.

Ҳанӯз баъзе моҳиҳо метапиданд, худро мезаданд ба ҳар тараф, мешуданд кашола, рӯйи лойи хилқи соҳилҳо.

Ва боз мешуданд фосид.

Он гоҳ Мушфиқӣ зад фарёд: биёед онҳоро медиҳем наҷот. Мепартоем ба дарё. Дарё шуда дигар шаффофу булургун, меравранд кафкҳои гардон ба гирдобҳо! Дигар

худи дарё мешӯяд даҳону ғалсамаҳояшонро!... Биёед, биёед моҳиҳоро диҳем наҷот! Турсунҷон, чаро истодаӣ? Чаро менигарӣ ба ин таршуда духтари кокулдароз? Чаро мешавӣ ошуфта, чаро мешавӣ гулгун, чаро паст мезанӣ гап, чаро хам менамоӣ тарбузгун сари тарошидаатро?... Охир ман доштаам, ман ёфтаам ин духтарчаро! Ман ӯро аз ин дарёи гилолуд кашида гирифтаам! Ман ба ӯ дода шонаи чормағзиро! Ман бародари қиёматии ӯ мешавам! Пушту паноҳ мешавам!... Ман намехоҳам, ки ӯро ҳам ба мисли Амударё зери чодари тираву дилгири арӯсӣ баранд! Турсунҷон, биё равему моҳиҳоро наҷот диҳем!... Ҳанӯз ки онҳо мекашанд нафас!... Онҳоро ба шаффоф оби сарди чашмасорон раҳо кунем!

Гиря макун, Қумрӣ!... Ту дар ин дунё танҳо нестӣ. Ту Мушфиқиву Турсунҷон дорӣ. Мо бародарони туем...

Мушфиқиву Турсун қадам бармедоштанд ба рӯйи пурлой соҳилҳо. Гирифта моҳиҳои орому хомӯшро раҳо мекарданд ба булӯргун тунукоби дарё. Гулмоҳиҳо мешуданд зинда. Онҳо миёни мавҷҳо шалаппасзанон мекарданд хушнудӣ. Ҳанӯз буд моҳиҳо бешумор. Мехобиданд, метапиданд, меҷунбиданд ба рӯйи лойи бӯру хира дурахшонда кашизаҳои резаи худро...

Мушфиқиву Турсун то шабонгоҳон онҳоро ба дарёи Коко мекарданд раҳо...

Қумрӣ истода буд ба соҳил. Баъд ба соҳил тапанда моҳии хурдеро дид.

Моҳича...

Қумрӣ дошт моҳиро бо панҷаҳои сусту чолокаш. Метапид моҳича бар рӯйи кафонаш. Баъд онро ба дарё кард раҳо. Аз он пас медошт гулмоҳиҳорову мепартофт ба дарё. Ба ин бозӣ шуд саргарм, кард худро фаромӯш. Табассум менамуд, вақте ки моҳиҳои лағжанда мепариданд аз дасташ, меҷаҳиданд аз дасташ...

Гиря макун, Қумрӣ!... Моҳичаи тапанда!... Духтарчаи

ханданда! Гиря макун!... Фарзанди одамӣ... Мо туро боэҳтиёт раҳо мекунем ба булӯргун дарёи зиндагӣ, ба Равон Чашмаи Ҳастӣ...

Гиря макун, Қумрӣ... Напарто ба дарё чормағ зӣ шонаатро!

## ТУРСУНҶОН

*Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.*

***Ҳофиз***

...Қумрӣ, ту дигар дар назди мо зиндагӣ мекунӣ. Мо бароят ҷудо мекунем ниме зи хокпӯш хонаи куҳнаро, онро, ки миёни зардолузорҳои бесоҳиб қад афроштааст. Ману Турсунҷон боғбонем. Бонии боғистонҳои Оллоҳёрбой девонбегӣ. Ба ҷойи рафта ба Бухоро гунг бародарони бераҳм – Ҳасану Ҳусайн. Оллоҳёрбой девонбегӣ моро ба ҷойи онҳо гузошт. Ӯ ба мо фармуд, ки бояд чун гургкушҳо бошем ҳушёру бераҳм. Вагарна моро мурданивор мезанад дарра!... Ӯ фармуд, ки беамон бошем. Беамон нисбати ононе, ки ба бесоҳиб боғ они холии ӯ мекунанд чашм ало. Беамон бошем нисбати касоне, ки фирефтаи беҳисоб зардолуҳои тиллорангу асалтаъми ӯ мешаванд, фирефтаи зардолуҳое, ки насиби кирмҳо ҳастанду одамон наметавонанд умед банданд. Беамон бошем, гургкушвор бераҳм бошем!...

Оллоҳёрбой ба мо дод тозиёнаро, то мурданивор занем, ҷазо диҳем duздандагони ризқи кирмро. Вале ба кӣ даркор аст боғи кирмҳо? Қумрӣ, ту ба мо зиндагӣ мекунӣ, аз бароямон мепазӣ шӯлла, ба дарё шустушӯ медиҳӣ ҷомаву курта, ба рӯзҳои ид мебандӣ нони хушмаза. Ту хоҳари мо мешавӣ, Қумрӣ. Хоҳари қиёматӣ, ҳамшира. Дигар хонаи гилпӯши мо мешавад тақсим: ба

мардонаю занона! Ва ҳеҷ кас наметавонад кунад вайрон ин муқаддас сарҳади моро. Мо туро ҳифз мекунем, Қумрӣ, мо туро ба мисли зардолузорҳо мешавем бонӣ!

Миёни ҳавлии туву мо мекунем devори гилин боло, Қумрӣ! Мо дигар миёни ҳамдигар мегузорем девори гилин!

Мо биошурда хокро ба об, ҳамроҳ карда коҳро, рехта зи он намнок хиштҳои хомро баҳри хушкидан гузошта рӯйи баҳорӣ замини сабзу офтобӣ, мехест аз хиштҳои наврехта ба ҳаво ҳавр...

Аё эй ҳаким, Умари Хайём, ба ҳангоме ки меошурдем бо бараҳна пойҳои фараҳафзо пошхӯранда лойи ғализи қаишгуну ғашоварро, ба ёд овардам рубоии шуморо, эй устод...

*Бар кӯзагаре парер кардам гузаре,*
*Аз хок ҳаменамуд ҳар дам ҳунаре.*
*Ман дидам, агар надид ҳар бебасаре,*
*Хоки падарон дар кафи ҳар кӯзагаре.*

Вале, мавлоно, якмаром мелағжиданду мерақсиданд пуртавон пойҳои ҷавони ман ба рӯйи муқаддас гили имдодҷӯ, чандиру суст...

Баъд ману Турсунҷон зи вазнин хиштҳои гарм байни ҳамдигар бардоштем баланду дароз деворе!... Зи пурсаховат офтоби баҳорӣ, зи гармои офтоби осиёӣ мебаровард ҳавр нав девори хиштин!... Мевазид муаттар насими баҳорӣ, навозиш карда дарахтони пургулро... Дуд мекард девор, дуд мекард дуд... Мехушкиду мекашид тӯл...

Қумрӣ, ана дигар истода паси девори баланди хиштин мезанӣ лабханд. Ҳанӯз аз паси девор менамояд чандир сари моргунат, чолок сари морворат. Ҳанӯз аз паси девор менамояд сурх рӯймоли кашида то ба камонвор абрувони сурмасоят: Сараке мехӯрад албонҷ, мерақсад паси девор! Нуқрагун гӯшвори нафиси ҳисорӣ шуъла меза-

над бар баногӯшат... менигаранд ду ҳавзи пурбеду тирафомат. Чашмонат!... Ба куҷо менигаранд? Менигаранд ба куҷо? Куҷо меравад дарёи Коко?... Ба куҷо менигаранд чашмони Қумрӣ?...

Дӯхта шудаанд сӯйи Турсунҷон. Ба тарошида сари бараҳна, ба тарбузгун сари кулӯла...

...Охир ман будам, ки духтаракро кашидам зи дарёи гилолуд... Ман, Мушфиқӣ... Чаро чашмонаш зи болои девор менигарад сӯйи Турсунҷон?...

Он гоҳ Мушфиқӣ хишти ҳанӯз тарро аз замин бардошта дар баробари сари духтар рӯйи девор мегузорад. Дигар наменамояд Қумрӣ. Наменамояд дӯхта чашмони пурашкаш сӯйи Турсун... Вале дигар ҷой мешавад пайдо мастона сари хандон гулгун сари духтар аз паси девор... Гузашта зи бари Мушфиқӣ теғ и нигоҳаш...

Он гоҳ Мушфиқӣ ба он ҷо ҳам мегузорад хишт, вале боз лолагун сари духтар мешавад ҷойи дигар пайдо. Мушфиқӣ пеши он боз мегузорад хишти нав. Тӯл мекашад бозӣ. Мушфиқӣ мешавад хаста, базӯр мекашад нафас. Хиштҳо тар буданду вазнин, баланд девор. Дигар...

Дигар ба ҳеҷ куҷо чобук сараки лолагуни духтар, сараки баста ба рӯймоли сурхи духтар намешавад пайдо, ба ҳеҷ куҷо намедиҳанд садо, намедиҳанд дурахш пургул, пурнақш гӯшворҳои нафиси ҳисорӣ...

Дигар девор баланд аст. Дигар...

...Чаро дар ҷоят шах шудаӣ, Турсунҷон?! Чаро ба кашидани хиштҳои вазнин маро намедиҳӣ ёрӣ? Ва ё туро маъқул нест ин девор? Ин муқаддас сарҳади марду зан. Муқаддас аз рӯзи азал ин садди марду зан? Ва ё, эй рафиқи ман, эй дӯсти ман, тайёрӣ, ки онро кунӣ, вайрон?...

– Не, Мушфиқӣ. Ҳаргиз! Хуб кардед, ки ин хиштҳоро гузоштед. Махсусан охиринро, охирин қаторро... Дигар ӯро намешавад дидан. Дигар рақс намекунад сараш

рӯйи девор, ба мисли луттибозони бозорӣ. Падарам намоиши онҳоро дӯст медошт...

– Биё ба Қуръон мехӯрем савганд, ки то абад, дар ҳама ҳол ин деворро пос медорем, нигаҳбон мешавем деворро...

Ва ҳамин вақт ба ёди Мушфиқӣ девори себзори тотордухтар Амударё расид, сарашро хам намуд...

... Афтида ба рӯйи суфаи назди ҳавлӣ ба мисли барги поизи[1] куҳна Китоби муқаддас. Варақ мезад, меларзонд насими зардолузорҳои баҳорӣ фарсуда саҳифаҳояшро. Афсурдаву дарида зи панҷазании муътақидон. Китоби меросӣ. Зи моли дунё ягона мерос. Мероси масхарабози дарбор Аҳмад девонаи машҳур ба фарзандаш Турсунҷон... Вале фарсуда Китоби муқаддас истода ба рӯйи суфа. Насими гулбези зардолузори баҳорӣ вазида зи боғ истонҳои дуродур, мегардонду меҷунбонд фартут рангпарида авроқи даридаашро. Мевазид насими ба рақс оварда авроқи заъфарониро. Ҳамалӣ осмони Чептура мешуд ришта, мерехт коҳилона... Мекард дуд намнок девори хиштин!...

– Турсунҷон! Биё ба ҳаққи Қуръон мехӯрем савганд, ҳамеша ин деворро пос медорем, мекунем эҳтиёт!...

Мушфиқӣ ба даст мегирад рақсанда китобро зи насим, мекушояд фол ва бо овози пасту хафиф сураи «Аспони даванд»-ро мехонад...

*...Савганд ба аспони даванде, ки*
*нафасгир шаванд дар дави хеш,*
*Ба он аспони даванде, ки*
*аз зарби сумашон бипарад оташ.*
*Ҳамлакунанда душманонро ба ҳангоми саҳар,*
*Даманда гардро зи зарбаи пой.*

---

[1] Поиз – хазон, тирамоҳ.

Меҳўрем савганд, ки барои ҳамеша ин девори миёни мову Қумриро пос медорем ва ҳифз мекунем!...

Ва Турсунҷон аз паси ӯ мекунад такрор: Савганд ба аспони даванд, ба нафасгиршаванда аспон ба ҳангоми давидан... Меҳўрам савганд, ки барои абад девори миёни мову Қумриро пос медорам ва ҳифз мекунам!...

Савганд ба аспони даванд, ба нафастанг аспон ба ҳангоми давидан... дамонда ғуборро зи зарби пой...

Ҳамин лаҳза Мушфиқӣ чашмонашро мекунад нимпўш ва мешунавад навозишкунанда насимро, вазанда бар ришу буруташро...

Ва ҳамин лаҳза мебинад, мебинад он пўсткашида айғирҳои ахалтегинро, тобанда тундхўйҳои атласгунро. Он шоҳигун аспонро!

Он барандагонро ба ғубори сурхчатоб, ба шафақгун ғубори беохир, он барои абад барандагонро, барандагони тотордухтар Амударёро.

Он хезонандагони ғубори сурхчатобро!...

Савганд, ки ҳанўз он ғубор дар дилам нашуда такшон, ҳанўз мезанад фағона, мешавад паҳн, ҳанўз ҳам ба сўзиш меорад он ғубори сурхчатоб, шафақгун чашмонамро!...

Савганд ба аспҳои сурхчатоб!...

Ман деворро намекунам вайрон!

Ман дигар намехоҳам, ки онҳо ба ҷое баранд, баранд маъшуқи маро, баранд нахустин ишқи маро. Не, намехоҳам, намехоҳам, намехоҳам баранд ба ҷое ин аспҳои сурхчатоб, сурхчатоб, сурхчатоб!...

Савганд!

Дуд мекард девори хиштин. Турсунҷон поин овард сарашро кулўла чун тарбузашро.

Мевазид аз тарафи чаман, зи зардолузорҳои гулбезу дур форам насими дилкушои баҳорӣ.

Мепариданд тӯда-тӯда оруҳои бешумор. Виззос мезад дарахтзорон зи суруди эшон.

Сурудхонон бурданд боғ истонҳо зи парвози бенизоми бешумор занбӯрони асал...

Вале мекард дуд девори хиштин. Дида намешуд паси он печида ба рӯймоли сурх хашхошгун[1] сараки духтар.

Вале Қумрӣ худро ба тозабунёд девор мекард ҷафс.

Вале Турсунҷонро тарбузгун сарест кулӯла...

Ва ӯ ҳанӯз мезанад чарх!.. Аз чӣ?!...

Савганд ба аспҳои шафақгун! Ман деворро вайрон намекунам!

Савганд ба аспҳои даванду нафасгиршуда ҳангоми давидан...

## ҚУВОН

*Дар боғҳои сапедадамон, ба сафедкафк боғҳои субҳгоҳӣ, ой мешавам ғарқ, мезанам раҳгум!...*

Ӯ кист, ки медарояд пинҳон зи ҳама ба зардолузорҳои ғарқа ба гул ва бераҳмона мерезонад гулобигун гулҳоро? Ҳанӯз нест айёми гулрезӣ. Ҳанӯз нарасида айёми рехтани гулгун авроқи гулҳо. Ӯ кист, ки мерезонад гулбаргҳоро. Бегуноҳ рехта ба зери дарахтзорҳо. Ӯ кист, ки мерезонад онҳоро? Ӯ кист, ки метаконад шабонгаҳ зери ширгун моҳтоби осмони гарм, зардолуҳои пургулро? Ва ё ба ҳангоми сапедадамон, ё субҳи козиб мерезад гулбарги дарахтонро. Ва ё ба ҳангоме ки ҳанӯз Турсунҷону Мушфиқӣ ва Қумрӣ хуфтаанд зери куҳна кӯрпачаҳои фартут?... Ӯ кист, ки метаконад гулгун дарахтони бегуноҳу бепаноҳро?... Ӯ кист, ки мерезонад мавсимӣ гули гулобигуну занбӯрии

[1] Хашхош – қуббаи кукнор.

зардолуҳоро?...

Сапедадам аст. Пурсафоянд ғарқа ба гул боғистонҳои гулобиранг. Истода Мушфиқӣ ба зери дудгун зардолуи шабнамбор. Мекунад эҳсос ҳавои сард ва пурсафои субҳгоҳонро. Вале нуҳуфтааст ин субҳи пурсафо ба дудгун дарахтони гулгун, ба парешон дарахтони гулобигун. Ин субҳи навдамида ба пуркафк боғҳои баҳорӣ!...

Пахш мекунад Мушфиқӣ бо пойи бараҳна навдамида сабзазори боғҳоро, шабнами алмосгунро мекунад пахш, меравад ларзон-ларзон ба рӯйи нуқрафом ҳарири шабнам!

Пойлуч медавад Мушфиқӣ, медавад пойлуч ба зери пурзанбӯр зардолуҳои гулгун, мелағжад ба майсаҳои нуқрафом, меафтад ба рӯйи себаргаҳову механдад, пӯшида чашмонашро, кашида дароз рӯйи майсаҳо, мезанад дасту по, мекунад шино, мекунад шино ба булӯргун дарёи нарми майсаҳо!... Вале фавҷ-фавҷ рехта ба рӯйи майсаҳо сурхчатоб гулбаргҳои гулобигун... Мушфиқӣ мекард шино рӯйи гулгун мавҷи дарёи гулбаргҳои рехта, гулбаргҳои мулоим. Гулбаргҳои нарму мулоим. Гулгун ба мисли пистонҳои Уляш...

Акнун ту дар куҷоӣ? Уляш? Куҷост хӯронанда пистонҳои меҳрубонат?... Куҷост гаҳвораат, Мушфиқӣ, гаҳворае, ки баъди марги модарат, пинҳон зи шавҳараш модари Амударёи тотор бароварда хӯшагун синаҳояшро, оҳ, мемаконид туро?

Амударё мо ҳамшира ҳастем, вале ту гирифта рикоби сурхчатоб аспҳои хайрбодирову рафтӣ ба суръат.

Акнун ман мекунам шино, мехезам тани танҳо, мешавам ғарқ ба мавҷи нарм гулбаргҳои сурхчатоб... Манам гӯсолаи сархуш ба субҳгоҳӣ дарёи гулгун!... Вале ҳанӯз наомада айёми гулрезӣ... Кӣ метаконад онҳоро?... Ӯ кист, ки мерезонад мавсимӣ гулҳои бегуноҳро?... Чу!...

Ӯ кист бар сари шохсори гулгун, ӯ кист, ки мерезонад

гулбаргҳои бегуноҳро?

Чаро мешӯранд ба атроф, мелапанду мехӯранд албонҷ ин зардолуҳои пургул?

Шояд аз шамол, вале субҳ аст сокит, аммо дарахтон пуршавқун, мерезанду мекашанд азоб...

Ким-чӣ хел сафедгун маҳлуқҳо мезананд ба навдаҳои пургул сафед болҳои азими худро, бод мехӯранд навдаҳо!...

Ва Мушфиқӣ меорад ба ёд суханҳои падараш Саиди чӯпонро. Мерақсанд бесоҳиб ба боғҳои баҳорӣ сафедбол Фариштаҳои сафедсинаи Зиндагӣ!... Дидан онҳоро ба кам кас мешавад муяссар...

Ҳарчанд Саиди чӯпон умри пурбаракат ёфт, вале дидани Фариштаҳои Зиндагӣ нашудаш муяссар. Ӯ ҳама рӯзи умрашро гузаронда буд миёни рамаҳои гӯсфандону галаи гургкушҳо. Шояд дар дуди зардчатоби қалён бар ӯ маҳзур гашта буд Фариштаи Зиндагӣ?...

Фақат одами поку бегуноҳ ба яқин метавонад дид Фариштагони Зиндагиро ба пургул боғистонҳои сапедадамон.

Фақат бо дили пок мебинанд пурнур Фариштагони Зиндагиро...

Мушфиқӣ рӯйи майсаҳои сабз медавад ҳишшаккашон, медавад сӯйи кулбааш, медавад самте, ки ҳанӯз он ҷо хуфтаанд ба хоби ноз Қумриву Турсунҷон. Ӯ мезанад фарёд. Онҳоро мекунад бедор, хоболуду варамидаҳоро мекунад бедор. Онҳо парида мехезанд, бо эҳтироси пурбим, лоғару хушнуд зи таги гарму пургул кӯрпаҳои фартут. Ӯ паси девор мезанад фарёд: Ҳой, Қумрӣ, бархез вақт шуд! Он ҷо, назди дар ба рақс омадаанд, Фариштагони Зиндагӣ. Онҳо будаанд, ки метакондаанд гулҳоро! Тезтар, ҳин вақт шуд, тезтар пӯш либосатро! Онҳо метавонанд ин замон парвоз карда раванд ва ту дигар онҳоро нахоҳӣ дид тамоми умр. Онҳо

ҳама умр як бор мекунанд парвоз. Лайлатулқадр аст ин. Ҳангомест, ки фариштагон ба замин меоянд фуруд, вақтест, ки Пайғамбарро мешаванд охирин роз. Охирин суруш... Охирин ваҳй!... Ҳукмронӣ мекунад дунё то дамидани субҳ ин ҷо!... Турсунҷон, тезтар, вагарна онҳо парида мераванд ва фақат боқӣ мемонад рехта гулбаргҳо! Тезтар, ҳон вақт шуд, тезтар! Давидем!...

...Ҳа-ҳа-ҳа! Ёфтӣ фариштаатро! Инҳо чӣ гуна фаришта буда метавонанд? Ин қувони сафеди кӯчӣ! Онҳо зи ҷониби Ҳиндустон меоянду мераванд сӯйи шимол. Парвоз мекунанд ба сӯйи паҳноҳои кишвари рус. Онҳо фақат мегузаронанд шабро ба нуқрафом халиҷҳои ороми дарёи Коко. Онҳо мекунанд парвоз ба сӯйи хуррам боғистонҳои дилбар. Онҳо то ки резонанд кайки ҳарими қанотҳояшон, мехоранду меосоянд, меафшонанд сафед болҳояшонро ба тезу пургул дарахтони зардолу. Онҳо меафшонанд ба шохсор кайкҳои хеш. Аз ин рӯ, зи хориш меафшонанд сафед болҳои пурдарди худро ва кайкҳо мерезанд ба рӯйи гулбаргҳои парвозӣ. Ва ё мепиндоранд гулбаргҳоро пари боли сафеди қӯҳои кӯчӣ. Онҳо фариштагони осмон наянд. Онҳо фақат қувони кишвари ҳиндуанд, ки меафшонанд болҳояшонро зи сӯзанда неши кайкҳо!...

Ҳа-ҳа-ҳа! Эҳ Мушфиқӣ!... Магар Фариштагон метавонанд зери гулбарггун болҳои худ дошта бошанд кайкҳо? Нигаҳ кунед чӣ сон меҷаҳанд сияҳфом кайкҳо ба гулгун гулбаргҳои паррон! Ҳой, ҳой, парандагон! Киш, киш! Равед! Равед аз ин ҷо! Бас аст гулрезӣ!... Мушфиқӣ, Қумрӣ, ба ман ёрӣ диҳед, то биронам онҳоро!... Киш, киш!... Равед!...

Канда мешаванд зи шохсор, гаронборона меоянд ба парвоз азим парандагони пурваҳшат. Турсунҷону Қумрӣ хушнудона медаванд, медаванд зи дунболи ин тоирон ва баланд мезананд фарёд ба ҷарангоси овози субҳонӣ:

киш, киш! Равед! Равед аз ин ҷо!...

Вале Мушфиқӣ меистод сокит, карда овезон сарашро. Карда овезон сарашро ба кӯдакона тоҷи дарозаш. Ин тоҷи шоҳид. Шоҳиди ягона будан. Шоҳиди ягона фарзанди хонадон будан. Вале ку оила? Аз вай дигар ном намонда. Ва аз бачагӣ ҳамчунин. Ва тоҷ ҳам дигар зарур нест. Ҳамон рӯз Мушфиқӣ онро тарошид. Вай дигар бача нест, ҷавон аст. Партофт тоҷро ба дарёи Коко ва он карда шино рӯйи мавҷҳои баланду пуркафк!

Куҷо меравад дарёи Коко? Мебарад ба куҷо тоҷи тифлии ӯро?... Куҷо?...

Инҳо пурнур Фариштагони сафедболи минӯӣ нестанд синасафед Фариштагони Зиндагӣ. Инҳо қувони кишвари ҳинданд, ки мефишонанд, метаконанд сӯзанда болҳояшонро зи неши кайкҳо!

...Не! Инҳо буданд Фариштагони Зиндагӣ! Ва онҳо париданд ба ҳангоме ки Мушфиқӣ фаро хонд Турсунҷону Қумриро. Охир онҳо фақат як бор мешаванд мазҳур. Фақат як бор мешаванд бар одамон мазҳур. Онҳо Фариштагони Зиндагӣ буданд! Боқӣ гузошта ба рӯйи майсаҳо гулбаргҳои сурхфомро, фавҷ-фавҷ гулгун гулҳоро! Мушфиқӣ ба тамом баданашро қабати мулоими ин гулбаргҳо кашид!...

## ШАБ

*Шабе пеш кардам, чӣ гуна шабе?*
*Ҳаме аз шаби доҷ торикта р.*
***Дақиқӣ***

Шабонгоҳони кӯтоҳи тобистон намеояд хоб ба зери хамшуда зи тиллогун меваҳои нахли зардолуи боғҳо, боғҳо, боғҳо. Намеояд хоб ба холиву сарборӣ боғҳо,

боғҳо. Намеояд хоб ба тобистонӣ боғҳо...

Мушфиқиву Турсунҷон дароз кашидаанд ба рӯйи палоси зери дарахтон. Магар ҳаво дим аст? Вале мевазад насими шомгоҳони дарё навозиш карда боғистонҳоро зи дуриҳо коҳилона мебарорад садо, гунг дарёи Коко. Ва Турсунҷон хуфтааст бо итминонбахш даҳони боз. Чирчиракҳои хоболуд мезананд фарёд. Ва дар осмон метапад мисли сурхкадуи пухта моҳтоб.

Вале хоби Мушфиқӣ намеояд. Ҳарчанд дароз кашидааст бо чашмони пӯшида рӯйи палос. Ба гӯш мерасад зи боғ фосиладор, хишир-хишир садо. Пур шудааст боғ аз ин фосиладор садоҳои тезу зинда. Чӣ садост ин?...

Чизе мезанад сахт Мушфиқиро аввал ба рухсораҳо, сонӣ ба шикам ва баъд ба пойҳо... Мушфиқӣ боз мекунад чашмонашро ва ба ҳарос мехезад зи ҷой: мерезанд рӯйи палос тиллогун ғиттаҳо. Мерезад аз шохсорон бар замин тиллогун жолаи меваҳои пухта!...

Ана серобу кулӯла ғиттаи пухтае меафтад рост ба даҳони хуфта Турсунҷон. Уммаст мезанад Турсунҷону медиҳад сарашро такон, вале намешавад бедор. Мулоим ғиттаи расида мешорад, мешавад об ба рӯйи ғунчасон лабҳои хуфтааш.

Мушфиқӣ мезанад лабханд. Баъд бардошта Турсунҷонрову меорад ба зери сафедори назди суфа, Турсунҷон намешавад бедор, ҳанӯз ғарқ а ба хоб аст.

Вале боғ пур аст аз изтиробангез садои гунги хиширхишиpу тап-тапи меваҳо. Ин садои ғалтидани ҳосили шохсорони пурбор аст. Ин шаби афтидани ҳосил аст. Ба чунин шабонгоҳон мардум ба ҳам мешаванд ошиқ. Ошиқ мешаванд як умр, то ҷовидон...

Мушфиқӣ бесадо меояд назди девор, танашро бар он мекунад ҷафс, гӯш меандозад: он ҷо сокит аст паси девор. Он ҷо садои фитодани меваҳо меояд ба гӯш. Мерезанд меваҳо. Мерезад тиллогун жолаи шабонгоҳӣ, мере-

зад муаттар меваи бемор, гузашта аз маҳал, шорандаву даранда нафис пӯсти бемадори хешро ин бори тиллогун!

...Ту хуфтаӣ, Қумрӣ?

Зардолуҳои зарандуд намезананд ба себгун рухсораҳоят, ба камонвор абрувони сурмасоят?... Зарандуд зардолуҳо намезананд туро, намерезанд асалвор ширин меваҳо ба рӯйи моҳгуни ту? Ту бо рӯймоли сурхак меравӣ хоб ва ё месозӣ бадар?... Тиллогун зардолуҳои дукафон, намерезанд бар рухсораҳоят, ба рӯйи сӯзанӣ холи сиёҳат, холи сиёҳи пушти ғафс лабони мулоимат?

Эй Хоҷаи ширинсухан, Хоҷа Ҳофиз, шумо гуфта шоҳбайте, ки тавонист ба хашм орад тасхиркунандаи кишварҳоро, Темури Лангро, шумо, устод дар сифати ин хол гуфтед ҷовидона байте, ҷовидона ба васфи холи Қумрии хуфта паси девор. Магар шумо дар бораи ҳамон хол навиштед, гуфтед!?...

*...Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро!*

Шумо маҳз дар сифати ҳамин гуна хол гуфта будед, устод, вагарна давлати Темур ба мисли кирмзада зардолу намеафтид зи шохсори таърих, вале ҳанӯз медурахшад холи сиёҳ ба тозарухони ҷавон! Вале холи сиёҳ поядатар аз мазори ҳукуматдорон!... Эҳ, холи сиёҳу ҷовидонӣ зинда! Ҷовидона хуфта! Бегуноҳ! Маввоҷ! Магар шумо дар сифати ҳамин холи сиёҳ гуфта будед, мавлоно?...

Қумрӣ, ту хуфтаӣ? Зарандуд зардолу наафтод ба рӯйи холи сиёҳат? Онро напӯшонд? Ту хуфтаӣ, Қумрӣ?.. Қумрӣ! Қумрӣ... Хобӣ? Ман намешиканам аҳди хеш! Савганд ба аспҳои сурхчатоб! Намешиканам! Ту хуфтаӣ, Қумрӣ? Ту хуфта ба шабонгоҳи резиши ҳосилҳо, ба Ша-

би резиши ҳосилҳо? Ту хобӣ, Қумрӣ?... Резиши ҳосилҳо?! Ту хобӣ, Қумрӣ?...

– Не, Мушфиқӣ. Ман хоб наям. Ман истодаам ба зери девор:Маро бар даҳон зардолу афтод. Ширин!

– Ва бар даҳони Турсунҷон ҳам. Шумоён хушбахтед, Қумрӣ! Шуморо бар даҳон афтод ширин зардолуи тиллогун ба Шаби резиши ҳосилҳо[1]!... Вале шатта заданд маро ба сару рӯй... Танҳо ба рухсораҳо...

Саодатманданд он хушбахтон, ки рост ба даҳонашон меафтанд зардолуҳо ба Шаби резиши ҳосилҳо. Ин одамон то абад ҳамдигарро дӯст хоҳанд дошт! То ҳашр ба якдигар ҳамоғӯш хоҳанд гашт! Зиндагияшон саршор хоҳад шуд аз ширин меваҳои зарандуд, аз лазиз меваҳои муаттар!... Вале маро фақат ба рӯям заданд тарсакӣ!

– Мушфиқӣ, ако, Турсунҷонро бедор кунед. Аз даҳонаш гиред зарандуд зардолуро. Маро фаро мегирад даҳшат. Дарёи Коко, аз он ҷо, аз вашмгин мурдобҳо медиҳад овоз. Вай маро мехонад фаро. Он ҷо падарам, модарам, бародаронам мекунанд шино. Онҳо маро мехонанд фаро. Онҳо гиряолуд фарёд мезананд бо ниҳеб: Қумрӣ, Қумрӣ, Қумрӣ, хоҳарак, хоҳаракам, Қумрӣ чаро маро танҳо вогузоштӣ ба дарё? Хоҳар, ин ҷо сард асту намнок... Духтарам, деҳ дасти имдод ба ман. Ман бо ҳама тавон медорам аз навдаи буттаҳои соҳил, вале шохаҳои хушку тумангун мешаванд канда, пойҳоям мелағжанду дарё мебарад маро, мебарад маро ба дарё. Аз соҳили наҷот дасти имдодам бидеҳ... Ва ё биё ба сӯйи мо, сӯйи мо кун шино, охир чӣ лозим аст туро ин соҳили танҳо, соҳили бе мо? Охир чӣ лозим аст туро ин соҳили бекасӣ? Мушфиқӣ, ако, Турсунҷонро кунед бедор. Маро даҳшат фаро мегирад... Он ҷо ба вашмгин мурдобҳо овоз медиҳад дарё, маро фаро мехонад Коко. Овозҳо, фарёдҳо

[1] Айёмест, ки меваҳои пухта худ аз худ аз шохсорон меафтанд.

шунида мешаванд...

– Турсунҷон, хез. Бедор шав. Фурӯ бар зарандуд зардолуро. Хезу рав ба назди девор. Дар он ҷост Қумрӣ. Ва ман меравам хоб. Болои палос мекашам дароз. Зери сафедори баланд. Чӣ хуб аст, ки намерезад аз сафедор зарандуд меваҳои ширин. Осуда хобидан мешавад...

Ман рӯйи палос дароз мекашам пӯшида чашмонамро. Сафедор шир-шир мерақсад болои сарам. Сафедори азиму маҳтобӣ. Рақсанда сафедор. Сафедори нуқрафом. Чӣ хуб аст, ки намерезад аз сафедор зарандуд меваҳои ширин. Бигзор бирезанд онҳо бар сару рӯйи Қумриву Турсунҷон. Ман болои палоси зери болзананда сафедор кашида дароз, карда замзама чакомаеро.

Хурд чакомаеро дар васфи азим сафедор.

Ман месароям чакомаеро ва ин дам меафтад ба рӯям чи чизе печандаву ларзон, ёзандаву ҷондор.

Ман мекунам чашмонамро боз ва мебинам сиёҳ гамбуски азимро, хӯранда пӯстлохи сахтро. Ман онро зи рӯям рӯфта мепартоям ба дур ва мехезам аз рӯйи палос, мехезам бо ҳарос. Нигоҳ мекунам: тарсон зи шаъшаъапош тангнои куҳан, рӯйи палос мехазанд пӯстлоххорҳо. Онҳо шумор надоранд. Онҳо меафтанд бесадо, мепаранд зи шохсор. Аз сафедори ширгуну бегуноҳ.

Ва ҳамин лаҳза мекунам эҳсос, мебинам мурда сафедор, хушкида сафедор. Фартут шуда аз хурӯши гамбускҳо. Саропо шуда сафеду ширгун ин сафедор. Рангпаридаву мурда. Барги сабз намонда ба шохсоронаш. Фақат даррандагон хишир-хишир мекунанд ба козаҳои сокити хеш. Ин хишир-хишир садои майнаҳост, майнаҳои Ҳиндустон...

Он гоҳ тозон медароям ба хона, ба даст мегирам нойро. Тақдимӣ нойи дарвеши муҷовир Ҳотамхоҷаро... Баданам меояд ба ларза...

...Замоне меояд асову най худ туро мехонанд фаро!...

Шояд расида он замон. Ва шояд омада замони ҷидол бар зидди ин ваҳшатангез хазандаҳо, бар зидди ин ҷонварони ҳақир, ки сарнавишти ҳама ҷондорон бар онҳо шуда вогузор! Замони пархош бо ғолибомада гамбускҳои сахту баду пӯстхор бар як муқаддас дарахт? Ва ё чӣ тавр пархош бояд кард?... Чӣ тавр?

*...Бар кӯзагаре парер кардам гузаре,*
*Аз хок ҳаменамуд ҳар дам ҳунаре.*
*Ман дидам агар, надид ҳар бебасаре,*
*Хоки падарон дар кафи ҳар кӯзагаре...*

Мушфиқӣ, ин бачаи лоғар, ки писари ба сари тарошида истода зери моҳтобгун сафедор, истода зери сафедори мурда, бо тамоми қувва аз най мебарорад садо. Садои хуш! Найи хушибахш! Месарояд!... Чеҳрааш мекунад гул. Най мешавад бар нафасаш ром. Аввалин бор мебарад бар ӯ фармон. Найи гапдаро, найи хушибахш, найи маввоҷ мерақсад ба лабҳояш, мешорад зи лабҳояш мисли қароқулӣ гӯсфанди Бухоро. Мечаспад ба кӯдакона лабҳо.

Куҳан ной. Ноланда, шабонгоҳӣ ной. Ширгуну маҳтобӣ... Мешавад равон... Мешавад ором. Он гоҳ Мушфиқӣ гирифта зи лабонаш нойро месарояд чакомаи сафедори сафедро...

*Сафедор миёни шаб, сафедор бо боли гаҳваринаш*
*мекашад сар сӯйи абрҳо*
*Сафедори шаб,*
*Дар коғазҳои куҳнаи хеш тухм мегузоранд парандагони*
*шаб хоболуду тӯлонӣ аз барои наслу авлод.*
*Ва тухме мешавад ғелон ва рӯйи*
*танаи он мешавад захмнок,*

*мешавад зарандуд, мешавад луоби дилкаш ҷорӣ*
*Сафедор, сафедори шаб, сафедори фитода бар ҳисори*
*душманони пӯстлохи хеш.*
*Сафедор.*
*Маҳкумшуда сафедор.*

Сафедор шуд хазон, мурд, вале поянда мемонад чакома... Варо мехонанд мардум, месароянд ромишгарон, ҷаҳонгард ромишгарон...

Вале мурд сафедор... Тавлид карда зи худ чакомаро...

Ва меҷунбанд майнаҳо даруни зинда козаҳои миёни шохсорони хушкида сафедор...

Вале меистад зери девори гилин бо сари тарошида чун тарбузи тирмизӣ кулӯла Турсунҷон. Он ҷо, он тараф Қумрӣ часпида ба девор бо тани ларзон ва болои сарашон буд саодатбор шаби хушбӯ, шаби резиши зарандуд зардолуҳо. Болои сарашон буд муқаддас Шаби резиши ҳосилҳо!...

Вале Мушфиқӣ бо наяш истода ба зери моҳтобгун сафедори сафед ва мерехт бар сару рӯяш зи мурда шохсори дарахт гамбускҳои пӯстхор. Ва буд болои сараш Шаби резиши пӯстхорҳо. Вале Мушфиқӣ мезанад лабханд. Карда зам-зама зери навогар лабонаш чакомаеро...

– Эй, Турсунҷон, Турсунҷон, чаро дар хусуси девор хӯрдем савганд? Савганд ба аспҳои сурхчатоб, ки туро мекунам раҳо зи ин савганд!

– Ҳаргиз! – гуфт Турсунҷон. – Бигзор баланд бошад девор!

*Дигар сапеда медамад бар боғҳо, боғҳо, боғҳо,*
*Дигар сапеда медамад бар боғҳо, боғҳо.*
*Дигар сапеда медамад бар боғҳо...*

Шаби резиши ҳосилҳо? Ягонаам. Ту дар куҷоӣ?...

Ту боз ҳам най бо ман.

## ШИКОР

*Бикуш! Бикуш онеро, ки бе*
*ҳарос кушта наметавонад!...*
***Темури Ланг***

Дигар поиз охир шудааст!...

Дигар ба сард боғ истонҳои фароху дилкушо оташ мезананд тиллогун баргҳои беҷонро!

Дигар дуд мекунанд бераҒ батона гулханҳои намнок, дигар миёни анбӯҳи дарахтони урён тарҳа мешавад дуд!

Хазанда дудҳои талх...

Вале Турсунҷон бо Қумрӣ истода аз ду тарафи девор, пичиррос мезананд, механданд, меварзанд сукут, мешаванд об. Онҳо дар ин муддат болиғ шудаанд.

Дигар девори гилин паст монда аз онҳо. Дигар девори гилин намепӯшонад онҳоро. Дигар сараки баста ба рӯймоли лолагун сурхи Қумрӣ ва каллаи ба мисли тарбуз кулӯлаву пӯшида ба гардолуд тоқии чустии Турсунҷон боло шуда бар сокиту маскун девори гилин.

Дигар аз ин пас онҳо зи болои девор мекунанд мулоқот. Дигар ба ҳам печидаанд. Дигар!...

Мушфиқӣ мекӯшад бигрезонад назарашро аз девор, меравад сӯйи боғ истонҳои бекас, менавозад най, мегиронад гулхан ва нигоҳ меандозад сӯйи поизӣ осмони гиряндаву гунг.

Дар осмон баланд парвоз мекунанд орому хомӯш тирамоҳӣ парандагони кӯчӣ, мелағ жанд ба рӯйи нилобиранг осмон. Ба сӯйи Ҳиндустон мекунанд парвоз?... Мушфиқӣ дигар ҳеҷ гоҳ нахоҳад дид бегона кишварҳоро, бегона киштзоронро?... Наход ӯ ҳеҷ гоҳ

наравад ба Ҳиндустон барои абад монад миёни ин пуркирм боғистонҳо, монад ба хурдакак деҳи азизаш Чептура? Наход ин парандагони орому хомӯш бошанд озодтар аз ӯ, хушбахттар аз ӯ?

Мушфиқӣ меорад ба ёд каломи дарвеши маҷовир Ҳотамхоҷаро: саодатманд ҷаҳонгард ҳофизҳо!... Рӯҳи раҳнавард муқаддас корвонсароест!... Худ асову най туро мехонанд фаро!... Ман меравам зи дунболи парандагони поизӣ. Ҳин, вақт шуд!... Ба ростӣ наметавонам бингарам сӯйи ин ду саодатманд, ду шармгин, ду пуртабассум сарҳои болои девор... Чашмонам мебарорад сӯзиш, ба мисле ки аз тирамоҳӣ дуди намноки гулханҳо...

Ҳин, вақт шуд!... Чӣ сон ин қадар тез ин сарҳо шуда боло зи девор. Сари Мушфиқӣ танҳо ба он баробар шуду бас...

Мушфиқӣ медавад сӯйи хона. Гирифта ба кухна хӯрҷини падараш чанд нон, тутмавиз ва андохта нойро, гирифта тақдимӣ асои бодомии Ҳотамхоҷаро. Кӯлвор сари китф, асо ба даст, меояд аз хона бурун, меравад назди девор.

Мушфиқӣ шуда ба асо баробар. Ҳанӯз монда бача.

Вале саодатманданд раҳнавардоне, ки сар зи асои хеш доранд баланду ҳастанд ҷавон.

Зеро дунё фарох аст тайи чашми ҷавонӣ!...

Баъди солиёни дароз Мушфиқӣ бармегардад ба деҳи азизаш, ба зардолузорҳои бесоҳиб ҳазордастон, бо қомати хамида чун ҷаҳондида марди хирадманд ва ҳанӯз ҳам афсурда сари сафедаш мешавад хам, бо асо мешавад баробар, он чунон ки нахустин бори ба роҳи зиндагӣ баромаданаш буд. Зеро гуфта шудааст: гирдоб перомуни худ мегардад... Боғбон ба дарахтзори худ...

Турсунҷон, Қумрӣ, хуш бошед! Ман меравам аз ин ҷо. Шумо монед ба боғистонҳо... Дигар парандагон ба парвоз омадаанд. Дигар аз тагобаҳо мевазад сард бори

тирамоҳӣ... Ҳанӯз ба вақти кӯдакиям раҳгузар ҷӯгие зи раххои пойҳои урёнам фол кушода буд роххои беохирро! Ӯ ҳамаро зи дасташон кушуд фолу маро зи пойҳоям!... Ҳамаро зи кафи дастону маро зи кафи поям. Лабханд зад хурдсол раҳнаварди асо ба дасту кӯлвор ба пушт. Ба вақти видоъ шӯхиҳо кард ин ҳакими хурдсол. Кӯчак ҳакиме, ки кайҳо зи нахустин ишқи худ нашъа бурда буд. Ва чашида буд ҳамчунон нашъаи марги нахустро. Вале ҳанӯз дар пеш буд аз ин ҳам гарону сангинтар ҷудоии пурдард. Ҷудоӣ бо рафиқаш, ҷудоӣ бо каллакулӯла Турсунҷон...

Оҳ, наход кӯдакӣ фақат аз ҷудоӣ, аз маҳрумӣ бошад иборат?... Фақат талху намнок гулханҳои поизӣ ба боғ истонҳои урёну ғамангезу сард?...

– Аз назди мо меравед, Мушфиқӣ. Охир шумо моро бузург бародаред. Кӣ моро мекунад ҳимоят? Ман мешунавам ҳамаашро, садоҳоро зи дарё, мешунавам зи мурдобҳои вашмину хилват! Онҳо маро мехонанд фаро. Наравед, ако, Мушфиқӣ, парастор, бузургбародари мо. Наравед аз назди мо... – гуфт лолагун саре ба сари девору гирист. Алмосгун ашкҳо, мусаффо ашкҳои булӯрин рехта бар қатронгун холи пушти лаб. Мерасад... Болои он мешавад... Меларзад!...

– Ако, Мушфиқӣ маро магузоред танҳо... Ман паймони сари деворро намешиканам. Худ сарам зи девор рафта боло. Биёед дубора мерезем хиштҳо, мебардорем онро баландтар. Ман намешиканам савганд. Савганд ба аспҳои сурхчатоб... Савганд ба нафастангшуда аспҳо ба ҳангоми давидан!.. Намешиканам...

– Турсунҷон, мазҳику[1] азиз Турсунҷон, меравам зи паси парандагони мусофир, мешавам дарвеш, ҷаҳонгард ҳофизи кӯчӣ. Рехтани хиштҳои нав лозим нест. Онро

[1] Хандаовар

карда вайрон, зи гилаш танӯр сохтан даркор аст. Савганд ба аспҳои сурхчатоб!... Хуш бошед. Алвидоъ, Турсунҷон, Қумрӣ. Ҳар гоҳ кӯчӣ парандагон ба парвоз омаданд, аз ман ёд кунед, ёд... Ба ҳангоми омадани парандагони мусофир... Турсунҷон, аз ман бикун ёд. Ман месароям аз бароят чакомаи ҷудоӣ, чакомаи видоъ.

Чакомаи рафиқӣ.

Ва Мушфиқӣ месарояд...

*Ба ёд ор, дӯсти дурафтодаам он дамеро,*
*ки насим мевазад аз дара,*
*Ёд кун, дӯстам, ёд, дӯсти дурафтодаам он дамеро,*
*ки мевазид поизӣ насим аз дара.*
*Ёд кун, дӯстам, ёд, дӯсти дурафтодаам*
*он дамеро, ки мевазад насим аз дара,*
*аз поизӣ дара, рӯшану гулранг дара.*
*Ёд кун, дӯстам, ёд, дӯсти дурафтодаам он дамеро,*
*ки мешавад чинор урён.*
*Он дамеро, ки карда чок умқи осмони Осиёро гурезон*
*зи сармо турнаи поизӣ.*
*Ёд кун, дӯстам, ёд, бешаҳои босафоро,*
*арчазору пистазоронро.*
*Ёд кун, ёд, он дамеро, ки будем ба тира*
*бешазорони сарду анбӯҳ.*
*Ёд кун, дӯстам, ёд, дӯсти дурафтодаам,*
*дурафтода дӯстам он дамеро,*
*ки насим мевазид аз дара.*
*Он дамеро, ки чашмаи дарёдилӣ*
*ях баставу мешавад ором.*
*Он дамеро, ки мерезад чашмаи ташнашикани*
*дарвеш ба коми сабзазорон.*
*Ёд кун, дӯстам, ёд, дӯсти дурафтодаам он дамеро,*
*ки мевазад насим аз дара.*
*Он дамеро, ки мевазад аз дара*

*Он дамеро, ки мевазад аз дара*
*Он дамеро, ки буд поизӣ...*

Ва Мушфиқӣ ин лаҳза баргашту бо қадамҳои чолок аз назди хона дур шуд. Турсунҷон давид зи дунболаш, кашид фарёд: ако, бо мо бимонед... Наравед!... баъд аз ӯ қафо монду қафо монду қафо монд. Ва мусофири хурдсол бо нимпур кӯлвори азимаш, бо мурутӣ асои ҳамқадаш дигар пас нагашта мерафт басуръат, сахт фишурда мерафт куҳна кафшҳои падарашро ба рӯйи тиллогун баргҳои хазонӣ, беҷон баргҳои нарму бесадо. Ва ғайб зад миёни боғҳои вашмин, гум шуд даруни боғҳои ҳаврхез... Он гоҳ Турсунҷон баргашт зи роҳаш, рафт ба назди девор.

... Ако, наравед... Наравед... Мо гил ошурда мерезем зи нав хишт, мебардорем деворро баланд... Савганд ба аспҳои сурхчатоб... Дигар чӣ фоида дорад!.. Ба ёд ор, дӯстам, дурафтода дӯстам, дамеро, ки зи тагобаҳо мевазад насим.

Маро оред ба ёд, даме, ки парандагон меоянд ба парвоз. Алвидоъ, Мушфиқӣ!... Алвидоъ... Салом Қумрӣ... Арӯси ман... Мо меравем ба поизӣ боғ истонҳо... Аз рӯйи анъанаи падарон – ман пешопешу ту аз қафо, ба мисли дӯстдор зани бовафо... Салом, Қумрӣ, салом... Арӯси ман, салом...

Он ҷо зи дарё меояд садо... Турсунҷон, маро мехонанд фаро... Моро рафтан ба боғ истонҳо намешавад муяссар пешу қафо, чун дӯстдор зани гапдаро...

...Бар боғҳои урён парандагони кӯчӣ баробар парвоз мекунанд орому бесадо. Баландпарвоз парандагони сарди поизӣ.

Мушфиқӣ қарор истода ба соҳили Коко, боло карда сарашро, менигарист ба парвози якмароми турнаҳо. Ин парвози ба як хат баробари турнаҳо чӣ чизи беҷону

мурдае ба худ дошт. Парандагони баландпарвози поизӣ гӯё ях баста буданд ба умқи осмон...

Онҳо ба ҳангоми баҳорон, шавқункунону пурсадо, зинда ба як ришта ҳамел, тайи гарм осмони мусаффо мешаванд қатор... Ман дӯст медорам баҳорӣ парандагонро! Ман дӯст медорам шинокунанда дастаи бенизомашонро, зинда парвози пасту наздикашонро!... Садои онҳо ба нафири нойи ман мемонад!... Шояд ба замоне нойи ман ҳам мурғи ҳаво буд!... Мурғи баҳорӣ!... Ман дӯст медорам тӯдаи мурғони баҳориро...

Вале парвоз мекунанд ҷудо-ҷудо ин сард мурғони поизӣ... Вале мекунанд парвоз орому хомӯш ин сардмурғони поизӣ ба умқи осмони шишагун...

Ва банохост!... Банохост!... Худоё!... Ин чӣ садоест?!

Аз соҳили муқобили дарё мерасад ба гӯш овози гирифтаву хафӣ, махмуру ҷунунангези касе. Ҷоон! Ҷоон! Ҳоой, бош бош! Э ҷон! Эй! Эй! Эй ҷон, ҷон! Ай! Ой! Ҷоон! Ҷоон!... Ҳа-ҳа-ҳа! Вайро дор! Кӯб! Мурданивор! Бикуш бе ҳарос, бе тарсу ларз! Якбора! Ба як задан! Эй ҷон!... Мурдобҳоро бизан оташ!... Бизан оташ! Ба шавқ! Эй! Эй, эй!...

Оташ мегиранду мезанад дуд мурдобҳо, хушк найҳои соҳил! Соҳил месӯзад. Медавад шуъла, мерезад бар найистон. Тиллогун шуълаҳо, навозишкор шуълаҳо...

Аз қабати дуди ғализ тазарвҳо мепаранд бо ҳарос. Мефишонанд бол, мерезонаид боли пӯсаи хеш бар ҳаво.

Месӯзад болашон. Мезананд шуъла.

Чӣ сон тез месӯзанд лаппанда болҳои зинда!... Тезтар аз найҳои мурда.

Тазарвҳои сӯхта мефитанд ба дарё, мефитанд чун дудагирифта кулӯхҳо...

Аз паси паттаҳои баланди бедзорон пайдо мешаванд чанд тане савора, пероставу ороста бо тиру камони муғулӣ. Онҳо мезананд қоҳ-қоҳ. Бо ваҳшигуна

чеҳраҳои хуморӣ. Яқин аст, ки онҳо нӯшидаанд шароб ва ё задаанд тарёк.

Мушфиқӣ мешиносад Оллоҳёрбой девонбегиро, мешиносад гунг бародарон Ҳасану Хусайнро, девонавор фарёдзананда ясавулҳоро бо димишқӣ шамшери дурахшон... Эй ҷон! Ҷоон! Бикуш бе ҳарос! Бе тарсу ларз! Начаконда хун!...

Охир куштан киро?... Киро?...

Мушфиқӣ паси харсанги сари роҳ мешавад паноҳ ва аз он ҷо боэҳтиёт, бо ҳарос мекунад нигоҳ.

Давуғеҷ мекунанд саворагони пурмағал, саворaҳои махмур, қоҳ-қоҳ- зан саворагон ба оташгирифта соҳил.

– Биё ба он соҳил гузарем. Дар он ҷо интизор мешавем. Дигар роҳи гурезе надоранд. Худашон ба назди мо меоянд! Меафтанд ба даст! Ҳа-ҳа-ҳа! Эй ҷоон! – фарёд мезанад Оллоҳёрбой ва медурахшанд хираву безобита ҳомунӣ чашмони танги барлосияш. Аз наъша. Медурахшанд безобита чашмони хирааш. Чашмони пурхатараш...

Савораҳои девона ба ҷониби овезон пулаки чӯбину ларзонаки болои пуршӯр дарёи тӯфонҷӯши Коко медавонанд асп. Метозанд ба пули нопойдор саворагони махмур. Мезананд қоҳ-қоҳ! Кӯру фориғ шуда аз тарёк... Пул мехӯрад хам, мебарорад садо, зери суми аспҳо чун ба зери корд бурида сари мурғҳо, вале савораҳо надоранд парво, танҳо медонанд фарёд задан, хандиданро. Аспҳо мерақсанд ба рӯйи албонҷзананда пули бебунёд, ба рӯйи афтанда пули беҷон.

Ин ҳамон атласгун аспҳои ахалтегиниaнд, бирешимӣ аспҳои сурхчатобе, ки бо худ бурда буданд Амударёро. Мушфиқӣ шинохт онҳоро...

...Кош пул мешуд канда, меафтид ба дарё, даст намедод! Ва дарё хунук мекард ин аспҳоро, ин махмур одамони тарёккашидаро. ки дар эшон мерақсад рӯҳи хунуки марг! Зи онҳо меояд бӯйи марг, бӯйи хун!...

Аспҳо пулро гузаштанд. Савораҳои маст худро чолок зи асп ба зер гирифта, паноҳ бурданд паси харсангҳои сари роҳ, бо шамшеру бо камонҳояшон. Якбора, бенохост сукут ҳама ҷоро ба коми худ кашид. Танҳо дарё, сукутшикан дарё буд. Фақат соҳили муқобил буд, ки ин қадар ба суръат, малеҳ месӯхт. Фақат хушкида найҳо мезаданд қарс-қарс ва дуд мекарданд мурдобҳои намнок, меафтиданд ба дарё тазарвҳои сӯхта.

– Эй, бикуш беҳарос! – фарёд зад Оллоҳёрбой аз паси харсангҳо бо овози махмуру нобино.

...Куштан киро?... Ай, наход?! Ай!...

Аз мурдоби пурдуд аввал пуршаҳомат шохҳои навдагун омад падид ва баъд худро бо ҳама ҷисмаш ба назди ларзонак пули овезон намудор сохт оҳуи калоне. Зарандуд оҳуи Бухоро – Хонгул. «Хонгул», мардум ҳамин тавр меноманд вайро.

Зи дунболаш ҷуфташ бо оҳубарраи шикамаш шуданд пайдо. Шуданд карахт онҳо, ях бастанд онҳо, ях бастанд, баъд ба ҷунбиш омаданд бо эҳтирос ларзонда почаҳои бинии худро. Билохир, оҳуи нар бо мӯйи зар, тезу тунд ба мисли ҳуштак баровард фарёд ва баъд бо тамкин баромад болои ларзонак пули овезон. Ва он ду боқӣ аз ҳомии худ пайравӣ карданд...

...Наход онҳо ба сӯйи оҳуҳо мекушоянд тир?... Охир ҳангоми баҳорон аст, охир вақти ҳамли оҳувон аст, ҳар гуна шикор ба ин мавсим мамнӯъ? Боз худи ҳамин Оллоҳёрбой. Пас кардани ин кор раво бувад ӯро, вале на дигаронро!... Бар вай иҷозат аст! Охир ҳангоми ҳамли оҳувон аст. Онҳо ба ин ҳангом мастанду кӯранду бепаноҳ. Машоми онҳо ба ҷуз бӯйи ошно дигар чизро намекунад эҳсос. Намекунанд эҳсос нобаҳангом тири маргро. Ин лаҳза ҳангоми мастии онҳост. Магар куштани ошиқон равост?

– Эй, бикуш бе ҳарос! Ба як задан! – фарёди бесабру

хафӣ шуд баланд ва якбора аз паси харсанге барҷаст аз камон тундтире тез ва бо як садои ҳарису намнок бархӯрд, даромад ба беқарор чашми калони оҳу. Оҳу ало кард, сафед намуд ба мисли барф чашмони бузургашро ба як бор, гӯё нишаст ба ҷояш, шуд хам, мавҷ зад ларзише тамоми вуҷудаш ва банохост бо ҳама қувват баланд ҷаҳид болои борик пули ларзон, афтид ба дарё ва гум шуд даруни ҳарими мавҷҳо. Вай ба ҳини болои пул ҷаҳиданаш мурда буд.

Тири дуюм шикофт баёзи гардани нахчирро, вай ба якбора шикаст, қат шуд ба ҳар чаҳор пояш, афтод бар лаби пул ва ғайриихтиёр такон дод нобафармон сари бегонаашро, якбора афтонд, ғалтонд сари бегонаашро миёни дастонаш, гӯё ба хоб рафта буд.

На хун буду на тарсу на ларз! Фақат буд марги зудфарҷоме...

– Эй ҷо-он! Манам аз қабилаи барлос! Зи тухми амир Темури Ланг! Манам, ки кушта метавонам бе ҳарос, бе тарсу ларз, бо як задан, бо тири нахуст, начаконда хун! Манам, ки медиҳам марги зудфарҷомро! Сӯзонро! Ширинро! Серобро! Ҳа-ҳа-ҳа! Вой бар касоне, ки наметавонанд куштан бе ҳарос, бе тарсу ларз, начаконда хун! Войи ӯ дар кишвари мо!... Ҷаҳонгир Темури Ланг, он бобои ман гуфта буд: бикуш! Бикуш онро, ки куштан наметавон бе ҳарос!... Бе тарсу ларз қурбониро, ҳам хешро беҳарос. Зеро тарсу ларзи сайд метавонад бар сайёд гарданд интиқол! Аз ин рӯ, ман мебахшам амиқ марги ширинро!... Ҳатто кашида тарёкро!... Ҳа-ҳа!... Вале ин ширмак оҳубарраро медорам ба даст. Тир наяндозед сӯйи вай. Вайро доред. Карда иҳота! – Оллоҳёрбой бо шариконаш аз паси харсангҳои сари роҳ баромада ба сӯйи пул медаванд...

...Вале оҳубарраяк канори пул хам шуда болои наъши модараш меистод, бинияш аз фарҷоми нобаҳангому

ногаҳон меларзид аз изтироб, Шамид модарашро. Бардошт сарашрову нигарист ба дарё...

Махмур шикорчиён бо доду фарёд наздик шуданд ба пул. Медавид пешопеш Оллоҳёрбойи бадҳайбат, ба пояш шикорӣ мӯзаҳои баландсоқи локӣ, ба тан кӯтаҳҷомае баста ба миёнбанд. Бо заркорӣ миёнбанд. Пероста миёнбанде бо лаъли Бадахшон, бо гавҳари Ҳиндустон, бо фирӯзаи Эрон. Бар сараш сабук дасторе зи бирешими сафед.. Оллоҳёрбой медавид бо нафаси гирифта, бо ғафс панҷаҳои сурхи кушода: бош! Эй ҷо-он! Ин ҷо биё, баррачаи ман! Чаро худро мезанӣ бар наъши модарат? Ҳа-ҳа-ҳа!... Биё, ин ҷо биё! Оҳ ятимча! Ман туро бо худ мебарам ба Бухоро! Ман туро ба Абдуллохон мекунам ҳадя!... Ин ҷо биё!...

Оҳубарра худро рӯйи пул мезад ба ҳар сӯ. Дар пасаш оташгирифта соҳили пурдуд буду наъши модараш. Ҷуръат накард, ки биҷаҳад аз болои модараш. Ва он гоҳ худро ба сӯйи пуршавқун сайёдони махмур зад, аз ғафс панҷаҳои сурхи кушодаи Оллоҳёрбой чапғалат дод, бо тамоми тавонаш давид қад-қади соҳил ва баъд баргашт ба сӯйи зардолузорҳои беканор. Ба суръат медавид рӯйи ҳарими сурхчатоб баргҳои тиллогун, медавид рӯйи сард баргҳои нарм...

– Эй, вай ба сӯйи боғистонҳои ман медавад. Ва дар он ҷо вайро дастгир мекунем. Ба мо медиҳанд ёрӣ, боғбононам – Турсуну Мушфиқӣ! – Ва сайёдони махмур зи дунболи оҳубарра худро ба сӯйи зардолузорҳо заданд...

Дар соҳили муқобил месӯхтанд найистонҳову обгирҳо. Ба мисли хушк кулӯхи дудагирифта меафтиданд тазарвҳои сӯхта ба дарё. Болои пул хуфта буд нахчири мурда...

...Охир ин замон мавсими мастии онҳост! Онҳо ба ин лаҳзаҳо кӯранд. Бепаноҳанд. Давраи мастии ишқи

оҳувон аст. Магар куштани ошиқ он равост?

Ой, ман наметавонам кунам огоҳ Турсунҷону Қумриро!

Асову анбонро мепартоям бар замин! Медавам сӯйи хона, мешавам нафастанг, ғарқ мегардам ба баргҳои хазонӣ, медавам то назди хона, паноҳ мешавам паси сафедори сафед... Дер шуд!...

Дер шуд...

Оллоҳёрбой мезанад қоҳ-қоҳ. Гирди чашмонаш ашк мешавад пайдо. Танг чашмони ҳомунии барлосияш. Медурахшанд аз шарори хираи девонагӣ. Медурахшанд чашмони ваҳшӣ. Аз тарёк. Ва хандааш ваҳшигуна асту изтиробангез... Ҳамчунон аз тарёк.

– Турсун, куҷост вай писари чӯпон, фарзанди он оилаи рафта ба сукут, оилаи тарёкиён, Мушфиқӣ!

Турсунҷон парт задан наметавонад.

– Домулло, ӯ асову анбони мусофират гирифта, ба сайри тариқат баромад. Ӯ хост ҳофизи ҷаҳонгард, раҳнаварде шавад. Ӯро ҷӯгидухтаре зи рахи кафи пойҳояш роҳи дарозро фол кушод. Ӯ зи дунболи мурғ они кӯчӣ ба роҳ баромад...

Чашмони Оллоҳёрбой медурахшанд, мешаванд беҷо зи тира шарори ваҳшигуна.

– Ман ӯро меёбам ва бо сад тозиёна навозиш мекунам кафи пойи кӯчиашро. Ӯ чӣ дил кард, ки боғистонҳои маро беназорат гузорад?! Акнун кафи пояш мекунам тозиёнаро пора!... Ин девор аз куҷо шуд пайдо? Кӣ вайро бардошт? Ва ё ин ҷо зане гашт пайдо? Ҳа-ҳа-ҳа! Ту-ку хонадор нашудаӣ? Хонаро-ку ба ду қисм – занонаву мардона ҷудо накардаӣ? Ҳа- ҳа-ҳа! Турсун, ту дар ин ҷо надидӣ оҳубарраи сафедро?...

Ва ҳамин лаҳза Оллоҳёрбой сулфиду гашт сокит ва низ ором шуданд чирросзананда чун хуки ёбоӣ ҳамсафарони хуррокияш.

Сари девор пайдо шуд хашхошгун саре баста ба рӯймоли сурх ва боз ҳамон лаҳза гашт ғоиб. Бо қиргун холе пушти тифлона лаби нармаш...

– Ин кӣ буд? – хоболуда чашмонашро карда пок бо ғафс панҷаҳои сурх пурсид, Оллоҳёрбой. – Ва ё рӯъёе буд ба мастӣ? Ҳазён? Кайф? Ин кӣ буд? – ваҳшигуна чиррос зад ӯ. – Кӣ? Кӣ?... Турсун, кӣ буд ӯ? Наргиси ободараш мемонд чашмони ғизолонро!...

– Арӯси ман буд, Қумрӣ.

– Ҷо-он! Ҷо-он! Пас ин набуд мазҳури кайф. Савганд ба тамоми тарёкҳои Бухоро, ба тарёкҳои Мовароуннаҳр, ин ҳамон холе буд, ки Хоҷаи Шерозӣ ба васфаш гуфта:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро!*

Ва ӯ туро арӯс аст?... Ҳа-ҳа-ҳа!.. Кӯдак! Ятимча!... Ӯро ба ман бахш!... Ман ин боғҳоро ба ту мекунам ҳадя. Ман саховатмандам. Ман ин боғҳои беҳудудро мебахшам ба ивази ин зудгузар ҳоли фонӣ... Ҳа-ҳа-ҳа! Мебахшам боғҳоро ба ивази як холи хурдакак!...

– Не тақсир. Вай арӯси ман аст ва занам мешавад ба ҳангоме ки ду сар боло шавад аз девор.

– Ҳа-ҳа-ҳа!... Мо дӯст медорем ҷавондумчаҳои нафисро, пурбарг навдаҳои сабзро, на зи шарбати замин шуда шодоб танаҳои бӯрро!... Мо дӯст медорем, норасида меваҳои хомро, сабзу кундкунанда дандонро! Барои мо кофист, ки ӯ як сар боло шавад аз девор!... Ҳа-ҳа-ҳа!... Агар муқобилат медиҳӣ нишон, мо вайро зӯран мегирем ва ту мемонӣ бе боғҳо, бе хурдакак хол!... Ба як қарор биё, Турсун! Интихоб кун, ятим! Интихоб намо, кӯдак! Ман туро ранҷондан намехоҳам... Китоби муқаддас озори ятимонро манъ месозад. Ман нисбати ту меҳрубону дасткушодам.

– Не, домулло.

– Ҳой, Ҳусайн, Ҳасан, ӯро бандед ба тани он зардолу. Бигзор аз дамаш фарояд... Ана ҳамин тавр! Ана акнун ба ин ҷо биёред он духтаракро, он қиргун холро!... Ана инро мегӯянд шикор! Ҷоон!.. Вай мегазад. Мехӯрад печутоб! Мор! Мор!... Ҳа-ҳа-ҳа!... Бигир камарбандрову бибанд ӯро. Ана ҳамин тавр! Ҳой, ясавул, ӯро болои асп гузор! Ана инро мегӯянд шикор! Шикор! Ҷоон! Ҳой, мирохӯр Маҳмуд, биёр чилимро... Мечокему мебароем ба роҳ! Ҷоон! Эҳ чӣ сон аст шикор! Чӣ сон сайде!... Чӣ сон ширин аст чилим! Ай дуд!... Ҳой, Турсун, мехоҳӣ чашидан? Ба як бор мекунӣ оламро фаромӯш! Мешавӣ хубу шакарханд! Пас худат ӯро мебахшӣ ба ман. Гирифта боғҳоро бар ивазаш! Қуръон озори ятимонро мамнӯъ мекунад...

– Домулло, ман мекушам шуморо. Ҳамин ки маро кунед раҳо, мекушам шуморо. Шумо метарсед аз ман, метарсед аз як кӯдак? Шумо метарсед аз як кӯдаки содаи боғ бон, эй Оллоҳёрбой девонбегии бузург, эй зи тухмаи Амир Темур, метарсед? Шумое, ки бе ҳарос мекушед?! Шумое, ки бе тарсу ларз метавонад куштан?! Ҳа-ҳа-ҳа! Расми қадими мо ҳамин аст: агар ду ҷавонмард, ду паҳлавон ба як духтар шаванд ошиқ, худро мепартоянд ба дарё, меёбанд рӯйи амвоҷ муроди хеш ба пайкор... Ва зиндамонда, каси баромада ба соҳил ғолиб аст! Шумо ин қоидаро медонистагистед? Охир дер боз дар диёри моед. Рафтем ба дарё, бо ин дасту панҷаи заиф мекунам ғарқ шуморо! Ва ё метарсед зи пайкор, эй навобаи амири каррор? О агар медонист амир, ки дорад чунин авлод, буғӣ мекарду мекушт ҳама занҳояшро... Рафтем ба дарё, рафтем, домулло! Рафтем, эй паҳлавон, рафтем эй паҳлавон, рафтем эй роҳзани арӯси мардумон! Ман шуморо бино ба суннати гузаштагонамон мекунам ғарқ ба дасти урёнам!

Оллоҳёрбой мекашид чилим нишаста болои суфаи ги-

лин, мекашид чилим андешаманду фаромӯшхотир. Боло мекард сари карахту гаронбораш, боло мекард ваҳшигуна чашмони обиву зардаш. Механдид гаронборона, механдид ба тамкин. Мерезанд ашкҳо зи танг чашмони ҳомунияш. Баъд мепартояд ба дур бо шаттаи баландсоқ мӯзаи локиш. Чилимро мепартояд ба дур.

– Эй мирохӯр, бачаро аз банд раҳо кун. Рафтем ба дарё. Мекунем ҷавонмардӣ. Дошта пос суннати қадими тоҷиконро... Ҳа-ҳа-ҳа! Охир маро шино кардан мебояд, то бишканад хумор... Ва бо ҳамин мекунам ҳадя ин густох бачаро. Ҷоон! Рафтем ба дарё! Тезтар! Эй, боз мекунем шикор! Бе ҳарос куштан лозим мешавад боз!... Ҷоон! Мерақсад ҷон! Сайр мекунад даруни шарёнҳо дуд! Кайф!...

...Онҳо мегузаранд аз бари ман, аз бари сафед сафедори баланд. Мегузаранд. Оллоҳёрбой, Турсунҷон, ясавулҳои хушбурут, Ҳасану Ҳусайн. Маҳмуди мирохӯр мебарад аз паси худ аспро, аспи ба зинаш бо камарбанди мурассаи Оллоҳёрбой баста Қумриро. Мебарад...

Аз дасти ман чӣ кор меояд? Чӣ?... Агар худро кунам зоҳир, мезананд шаллоқ... вале ман қарздорам, ки ёрӣ диҳам Турсунҷону Қумриро. Вале бо кадом роҳ? Чӣ хел?...

Зи дунболашон меравам сӯйи дарё боэҳтиёт, рустшавон паси дарахтон...

Соҳили муқобил намесӯзад дигар. Фақат мекунад дуд. Соҳили сиёҳ. Дуд шудаанд шуълаҳои оташ...

...Турсунҷон, рафиқи гирдсари ман, боғбони ман, Турсунҷон, харобу лоғари ман меравӣ болои тахтагин пули овезони дарёи пурталотум! Ту боэҳтиёт меҷаҳӣ зи болои наъши оҳуи мурда бо гардани шикаста, меравӣ сӯйи сиёҳ соҳили обгир. Рост мешавӣ ба мурда соҳили холӣ, аз тан бадар мекунӣ либосатро, ба осмон бардошта лоғар дастҳоятро, дастҳои лоғари кӯдаконаатро, то

нишон диҳӣ, ки надорӣ силоҳ. Надорӣ на корд, на санг. Эй офтобӣ, ту меистӣ бараҳнаву пойлуч. Ту тайёрӣ, ки афканӣ хешро ба дарё, барои ҳифзи номус пайкор кунӣ мурданивор бо Оллоҳёрбой. Ту, эй хуршедӣ...

Аё дарёи Коко, ӯро мадад кун!

Ва Оллоҳёрбой истода ба ин соҳил. Механдад. Ба пояш соқ баланд мӯзаҳои локӣ, ба тан бирешимӣ куртаи сафед. Ӯ кашида фақат ҷомаву саллаашро. Ӯ низ баланд бардошта дастонашро, дастону панҷаҳои ғафсу сурхашро. Мезанад қоҳ- қоҳ... Мастона. Вале тезанду равшананд чашмонаш, ғайричашмдошт намонда ба умқашон осоре зи тирагӣ, девонагӣ, хумор. Ба мисли ҳайвони ваҳшӣ. Сайёд...

Маҳмуди мирохӯр дар миёни пул мегирад қарор. Ба суръат карда боло дастонашро. Хомӯшӣ. Фақат мешӯрад дарё, фақат зӯза мекашанд гирдобҳои маргзо, ба қаър андар ғелонда сангҳоро.

– Бош! Ҷоон! Эй! Шикор! – Ба даҳшат мезанад фарёд Маҳмуди мирохӯр ба ҳангоми поин кардани дасташ.

Турсунҷону Оллоҳёрбой мезананд худро ба дарё. Мезананд дасту по. Ба ҳам бармехӯранд. Дарё башаст мебарад онҳоро. Махмурона медаванд ясавулҳо, бо доду фарёд қад-қади соҳилҳо. Қад-қади дарё...

Ман хам медавам қад-қади дарё!

Дарё, дарё, ӯро мадад кун, дарё!...

Турсунҷон мегирад аз риши Оллоҳёрбой. Онҳо даруни амвоҷи шӯху босуръат мешаванд таку боло. Меафшонанд даст. Дармеафтанд ба ҳам. Мелағжанд. Мекунанд пархош. Қулт-қулт фурӯ бурда обро. Мебарад онҳоро тирафом дарёи булӯрин. Мемонанд қафо ясавулҳои маст. Ман медавам бо онҳо шуда баробар...

Дарё, дарё, ӯро мадад кун, дарё!...

Оллоҳёрбой мешавад нафасгир, мекунад талош. Хира намоён мешаванд панҷаҳои сурху заиф рӯйи мавҷҳо!

Турсунҷон ба панҷа печида риши ӯро. Печида ба дасти чапаш сахт риши Оллоҳёрбойро...

Аммо!

Чӣ мебинам?! Ист!... Сабр кун, домулло! Эй, сабр!... Ой! Аз куҷо шуд ба дастатон пайдо? Аз куҷо?... Шумо онро кашида зи соқи мӯзаи локӣ. Кашида борик корди кӯтоҳи Ӯротеппа. Ҳилолгун корди дудама. Бо чунин корд сар мезад падарам нотавону касал барраҳоро. Корди хунолуд. Бо суръат пора мекунад баданро. Ончунон ки обро... Сабр кунед, домулло! Бешарафист кори шумо. Суннати мо манъ мекунад истифодаи яроқро... Танҳо мумкин аст ба урён дастон...

...Ман мезанам фарёд?... Медавам... Сабр кунед, домулло! Ой!... Турсунҷон рӯйи мавҷҳо мезанад шалаппос, мезанад чарх, гурезонда сари кулӯлаашро зи дами теғ, мекунад талош. Вале то ба кай метавон худро кард ҳимоят?... Лағ жид? То ба кай?...

Корд якбора мехалад ба чашм. Мисли тир ба чашми ғизол.

Эй! Ҷоон! Ҷоон! Кайф!... Бикуш беҳарос!...

...Турсунҷон, дӯстам чаро якбора мекунӣ раҳо панҷаат, сар дода риши Оллоҳёрбойро? Раҳо мекунӣ зи панҷаат риши Оллоҳёрбойро. Чаро дигар тоб намехӯрӣ болои мавҷҳо, намекунӣ талош, намехӯрӣ печутоб, ғарқ мешавӣ, меравӣ ба об, меафтӣ? Чаро сарат шуда сурх? Чаро намезанӣ фарёд? Чаро дигар дарё мебарад туро ба суръат? Чаро мавҷ меравад пайи мавҷ шуста хунат, вале боз ҳам сарат мемонад сурх? Сари ту! Сари кулӯла мисли тарбузат!

Аз ҳама ширинанду серобанду сурханд тарбузҳои тирмизӣ. Пай зада мефурӯшанд онҳоро ба бозорҳо савдогарон... Вале касе онҳоро пай задан намехоҳад. Медонанд, ки ширинанд, сурханду серобанд... Охир чаро буриданд саратро? Чаро охир шуда сурх? Чаро шуда сурх да-

руни мавҷҳо?

Ман мекашам фарёд? Медавам қад-қади соҳил? Ман қарор гирифта ба соҳилу вале аз Турсунҷон асаре нест?...

...Ако, Мушфиқӣ, маро нагузоред танҳо. Ман намешиканам савганди деворро. Охир худ сарам боло шуда аз девор. Биёед, ако, аз нав хиштҳо рехта деворро мебардорем баланд. Мепӯшонем Қумриро. Савганд ба сурхчатоб аспҳо! Савганд ба даванд аспҳои нафасгиршуда намешиканам паймони деворро...

Аё Коко, моро мадад кун...

Худро мезанам ба дарё. Мекунам шино, мерасам ба Оллоҳёрбой.

– Эй! Ҷоон! Эй нишони фарсудаву бенишон оилаи нашъамандон! Ва ту ҳам мехоҳӣ равӣ ба жарфнои дарё? Савганд ба ҳама тарёкҳои Мовароуннаҳр – мекушам туро ба як задан! Эй, гузор чашматро! Корди ман ташнаи хонаи туст! Эй ғилофи зинда! Ҳа-ҳа-ҳа!...

Шиками пур мегирам нафас, мекашам худро зери пойи Оллоҳёрбой. Ба назарам мехӯрад тез пойҳои пӯшида ба мӯзаи локӣ. Зери об мешавандам зоҳир. Дошта ба дастонам сахт аз ин пойҳои музаффар, мекашам ба қаър, мекашам ба жарф. Пойҳо мехӯранд такон: мекунанд эътироз. Даруни тезоби ғализ ҷавлон мехӯрад корд, медурахшад аз шикасти мавҷҳо. Менамояд хирад. Зери об сари Оллоҳёрбой мешавад пайдо. Ӯ мисли обсабзҳо мехӯрад печутоб. Чашмони сафедаш баромада аз косахонаҳо. Ман зи пойҳояш сахт медорам. Моро мебарад дарё. Оллоҳёрбой мешавад нафасгир. Ӯ кӯшида пойҳояшро мехоҳад кунад аз ҳам ҷудо, кунад қат, намояд озод, вале сахт дошта онҳоро мекашам ба қаър, мекашам ба жарф. Нафаси ман зиёдтар аз Оллоҳёрбой аст, вале ман ҳам мешавам нафастанг...

Аё Коко, мадад кун ту маро!...

Чашмонам меоянд ба дард зи чандир оби босуръат. Мерезад андарунашон реги умқҳо. Вале наметавонам пӯшида чашмонам. Нест мумкин. Нест мумкин. Пеши чашмонам фуруд меояд нуқрафом чизе. Моҳӣ... Корд. Дасти Оллоҳёрбой зи худ мекунад раҳо кордро. Ман сахт медорам таконхӯранда пойҳоро, пойҳои пӯшида баландсоқ мӯзаи локиро. Он гоҳ онҳо мешаванд ором, маро мешаванд мутеъ. Мурд Оллоҳёрбой. Ман ӯро аз худ мекунам раҳо. Поямро ба реги жарфно тела дода мебароям ба рӯйи дарё. Базӯр мекашам нафас. Ва ин лаҳза...

Ва ин лаҳза оҳиста чизе мерасад бар ман, мезанад миёнамро хала. Ман мегардаму мебинам чашмхиракунанда медурахшанд лаълҳои Бадахшон, гавҳарҳои маввоҷи Ҳиндустон ва даруни об мезанад шуъла сабзгун фирӯзаи осмонии Эрон. Ӯ Қумрист. Вай мурдааст. Дасту пояш баста бо камарбанди мурассаи Оллоҳёрбой. Медорам наъши сабуку парвозияшро. Саргардон мешавам пайи озод кардани дасту пойи варамидааш зи тори гиреҳи миёнбанд. Менигарам ба чеҳрааш. Ба холаш. Бо ӯ ба дарё мекунам шино. Вале ӯ мурдааст. Дигар намегазад дастҳои маро.

... Аввалин бор харе газид маро. Харе, ки зи думаш кашидам аз фано, аз дарёи маргзо. Вале ин бор шумо, маҳҷабини ман, ба ҳангоми зи кокулонатон кашиданам зи фано, зи дарёи маргзо!... Оҳ ман чӣ сон гӯл марде ҳастам!... Аҷабо, кӣ маро медиҳад наҷот? Ба ҳангоми ҳалокатам, охир маро на дум асту на гесувон! Дареғ о!

– Шуморо зи забонатон. Вай хеле шуда дароз!...

– Вале мижгонҳои шумо дарозтар!

...Мушфиқӣ, ако, танҳо магузоред маро. Охир шумо маро бародаред. Кӣ маро ҳимоя мекунад? Мағал мекунад Коко, ба обгирҳои вашмин дар он ҷо. Маро мехонад фаро. Он ҷо мекунанд шино – падарам, модарам, бародаронам. Онҳо маро мехонанд фаро. Онҳо мезананд навҳа,

мекашанд фарёд: Қумрӣ, Қумрӣ. Хоҳар, Қумрӣ, чаро вогузоштӣ ту моро тани танҳо ба дарё? Ин ҷо сард асту намнок, хоҳарам, духтарам, дасти имдод ба ман деҳ... Ман медорам зи навдаи соҳилҳо, вале мешаванд канда ин хушкида навдаҳои бургун ва маро мебарад дарё, мебарад дарё. Бидеҳ дасти имдод ба ман... Ва ё шино кун сӯйи мо. Ин соҳил бе мо туро чӣ лозим аст? Чӣ лозим аст бе мо туро ин соҳили бекасӣ?

Қумрӣ, вомегузорам туро ба дарё. Ту акнун бо хешонат мешавӣ якҷо. Ман боэҳтиёт зи тайи наъшат мегирам дастро. Ва бо худ мебарад туро дарё. Вай оварда буд туро. Ва ҳамчунин мебарад туро. Алвидоъ, Қумрӣ!

Ман мебароям ба соҳили дур. Дигар ба ин ҷо ҳам оташ расидааст. Месӯзанд найҳои тиллогун. Мекунанд дуд обгирҳои намнок. Гоҳ-гоҳе болои сарам бо изтироб боли садгес мекушояд тазарв, мефишонад дароз думи сурхашро. Ӯ қариб бе ҳаракат аст дар фазо. Қариб сокит аст. Зи оташ мезанад шуъла. Месӯзанд болу параш. Шояд аз ин рӯ сокит аст. Ва бо вуҷуди он то ба дарё мекунад парвоз ва мисли дудагирифта кулӯхи дилгир меафтад ба оғӯши мавҷҳо...

Чӣ сон ба суръат мегирад оташ болу пари ҷондор. Тезтар аз тиллогун найҳои хушку беҷон...

Ба осмони шишафоми поизӣ орому беэътино мекунанд парвоз, мелағжанд ин мурғони мусофир.

## ХОҶА НАСРИДДИН

*Ӯ чароғе буд дар зулмот...*
***Хоҷа Самандари Тирмизӣ***

Хоҷа Насриддин нишаста ба чойхонаи зери ҳазорсола чинори худрӯй, поизӣ чинори сурхи лаби ҷӯй. Хуморӣ карда чашмонаш, нимпӯш карда саодатмандона чашмо-

наш, ба об андохтаӣ уборолуда пойҳои харобашро. Пиру фартут шуда Хоҷа Насриддин. Монанд шуда чини ҷабинаш ба обшуставу хира ҳуруфи куҳна санги рӯйи қабрҳо. Вале ҳанӯз монда овозаш ба мисли булӯрин оби тези ҷӯйборон шаффофу пурсадо.

Ба даст гирифта дутор бо фосила, коҳилона мезанад нохун ба торҳои бечора ва месарояд хобангезу поизӣ суруди Осиёро...

*Боз бенаво Осиё мешавад тороҷ*
*Ва бенаво Осиё мешавад тороҷ бо боғҳояш.*
*Ва бенаво Осиё мешавад тороҷ, мешавад*
*мутеъу беҳол бо ҳама боғҳои анораш.*
*Ман аз нав мешавам, эй Осиё, занбӯри ту, парвонаи ту,*
*кабку моҳӣ, мору мӯр, занбӯри хушасали ту,*
*Эй Осиё, ба паҳнои шолизоронат*
*роҳгумкарда гӯсфанди ту, гӯсфанди ту.*
*Ва масчиди Худованд ситода ба назди худой девори*
*резанда гили хоболуди худоӣ,*
*Атои Худованд аст, атои илоҳӣ бувад роҳгумзада,*
*роҳгумзада, роҳгумзада,*
*Ва дарвеш мехонад суруд, мехонад беҳолу хоболуд суруд,*
*зери нахли туту сада мехонад суруд.*
*Алла! Алла! Алла, алла, алла, аллаа ааа,*
*Месуруд ҳоҷии пок, месуруд оҷиз ҳофизе, месуруду*
*месуруду месуруду месуруд.*

*Лек паси теппа боғи анор мебаранд ба тороҷ,*
*Лек паси теппа зери хоки сокит мерасад*
*хира ба чашм мазори ҳоҷӣ,*
*Мазор рафта зи хотир варо кирмҳо бурда бо худ,*
*бурда бо худ, бурда бо худ,*

*Ва дарвеши хастаҳолу гирифтаовоз месарояд*
*зери чинор, зери чинор, месарояду месарояд,*
*Ки ман боз, эй Осиё, аз туам, занбӯри асалҳои*
*хушбӯйи туам, ба тороҷ рафта*
*парвонаву кабку моҳӣ, мору мӯри туям.*
*Бемадору роҳгумзада, мафтуншуда гӯсфанде*
*миёни паҳнои шолизори туям, туям, туям,*
*Алла! Алла! Алла! Алла, алллаа, ааа, аааа, алла!*

Ҳазорсола чинор мехӯрад боду мерақсад. Мерезанд бесадо бар сари хунёгар раҳнаварде пир баргҳои сурху тундбӯй, мерезанд ба суръат. Хоҷа Насриддин медорад бо лабонаш поизӣ баргҳои заргунро ва баъд мекунад раҳо, боэҳтиёт. Табассум менамояд. Ҳанӯз чашмонаш нимпӯшу хуморӣ. Чашмони масъуд...

Болои суфаи гилин, гузошта дар бари Хоҷа Насриддин чойнику пиёлаи чойи кабуд.

Мехӯрад боду мерақсад чинори коҳил ва мерезад бо фосила баргҳои зарандудро... Мушфиқӣ мутеъкорона истода ба назди пир, истода бо асои мурутиву кӯлбори сафарӣ. Мерезанд бар сараш нармак поизӣ баргҳои сурх. Бо садо, хишир-хиширкунон.

– Устод, наход дар ин сафар ба ман паёме надошта бошед?...

– Вақте ки даҳон боз мекунам, чашмонам пӯшида мешаванд. Меафтанд баргҳои шафақгун, меафтанд орому бесадо. Тиллогун. Хоҷа Насриддин монда хомӯш. Мезанад лабханд... Чашмонаш нимпӯшу махмур... Масъуд...

– Устод, оё ман метавонам шоире шавам?...

– Дар кишвари бенавову беҳуқуқи мо шоир пайғамбар мешавад ё масхарабоз... Пайғамбарро мекушанд, заҳр медиҳанд, масхарабозро мекунанд таҳқиру меёбанд таскин... Ман солиёни дароз дар ин гирянда кишварамон ханда задаам, вале хаста шудам. Оре,

ҳикмати қадим мегӯяд: аблаҳро забон пур бувад аз зарбулмасалу мақол, аз латоифу қиссаҳо...

Мерезанд баргҳои зарандуд. Хоҷа Насриддин монда хомӯш. Мезанад лабханд. Чашмонаш нимпӯшидаву масъуд...

– Устод, вале ман куштам одам! Ман ба об ғарқ кардам Оллоҳёрбойро...

– Ӯ чун инсон кайҳо ғарқ шуда буд... Ту фақат баландсоқ мӯзаҳои локиро намуда ғарқ... Ҳайфи мӯзаҳо!... Вале аз ин ҳисоб дар роҳи ту бешумор мешавад...

Мерезанд баргҳои зарандуд. Хоҷа Насриддин монда хомӯш. Чашмонаш нимпӯшу масъуд...

– Устод, чаро шумо лабханд мезанед?

– Ман ҳеҷ гоҳ намехӯраму наменӯшам танҳо. Ин чой ба пиёла кайҳо шуда сард, зеро ҳамнафасеро, ҳамсуҳбатеро ҳастам интизор. Дар кишвари мо ҳокимон зи серӣ шуда машғул ба ҷанг, вале мардум дар орзуи луқмаи нон. Ва ҳеҷ кас майли рафтан ба роҳи хирадро надорад. Аз ин рӯ шуда ҳикмат сард ба мисли чойи ин пиёла, ки нест касе пайдо то бо ҳам бинем варо. Барои ҳамин ҳам чойи ман дар пиёла шуда сард. Вале ту омадӣ. Бигир пиёларо. Нӯш...

Хоҷа Насриддин монда хомӯш. Чашмонаш нимпӯшидаву масъуд...

– Устод, чаро шумо хомӯшед?

– Аммо чаро шудаанд хомӯш ин чинорҳо? Зеро ки мерезанд ин тирафом баргҳои тиллогуни ҳикмат баробар бар сари ҳама, мерезанд дар сукути абад. Барои он ки оқилон ҳамеша ҳамсуҳбати оқил меҷӯянд... Барои он ки ту бо худ мезанӣ ҳарф... Ва ман мешавам хомӯш...

– Магар ба ман чизе нагуфта будед, устод?

– Ту аз худ мепурсидиву аз худ мешунидӣ посух... Вале ман будам хомӯш... Ва ҳамчунон хомӯшам.

Ман фурӯ мебарам чойи сарду ғализу андахи пиёларо.

Ришаки шахшӯлу чандири ҷавонам медарояд ба пиёла. Ҳини нӯшидан ба ман мерасонад халал...

Мерезанд баргҳои зарандуд. Хоҷа Насриддин монда хомӯш. Чашмонаш масъуд...

Наход то ба охир, ҳамтур нагӯяд ба ман сухан? Ва ҳатто наметавонам овозашро бишнавам? Не. Нагуфт. Ва гуфтанӣ ҳам нест... Ин гуфтугӯи худ ба худи ман буд. Бо худ мезадам ҳарф. Худ аз худ медодам савол ва боз зи худ мешунидам ҷавоб...

Мерезанд баргҳои зарандуд. Ман мехезам аз ҷой ба даст гирифта асову анбон.

– Алвидоъ, устод.

Ман бармегардам ба роҳ, коҳилона мезанам қадам.

Он гоҳ ӯ хоҳад гуфт, он гоҳ аз пасам хоҳад гуфт, он гоҳ аз пасам хоҳад гуфт ва шодимарг мешавам ман. Овозаш азизу гарму ошно. Ба мисли овози падарам, ба мисли овози Ҳотам хоҷаи дарвеш.

– Бигир маркаби маро. Ту лоиқи они ки вайро шавӣ савор. Дари бисёр корвонсаройҳову хонаҳо бар шумо боз хоҳанд шуд. Ёратон бод ҳазрати Хизр – ин ҳомии мусофирон...

Ман боэҳтиёт меравам ба назди хари зери чинор. Тирафом баргҳои зарандуди ҳикмат мерезанд ба пушти хар. Фақат вай мехӯрад онҳоро.

– Устод, оё намеафтонад маро?

– Не. Ягона харест дар бошарофат кишвари мо, ки мешиносад ҳакимонро ва назди эшон мекунад паст тахтапушташро. Дигарон аз ҳаким маркабе таҳия кардан мехоҳанд, то ки бар дӯшаш кашонанд ифлосу гарон кӯлбори ҳастии беҳудаи худро...

Ман ба пушти мутеъкори маркаб гузошта хӯрҷини худрову менишинам.

– Алвидоъ, устод...

– Алвидоъ, фарзандам. Анқариб мешавад шаб. Боэҳтиёт бош... Ҳама ҷо пур аст зи гургу шағол... Вале ба шабонгоҳон, ба ҳангоми хомӯшии муқаддас ҳам меборанд баробар бар сари мардум зарандуд баргҳои ҳикмат.

...Боз ҳам, эй Осиё, ман чирчираки туям, моҳӣ, кабк, мӯру мори туам...

Мо коҳилона мерафтем даруни шомгоҳи ғубори гарми роҳ. Ва ҳамин лаҳзаҳо расид ба гӯшам садои яккаву танҳо, садои бечораворонаи дутор, он қадар хафиву гирифта расид овози дутор. Вай мехонд шабонгоҳӣ суруди Осиёро ва моро то ғурубҳои сокит мекард гусел. Ҷараёни мавҷҳои ахтарон мешуданд равшану ба паҳнои осмони болои сари мо мекарданд нурпошӣ...

*Ва боз кун, боз кун панҷаҳои бемадоратро*
*ба ҷӯйи шабонгоҳии Осиё,*
*Ва боз кун, боз кун панҷаҳои бемадори*
*ба оби ҷӯйи ҳулбӯин, ҳулбӯин.*
*Ва аз нав мебароранд овоз ғукҳои зери лою гили ҷӯй.*
*Ва аз нав мебароранд овоз хоболуд*
*парвонаҳои малеҳ рақсанда бедҳоро.*
*Ва боз кун, боз кун панҷаҳои бемадоратро*
*миёни хоку гили пок,*
*Ки ҷориянд онҳо аз мазорҳои бурда маҷрояшон,*
*меравaнд сӯйи даштҳо, даштҳо, даштҳои ҳазин,*
*Ва боз кун, боз кун панҷаҳои бемадоратро*
*миёни хоку лойи мазорҳои маҳини*
*саросар ба маҷро бурда аз мо дур,*
*Ва боз кун, боз кун, панҷаҳои бемадоратро*
*ба оби шабонгоҳӣ, ғализу зиндаи ҷӯй.*
*Осиёи мушкбӯй, мушкбӯй, мушкбӯй, мушкбӯй, мушкбӯй,*
*Ва боз кун, боз кун панҷаҳои бемадоратро*
*ба оби ҷӯйи азизи Осиё, Осиё, Осиё.*

*Ва аз дида равон кун ашк,*
*Ва бирезад ашки чашмони нахлҳои беди Осиё, Осиё,*
*Ва бирезад ашки чашмони нахлҳои беди Осиё,*
*чашмони шаҳлои гӯсфандон,*
*Ва бирезад зи дида ашк мисли он пок мазорҳо,*
*ки бурда маҷрояшон.*
*Бирез ашки шодмониву азиз ба зери*
*чинори сари роҳи Осиё, Осиё, Осиё.*
*Шодон!...*
*Олам ба коми шаб буд.*

## МУШФИҚӢ

*...Аз шаҳри дилрабои Козалӣ бараҳмане*
*баромад сарояндаи сурудҳои нағз...*
***Сутта-Нипата***

Олам ба коми шаб буд...

Вале!

Аз поизӣ деҳи дурдаст Чептура баромад бачае бо бодомӣ асову куҳна кӯлвори меросӣ ва зад саргум, шуд ғарқ ба ғубори ғализи роҳ.

Баъди солиёни дароз (ва ё асрҳои зиёд), ном баровард ҳамчун ҳаким, ширинзабони қиссахон шоири Шарқ, Мушфиқӣ. Раҳнаварди кӯчаки Хоҷа Насриддин. Ончунон ки шодравон Хоҷа Самандари Тирмизӣ гуфта: «Дар он шабонгоҳ маркаби туфулияти ӯ василаи тақвияти ирода ба соҳили камолот расид...».

# ЯК РӮЗИ АЙЁМИ
# БАЧАГИИ ПАЙҒАМБАР
# МУҲАММАД (С)



***Ба номи Худо!***

*Он пири хиради оламгир Хоҷа Насриддин савори маркаби бемаргаш шабона дар хиёбонҳои Ар-Риёз ва баъдтар дар кӯчаҳои Маккаи Мунаввара сайругашт карда чунин*

*гуфт:*

*– Чӣ зебоянд чароғони шабҳо фурӯзони Ар-Риёз ва Макка ва дигар шаҳрҳои рӯйи замин. Аммо арзиши тамоми чароғони шаҳрҳои рӯйи замин ба қимати он гулхани хурдакаки чӯпонӣ, ки Пайғамбар Муҳаммад дар он дастони сармохӯрдаашро гарм карда буд, баробар намешавад. Тамоми чароғони ҳамаи шаҳрҳои рӯйи замин гармӣ намедиҳанд, вале фавҷи гармии гулхани ҳамеша фурӯзони Пайғамбар ҷовидонист.*

*Он пири хирад боз гуфта буд:*

*– Пайғамбар Муҳаммад охирин пайғамбари рӯйи замин буд, баъд аз авлиёҳо Мӯсо ва Исо. Аён аст, ки падар писари хурдии хешро нисбат ба дигар писарҳо бештар дӯст медорад. Аз ин рӯ, Пайғамбар Муҳаммад азизтарин фарзанди Парвардигор аст. Бигзор ӯ мудом дар паноҳи Аллоҳ бошад.*

*Ва он пири хирад боз мегӯяд:*

*– Салибе, ки бар он Пайғамбар Исоро кашида буданд, шамшерест нӯкаш халида бар Галгофа, Пайғамбар Муҳаммад ин шамшерро аз синаи ороми Галгофа берун кашид, то ки иблисҳоро бо он ҷазо бидиҳад.*

**Дарвеш Хоҷа Зулфиқор**

....Оҳ, айёми бачагӣ худ уқёнуси эҳсосот аст, вале фасли бачагии ман биёбон аст, саҳрост. Биёбон ҳам ба навъе уқёнус аст. Вале пур аз рег.

Субҳи қадре гардолуда, вале беғубори рӯз, субҳи ёсуманӣ, субҳе ки бо лаппиши беисти думҳои ҳафтранги товус оғоз мешавад. Пас он хуршеди тобон ин ҳама манзараҳоро сӯхта маҳв месозад. Бачагӣ субҳи пару думҳои ларзони товусҳост. Наврас бачае дар тан пироҳани дарози ба ном бедошт, пойи луч болои теппаи рег истода, чашм аз биёбони Рубалхалӣ намеканад. Писарак наздики хаймаи падар мисли суғури сармохӯрдаи саҳроӣ бо қомати рост меистод. Аммо ин на суғур аст ва на бачаест одӣ.

Ӯ пайғамбар аст. Пайғамбар-ку ҳаргиз мисли суғур намеистад, балки чун уқоб мепарад. Пайғамбар ҳам сода ҳарфе намегӯяд, балки сухане баён мекунад, ки гӯӣ рӯйи санг барои қарнҳо ҳаккокӣ шуда...

Бубин: корвони шоҳиву мушк ҷониби Шом – Сурия мениҳад гом. Ин корвони амуи ӯ Абутолиб аст.

...Амуҷонам, аму, маро бо худ бигир...

Бин, дар Макка ҳама хобанду ман бедор...

Зеро аз сабоҳ рафтани қофилаи корвон огаҳӣ дорам...

Ҳис мекунам, рӯйи регистони беканор ҳанӯз шабнам хуфтааст.

Айёми бачагӣ магар ҳамон шабнами саҳар нест – рӯ-рӯйи регҳои биёбон! Чӣ роҳатест пойлуч тохтан рӯ-рӯйи реги пурнаму равон. Реги равон аз фишори кафи поям мерезад. Регҳо пойҳои маро молиш медиҳанд. Чӣ қадар дӯст дорам ман ин регҳоро, ки мисли саги бовафо пеши поям хуфта, меҳрубонӣ мекунанду навозиш. Мис-

ли он модарам Омина бинти Ваҳҳоб, ки аз қабилаи қадимаи кӯчиҳои паррони саъд буду маро аввал дар гаҳвора, пасон дар катчаи хоб андар Макка лутфу меҳрубонӣ мекард. Ё Аллоҳ!

Баъдтар маро ба тарбияи доя Ҳалима бинти Абузуайба доданд. Оҳ, чи ҷонбахшанд пистонҳои пур аз шири ӯ.

Оре, ана ҳамон вақт ман ҳис кардам, ки дар олам пистонҳои бегонаву шири бегонаву одамони бегона нестанд. Балки ҳама ҳамзоданд, аъзои ҳамдигаранд.

Умма Омина вақти шашсолагии ман аз олам гузашт. Ба рег бадал шуд. Падарам Абдулло ибни Абдулмуталлиб аз ин пештар, вақте ки ман дар батни модар будам, фавтида ба рег табдил ёфт. Ҳанӯз дар батни модар ман нимятим мондам.

Оре, ҳанӯз пой ба рӯйи реги замин наниҳода, нимятим гаштам. Хеле баъд, бо гузашти солиёни дароз пухта гардидаму гуфтам: «Биҳишт дар зери пои модарон аст».

Ё Аллоҳ!

То расидан ба синни шашсолагии умри заминиам дар биҳишт мегаштам, пеши пои гуҳарафшони модарам Омина.

Баҳ-баҳ!

Ҳайҳот!

Баъдтар ӯ ҳам табдил ёфт ба рег. Пойҳои гуҳарвори биҳиштии ӯ ҳам шакли регро гирифтанд. Алҳақ, пойҳое, ки рӯйи рег мегарданд, оқибат ба қаъри рег мераванд...

Биёбон чист? Ин як корвони беканоpаву беҳаддии мазорҳост, ки дар бағалаш устухонҳои уштурон бо устухонҳои одамон омехта шудаанд. Марг ҳамаро баробар яксон мекунад. Ҳаёт – на...

Метавон хулоса кард, ки марг нисбат ба ҳаёт адолатбахшу авлотар аст? Ва ҳам биёбон аз бӯстон гуворост? Аз ин рӯ, ман моили биёбонам, моили марг, майли киш-

вари адл мекунам?.. Аммо! Қабл аз ҳама мехоҳам, ки устухонҳои уштуронро аз устухонҳои одамон ҷудо созам. Аммо пеш аз он ман бутпарастону суннатгароёни фониро аз имон овардагони мутлақ ба Аллоҳи яккаву ягона ҷудо созам.

Ҳастанд суханоне, ки метавонанд мурдагонро ҳаёт бахшанд. Инҳо суханони Аллоҳанд, оё ҳамон суханҳоро ӯ ба ман хоҳад гуфт? Ва он гаҳ мурдагони регшударо эҳё метавонам кард? Ё Аллоҳ! Кай мерасад он дам? Ҳа!.. Аллоҳ!..

Чунин шуд: бобоям Абдулмуталлиб ибни Ҳошим маро ҳам ба ҷойи модар буду ҳам ба ҷойи падар. Чанде баъд вай ҳам рафту ба рег табдил ёфт, оқибат ӯро ҳам биёбон ба оғӯши худ хонд.

Ё Аллоҳ!

Ё Аллоҳ! Он замон ҳанӯз мани ҳаштсола андар миёни уллоси шағолону оҳу нолиши уштурон ва шаввоси реги равону шевани модарони ҷанговарони шаҳиди қурайшӣ сарсону ҳаросон будам, ҳанӯз нашунида будам, ки падари ҷовидонаву парвардигорам Туӣ... Ту низ ҳанӯз суҳбате бо ман надоштӣ... Балки аз осмонҳо зери лаб оҳиста ҳарф мезадӣ, аммо мани оҷиз ҳоло тавони шунуфтани ҳарфат надоштам... Он замон ҳанӯз аз шумори наздикони фониву зудмиранда чанд нафаре буд, ки намегузоштанд комилан гӯш ба ҳарфи Туи ҷовид гузорам.

Ай, Худои ман!... Мепурсам худи Парвардигору Офарандаю фармонфармои ҳама Оламро. Оё ба касе мекунад бовар? Ё ба ҳамин Офаридаи хеш, ки аз лахти хун пайдо шуда, яъне ба одам эътимод дорад?

Ай, Худои ман! Ё ин дили ман майли сафари кишварҳои мамнӯъ мекунад, ки дар он ҷоҳо дараке аз Худованд нест... Наход бошанд чунин кишварҳо? Агар чунин макон бошад, ай равони ҷовидони ман, бимир, бирав бар хок, сокит бош...

...Эҳ амуҷонам Абутолиб, азизи ман... Задам раҳгум бе Аллоҳ... Шабзиндадор будам ман тамоми шаб, аз ин рӯ задам раҳгум, хастаам акнун.

Корвон мегузашт, аммо модауштури дунёдида назди хаймаи ман омаду истод ва бо чашмони пуробаш сӯям нигарист, раҳмаш меомад ба аҳволи ман. Воқеан, пас аз он ки модар, падар ва бобоям маро падруд гуфтанд, ғами маро кӣ мехӯрад?

Дили уштур ба ҳолам сӯхт...

Эй, аму Абутолиб, ҳамин уштур маро бо худ бурданист, вале ту розӣ нестӣ. Алиф-лом-ра. Ё Аллоҳ!..

Мебинам: пистонҳои серширѝ ба сони меваи анористон суп -сурхи модауштур шаҳодат бар он медиҳад, ки вай дар ҳолати ҳамлу бачадорист: мисли токҳои сершираи ангурзорони ваҳшии кӯҳсори назди шаҳри Ҳара айёми баҳорон, ҳамон ҷойҳое, ки баъдтар Азроил наздам фуруд омаду номаҳои Аллоҳро бар ман дод...

Ҳоло мебинам: пистонҳои модауштур чун решаҳои урёни дарахти ақоқиеи пир ба дард омада, ӯро азият медиҳанд. Ва ҳайвон ба ман нигариста гумон мекунад, ки ҳамон уштурбачаи навзодаш манам, мехоҳам пистонҳои серширѝ варамидаашро ба даст орам. Хоҳиши дили ӯ ҳамин аст. Беихтиёр ман пистонҳои барҷастаи саодатбахш ва чун ҳалвои форсӣ шакарини дояи худ Ҳалимаро ба ёд меорам. Аё, амуям Абутолиб, маро ба корвонат ҳамроҳ бигир! Оҳ, ман шаби дароз нахуфтам, охир. Медонистам, ки фардо пагоҳӣ корвон сӯйи биёбон ба роҳ медароядва чун моҳӣ дар мавҷҳои Уқёнус ворид гашта аз назарҳо ғайб мезанад...

Субҳ акнун медамад, ситораҳои осмон ҳанӯз ба ранги ниливу зумрадгун нурафшонанд. Аҷаб гуворост хоби саҳаргоҳӣ, вале ман мижа таҳ накардам.

Аё амуям Абутолиб, маро ба корвонат ҳамроҳ гир. Ай, амуям Абутолиб, охир ситораҳо чистанд, онҳо

номаҳоянд, аломатҳо, ҳарфҳои тобони ҳамин рӯзгорон, ҳамин ҳастӣ ва ҳамон нестиянд.

Доди бедод, аммо таваҷҷуҳ мебояд: кӣ номаҳоро дар фарохии майдонҳои кайҳон, мисли дона пош дода, сабт карда, нақш сохта, ҳа-ҳа-ҳа?

Ман медонам ин кори кист? Агар падару модарам зинда мебуданд, шояд намедонистам. Асрори корашро Офаридгор ҳам ба ятимон зудтар мекушояд. Аллоҳи Набӣ, ки офаридгори пурсахост, ятимонро дӯст дорад. Алиф... лом... мим... ра. Эй, ҳа...

Ё Аллоҳ!

Дар ҷоми регистони азизи Рубалхалӣ чӣ миқдори ҳангуфт регҳо рехта. Дақиқ нигаред, регистон чист? Маҷмаи ситораҳои паррони уфтода бар замин аст. Ҳамин ки ситораборон шуд, реги дарё мешавад афзун. Уфтода ситораҳо меафзоянд, биёбонҳо оганда мегарданд. Аз ҳамин рӯ уштурҳо фасли ситорапарронро дӯст доранд, ба ситораҳо чашм дӯхтанро низ... Пай – мебаранд – то даме ситораборон ҳаст ва онҳо бар замин уфтода, ба реги биёбон табдил меёбанд, гаҳвораи уштурҳо холӣ нахоҳад монд. Ба ҳамин тариқ, Худованд ду олам: олами ситораҳо ва олами регистонҳо, дунёи зиндаҳо ва дунёи мурдаҳоро ба ҳам пайванд месозад.

Оре, аҷоиб-ҳа? Наход уштурон ин алоқамандиро эҳсос мекунанд, вале одамон не. Аё, эй амуям Абутолиб, дар асл ҳам ситораҳо, ҳам уштурҳо ҳам Налистону ҳам теппаҳои рег, ҳам одамону ҳам ҳайвонот – ин ҳама номаҳои сайёр, аломат ва ҳарфҳои рӯзгор ҳастанд. Аммо кист таҳриргари Номаҳо, чӣ тавр метавон хондан онҳоро, кист, ки дар рӯйи замин ва ҳам кайҳон ин аломатҳоро сабт кардаву навишта...

Ман-ку медонам, ин кор кори кист. Медонам, тамоми биёбони Рубалхалӣ –кӯҳҳои нор, теппаҳои кӯчи реги уштурони биёбонист. Алиф, лом, ра. Оре, оре, оре?...

Биёбон чист? Як уштури азиму беинтиҳои пур аз нори вилгард аст. Оре?

Оҳ, амуям Абутолиб. Маро ҳамроҳи корвонат гиру ба сӯйи биёбонҳо, сӯйи мулки регзорон бубар...

Ҳамон сӯе бубар, ки дар он ҷоҳо падарам Абдулло ва модарам Умма Омина ва бобоям Абулмуталлиб ибни Ҳошим ҳастанд. Бобоям, ки маро ба оғӯш мегирифту китфамро аз ҳамон ҷое, ки дар он нишони пайғамбарист, сила мекард ва бо риши қатрониву хушбӯяш, ки дарак аз атрҳои ливонӣ ва мушкҳои барбарӣ меовард, сару рӯямро навозиш мекард. Ана, ба мушкҳои барбарӣ меовард, сару рӯямро молиш медод. Ана, ба он ҷойҳои азизонам хуфта бубар. Эй вой-е, амуҷонам Абутолиб, маро ҳамроҳи корвонат бубар. Охир, аз ҳамон рӯзе, ки падарам афтоду ба рег табдил ёфт, ман нимятим гаштам. Нимятим кист? Ин як чӯҷаест, ки як панҷаву як қанот дорад ва ӯ маҷбур аст дар ҳамин сарзамини пур аз санги Макка ҷисми нимҷонашро аз санге то санги дигар марговар харош дода, паридаву хазида, монеаҳои мушкилро паси сар кунаду зиндагӣ ба сар барад. Аламовар чист? Ҳамон аст, ки мурғони солим ба ҳолаш механданд. Барои ҳаргуна хазанда ҳам вай ҳадафи тайёр аст. Мурғони ҳавобаланд ба ҷисми нимҷонаш ҳатман нӯл мезананд. Ҳайҳот, вой дод. Алиф, лом, ра.

Айёми бачагӣ уқёнуси эҳсосоти гуворою мадҳушкунандаву атрогину дар само паррон – як дукончаи атторechии Димишқ аст: пур аз анвои рӯғану гулобу ҳинову шароби мардафкан. Аммо як биёбони пурсангу реги саксавулзорон ва ҳам буттаи явшон ва хори мағелон буд, буд, буд, буд сари роҳи ман...

Ана баъд... Баъд модарам Омина рафту ба рег табдил гашт, маро чун чӯҷаи бе пару бе панҷа бигузошт. Вале бобоям Абдулмуталлиб чанде қанотам буду ҳам панҷа.

Ӯ низ баъдтар ба рег табдил ёфт. Ин чӣ корҳое, наход дар рӯйи замин ҳама чиз ба рег мубаддал гардад?

Омад акнун навбати амуям Абутолиб ва аз он ба баъд ту ҳастӣ модар, ҳам падар, ҳам бобо, ҳам панҷаву пару боли парвозам… Алиф, лом, ра. Эҳа-а-а а… Агар чунин бошад, ту чаро ҳамроҳи корвонат маро ба он регистон, ба манзиле, ки азизонам он ҷо регсон хуфтаанд, намебарӣ? Ман муштоқи зиёрати онҳоям… Оре, на барои рег гаштан мисли онҳо, не, барои зиёрат…

Бубин: корвонат ҳам бо назокат, бо таҳаммул назди хаймаи ман пешпо хӯрд ва роҳашро бе ман идома додан намехоҳад. Корвони уштурҳои ту ҳам мисли маркаби хастаи арақшор пеш рафтан намехоҳад, маро бо худ бурданӣ. Он модаруштури ҳомиларо бин, ки чочҳояш арғ увониaнд, назди хонаам хуфта, бе ман ба ҳаракат наояд.

Эҳа… Алиф… лом… ра…

Оҳ, амаки Абутолиб, маро ба корвонат гир, бубар ба мулки регзорат, ба ҳамон сӯе, ки падару модарам ва ҳам бобоям рафтаанд…

Дар ёд нигаҳ дор: агар онҳо ҳамон сӯ рафтаву ба рег табдил гардиданд, рӯзе мерасад, ки боз баргашта меоянд, ба сурати инсон меоянд…

Ҳаст зери гардун Каломе, ки онҳоро аз рег ба одам табдил медиҳад…

Ин Каломи Аллоҳи Муқтадир аст…

Вале… Он ҳарфҳоро ба гӯши мо хоҳад гуфт?... Оҳ…

Оҳ, амуям Абутолиб: боди самум, бӯрон ва чангу ғубори биёбон реҳлаткардагонро эҳё мекунанд. Зеро ин боди самум дар ҳарду олам мевазад ва ҳарду оламро ба ҳам пайванд медорад – олами заминӣ ва самоиро…

Агар ин бод рафтагони хуфтаро аз хокдон бурун орад, онҳоро боз метавонад бар қолаби пешин боз гардонад… Шояд барои як лаҳзае? Ё комилан барои зистан?

Ин сирро танҳо ҳокими ҳама мазорҳову регзорон медонанду бас...

Бубин: акнун аз умқи регзорон чеҳраҳои азизу шинос падид меоянд... На ба вақти тӯлонӣ... вале моро фурсат басанда аст, ки онҳоро ба оғӯш кашем... Нафаси ҷонфазои гармашонро эҳсос намоем, ҳамон чизеро бибӯем, ки аз он дар айёми тифлӣ ба мо ятимон муяссар нагардид...

Ҳар ки дар рӯйи замин дуру дароз сайру гашт мекунад, мегардад – ӯ ҳам гузаштагонро дар роҳи худ дучор меояд ва ҳам онҳоеро, ки ҳанӯз ба дунё наомадаанд...

Парвардигор давру замонаҳоро ба ҳам махлут месозад... ва он гоҳ ояндаву гузашта ба ҳам меоянд ва бадал мегарданд ба имрӯз... Он гоҳ об мешавад дили Абутолиб. Ва ашки шодӣ аз дида мешорад, агар чи вай сарбози чашмонаш беашк аст – мисли биёбони беоб.

Он гоҳ Абутолиб ба эҳсоси ваҳми гуворое меандешад: агар ихтиёри уштурҳо, корвонҳои уштур дар дасти ӯ бошад, дар итоати ӯ бошад, аз дасти инсонҳо чӣ ҳам меояд алайҳи ӯ?

Абутолиб пичиррос мезанад:

– Муҳаммад... азизам... писарам... Ин суханҳоро ба ту кӣ гуфт?... Муҳаммад бо ангуштони ларзон сӯйи осмон ишора мекунаду мегӯяд: – Ӯ гуфт.

Он гоҳ ба ҳайрат афтода Абутолиби бечора нидо дармедиҳад:

Пайғамбар-Пайғамбар-Пайғамбар...

... Ҳанӯз бачаи навхат бошад ҳам, Пайғамбар аст...

Суханони модари Муҳаммад Омина бинти Ваҳҳоб ҳам ба ёди Абутолиб омаданд: ҳамин ки ӯ дар батни ман пайдо гашт, дидам, ки аз вуҷудам ҳолаи нур берун омад. Ва роҳамро то дуртарин кӯшкҳои Бӯсаи Суриё рӯшан сохт. Хастагии гуворое аз тобиши он нур вуҷудамро фаро гирифт.

Абутолиб ҳамчунин ба ёд овард, ки соати зода шудани Муҳаммад кӯшки Хусрави Анӯшервон – Хусрави Кабир, ки 47 солу 8 моҳ ҳукмронӣ мекард, ҳамон қасри Хусрав, ки дар Тайсафун буд, чун аз заминларзаи мудҳиш ба ҷунбиш омад ва чаҳордаҳ бурҷи он дарҳам шикасту хоку туроб гардид. Агар чаҳордаҳ бурҷи қасри шоҳ ба хок яксон шуда бошад, пас ҳоли мани бечора – як инсоне бо ин тани ларзон чӣ гуна сурат мегирад?

Он гаҳ вуҷуди Абутолиб бо як ларзиши бофароғату бехудона чун шахси маҳкумшуда, вале эҳсоси саодат раҳонокардае рӯйдоди ҳайратовари дигареро ба ёд овард. Дар рӯзи таваллуди Муҳаммад оташи муқаддаси габрҳо – оташпарастон кушта шуд. Ва ба ҷаҳду талошҳои бемисли муғон нигоҳ накарда, ки сарулибос ва баъзеҳо ҳатто сарутани хешро бар он меафкананд, ба тадриҷ бимурд...

Оби кӯли ҳазорсолаи Савва низ кам шуд ва оқибат хушкид, ба як кӯлмаки кӯҳсори Ҳара табдил ёфт...

Мубади бузурги Орён хоб дида буд, ки аспону уштурони араб дашту дамани кишвари Форсро зери пой монда, қадами зафаровар кӯфтаву мегузаранд ва аз суми чаҳорпоён шуълаҳои алмосии оташ бармехезад. Баъдтар аъроб тамоми оламро тасхир мекунанд ва суми аспҳошон ҳамоно алангахез мемонад. Ва дар қалбҳои аз фурӯғи чеҳраи Худои ошкородидор шуда низ осори кории эҳсос хоҳад гашт бекарона...

Маҳз ҳамин лаҳзаҳо Абутолиб суханони баъд зикр кардаи Пайғамбарро ба ёд овард:

– Рӯзе, ки ман ва бародарам дар пушти деворҳои хонаамон галаи барраҳоро мечаронидем, наздам ду марди дар тан либоси сафед мисли Регистони Рубалхалӣ омаданд. Чунин либосҳоро дар тани ягон инсоне надида будам то ҳол. Дар даст ташти заррини пур аз яхпораҳои мадҳушкунанда доштанд. Онҳо ҷисми маро ба назокат

пора карданд. Шиками маро чун китобе бар кушоданд, диламро ба даст оварда чок карданд ва аз даруни он як лахта хуни сияҳеро гирифтанду ба реги сокити таги пой партофтанд...

Пасон дили маро ва шиками ба ҳамон яхпораҳои обшоранда пок шустанд – чун бо давои ҷонбахш. Баъд яке аз онҳо гуфт: «Акнун вайро дар мизон бо сад нафар аз аҳли ҳамзоташ баркаш»...

Чунин кард ва паллаи тарозуи ман гаронтар буд ва онгаҳ вай гуфт: «Қасам ба номи Аллоҳ, агар ту ӯро бо тамоми халқ баркашӣ, бораш боз ҳам гаронтар биёяд».

Он гоҳ Абутолибро ба ёд омад, ки дояи Муҳаммад – Ҳалима бинти Абузуайба вақте ба даҳони вай пистонҳои пур аз шири равонбахши хешро мемонд, айёми хушксолӣ ҳукм меронд. Баногаҳ! Якбора! Пистонҳои модауштурҳо, модагӯсфанду модахару модааспон, ки мисли шӯразорону хӯшаи хушкидаи ангур буданд, дар як он тамомашон пуршир гардида, аз серғизоию ҷонфазоии шир варамиданд. Худо дод бар гуруснаҳо: бузғолаву барраву курраву дигар бачаҳои ҳайвонот ва ҳам одамизодагони нимҷонро. Аммо кашондани ин алтасинаҳои пуршир мушкиле буд ба он бечорагон.

Даме, ки Ҳалима тифл бар даст болои модахари пир нишаст, маркаб бо шавқу шӯр дигар савориҳоро ба ақиб монда, андаруни ғубору чанг афканда, пештозӣ кард...

Бад-ин сон пистонҳои хушкида пур аз шири серғизову хуштаъм мегаштанд.

Ба мағзи инсонҳои бутпараст андешаи Худои ягона медаромад. Зеро аз паҳлуи Пайғамбар ҷорӣ буд ҷӯйи шир ва суханҳои ҷовидонаи Аҳрому Кохи Ситораҳо дар замину осмонҳо аз нав шурӯъ карданд ба шаъшаъапошӣ. Ин буд, ки мочахарони пир имрӯз модааспони носараву бенӯхтаи бепойгаҳтози сармастро пушти по монда, олуда месохтанд ба хоку чанг. Эҳа...

Ва он гаҳ Абутолиб чунин муъҷизаҳоро ба ёд меовар-ду пеши пойи бачаи навхат ба зону афтода, нидо мебаро-вард:

– Пайғамбар! Ман ин корвонро барои ту таҳия карда-ам... То ки ту боз баргардӣ ҷониби муъҷизоти Худовандӣ. Зеро ҳаёт бидуни муъҷизот чанг асту ғубори паррон, хокистару хори мағелон, алафи бегона.

Баргард, то дар ин паҳнои регистон падар, ҳам модар, ҳам бобои худро ва низ дигар реҳлаткардаҳоро дида, лаҳзае аз фикри ятим будани хеш фориғ бимонӣ.

Ё Аллоҳ! Шояд ман ҳам он ҷо гузаштагонамро дучор оям. Ё Аллоҳ. Ай бачаи навхат, ятим... Пайғамбар...

Пас аз он Ту аз Ҳавзи Кавсар об хӯрда, Уқёнуси кулли инсонҳоро дӯст хоҳӣ дошт.

Он гаҳ барои ҳар яки онон ба ҷойи падар, ҳам модар, ҳам бобо, ҳам бародару хоҳар дар ҳисоб меёбӣ...

Ва Аллоҳи Таоллоҳ низ барои Ту ва кулли инсонҳо номи Падари ҷовидонаро мегирад. Эҳа!!!

Абутолиб ба ҳароси софи ниҳоние дар дил ба ҷисми лоғари бачаи пойлуч, ки дар тан пироҳани нимдошти домандарозе дошт, чашм андохт.

... Аё уштурбача, бо ҳамон дусаду чилу ҳашт устухони чарси банду басти хеш ва ҳам рагу пайвандҳои нозукат ин сон бори гарони ҳама корвонҳои рӯйи заминро чӣ гуна мебардорӣ?...

Ҳайронам: чӣ тавр мешавад, ки як инсони худаш фонӣ Оташи ҷовидонии он гулхани то Абад фурӯзони Аллоҳро бардоштаву бурда метавонад?

Аммо бинед! Оинаи чашми писарак фурӯзон буд аз қандили оташафкани кулли ситорагони осмон. Ва забонаҳои дарози ангуштмонанди оташ то домони ситораҳо мерасиданд ва ба тамоми инсонҳо ва корвонҳо роҳ нишон медоданд, роҳ ба сӯйи осмонҳо, осмонҳо...

Ҷониби Аллоҳ, сӯйи Аллоҳ, сӯйи Аллоҳ... Ё ҳууу...

Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар... Аллоҳу Акбар... Аллоҳи Кабир чун Падари Ҷовидон ҳар яки мо инсонҳои фониро интизорӣ мекашад. Ин аст, ки фонӣ ҳам ба Ҷовидон меравад. Ё ҳууу...

...Ниҳоят, писарак – бачаи навхат савор шуд ба модаруштур ва корвон ҳам ба роҳ даромад. Алиф, лом, ра... Оҳ!

...Мо танҳо як рӯзи ваҳйи Ҳаёти Пайғамбарро ба қалам овардем. Бигзор аз Кароҳмоти Илоҳӣ бархӯрдор бошад Арвоҳи покаш.

Дар асл хеле сершумор буданд чунин рӯзҳо.

Ҳар як рӯзи рӯзгори Пайғамбар ҳамин рӯзро мемонд. Омин, алҳамдулиллоҳи рабилоъламин!

# ПИСАРАКИ АФҒОН
# ВА ПРЕЗИДЕНТИ АМРИКО



...Ҳангоме ки вопасин одам мемирад
Ва рӯди дастдарозу ҳамаҳди Вақт аз рафтан бозмемонад
Дар Кайҳони бекарон то поён танҳо Худо мемонад
Ва дар каронаи Варзобрӯди сокиту азизи ман буттаи бодом
Бо гулҳои сарду бемонанд ва нопажмурданиву норехтаниаш ба таври ҷовидон санг мешавад...

Дарвеш гуфт:

– Амрикоиҳо ахгарони сӯзонро ба хамаи ҷаҳон мекашанд, мебаранд, меафкананд ва мардумонро оташ мезананд... Ин оташест дар найистонҳо... Дар найистонҳо – одамистонҳо... Ин оташи ҷангҳои шаҳрвандӣ ва дигар ҷангҳо дар одамистонҳо – найистонҳост... Фидоиён – ба пешвози марг рафтагон кулоҳ аз сари Амрико кананд... сари аз кайфи зӯри бозу бачархомадаашро низ хоҳанд канд...

Дарвеш гуфт:

– Сарбозоне, ки наметавонанд ба мардумони дигар ҳамсанг посух диҳанд ва онҳоро мекушанд – сарбоз не, ҷаллоданд – доси аҷаланд... Ҷавонмард не – дуздони одамкушанд...

Урупо сарзамини ҷавонмардон буд, инак ҷойгоҳи ҷаллодон гаштааст...

Амрикоиҳо акнун ба сокинони Замин чун ба ҳиндуҳои саркӯбшуда менигаранд...

Дарвеш гуфт:

– Ҳамеша ба ҳангоми азҳамрезии дардноки пораҳои Таърих, он гоҳ ки Маъбади муқаддаси Сулола нобуд мешавад ва шер ба саги гаргини дайду ва саг ба шери дурӯғ ин мубаддал мегардад, чун каждуми аз зери санги сарди зимистон ба офтоби нарми баҳорон расида, Андешаи ҷовидонахунрезу ҷовидонавасвасаангези Султаи

Ҷаҳонӣ ба майдон меояд.

Оре!... Айҳ!... Ва шоҳони ситамгару хунрез бар тахт мешинанд!... Ва Ҷаҳонгирон!...

Оре! Ситамкорон аз хуни бегуноҳон рӯдҳо равона мекунанд...

Оре!...

Аммо!... Фармонравоёни ношуду тарсуву хоин ва дастёрони Андешаи Султаи Ҷаҳонӣ аз хуни бегуноҳон уқёнус месозанд!...

Инак, замони фармонгарони ношуду тарсуву хоин аст... замони аз хуни бегуноҳон уқёнусҳо сохтан аст...

Ва акнун боз Андешаи Султаи Ҷаҳонӣ ҳавасбору васвасаангезу тунду тез чун каждуми баҳор аз зери ушнасанг баромад...

Ё Оллоҳ!... Лек мешу тағалҳои фаровон дар чарогоҳҳои бекарон бемалолу боҳавас каждумҳоро мехӯранд...

Ё Аллоҳ!... Вале мардумон – гӯспандони бешумор боз Андешаи Фармонравоии Ҷаҳон ва фармонгарони нобинову хоинро мехӯранд, он гуна ки гӯспандон каждумҳоро фурӯ мебаранд...

Аммо зиёда хуни бегуноҳ мерезад... Зиёда!... Оҳҳҳо!...

Айҳҳҳҳҳҳ!...

Ва ман, писараки сездаҳсола Муҳаммад Қандил Халили Нӯфал...

Аз деҳистони Баракат дар кӯҳистони дури вилояти Қандаҳор.

Ва шаби пурравшанону пуркаҳкашон инак, то ба дуриҳо рехтаву рафтааст, то ба бекарон доман густурдааст... Ба рӯйи рустои мо ва кӯҳҳои лоҷвардии дури дуру поку беҳудуди Қандаҳор...

Аммо шаби тирамоҳон нурборон аст ва ман ҳамроҳи дӯсти ҳамешагиам, кабки хушхонам Хурӯшак аз пайроҳаи тез ба тори кӯҳи торику сангрези азизам

Чароғ баромадам...

Аз ин ҷо, аз чакоди кӯҳи бегиёҳу бараҳнаи ман ҳавопаймоҳои амрикоӣ авиамокиёнҳо, ки аз дербоз бар осмони рустои бадбахти борҳо кушташудаи ман пар андохтаву онро бадбӯву бадрӯ кардаанд, наздику тарсбор метобанд.

Инҳо монанди моҳиҳои девонаву хоболуд, ки то ба зоишгоҳ наёмада тухмҳои бемору бисёрро дар нимароҳ мепошанд, садҳо бомбаи аҳриманиву заҳролуду кӯрро бар сари мо мечошанд.

Рустои ман кайҳо мурдааст... Батамом мурдааст, чизе зинда нест...

Модарам Зайнаб-оя ва падарам Одилбек ва хоҳаронам Мунифа, Муборак, Муфиза, Майрам ва бародаронам Қурбон, Комил, Қаҳрамон дерест, ки зери вайронаҳои кулбаҳои гилӣ хуфтаанду ман ба тори кӯҳ баромадам то онҳоро набинам ва бӯйи мағорзадаву фарсудаи ҷони мурдаҳоро набӯям... Пештар деҳа ҳамеша бӯйи фораму гарму дудолуди нонҳои сӯзони нав аз танӯрҳои пурлахча кандашуда мекард, инак, оганда аз бӯйи тези дилбеҷокунандаву такондиҳандаи мурдаҳо, мурдаҳо, мурдаҳо аст...

Ва боз он ҷо, дар поён мурдаҳои шахшудаву санггаштаву яхзадаи ҳамсояҳои ман ва говону сагон ва кулбаҳои гиливу ҷӯйборони титу вайрон афтодаанд.

Мо ки ҳеҷ гоҳ аз Бинни Лодану ёронашу дастёронаш чизе нашнидаем, чаро мову говони мову сагони моро мекушанд?

Ва боз ҳазорон ҳазор сӯзанакҳову мушҳову парандаҳову рустаниҳову дарахтонро? Ҳатто сангҳо сӯхтанду мурданд ва ба сарҳои бемӯю вайрони навзодони аз никоҳи хешон ба дунёомада монанд шуданд...

Айҳ! Ин бомбаҳои амрикоӣ ҳатто сангҳоро мекушанду об мекунанд... Чӣ расад ба тани нозуку нафиси одам,

ки сангҳо об мешаванд...

...Аммо писарак Муҳаммад Қандил, ки куртаи сапеди сосониаш аз шамолаки ҳамешагии кӯҳсорон мавҷ мезанад, ҳамроҳи кабкаш Хурӯшак, ки нотавону ҳайрон аз таркиши бомбаи амрикоӣ нобино гаштааст, бар сари кӯҳи Чароғ дароз афтодааст.

Шаби ситорарези фораму гарми тирамоҳон ҳазор андар ҳазор зиндагии тапандаву бедорро дар худ ниҳон дорад. Ва ҳар гуна зиндагӣ розомезу шигифтангез аст!

Муҳамад Қандил рӯйи сангҳои аз таркиши бомба сӯхтаву гармшуда дароз кашидааст. Гарм аст даруни шиками шаби ҳамхуну ҳамшикам!...

Аз ситораҳои ҳамтабору бешумору беқарор, аз хирмани нуру равшании дури онҳо аз сӯхтану афрӯхтанашон гармӣ меборад гармӣ, гармӣ, гармӣ...

Шаб шабонгаҳ – хорпушти бузурги ахтарину алмосини кайҳонӣ аст!... Ҳай!

...Аммо Муҳаммад Қандили наврасу нозуку ҳушёр зуд-зуд ба чакоди кӯҳи азизаш Чароғ мебаромад.

Ва ширину бардавому ноҷунбон бар сари кӯҳ дароз мекашид ва хушбахту хушрӯз нигоҳи жарфу дурашро ба сӯйи осмонҳо, осмонҳо, осмонҳои фариштанишину зумуррадгуну саодатофарини Қандаҳор...

Он ҷо ки каргасҳои барфгунаи олитабор ва уқобони танбали ришдор ва мурғони мурдахор шино мекарданд, мебаст...

Ва боз Муҳаммад Қандил – ҷони шӯху шангу бесар – ҳавопаймоҳои раҳгузари симгуну чун ҷӯйҳои булӯрини осмонӣ нағмахону равонро дӯст медошт...

Ки ҳампаҳлу бо уқобон шино мекарданд ва ба шоришу равишу ҷӯшиши минӯиву ҷовидонаи онҳо халал намедоданд.

Вале, инак, авиамокиёнҳои амрикоӣ омаданд ва писарак ҳавопаймоҳоро бад дид.

Ва уқобон – дӯстони минӯиву ҷонии ӯ пайроҳаҳои ниҳониву осмонии худро гузоштанд, аз кӯҳи Чароғ ба сӯйи кӯҳҳои Ҳиндукушу Помиру Тёншон рафтанд...

Аммо як уқоб ба ҳавопаймои амрикоӣ дарафтод, лек ҳамоно дар оғӯши нафаси сӯзону маргбори турбинаҳояш афтод, имкони раҳоӣ наёфт.

Ва фурӯ афтод.

Бо болу пари сӯхтаву бегона печону тапон дурударoз афтод.

Ҳангоме ки вай сӯхтаву сиёҳгашта, вале ҳоло зинда – уқобон монанди гурбаҳо сахтҷонанд, монанди гурбаҳои ваҳшӣ дерпову намироянд – чун санг сӯйи замин омад.

Муҳаммад Қандил бори нахуст ба гиря омад, як мушт санг бардошт ва ба ҳаво, ба сӯйи ҳавопаймои амрикоӣ, ки он ҷо чарх мезаду мегашт ва тухм – бомбаҳои бешумору маргбор мезоид, андохт.

Писараки хаставу гирён дуру дарозу беҳуда ба сӯйи осмон санг андохт...

Падари Муҳаммад Қандил омӯзгори деҳотӣ буд Одилбек...

Ва ба кӯдакон танҳо аз Қуръону Китобҳои Муқаддас дарс мегуфт.

Ва ҳама умр пиёда ба Маккаи Мукаррама равона буд.

Ва мегуфт, ки мусулмон бояд пиёда ба сӯйи Макка равад, дар кулбаҳои гилии фарсуда чашмбароҳ нашавад.

Раҳпӯйи роҳи Аллоҳ бошад! Танҳо!...

Ва боз мегуфт:

– Яҳудиҳо ҳукмрони замин шуданд... Ҳамонҳоянд, ки ахгарони сӯзони сионӣ аз гулхани аҳди куҳан ва Инҷилу Паёмбарони покаш ба кишварҳо ва мардумон мебаранд...

Ҳамонҳоянд, ки намегузоранд мардумон ба хоби гарони ноогаҳӣ ва ғафлати рӯзҳо фурӯ раванд...

Ҳамонҳоянд, ки мардумони мирову ҳеҷро ба сӯйи

Малакути Ҷовидонаи Осмон меронанд...

Ҳамонҳоянд, ки зиндагии фониро дар пешгоҳи Малакути Ҷовидонаи Осмон ба хобеву хаёлеву даме мубаддал мекунанд...

Ҳамонҳоянд, ки намегузоранд мардумон пинак раванд, нотавону бенишон дар фаромўшхонаи таърих биафтанд.

Ҳамонҳоянд, ки чархи Таърихро ба гардиш меоранд... Ойҳҳҳ!...

Ва Муҳаммад Қандил падари ҳамеша раҳпўву гардолудашро гоҳ-гоҳ медид ва монанди як меҳмони азиз аз дилу ҷон ва бекарон дўст медошт...

Ва он гоҳ ки бомбаҳои маргбор бар сари деҳаки Баракат бориданду онро батамом сўхтанд, падар даст дар гиребони марг гуфт:

Инак, ман дар ин лона, дар ин хонаи куҳна дер кардам ва барабас сўхтам. Агар пиёда аз кўҳҳои касногузар мегузаштам, регистонҳои сўзону биёбонҳои беномро паси сар мекардам ва ба сўйи Парвардигорам мерафтам, имрўз зинда будам...

Ҳарчанд инак зиндагӣ чи арзише дорад, ҳангоме ки ёрону пайвандони ба ҷон баробарам ва хоку дарахтони азизам бегуноҳ месўзанд ва говону моҳиҳо – белбиниҳои бостонии амударёӣ дар рўдхонаҳову ҷўйборони вайрону парешони парваришгоҳҳо ноҷунбонанд...

Ва парандаҳои дўстдоштаи ман кабкони дарӣ аз сари сангҳо ва мурғони дарозболи биҳиштӣ аз шохсорон афтодаанд...

Ва морони дўстдоштаи ман – афъиҳову гурзаҳо дигар шоридани хамандархаму печдарпеч ва заҳри каҳрабоиву шифобахш надоранду акнун монанди шўшаҳои даймоҳ дароз гаштаанд, зеро марг бадастовардаҳояшро рост мекунад... Зиндагӣ печидаю

ширину пуршикан асту марг рост чун хаданг... Айҳҳҳҳ!...

...Ва боре мӯри нотарсу раҳпӯи Аллоҳ Одилбек аз Эрон покбуми Имом Ҳумайнӣ Китоби Ниёишҳои зардуштиён, Китоби Оташпарастонро овард.

Ва Онро аз Муҳаммад Қандил пинҳон кард, аммо писарак Китоби бар пӯсти даббоғ ишудаи гӯспандони тибетӣ набиштаро ниҳонӣ бисёр мехонд...

Ба вижа шабонгоҳон дар рези нури моҳу ситорагони равшани кӯҳсорон хондани Он нишот дошт – ҳарфҳои Китоб оганда аз нури ситораҳо мешуданд, партави оташи тези куҳанро мепароканданд ва бо ахтарон ба гуфтугӯ медаромаданд, зеро Набиштаҳои Осмон низ Пайғом аз кадомест. Аммо аз кӣ? Аз кӣ? Аз кӣ?...

Шояд аз Худост?...

Ва инак, Муҳаммад Қандил бар сари кӯҳи Чароғ дароз афтодааст...

Ва дар равшании ситораҳои наздик Китоби Ниёишҳоро мехонад...

Ва Вожаҳои Дуои куҳан аз соҳили лабони сарду хушку парсинбаставу сиёҳгаштаву гуруснааш нарм берун меравад: «Агар ту ай дупои ғафлатзада, рӯ ба Парвардигорат орӣ ва ҳазор бор мукаррар «Эй Худоӣ Бузург! Каждуми Бадкорро бикуш! Каждумеро, ки ман ва мардуми бегуноҳу бепаноҳу бечораи деҳистониву кӯҳистонии маро мегазад, заҳр мезанад, бикуш!» гӯӣ, Офаридгори Тавоно лобаи мӯронаи туро мешунавад!»...

Ва писарак ба осмонҳо ба сӯйи ситорахои осмонҳои шабона ба Худованди Осмонҳо ва Ситораҳо ва Шабҳо ва Офаридгори Набиштаҳои Бешумори Осмонӣ рӯ меорад.

Ва писарак наҷво мекунад:

– Ай Худои Бузург! Каждуми Нобакорро бикуш! Ҳавопаймои амрикоиро бикуш, ки рустои куҳану бегуноҳи маро саросар бикушт!

Ки падару модари меҳрубонамро бародарону

хоҳаронамро, ҳамсоягонамро кӯр карду гунг ва маҳбубаи пинҳонам паштудухтараки ҳамсоя Кумуш – Кубро – Шафтолу – Олуро, ки нахустин бӯсаи шакарини маро ҳамроҳ ба дунёи дигар бурд!

Бикуш... бикуш... бикуш ҳавопаймои амрикоиро!

Ки ҳама сӯзанакҳову мӯрчаҳову говону маркабону морону моҳиёни маро сӯхту кушту нобуд намуд!

Ва дар он миён асбалаи амударёӣ – моҳияки махмалии нозуку дӯстдоштаи ман ва калпесаи туркистониву ҳимолоӣ – ағамро низ...

Ки ман дар офтоб тахтапушти ларзону дамони пулакдорашро бо ҳавас мемолидам...

Ва вай аз кайф забони хордорашро аз даҳон меандохт, бо меҳру сипос бар кафи ман мениҳод...

Ай Худои Бузург!

Бикуш ҳавопаймои ҳамакуши амрикоиро!

Ки ба таври ҷовидон кабки хушхони ман Хурӯшакро нобино гардонд, ки аз нобиноиву дарди нобино ҳамеша менолад дигар намехонад...

Ва намегузорад, ки маро ғанаб барад!...

Аммо ман зинда мондам, зеро дар гаҳворакӯли дӯстдоштаам хуфта будам дар толобам шино мекардам...

Дар рӯдхонаи булӯрину дастнозада рӯди азизам Сиёма...

Ва хоболуду махмур ба жарфнои пур аз регҳои равон, ҷойгоҳи гурзаи обӣ фурӯ рафтам...

Ва он ҷо дар жарфно сангҳо харсангҳои нозуку лағжони дурро бо дастҳову поҳоям фораму ширин дар оғӯш кашидам, бар онҳо печидам.

Ва пайкари занмонандашонро бар канор гирифтаму саргӯшӣ кардам: «Оҳ дӯстдоштаи ширину мармаринам паштудухтарак Кумуш-Кубро- Шафтолу-Олу-Фя!...»

Ва алфинаам тухмҳои фараҳбору форами нодидазан – марворидҳои зиндаи беҳосилу беболишро фаввора

кард... берун афканд...

Айҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳйа!...

Ин дам он бомба бар замин зад, як нафас кашид, зуд оташ гирифт ва ҳама ҷондорони равандаву хазандаву давандаву парандаро кушту нобино сохту хушк кард!

Ҳамаро магар ман!... Чӣ суд? Танҳо? Миёни мурдаҳо? Ман? Ман? Ман?...

Айҳааааа!...

Аммо писарак бемадор бар чакоди бараҳнаи Чароғ дароз афтодааст ва ба осмонҳо ба дуриҳои осмонҳои шабона нигариставу роз мегӯяд:

– Ай Худои Бузург! Каждуми Нобакорро бикуш! Одамкушро бикуш! Ҳавопаймои амрикоиро бикуш!...

Аммо осмонҳои дури шабона ситорарезанд!

Аммо осмонҳои шабона шиҳобпора мерезанд, шиҳобсели бекарону хурӯшон меборанд!... Шиҳобборони жарфноӣ!

Аммо инак, дар замин моҳи дод моҳи мурод аст! Моҳи август! Моҳи ҳосилхезу ситорарез!...

Аммо Муҳаммад Қандил бо лабони беобу бехобаш Ниёиш мекунад.

Писарак аз дасти гуруснагиву дарду танҳоӣ, ки чун оташи сӯзон омадаву ҷони саргардонашро фаро гирифтаанд, гӯё дар хоб аст, пиндор нафас намекашад.

Лек вай наметавонад нафас накашаду бимирад, зеро бояд ҳазор бор Ниёиши Куҳанро такрор кунад.

Ва кабки кӯр низ дигар аз шодии будану фараҳи дидан намехонад аз зӯри дарди ҷонсӯзи чашмонаш нолаҳои тобрабо медиҳад ва намегузорад писаракро хоб бубарад, бимирад ба коми марг фурӯ равад...

Айҳ!

Ва Офаридгори меҳрубон аз осмон сели шиҳоб меборад, он забона мезанад, гулхан мешавад ва писараки пероҳани суғ дибабарро гарм мекунад...

Айҳ!... Айҳҳҳҳҳ!... Ай!...

Бепадари танҳову бекас ин ҷо дар жарфнои Кайҳони Бекарон дигар аз кадом гармӣ метавонад гарм шавад?

Дигар кадом гармӣ метавонад мо бекасони бехудову бепаноҳро гарм кунад?

– Ай Худои Бузург! Каждуми бадкорро бикуш! Одамкушро бикуш! Ҳавопаймои амрикоиро бикуш...

Айҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳа!... Айҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳҳ! Айҳҳҳҳҳҳҳ! Ай!... Айе!... Айёҳҳ!

Ҳангоме ки Муҳаммад Қандил ҳазор бор Ниёиши Бостонро ба забон овард, наҷво зад, такрор кард, шиҳобборон тундтару бештару равшантару гармтар гашт!... Пиндор оташфишоне буд, ки фаввора мезад...

Ин ҷо ногаҳон Китоби Ниёишҳо дар як он дуд кард, нафас зад, ба ҷунбиш омад, зинда гашт...

Бӯйи баду нафасгардони пӯсти сӯхтаи сафҳаҳои бимангези Он баромад...

Ва Муҳаммад Қандили хоболуд батарс дар дили шаб дид...

Ки набиштаҳо дар баргҳои зарду вазнини Он монанди мори кубро андаруни сабзаҳои баҳорон ларзиданд, ҷунбиданд ва аз оташи зиндаву бимангезу хазандаву хӯша-хӯшаву давандаву дигаршавандаи ситораҳо пур шуданд! Ҷило доданд! Нур бориданд! Забона заданд!...

Ва аз оташи онҳо пӯсти деринаву хираи гӯспанд дуд кард, хам гашт, ба чарсучурс даромад

Ва бӯйи тунди пӯсти сӯхта ба чашму бинии писарак зад, ба шушаш даромад, ба ҷонаш раҳ овард ва кабки кӯр андаруни қафас аз канор ба канор ҷаст, бехудона сар ба навдахои хушки бед зад худро захмиву хуншор кард ва аз пешина беш нолаҳои ҷонгудоз баровард...

Айҳ! Айиҳ!... Ай!...

Ва ин дам, ин дам, ин дам дар жарфнои осмонҳо андаруни ҳолаи сӯзишу резиши шиҳобҳо як чашмзад

Чеҳраи Бузурги Ғайриинсонӣ ва Инсонӣ Чеҳраи баённокарданиву ошкорношуданӣ аз Ситорачоҳи Кайҳон берун зад, ба пайдо омад, пеш баромад, як он Худро дар Ҳолаи ахтарони паррону равон Падид овард Чеҳраи бекарону шигифтангези Кайҳониашро намуд!...

Ба писарак чунин намуд, ки он чеҳраи падараш, раҳпӯи ҳамешагии Аллоҳ Одилбек аст, аммо то ба бекарон калон...

Вале он Чеҳраи Дигар буд дар Ҳолаи Ситораҳо... Кам касоне тавонистаанд Онро бубинанд Онро...

Онро...

Ин ҷо Муҳаммад Қандил ларзид, ба худ печид, тарсид, зеро Чеҳраи Ахтарин зуд дар шиҳобборони бекарон фурӯ рафт, нопайдо гашт...

Лек аз сели шиҳоб ногаҳон ситораи наву наздики паррон берун омад ва бо оташи равону давон ба сӯхтану афрӯхтан даромад!... Шарораи шиҳобии равону нав зода гашт!...

Айҳ!... А...

Ин ҳавопаймои шабгарди деринтизор ва зудраву сӯзону шуълабори амрикоӣ буд... Айҳ...

...Онҳо, аз дуриҳо меомаданд ва шаҳрҳову рустоҳои куҳану дар хоби нозу бепушту паноҳи афғ онро бомбаборон мекарданд, мекуштанд...

Зеро онҳо – одамдӯстони ҳамадӯст мегуфтанд, ки марг дар шаб, ба ҳангоми хоб ширин аст...

Марги олуда ба хоб монанди майи олуда ба об аст...

...Ва ин ҳавопаймо – фиристодаи глобалистону одамдӯстон дар шиҳобборон монд ва аз резишу бориши ситораҳои паррон зуд оташ гирифт, сӯхт, сӯхт, сӯхт, об шуд, афтод... афтод... афтод монанди деҳаки ман Баракат хокистар гашт...чун чалипои қурбонии дурахшон дар осмони мусалмонон...

Айҳ!...Чоҳкан ногузир зери чоҳ аст...

...Аммо пайкари лоғару афгори Муҳаммад Қандили бепадар ларзиду ба худ печид он гуна ки тани кулбаи гилии фарсуда ба ҳангоми аз дасти заминларза фурӯ рехтану ҷони нозуку сабуки пора-пораву нафасгардонро ба таври ҷовидон... ҷовидон... ҷовидон дар худ ниҳон кардан биларзад...

Ва писараки бекас шояд аз шодӣ? Ё аз дард? Ё аз ғам? Талх гиря кард, зеро дилаш ба ҳавопаймои марг сӯхт, ки акнун чун шиҳоб месӯхт ва бештару сахттар ба пилотҳо – ситораҳои паррону сӯзони даруни он...

Ва дар сари кӯҳи азизи Чароғ дар ин ҷаҳони тарокумҳои сӯзону Кайҳони ҷӯшон... ҷӯшон вай чун дар бекарони дами марг ё пас аз марг даст ба домани фараҳу осоиши ширин ва талхии фаровону номаҳдуд бурд он гуна, ки Мӯсо дар сари кӯҳи Тур...

Ин чо падидаи яздонии заминиву осмонӣ дуҷаҳонӣ... дуҷаҳонӣ буд...

Ин ҷо писарак як он дар ду ҷаҳон – Замину Осмон буд...

Сипас Муҳаммад Қандил тарсид, ки инак пораҳои ҳавопаймои сӯхта бар чакоди Чароғ ва сари ӯву кабки нобинои ҳамеша нолону ба кӯрӣ тан надодааш меафтад...

Аммо шикастапораҳо бар кӯҳи дигар афтоданд...

Оташсутуни резон чун забонаи нимҷони донаи гӯгирд дар оғӯши шаби сутурги Осиё фурӯ рафту нопайдо гашт...

Йиҳҳҳҳ!...

Вале ин дам писарак баҳри бекарони монанди лаҷан часпандаву ҷудонашавандаи мурдаҳои одамону сутурону дарахтону моҳиёну обҳову сангҳоро мазористон... гӯристонеро ба ёд овард, ки инак ба ҷойи рустои сӯхта ӯро ба таври ҳамеша дар миёна гирифта буду захм мезад, мекушту зиндабагӯр мекард, аммо раҳо намекард...

Лек ин дам писарак ба ёд овард, ки чи гуна боре дар тангкӯчаи нимторику пинҳону чангзадаву лағжони рустои гилину булӯрину фариштанишинаш ҳамсояи хашминаш паштудухтарак Кумуш-Кубро - Олуро вохӯрда буд...

Ва ӯ зери шоли паранҷӣ пушти девори чашмбанд буд ва духтараки наврас буд ва паранҷии фарохи модар чун қолии эронӣ бар рӯйи шохаи пургули бодоми баҳорӣ озоду шод бар пайкараш мавҷ мезад...

Ва он рӯз Муҳаммад Қандил аз банди шохаҳои баҳорӣ – дастони ӯ, ки танҳо аз зери шол намоёну тобон ва гурбавор чобуку дилкашу печон буданд, дошт...

Ва кафи мармарину сӯзонашро ва ангуштони чун булӯри кӯҳӣ урён... танҳо... танҳо урёнашро бӯиду бӯсиду газид...

Ва ангуштон нарму меҳрубону ларзону рамон посух доданд – гурбавор инро молиданд, навозиданд ва духтар бо ҳаяҷону пурасрор аз паси девори паранҷӣ бехгӯшӣ кард:

– Бача, чаро мегазӣ, чун занбӯри асал неш мезанӣ?

Айҳ!... Ман занбӯрони асалро дӯст медорам!... Ва ҳеҷ гуна паранҷӣ наметавонад маро аз онҳо паноҳ дорад!... Бигир дастони маро, бача!...Охир танҳо ҳаминҳо бараҳнаанд, кушодаанд, аз туанд, бача... Айҳ-ҳҳҳҳҳа!... Ангубинбача! Занбӯрбача! Нешдорбача!...

...Айҳ!... Акнун Кумуш-Кубро мурдаву сард аст...

Айҳ!... Акнун кафи дастони сӯзони мармарину ангуштони булӯринаш монанди шӯшаи пиряхҳои ҳамешагӣ зудшикан гаштаанд...

Айҳ!... Акнун он асалзанбӯрҳо, ангубинбӯсаҳо мурдаву сарданд...

Айҳ!... Ё шояд паранҷиро хор кардему хашми Худо бар мо фурӯ омад?...

Пас аз ин, ҳангоме ки сели шиҳобу ситораборон фурӯ

нишаст ва шикастапораҳои ҳавопаймо дар оғӯши кӯҳҳои дуру наздик фурӯ рафт, Муҳаммад Қандил дубора Китоби куҳану бимангези Ниёишҳоро, ки ногаҳ аз сӯхтану дуд кардану нафас задану ҷунбидан монда буд, рӯйи даст овард...

Пас аз ин писарак даст ба Китоби нимсӯхтаи Оташпарастон зад ва Ниёиши Навро ба забон овард, наҷво кард...

Ай Худои Бузург! Мори Бадкорро бикуш он гуна ки Каждуми Нобакорро куштӣ! Сарвари Амрикоро, ки ин Каждумро фиристодааст, бикуш! Бикуш, роҳбари Амрикоро! Он Мори Бадкорро, ки ҳавопаймои одамкушро ба рустои ман фиристодааст!... Онро, ки ҳавопаймоҳо, каждумҳои шабгардро ба гаҳвора – замини лоҷвардиву дӯшизаву меҳрубону пурсахову хобидаи ман фиристодааст!...

Пеш аз ин модари афғон бар сари гаҳвора аллаи ширину булӯрин мехонд, акнун бар сари гаҳвораи муқаддаси ман, Афғонистон, бомбаҳои амрикоӣ ҳушт мезананд, наъра мекашанд! Айҳайҳ!

Ва писарак аз нав тахтапушти лоғару бекасашро бар замин ниҳод ва нигоҳи беохири чашмони танҳояшро ба чоҳи ситорарези Кайҳон равона сохт:

– Ай Худои Бузург! Мори Бадкорро бикуш! Мори Бадкорро бикуш! Бикуш! Бикуш! Бикуш...

Кас намедонад писарак ин Суханони тарсборро зери лаб чанд шаборӯз такрор кард, он гуна ки шайхҳои шодкоми тибетӣ дар ғорҳои пинҳони худ ояҳои равону ороми онҷаҳониву буддоиро...

Ва чаро ояҳои онҷаҳонӣ дар ин ҷаҳон садо медиҳанд?

Ё шояд барои он ки малакути ҷовидонаи Осмонро бо Салтанати фиребову ширину бимангезу гузарони Замин бипайванданд?

То Малакути Осмон ба тtimes ҷовидон аз мо наравад?...

Ояҳо – сурудҳое ба сӯйи Худоянд, агар ин сурудҳо набошанд, Худо заминро тарк мекунад...

Ҷое ки касе бо Худо сухан нагӯяд, Вай аз дасти танҳоӣ онро мегузорад, ба роҳҳои бепоёну сарди Кайҳон меравад...

Он ҷо ки нафаси гарми одамӣ ё чизи дигаре нест... Оре!

Он гуна ки падари фаромӯши фарзандону пайвандон пеш аз марг тан ба танҳойи сарди гӯристон медиҳад... Ойҳҳҳо!...

Кабки кӯр дигар садо намезанад, нола намекунад, дард намекашад...

Шояд хобаш бурд ё бемадор шуд ё рӯзаш ба охир расиду ба таври ҷовидон ба гӯристон – кайҳони мурдаву сард фурӯ рафт...

Аммо писарак ҳанӯз бо лабони бехобу карахшбаставу шӯрзадааш, ки дигар наму дами зиндагӣ намонда буд, роз мегуфт...

– Ай Худои Бузург! Мори бадкорро бикуш!...

Ва инак, писарак низ ба хоби жарф... жарф... жарф фурӯ рафт...

Айҳҳҳҳҳҳҳа!...

...Аммо ин дам боз Китоби Ниёишҳо дуд кард, ба ҷунбиш омад, зинда гашт!

Дуде тира баровард... бӯйи мурдаву дилбеҷокунандаи пӯсти куҳнаву сӯхтаи гӯспанд омад...

Ва Муҳаммад Қандил пилкҳои вазнину хастаашро боз кард ва дар осмони шабона боз рафтану мавҷ задану шоридани рӯди чашмбари шиҳоб, баҳри шиҳобро дид...

Ва ситораҳои бешумори дунболадор меафрӯхтанду меафтоданд...

Ва Набиштаҳои бимангез дар Китоби Ниёишҳо боз анҷуман карданд, фурӯзон шуданд...

Осмонҳо оташ гирифтанд!

Ва аз ин оташ Китоб сиёҳ гашт, лӯла шуд, сӯхт!

Набиштаҳо сӯхтанд!

Ниёишҳои Оташпарастон сӯхтанд!

Ва аз афтодани ситораҳо шиҳобҳову сӯхтани Китоб, инак гарм не, ба гунаи ҷонгудозу тавонкоҳ сӯзон буд...

Ва Муҳаммад Қандил аз сӯзи бекарони дамону ҷӯшони осмонҳои наздик ва дуди Китоби Ниёишҳои Оташпарастон – Ахтарпарастон нафасгардон шуд...

Аммо! Аммо! Аммо!

Нафаҳмид дар хоб ин гуна равшан дид? Ё ба бедорӣ аз тори кӯҳи Чароғ кишвари дуру бегонаи оғӯшта ба ситораҳову шиҳобҳои бешумор... кӯшки пурҳашами пойдор... чаманзоре бо сабзаҳои нозуки зумуррадгуна ва оинаи нуқраи толоби шабона ва занҳои дилхоҳу ҳавасангезу покиза ва кӯдакони дар оби махмалии шаб лағжандаву шорандаву мавҷзананда ва духтараке монанд ба Кумуш - Кубро - Олуи кайҳо мурда ва марди бар сараш барфи андуҳ рехта, чун лошахӯри сарсапеду андешаманди помирӣ поҳои бараҳна бар дили оби равон андохтаву нишаста.

Ва ба Муҳаммад Қандил чунин намуд, ки ин – падараш беосеб нишастаасту бародарону хоҳарони кушташудааш дар об шино мекунанд.

Ин дам писарак андарзи куҳанро ба ёд овард: «Худое, ки болову паст офарид, забардасти ҳар даст даст офарид...»

Он ҷо ҷаҳони дорову беосебу бепарво буду мерафту ҳукм дошт... дошт.. дошт...

Ҷаҳони одамкуш....

Аммо мард ошуфтаву бетоб ба осмони шабона, он ҷо ки шиҳобсели бемонанд равона буд, нигоҳ меандохт...

Ва андаруни рӯди оташ ҳавопаймои шикамдамидаи низомии нуқраиву тобон шино дошт...

Ва Муҳаммад Қандил дид чи гуна Лошахӯри сарсапед

бесадо ба по шуд ва поҳои ӯ монанд ба поҳои каҷу лоғару нимҷону пиру афтодаву бечораи барраи навзоди қароқӯлӣ буд ва Лошахӯр даст ба сӯйи осмонҳои оташбор бурд, гӯё хост бо дастони бедармону пӯстустухонаш пайвандони бепарво андаруни об ғалтону печонашро паноҳ диҳад...

Зеро ҳавопаймои бузург бо тани нуқраийи моҳимонанд ва шиками чун занҳои ҳамешаҳомилаи мусалмонон дамидааш, инак, андаруни рӯди шиҳоб монанди чалипои оташгирифта аланга зад, сӯхт ва пораҳои сӯзони пошидаву бар якдигархӯрдаи маргбораш ба зудӣ ба рӯйи кӯшку чаманзору толоб ва Лошахӯру духтараки монанд ба Кумуш- Кубро-Олу фурӯ афтод...

Бале!...

Ин дам писарак аз шодии бепоён ё андуҳи гарон дар қуллаи кӯҳи андаруни уқёнуси шиҳобу ситораҳои резону дурахшони Чароғ аз нав неруи бузурги ирода ва шаҳди масткунандаи хушнудиро дарк кард...

Ва писарак канда-канда... ширин... талх ва беҳудуд ба тамоми Кайҳон гиря кард...

Ва бо остини фарохи куртаи деринаи сосониаш ашкҳо... ашкҳо... ашкҳояшро аз рухсораҳои лоғару ларзонаш пок кард...

«Хушрӯзанд касоне, ки мегирянд, зеро ором мееёбанд», гуфт Исои Масеҳ.

Ва писарак зардоби дилашро бар кӯҳ мерехту ором мееёфт...

Аммо дареғ, ки наметавонист суфраи дилашро назди касе кушояду зуволаҳои бекарону фаровони ғамро намояд...

Ва низ касе набуд, ки ашкҳояшро аз рухсораҳои тифлонааш пок кунад...

Вале ин дам аз сӯйи пиряхҳои дуру шабонаи Помиру Тёншон нафаси сарди... сарди шаб омад...

Ва куртаи фароху озоди писарак натавонист ӯро гарм кард...

Аз ин рӯ вай дастони сармохӯрдаву ларзонашро ба сӯйи Китоби Ниёишҳо овард, ангуштонашро дар хокистари фораму гарму нарми навозандаву фарогирандаи Китоби нимсӯз фурӯ хаст ва ширин роҳат кард...

Ва ин дам аз сӯйи силсилакӯҳҳои Ҷалатоғу Хирманҷову Ҳазратишоҳ бӯйи фораму бомазаву бардавому зиндаи анзур ва бӯйи пирӯзу тавонои овешан омад...

Ва ин бодҳо пештар аз расидани бомбаҳои амрикоӣ парандаҳои хушбахту осебнадида, вале рамхӯрдаву тарсидаи тухмҳоро дар лонаҳо танҳо гузошта – мурғобии пӯпак ва турнаи сиёҳ ва куланги подароз ва қуи баландовоз ва залиҷи боғӣ ва гунҷишки сурхбол ва мурғи газна ва пӯпаку чаковаку боз аз ин табор парандаҳои бисёрро аз фарози кӯҳи Чароғ ба Ҳиндустони дур – оғӯши гарми модар ба ҷойгоҳи зимистониашон бурданд!... Ва буми дӯстдоштаи писарак – ун шабгарди ҳамеша хоболуду аллагӯро низ!... Уууууу!...

Уйҳҳҳҳҳҳ!...

...Ё Оллоҳ! Онҳо ҳоло болу пари бардаму мустаҳкам доштанд бомбаҳои шайтониву «маҳмалӣ» - и амрикоӣ онҳоро сӯхтаву кӯр накарда буданд... Вале онҳо тухмҳоро дар лонаҳо танҳо гузоштанд, ба дасти марг доданд, ғаризаи падариву модариро сиришти муқаддаси наринаву модинаро фаромӯш карданд, бимангез паридаиду рафтанд...

...Ва бо расидани бӯйи анзуру овешан Муҳаммад Қандил дар даҳонаш оби сӯзону дамону гушнаро ҳис намуд.

Аммо танини болзании парандаҳои раҳида ва фарёди ҷонафзову чув-чуви пайдову нопайдои онҳо гуруснагиро аз ёди писарак бурд.

Аммо андак пас ба ёд овард, ки чи гуна модараш Зайнаб-оя дар деги калони кобулӣ палави қандаҳорӣ мепухт, месохт ва ҳамеша як коса оши гарму хушбӯ ва як нони кунҷиддори қундузиро сари девори ҳамсоя мегузошт...

Ин палав – косаи ҳамсоягии ҳамешагӣ – барои падару модари Кумуш - Кубро - Олу буд, аммо падари Муҳаммад Қандил тоҷик буду модараш ӯзбак.

Ва муъҷиза! – палави ҳамсояҳо ҳеҷ гоҳ сард намешуд – ҳатто дар шабони замҳарири зимистони кӯҳистон!... Чандон ки интизор мешуду бар сари девор буд!...

Ва падари хирадманд мӯри раҳпӯву сӯхтаи Аллоҳи Бузург Одилбек ба писараш мегуфт:

– Он чӣ ба одамон медиҳӣ ҳеҷ гоҳ намемирад! Сард намешавад! Нобуд намегардад!.. Ва палави гарм бар сари ҳар девори ин диёр чашмбароҳи ту аст... Оре!... Оре!... Аллоҳ Бузург аст! Ва Ӯ намегузорад, ки ин палав сард шавад!...

Ва инак, писарак ҳамон палави ҳамеша сӯзону бар сари девор нигаронро ба ёд овард...

Ойҳҳҳҳ!... Агар инак, он палави ҳамеша сӯзон мебуд... Аммо ҳавопаймои амрикоӣ он палави ҷовидониро низ пора- пора кард, кушт... Ойҳ!...

...Ин дам осмонҳо тира гаштанд ва шиҳобсели бекарон хомӯш шуд, ба охир расид ва ситораборони дархашму бераҳм нобуд гардид...

Ва Китоби Ниёишҳо аз сӯхтану дуд кардан монд...

Ва аз шабнаму боди пиряхҳо рутубату нам расид...

Ва Набиштаҳои Куҳани Он то поён бо оташи осмон сӯхтаву кушта нашуда буданд...

Ва Ниёишҳои Куҳан Пешгӯйии Оташпарастон ҳама рух надода буд интизори расидани Соати Созгор буд...

Писарак Муҳаммад Қандил дигар батамом хушк шуд, пажмурд, аз по афтод ва устухонҳои бемадору гуруснаву

афгорашро бар сари кӯҳи сарду бараҳнаи Чароғ дароз кард ва хост ҳамешаву бебозгашт дар оғӯши хоби жарф ё марг фурӯ равад ва бо пайвандони куштаву сӯзонаш ҳамроҳ шавад...

Аммо пешгӯиҳои норасидаи Китоби нимсӯзи Ниёишҳо инак ӯро беш аз як хоб ё марги дилхоҳ ҷалб... ҷалб... ҷалб мекард...

Зеро мори интиқом дигар ӯро заҳр намезад ба тапу талош намеовард...

Зеро дар сари кӯҳ андаруни боди ҷаҳонгарди шабона вай навмедона бо тамоми ҳастиаш – рагу решаҳои ниҳону устухонҳои гушнааш дарёфт, ки ҳама одамони рӯйи замин – кушандагону кушташудагон... некону бадонро дӯст медорад, ба онҳо дилаш месӯзад... Ва боз андешид, ки шиҳобҳои паррону ситораҳои резон ҳамон ҳавопаймоҳои дуру афтони тамаддунҳои бо гуноҳи бадбиниву зӯроварӣ мурдаи берун аз ин ҷаҳонанд... Ийхххҳҳҳҳҳҳ!...

Аммо Китоби Ниёишҳо ... ӯро фаро гирифт...

Аз ин рӯ вай Китоби тобзадаву дутошуда... вале ҳоло зиндаро! ҳоло тапандаро! бо Пешгӯиҳои хатарноку ногузираш ба даст гирифт...

– Ай Худои Бузург! Ваҳшии хунхорро бикуш! Аҳриманро! Шайтонро бикуш! Алҷусаси говсару!... гурозчашму!... пилгӯшу!... оҳушоху!... шутурмурғ гардану!... шерсинаву!... буздуму!... уштурпоро бо асои Мӯсову муҳри Сулаймонаш бикуш!

Ай Худои Бузург! Кушандаи одамону кишварҳову дарахтону сангҳову обҳову парандагону моҳиёнро бикуш! Амрикоро бикуш!... Бигзор ҳама ҳавопаймоҳои сӯзон бар сараш фурӯ резанд! Ва биноҳои осмонбӯси ҳарису ғалтонаш дар оғӯши регистони фаромӯшӣ фурӯ раванд!...

Ситораборони бешумору шиҳобсели бекарону афтони

ҳамасӯзро бар сараш фурӯ рез!

Фурӯ рез ва дар уқёнуси беҳудуди ситораҳову шиҳобҳои афтон нопадид гардон...

Ва аз онҳо уқёнусҳо оташ мегиранд, исён мекунанд, бармехезанд, аз соҳилҳо бадар мераванд ва заминҳо... кишварҳои пур аз одамони бадкору бадхоҳро дар худ фурӯ мекашанд.

Ва ин воҳурии Об бо Оташ аст! Тӯфону Оташ! Танҳо чӯпонҳо бо хубрамаҳои рӯзидеҳашон бар сари кӯҳҳои барфпӯш мемонанд...

Ин дам кабки кӯр ногаҳ андаруни бедқафаси намноку сахту сард бедор гашт ва бо садои беосеб ва тару тоза ба хондан даромад, болу пар зад, чархид ва бо лаҳни софу марғӯладору рангбарангу саршор ба чаҳ-чаҳ омад...

Ва ин чаҳ-чаҳ нагзошт, ки писарак ба хоб равад ё бимирад...

## НОВЕЛЛАҲО



## ЧОЙХОНАИ ЛАБИ ҶАР

***Ин достонро ба Сергей Овчинников –***
***дӯсти дилпазирам, табиб ва адиби худодод,***
***ҳимоятгари забони русӣ мебахшам.***



*...Ваҳми марг кори шаётин аст. Маҳз онон дар дилҳо воҳима меангезанд, то одамон аз умеди шафқати Худованд маҳрум монанд...*

***Пири Оптин Никон***

*Бимиред, бимиред, аз ин марг матарсед,*
*Ки аз хок бароед, самовот бигиред.*

***Ҷалолиддини Румӣ***

Дарвеш чунин гуфт:

– Дилбохтагии инсон ба рӯзгори заминӣ гуноҳ аст. Ҳосили он – ваҳми гиребонгир аз марг...

Аё инсон! Аз чӣ ин қадар андуҳгинӣ, нолаву шеван дорӣ ва соати абадӣ падруд гуфтан ба хонаи падар чор сӯй бо ҳарос менигарӣ (Худовандо, наход ин ҷудоӣ абадӣ бошад?)

Баданатро, манзили равони ҷовидониро тарк намоӣ-чӣ?

Дарвеш боз гуфт:

– Ҳамаи Паёмбарон – ҳамаи Омӯзгорони Аҳли башар чӣ тавр зистан меомӯзонанд инсонҳоро...

Аммо худат гӯй: кадоме аз Паёмбарон маро мурдан омӯхт, чӣ тавр тарки ҷаҳон гуфтан ёд дод?

Ва гуфт, ки куҷоҳо бояд равам?

– Кош Офаридгор ҳеҷ набошад, як Муаллими Маргро ба замин мефиристод, то рафтану кандани ҳар як ҷони ҷовидонаро аз тани бечораву беоқибате, ки ба он ин қадарҳо ҳар як инсони рӯйи заминӣ хӯ гирифтаву дар он манзил гузидааст, меомӯзонд.

Ниҳоят: мерасад он лаҳзае, ки ӯ бояд бо хона, бо лонаи азалии равони хеш, чун бо лонаи он мурғ и бегуноҳ

падруд бигӯяд...

Расид қадами марги ман, вале надонам, ки ин меҳмони атиқаи дар танаш пироҳани кашмирии аз доруҳои бӯйгину пур аз куя ва ба ҳар риштае кирми пе-чон часпидаро чӣ навъ пешвоз бигирам?

Як абрселаи малахии аз кӯли Араломада андоми варо фаро гирифта ва ба чашми сарат мебинӣ, ки фавҷи ҳазорон малах лаҳзаи аз дари ҳуҷраи хароботат бо та-бассум берун гаштанат рӯёрӯят меоянд ва бо уд лаҳзаи ширину гуворои маргро меоварад ва ту ҷисми дар пар-воз будаи малахбунёдро сила мекунӣ?

Он пири сухандону сухансанҷ Дал гуфта буд: марг анҷоми ҳаёти рӯизаминӣ, лаҳзаи аз ҳам ҷудо гардида-ни рӯҳ ва тани инсон аст...

Марги одам фарҷоми рӯзгорони ҷисм аст, давраи эҳё, гузариш ба абадият аст... Инсон ба рағми марг тавлид мешавад, вале барои ҳаёт, барои рӯзгорон фавт мегар-дад.

Дарвеш бо оҳанги итоат мегӯяд:

– Инак ин ҳаёти ҷисмонии хешро, ки чун сури дарозо буд, анҷом медиҳам ва мехоҳам риштаи онро бо тантана ва бароҳат канда кунам.

Рост мегӯям, чӣ қадар одамон дар ин рӯзгорон ба ман ёрӣ дода буданд, вале рӯзи маргам кӣ маро тасалло ме-бахшад?

Аё Бародарам, ту магар худкушӣ мекунӣ? Мехоҳӣ ҷисми бемори худатро, ошёни вайронаи ҷонатро оташ занӣ? Ҳушёр бош, ин қабил одамонро Парвардигор маҳкум мекунад. Воқеан, магар ҳаст падаре, ки худку-шии фарзандашро хоста бошад?

Аё Паёмбари беноми Марг, биёву маро ба дунёи аба-дият, ба олами сукути доимӣ, ба муҳити пурасрори охи-рат гуселон... Ончунон ки модари ҳанӯз ҷавонам маро айёми бачагӣ ҷониби кӯдакистон мегуселонид... Аммо

Худои ман, оё Охират ҳамин ҳаст?...

Аё Паёмбари марг, агар ҳаёт худ иду сур бошад, он гоҳ марг ҳам тантанаи абадист? Ҳамин тавр не, муаллими марги ман?

Ва ҳам Дарвеш мегӯяд:

– Тамоми одамон ба биҳишт мераванд. Ҳамагӣ!

Оре, ҳам гуноҳкорон ва ҳам покон! Биҳишт мераванд, қисматашон ҳамин аст...

Дӯзах танҳо моли замин аст...

Ман ҳам акнун ин дӯзахи зудгузари заминро убур кардаму ташнаи дидори биҳишти ҷовидониам...

Аё Бародар, намедонӣ, ки қабл аз Биҳишти ҷовидона Рӯзи Қиёмати пур аз Ваҳшат аст, рӯзи ҷавоби гуноҳҳои содир кардаи туст...

Ту сархушу саргарм аз маи гунаҳ шуда, Рӯзи Қиёмат ва мукофоти амалро аз ёд баровардаӣ?

Машав ғофил, ки дар боло Худо ҳаст, фардо дӯзаху рӯзи ҷазо ҳаст.

Мехоҳӣ, ки аз мурофиа, бидуни авфу омурзиш бигзарӣ... Дар ёд нигаҳ дор: дари ҷаннат танҳо баъд аз Ҳукм дар рӯзи Қиёмат ба рӯят боз хоҳад шуд ва он гоҳ ту ба саодате мерасӣ, ки то рӯзи таваллудат рӯйи замин доштӣ... Оре, чунин аст! Кӣ огоҳ аст аз роҳи тай кардаи ту то гаҳвора, то дар батни модар, то дар бачадони он модар дур аз гуноҳу савоб пайдо шуданат?

Медонӣ? Намедонӣ. Ва кӣ огаҳ аст аз роҳу пайроҳаҳои охират?

Ай Худои ман! Ту мабодо роҳи то ба гаҳвора расиданро бо роҳи охират баробар карда бошӣ? Ё воқеан ҳам ин ду роҳ як роҳ аст?

Наход ин чунин як сиррест, ки касе дар рӯйи замин онро накшояд.

Эй Бародар, ту ҳам беҳуда зӯр назан, магар намедонӣ: он чиро ки насиби диданаш нест, инсон онро намебинад?

Аммо баъд!

Иловааш нест, ниҳоят аз рӯзгори сангини рӯйи замин ва ҳамаи айшу тараби он хаста гардидӣ ва тарки онро мехоҳӣ, аз сарҳад гузаштанро фикр мекунӣ…

Воқеан, пирӣ ҳам туро паршикаста сохт, маризиву беморӣ ва боз ҳазору як ҷудоиҳову видоъ гуфтанҳо бо хешу ақрабо ва одамони дӯстдоштаат ҳолатро хароб карданд.

Ва акнун ту мулоқоту дидорбиниҳои бетанаффус ва зиёфатҳоеро орзу мекунӣ, ки дар онҳо паймонаҳо ҳаргиз холӣ набошанд? Ва дӯстонро ҳам хоб набарад? Оре?

Ва ниҳоят аз он ҳуҷраи бечораҳоли поизии хеш сар ба берун мезанӣ ва ба истиқболи он Лӯлидухтари дар танаш пироҳани кашимирии аз доруҳо бӯгину пур аз куя, бо як лутфу меҳрубонии хоссае, ки дар иҳотаи селаи малахҳои чандинпару сахтчангол қадамзанон ба оянда… мебароӣ…

Ӯ гирди сараки мушкини хешро бо рӯймолаки сунбули ирамӣ барбаста, туро ба оғӯш мегирад ва бо печутоби моргуна, ончунон ки модари ҷавон ба тифли хеш мегӯяд:

– Бачаҷонам! Агар ту аз ин рӯзгори заминӣ дилбазан гардида бошӣ… Агар гирифтори дарди бедармон шуда бошӣ… Ва гар ту бадии беҳадду ҳисобро ёр гашта бошӣ ё дар баҳри ғаму андуҳ ғарқ мешуда бошӣ… Ва он гоҳ биё, бо ман бирав, бачекам… Барраяки кӯҳдомани ҷовидонӣ… Аммо агар дар пиёлаи ту ҳанӯз ҳам як қатра май сархуш бошад… Агар ту бачаҳоятро, занатро, набераҳои худатрову ҳамсоягонатро ва одамони шаҳру деҳоти дуру наздикро, боғистонҳову биёбонҳоро то мағзи устухонат дӯст дошта бошӣ… Агар видоъ гуфтан бо дарахти олучаи шукуфони лаби дарёву ғав-ғуви занбӯрони асали ирамиаш мушкил бошад… Ва агар ди-

лат ба ҳоли маркаби сараш хамгашта, ки як замон ҳамроҳаш деҳа ба деҳаи кӯҳистон мегаштӣ ва ҳам ба он саги аз бори вафодорӣ ба сукут афтодаат, сӯзад... Он гаҳ паҳлуи ман нагард чанде боз...

Рӯзат, ки ба анҷом расид, ман меоям.

Ҳамон рӯзе меоям, ки саг аккос мекунад ва харат ҳангос.

Бубин, ҳарду ҳоло хомӯшанд, зеро ки соати фарҷом нарасида.

Вале ман аз паҳлуи ҳуҷраҳои саршор аз андарзи ҳакимон зуд-зуд мегузарам ва бо онҳо суҳбат мероям... Чӣ илоҷ, ба ҷуз ман боз кӣ метавонад ҳамсуҳбати онҳо бошад?

Эҳа, Ҳаким Хоҷа Зулфиқорӣ? Дар ин кишвар бо ман метавонӣ ширин суҳбат биоройӣ ё на? Ё боз бо кадоме аз ҳамхобаҳои шабонаат чунин шаҳдвор гуфтугӯ дорӣ?

Ҳарчанд шаҳди маргякнавохт аст, шаҳди зан садна-вохт... Аммо шаҳди марг аз шаҳди муҳаббат ҳам гуворо-тар аст...

Оре... Оре... Оре.

Вале боз мепурсам: кӣ маро то ба оғӯши маргам мера-сонад, кист он ки дар чунин соати бемонанду фаромӯшнопазир маро танҳо намемонад?

Падару модарам дар роҳҳои охират роҳнамун шу-данд, бачаҳоям рӯйи замин пароканда, ёде аз ман наме-кунанд, балки дар ғами фарзандони худашонанд...

Марги ману ҳолати танҳоии ман куҷову онҳо куҷо?...

Ва боз мепурсам, кӣ маро ҳамон сӯй гусел мекунад?

Кист он роҳнамой?

Ҳамон роҳҳои охиратро кӣ медонад, ба ман гӯяд, то ки мисли шабҳои тираву торики бемаҳтоб дар пайроҳаи кӯҳистон раҳгум зада, пешпо нахӯрам? Ин насиби танҳоии вопасини маро бо ман кӣ насиба мекунад? Мис-ли он ки ба рахти ошиқонаам як замоне занҳое бо ман

мехуфтанд, имшаб, ки ман мемирам, паҳлуям кӣ мехуфта бошад?..

Аё Худои ман! Ту?...

Танҳо Ту...

Сад ҳайф, ки Туро намебинам, намебӯям…

Аё пири хирад! Ин аст саодати бузург, ки вопасин лаҳзаи умрат ту танҳо бо Худо – бо Падари Абадии худ мемонӣ ва ба ҳеҷ нафаре аз инсонҳои умрашон кӯтоҳ ва фонӣ умед намебандӣ? Ё на?

Ё магар ту дилбохтаи офаридаҳои Худованд, на худи парвардигори зиндаҳову мурдаҳо?...

Хулоса ҳамин аст, ки фониҳоро аз Ҷовидон бештар дӯст медорӣ?

Яқин аст, ҳар ки фониҳоро дӯст медорад, худаш фонист...

Ва Пири хирад боз мегӯяд:

Худовандо! Ҳамон лавҳаи хотираамро батамом ҳамвор кун, ба ҷуз ёди он ки Яккаву Ягона аст ва ба ман имкон бидеҳ то ҷӯшу хурӯши рӯҳафзои ҳаётамро якбораву яксара ва ба шодмонӣ фаромӯш кунам…

Ё магар косаи оби софи чашма – беҳтарину гуворотарин шарбатро надорад ва он ширинтар аз маи ҳазору якрангаи хуморшикани ангубинтаъм нест?..

Наход ки ту ҳам дар дами маргат на аз оби чашма, балки аз маи ғуборолуда мехӯрӣ? Эҳа-а-а!

Ва ҳам акнун агар ту тамоми азизони дилбохтаи хешро фаромӯш кардаӣ ва ёди ширин рӯзгорони рафтаро аз хотират зудудаӣ ва ҳам оқибат дарк кардаӣ, ки ҳаёт худ хоби гузарон, барфу борон, як лаҳза, ҷӯйча, як абри тезгузар, як лаҳзаи мадҳушии тарёккашандагон аст, он гоҳ бирав ҷониби кӯҳсорон, аз пайи галаи чорпоён, ки баҳорон сӯйи марғзорони баланд роҳ мепаймоянд… Ана, мебинӣ, инҳо лақайҳо – чӯпонанд ва сокиту хомӯшанд! Паҳлуяшон сагҳои чӯпонии гургшикор, онҳо

туро мешиносанд ва сӯят бо меҳр менигаранд, аккос ҳам намезананд, фақат думҳои нуқрафоми буридаи худро бо ифодаи меҳри сагона меликконанд, зеро медонанд, ки ту охирин бор рӯйи ин замини баҳория қадам мениҳӣ...

Баҳ-баҳ!

Чӣ дилфиребу азиз аст сарзамини обшорону зиндарӯду зиндазои тоҷикон ва дар он ҳазору як ҷӯйборону обшорон бо ҳам даромехтаву бо ҳам ҷӯр шуда, рӯи синаи он ҷорӣ мешаванд ва ёду ҳушатро мерабоянд, рафтан намегузоранд...

Охир, ман ҳам боз омадам паҳлуят, бар бағалат, кишвари ҷонпарварам, гаҳвораам, турбатам, хокам!... Чаро ту хаёлам парешон мекунӣ, рафтан намегузорӣ?..

Ёҳуу! Ё Аллоҳу Акбар! Ё Парвардигор, мадад...

Алҳамдуллилоҳи раб-ул-оламин!

Аё Парвардигор! Эй Офаридгори олам! Омадам ба даргоҳат! Бандаи гумроҳи хешро қабул фармо...

Аммо баъд!

Шояд дар пардаи зарандудаю нуқрафом ва бодомранги тумане, ки аз ҷониби кӯҳсорони лоҷувардии Помир, ки дар паси пуштаҳои Данғара ва ё Кӯлоб ва аҷаб не, теппаҳои Ванҷ баромада бошад...

Ана, дар мағзи ҳамон тумани атласу шоҳӣ ва ҳам махмалпӯши пурфароғат ба ногоҳ пеши чашм ҳамон як Чойхонаи паррон пайдо мешавад...

Ин аст он! Эҳаа!

Баҳ-баҳ! Чойхонаро бин!

Чойхонаи лаби ҷар! Ҷари бетаг!

Бубин, гӯё рӯйи гилеми афсонавӣ ҷо гирифта мепарад ва ба пайроҳаи танге дар қуллаи кӯҳ, дар лаби ҷари бетаги ваҳмангез мечаспад ва муаллақ мемонад – мисли лонаи як мурғи бузурге дар лаби ҷари бетагу тор... Худоё, болои чӣ устувор аст он? Онро чӣ нигоҳ медорад? Аз

чӣ он мисли мурғ и тирхӯрда поин намеуфтад? Чаро?

Онсӯтар, дар сари пайроҳа қарағочи ҳазорсолаи чинӣ аз боди доимвазандаи кӯҳсор хаму рост мешавад, дар анбӯҳи шохаҳои он ҳамеша як қабза морон дар печутобанд ва як Маркаби Сафед ва як Модауштури Оташранги гӯшбурида ва як барзагови Сафед... ё Баҳмути Сафед ба дарахт тавила шудаанд. Аз зичии туман аниқ гуфтан маҳол...

Дар ин гӯша аз куҷо афтода бошанд?...

Эҳа! Оҳо!

Ҳар чӣ набошад, морони Қарағоч аз тарси ин Чорпоён дандонҳои заҳрноки худро паноҳ медоранд...

Аммо ман бо як ҷаҳон шодиву фараҳ ба Чойхонаи бароям вопасин ворид мешавам. Наход? Вопасин?

Эй Худои ман!..

Вориди Чойхона мегардаму аз байни дуди роҳатбахш ба гӯшам садоҳои ҷарангосии мастона-мастона мерасанд ва мавҷи гарми муҳаббату нишот андоми маро фаро мегирад...

Он мавҷи ҷонбахши муҳаббати бузурги инсонӣ ё аҷаб не, фариштаҳои осмон сару рӯямро палмосид ва маро бо худ бурд ва ман рӯ-рӯйи мавҷи дарёи гарм, ё байни ду кафи дастони меҳрубони модар обӣ шудам, чу тифле, чу тифле, чу тифле...

Шино мекунам ман...

Баҳ-баҳ!

Бингарам, болои суфаи лаби ҷари бетаг, болои гилемҳои форсии сурати товусдори қадима нишастаанд. Онон, печида ба пардаи дуди равонбахш, вале боз ҳам падар дуд чеҳраҳошонро намегузошт шиносам, на... Чунин фикре чу барқи доманадори касро ба вартаи хоби дудолуда меафканда маро таконе дод: ин ҳама гилемҳои шоҳонаро ба ин чойхонаи сари харсангҳо кӣ оварда бошад?

Вале ин чӣ насими форами меҳру муҳаббат аст, ки аз ҷониби ин порчаҳои мунаққаш сӯям мевазанд ва ба хеш ёди айёми дар гаҳвора хуфтанамро меоранд. Гӯё ки анбӯҳи модарону падарони ман гирди ҳам омада бошанд ва ба ҳам ҷӯр шуда, мани сарсону саргардонро бо нидову нигоҳҳои пурмеҳр ва дастони имдодбахш меҷӯянду меёбанд ва ба оғӯш мекашанд...

Иқрор мешавам, ки дар рӯйи замин муҳаббатҳои зиёд дидам. Охир, одам ҳам аз гӯшае ба гӯшае ба ҷустуҷӯи меҳри бӯйи гаҳвора доштаи модариву падарӣ мекӯчад. Ман ҳам аз пайи меҳри одамон басе мулкҳоро сар ба сар гаштам ва ишқҳо варзидам. Гоҳо чунин буд, ки дар баҳри он ғарқ мешудам, ончунон дилбохтаи одамон мегаштам – то ҳадде, гӯё ҳамхун бошем...

Аммо ҷӯшу хурӯши меҳру муҳаббати инсонҳоро бо чунин шиддату ҷараёни беҳудуд маҳз дар ҳамин Чойхонаи хаёлӣ ҳис кардам, ки дар рӯйи замин ҳаргиз надидаам...

Хаёлам, гармсели беҳудуди аз бағали майдонҳои Ҳисору Ромит, ки акнун барфҳояшон об шудаанд, сӯйи ман вазид ва сару рӯямро гарм-гарм палмосида, ҷониби осмонҳои нилуфарӣ равон гардид...

Чӣ роҳате, фароғате!

Вой дод!

Бубинед: Чойхоначии ришсафеду кушодачеҳру барфдандон маро чун бузургбародар ё падар ба оғӯш мекашад...

Пасон як коса шӯрбои гӯшти бузи ҷингилапои қипчоқидоштаро ва як пиёла майи Шаҳринавро ва ниҳоят чилими оғӯшта ба дуди борикпарвози товусхиромро ба қалёнаш меовараду ба наздам мегузорад. Оҳ, ин чилим – пистони модар аст барои кулли одамон...

Эҳааа!..

Ман аввал бо лабонам ҳурту фурткашон шӯрбои

гӯштибузиро ҳарисона мехӯрам. Пасон майи то лаби пиёла ҷӯшону парешони куҳанро дам мекашам. Ниҳоят: ҳамон пистони серрагу пайи товусхироми дар шарён дуди тарёкдоштаро ба даҳон мегираму мемакам...

Аҷаб ширину хуморист ин ҷони дар шарён равони донаи хашхош, кӯкнор, лолахасак, лолахасак...

Оҳиста, ба тадриҷ меравад, то рагу пайи тани ман – ҷониби шуш ва шарёнҳоям...

Шоҳрагҳои ман сари ин ҷӯйбори хуморбар анористон гардидаанд. Ҷони ман ҳоло комилан дар ин маҷро равон аст. Равон ва ин лаҳза афроди ғариқи дуди кофур ҳама ба чашмам муҳиббу азизтар аз кулли одамизоданд...

Ин чӣ савдоест, эй вой!

Наход ин донаи нор ба хотири афзудани меҳри одамон безида аст...

Оре! Оре! Оре!

Эҳа!

Эй донаи нор, бар ман гӯ: инҳо кистанд?

Эй донаи нор, бигӯ! Медонӣ?

Он чеҳраҳои босаодат, бошафоат, лек дар ғалаёни дуд паноҳ мешаванд, садоҳошонро низ дигар шинохтан наметавон, канда-канда, ҷуръа-ҷуръа ба гӯш мерасанд...

Аё донаи нор!

Кистанд онон? Кӣ?

Ончунон ки пирони куҳанзамини хирад – хохомҳо, яъне кашишҳои яҳуд мегуфтанд: намедонам... намедонам.... намедонам...

Наход ҳамон падарам – Қосим, ки айни ҷавониаш кушта шуд, ташриф дорад?

Эй донаи нор!

Ё модари ба ҷон баробарам Людмилаи дар пирӣ аз ҷаҳон рафта ҳаст, ки ба суроғи писараш омадааст, то дилашро таскин диҳад ва мисли даврони бачагиаш ӯро гуселонад.

Эй донаи нор!..

Ё аҷаб не, дӯстони азизи фавтидаи ман омадаанд – Бору! Ботур! Роберто, Акмал! Ирина! Анвар!

Омадаанд ба хотири дилбардорӣ ва осон кардани лаҳзаи ҷонкании ман?

...Темурҷон!.. Темурҷон!.. Бачекам! Натарс...

Мо ба истиқболи ту омадем...

Ин ҷо макони саодат аст, ҳамешагӣ роҳат аст дилкаш...

Аз ин ба баъд мудом бо ту хоҳем буд...

Доимо... доимо... доимо...

Эй донаи нории дудбаробар!

Ман ту барин дудпечам! Ёрони азиз, сӯйи шумо равонаам... чун дуд...

Ё ҳуввв...

Намефаҳмам, намедонам, оғӯшта бар ин кӯрдуди ширину пурҳаловатам. Кӣ будани онҳоро эҳсос намекунам. Вале аз ҷониби ишон чун мавҷи азамати мадҳушкунандаи уқёнус тафсону сӯзанда – сели гарми муҳаббати бузург ба шиддат меояду маро мерабояд...

Эй донаи нор, эй лолахасак!

Бо ман чиҳо мекунӣ!

Эҳааа!

Куҷо меравед: Истед? Куҷо равонед? Мехоҳам ҳамроҳатон бошам, вале ҳайҳот шумо аллакай таҳҷоӣ нестед. Нафас намегиред, ман-ку ҳанӯз зиндаам ин ҷо. Аммо аз даҳони шумо садои нафас гирифтану ҳарорати ҷисми зиндаро эҳсос намекунам.

Он ҷо, ки шумо рӯйи суфа, болои гилемҳо нишастаед, барфи гавҳарсони ғарчафкан хуфтаву об намешавад, ҳарчанд дар худи чойхона ва кӯҳсорони атрофаш баҳорони серобу пурталотум аҷаб дар ғулғулаву ҷунбуҷӯл аст, барф ҳам акнун танҳо дар қуллаҳои кӯҳсор ва дар сояи дарахтони азизи арчаи маҳини зу-

муррадгунаи ман мондаву халос...

Оре! Вай доди бедод!

Рӯҳ ҷовидон аст, вале айёми баҳорон вай ҳам ба ҷунбиш меояд – чун барфобаҳо мешораду мешорад...

Ҳамакнун дили ман аз таъсири донаи хашхош – лола-хасак ҷониби он барф, ки дар рӯйи суфа хуфтааст, майл мекунад ва ноаён аз барфи лаби суфа як мушт мегираму боэҳтиёт, боназокат, вале ҳарисона мехӯраму мехӯрам...

Худовандо! Агар ман ин барфро ба тамом хӯрдан тавонам, шояд онҳо аз чанголи яхбаставу пурбарф раҳо ёбанд ва ту барояшон як лаҳзаи имкони нафас гирифтан диҳӣ?

Худоё! Агар ман барфи марговари эшонро хӯрам ва ҷисми яхбастаашон об шавад ва ҷумла биоянд назди ман, на ки ман равам ҷониби онҳо. Оре!

Парвардигорам!

Наход он дам расид? Расид? Расид? Расид!

Агар чунин бошад, сустӣ макун, Худоҷон.

Худоҷон, ай Худо!

Э, войеее!..

Сипас ҳамон чойхоначии барфдандон, лабонаш моили табассум, табари вазнини дамаш тези пирчинору арча-бурро ба даст гирифта, чор сутуни сафедорро, ки суфа болояшон устувор буд, оҳиста-оҳиста қалам мекунад.

Вой дод!.. Ё ҳууу!

Ва он гоҳ Чойхона ба мисли кулбае, ки шабонгаҳ ба чанголи заминларза уфтодааст: андак-андак мекалавад, мисли қуббаи ақрабак аз як сӯ ба дигар сӯ равуо мекунад, аз ҷо беҷо мешавад ва муддате титу парешон гашта, аз сағраи харсанг ба парвоз меравад. Мисли мурғе, ки пеш аз парвоз худро омода месозад, ё на?

Аз он пас боқӣ мемонад як дуд, абрпорае чун пари товус ё ранги донаи нор лоҷувардӣ, ки он ҳам майли миёни кӯҳсорон пинҳон шудан дорад...

Ниҳоят мебинам, ки Мардони хуштабассум сари дастархон, рӯйи гилемҳо нишастаанд.

Яке – дар тан пироҳани хуршедӣ – Буддо.

Дувум – дар тан қабои арғувонӣ – Исои Масеҳ.

Савум – дар тан бурнуси сафед чун барф – Муҳаммад.

Онҳо се тан буданд, аммо ҳар яке бо лафзи худ – бо дигар забон сухан мегуфтанд...

Ҳарсеяшон сӯям бо табассум менигаристанд ва модарвору падарвор мегуфтанд:

– Эй фарзанди Худо, эй барраи бегуноҳ, мо омадем, ҳамроҳи туем, ҳамроҳи туем... Ҳам дар ин ҷаҳон, ҳам дар он, ҳамроҳи туем, эй фарзанд, эй баррачаи мо, натарс, ваҳм ба дилат роҳ надеҳ...

Ҳамроҳи туем!

Мову ту– якем...

Ё Мавлоооо!

Ва он гаҳ Чойхона канда мешавад аз кӯҳ, аз ҷар ва мисли харсанге ҳангоми сангрези бузург дар кӯҳистон – ба парвоз меояд аз теғае ба теғае меҷаҳад ва чун шораи обшори азими кафкборон хешро бо ситез меафканад ҷониби ғори бетаг.

Оре? Ё сӯйи осмонҳо мекунад парвоз?

Намедонам... намедонам... Комилан ноогоҳам, бениҳоят шодмонам, ки намедонам... Эҳааа!

Аммо ҳамон қолинҳои товусранги шоҳонаи форсӣ дар фазои беинтиҳои лоҷвардӣ ба ҷавлон меоянд ва печутоб хӯрда онҳоеро, ки болояшон нишаста буданд, лӯлапеч мекунанд – мисли бистарҳои нақшини бухороӣ, ки хуфтагонро шабона паноҳ медоранд...

Ва он гоҳ Чойхоначии ҷавони ришаш чун гандуми наврустаи баҳорӣ маро ба оғӯш мегирад ва аз риши ӯ ба машомам бӯйи усмаву ҳинои аъло мерасад ва чеҳраи маро низ атрогин мегардонад...

Ва ба сухан меояд он ҷавон, ба гӯшам пичиррос меза-

над:

– Аё фарзанд, баррачекам, натарс, наҳарос…

Бародари бузургат Азроил ҳамешаву дар ҳама ҷо – бидуни ҳад шодмону масрур – паҳлуи ту хоҳад буд, паҳлуят, паҳлуят…

Ҳам ҳимоят мекунад, ҳамрадифат мешавад, то ту осебе набинӣ…

Андаруни ин ҷари бетаг мурғони лошахӯр ва уқобони ришдор пинҳон гашта, интизори тану тӯши беҷони туанд!

Астағфируллоҳ!

Аммо мурғони атиқаи фаногаштаи зардуҳуштии мурдахор туро, ки ба ҷовидон рафтаӣ, дигар кордор намешаванд!... Зеро аз онон абадан дур фитодаӣ…

Чойхонаи ту ҳам бо суфааш на ҷониби замин, балки сӯйи осмонҳо мепарад… Эҳааа!

Чаро? Зеро ки се Паёмбари Азалӣ наздат омаданд.

Омаданду туро то биҳишт гуселонанду пасон болои гилемҳои нақшини форсӣ нишаста, парвозӣ рафтанд.

Ҳаминҳоянд онҳое, ки аз падару модарат ҳам ба ту қаринтаранд.

Ҳаминҳоянд Модар ва Падари ҷовидонии ту…

Туву онҳо тавъамонед…

Ё ҳуввв!..

Аё Худоям, Худоҷон, Худоҷон, Худоям!

Эй фарзанди одам!

Агар хешро дар ин рӯзгорон аз яккаву танҳоӣ хаста дарёфтӣ…

Агар ту аз селу ғалаёни саодати беинтиҳо дилтангу бефараҳ гардида бошӣ…

Дар ёд гир: ин ҳаёти тезгузари рӯизаминӣ барои ту маҳз аз он ҷиҳат ато мешавад, ки одамонро якояк дӯст дорӣ, гирди худ хешу ақрабо ва муҳиббонатро ҷамъ биоварӣ – ба хотири фардоина умри ҷовидонӣ…

Дар боғистонҳои Ирам ҳам бо ҳаминҳо фароғату саодат хоҳӣ дид…

Худоё! Он рӯз кай мерасад?..

Аммо!

Агар ту тамоми одамони рӯйи кураи арзро чун хешу пайванд якояк дӯст надорию дар рӯйи ин он танҳо ҳамхуну муҳиббони хешро бо умеди расондан ба ҷаннат гирд оварони, роҳи ту бозгашт ба замин аст… Ва он Чойхона ҳам, ки лаби ҷар буд, боз пешорӯят намудор мешавад!..

Эҳааа!..

Аммо ман рӯйи замин гирд овардам муҳиббони хешро… хешу табор ва муҳиббонам…

Вале ба замин ҳам дигар барнамегардам…

**МАРГ НЕСТ**



Ман акнун омадам, шодон омадам ба кӯҳсорони бароям азизи Хоҷа Обигарм, мурдан омадам... Зеро гирифтори маризе шудам – қаттол, ҳамроҳаш марги маро овард ин дард.

Дар хаёлам: акнун танҳо манзараи кӯҳсорони Хоҷа Обигарм аст ва бузакон бар теғ абанди онон...

Оваҳ, куҷоянд Паёмбарон – Омӯзгорони одамон? Наход марги танҳо ёдашонро аз лавҳи хотири ман ронда аст, чунон ки як шубон рамаи сархамро меронад.

Ҳамон Наҷотбахш Исо ва Муҳаммади Алавсон ва низ Буддои зикраш беохир куҷо шуданд?

Наход ман мондаам танҳо бо маргам?...

Наход дӯстонам дар вопасин соати рӯзгоронам аз ваҳми марги ба атрофам чаранда ба ҳарос омадаву тарки ман гуфтаанд?

Эй марг, чӣ сирре дар ту ниҳон аст?

Наход асрори марг бештар аз сирри ҳаёт аст?

Наход зиндагӣ худ дар асл ҳазору як имкони марги гуворост?

Марг – зулмот, ҳаёт – равшаноист.

Наход зулмот авлотар бошад аз равшанӣ?

Наход шаб волотар аз рӯз аст?

Ай шоир, чӣ қадар панду андарз гуфтаӣ. Ай пири хирад, вале назди марг – гадоӣ, урён чу саҳроӣ, хамӯшӣ...

Наход тарси марг гурезонда бошад заковату чашмаи илҳоми ашъорро?

Ва акнун лол мондаӣ қабл аз маргат? Куҷоянд ҳарфҳои ҷовидона, ки аз даҳонат чун шуъла мерехтанд? Чаро акнун лабонат берангу пажмурдаанд?

Оваҳ, панду андарзи ин замин худ чист – гард аст, чанги рангубори ба фано рафтаи гул аз андоми дарахтон дар фасли баҳорон аст...

Оваҳ, наход ҳикмати дар рӯйи замин андӯхта ҳеҷ аст пеши ҳикмати Осмонии Офаридгор?...

Василаи ҳифозат нест? Аз марг раҳой нест?

Худоё…

Ман ба кӯҳсорони бароям азизи Хоҷа Обигарм, ки рӯйи шона бузакони ҷингилапо доранд, менигарам. Пай мебарам, ки дар дили ман ҷуз ҳамин кӯҳсорон ва ҳамин бузакон чизи дигар намеғунҷад…

Воқеан, Паёмбарон куҷоанд? Чаро гуфтаҳои онон, ки то расидани соати маргам таскини дилу роҳату рӯҳбахш буданд, акнун садо намедиҳанд? Ашъор куҷост? Ҳикмат ку?

Куҷой, Худовандо, Падар – Парвардигори кулл?

Őнчунон ки ҳар як инсон падар дорад, Инсоният низ соҳиб аст ба Падар – Офаридгор!

Туй, Худои ман?.. Ту!

Ман ҳам акнун бармегардам назди Падар, вале чун тифл хоҳонам, ки зи домони модарам бигирам аввал, гармии дастонашро кунам эҳсос…

Ҳайронам, ки наход падар аст, марг…

Ҳаёт аст модар?...

Бубин: ту як умр аз танҳой метарсидй ва аз он ҳарос доштй, ки мабодо хонаат холй нагардад ва туи танҳо бо марг рӯ ба рӯ наой…

Аммо марг ба дасти Худост, пас ту аз танҳо мондан бо Худо ҳарос дорй?...

Парвардигорам, ту гуфтай: аё, инсон, агар хонаи ту аз аҳли байт ва дӯстон тиҳй гашт, дон, ки анқариб меҳмони вопасини ту – марг меояд…

Пироҳани ваҳм танатро мепӯшонад ва ту худро якка-ву танҳо хоҳй дид… Зеро марг ба мисоли ғоратгарест, ки ба хонаҳои холиву бесадо медарояд ва танҳомондагонро бо худ мебарад…

Ҳамин лаҳзаи гирифтории тарсу ваҳми гарон фикре ба сарам зад не: не, охир, сари болини ту на марг, балки ҳамон Падар – Офаридгори кулли инсоният меояд… то

ки туро бо худ бибарад...

Наход сағ ирае, ки аз падари хеш танҳо мондааст, битарсаду бигурезад?

Аз омаданаш шод нагардад?

Наход ту аз марге, ки вуҷуд надорад, битарсӣ. Аз омадани меҳмони охирин ва абадии худ Падар – Парвардигори ту ва кулли инсонҳо наҳарос...

Охир, ту ҳамон инсонҳоеро, ки Худованд офарид ва фиристод, сахт дӯст доштӣ. Вале аз дӯстдории худи Парвардигор меҳаросӣ ва муҳаббати ӯро эҳсос намекунӣ.

Ёд дор! Марг вуҷуд надорад, вале ҳаст як ҳолати гуворои ғӯтта хӯрдан ба баҳри андешаи илоҳӣ, ки ҷисми туро ба худ мекашад...

Ин кори Худованд аст, ки туро орому ноаён ба оғӯш мегирад – шабеҳи модару тифли навзодаш...

Магар ёдат ҳаст, ки чӣ тавр модарат туи лӯлакпечро гарм ба оғӯш мегирифт ва аз синааш шир мемаконд?...

На, ёдат нест. Айнан ҳамин тавр: ту Офаридгорро, ки вуҷудатро ба оғӯш мегираду навозиш мекунад, намешиносӣ.

Ниҳоят, ту оё мебинӣ ҳамон Пайроҳаи дурахши алмосидоштаро, ки сӯйи Ҷовидон мебарад? Оё ба пайроҳаи лоҷувардии кӯҳсорон шабеҳ аст? На хайр, ту ба хотири шинохти Худо ба ин кӯҳсорон қадам ранҷа фармудаӣ, вале гумон кардӣ, ки мурдан омадӣ... Баргӯй, ки ту чаро ба амвоҷи булӯрини рӯди Сиёма бад-ин тарз гуворо менигарӣ?

Оби дарё оинасон аст – ҳар як санги қаъри ин маҷро нилуфар ҳасту моҳии шиновар, мори афъии обӣ ҳам, ки мисли обсабз печону тобгардон аст...

Аз чӣ бошад, ки алҳол сараш рӯ ба рӯйи ин амвоҷи қарину хунталош мечархаду мегардад?

Наход ту дар фикри худкушӣ ҳастӣ?

Ва акнун мехоҳӣ, ки пеш аз муҳлати муқарраркардаи Худовандат хешро дар бағали амвоҷи яхсони рӯдхонаи азизи худ бипартоию ба шиноварӣ бипардозӣ?

На, ман ба кӯҳсорони азиз, ба он ҷоҳое, ки як замоне сар кашидаам, сабзидам – мисли навдаи ток ва акнун мехоҳам боз ба зодбуми хеш баргардам ва боз табдил ёбам ба навниҳоли сармохӯрда...

Он ҷо, ки гаҳвораи ман аст – он ҷо низ қабри ман...

Ҳамон як замин аст – ҳам барои тифл, ҳам барои пирмард...

Вой, дод!..

Ё туро гумоне рафта: ки ман мебоист рӯйи кати касифи бемористони маскавӣ, ки бӯйи тану тӯши мурдаҳову бӯйи марги бегонамардум мекунад – на марги ман – абадан метосидаму мехуфтам...

Ва ман чӣ гуна метавонам ба сари сарчашмаи хеш, ба назди Худованди хеш, ба сарзамину соҳили оби хеш баргардам?...

Оре, дуру дароз хоҳад буд ин турнапарвозҳои ман...

Чаро хомӯш шед?

Аё, ҷонам, ту дар колбади ба ҳукми нестӣ маҳкум гӯиё умри ҷовидона дорӣ, аммо ин қафас акнун вайрон мешавад ва ту ҳам аз манзили хеш фирор мекунӣ, он чунон, ки марди хоболуд бо ҷунбиши шабонаи замин ё сар задани сӯхтор аз хонааш мегурезад...

Аё, ҷонам, озодие, ки осмон мебахшад, дастрас менамояд, вале туро кӣ озод мекунад, гар ба ин кор ман даст назанам?

Ё на манам? Ё манам?

Аммо, баъд!...

О ваҳ!

О ваҳ, ки лаҳзаҳои вопасини зиндагонията дар наззораи кӯҳсорони Хоҷа Обигарми бузакон бар дӯш мегузаранд. Ин ягона борест гарон бар китфи ҷони ба парвоз

омадаи ман, ҷоне ки бӯйи абадиятро эҳсос мекунад, мешамад…

Ай, Худои ман – Падарам, баргӯй: дар таърихи тӯлонӣ магар боре яктояк бузаке аз фарозу шеби кӯҳ поин уфтода ё науфтода…

Гӯсфандону говон аз пайраҳа ба ҷарӣ афтодаанд, вале нафитода як буз ҳам…

Ай, Худоям, ба ман ҳамин хислати науфтоданҳои бузи кӯҳиро ато бинмой…

Аммо илоҷе нест, ман акнун аз Пайраҳаи рӯзгорони хеш канда мегардам…

Наход ки ту аз ҳамин марг ҳаросида бошӣ? Аз ҳамин лаҳзаи гуворотарини ҳаёти кӯтоҳи хеш?

Бигӯ бар ман: то фаро расидани умри гузарои заминиат дар куҷо будӣ.

Дар оғӯши Абадият будӣ, то ҳамон соате, ки падару модарат ба ҳам омаданду туро аз он ҷо бигирифтанд. Акнун ту боз мегардӣ ба ҷониби Абадият…

Бигӯ: ту чӣ сон шиновари дарёӣ, ки лаҳзаи ғарқ шудан ба алафи соҳил панҷа мезанӣ?

Бубин: дарё ҷисми туро мебарад бо худ, чӣ ҳоҷат ба буттаҳои гурезони соҳил даст ёзидан?..

Бигӯ, то ҳамин рӯзгорони хомӯшу кӯтаҳ ҳазорон сол дар куҷо будӣ? Ё ба ёдат нест?

Ҳол он ки ту дар биҳишт будӣ ва акнун бармегардӣ боз ба биҳишт…

Чаро туро аз ин бозгашти бошукӯҳу азамат намешукуфат чеҳра?

Аз чӣ маҳзунӣ, даме, ки хонаи худро печида бар туман мебинӣ?...

Дами дарат Худованд интизор аст…

Аммо ҳакимон мегӯянд, ки пеш аз биҳишт лаҳзаи омурзишу доварист… чун девори боғи Ирам…

Худои ман! Ҳеҷ гуна девор он ҷо нест…

Он боғ и бекарона надорад девори бекарона…

Олами беҳудуд, девор надорад…

Эҳаа!...

Ниҳоят омадам ман ба нияти мурдан дар оғӯши кӯҳсорони азиз ва акнун мехоҳам Устодони бузург ва паёмбаронро ба ёд орам, то ки онҳо маро сӯйи хеш бихонанд ва дар ҳимояташон бигиранд…

Аммо дар сари ман фикри ҳамон кӯҳсорони Хоҷа Обигарм мегардад. Кӯҳбанди бузакон бар дӯш, ки якеш ҳам ҳаргиз аз нишебӣ ба поин сарозер намеравад, вале пойҳои худи ман аз Пайроҳаи Ҳаёт канда шуданианд…

Аё эй, Худои ман! Падарам!... Ҳамин бузҳову ҳамин кӯҳсоронро бигир…

Бигзор ҳамаи бузҳо сарозер шаванд ва кӯҳсорон майда-майда, гард - гард… Худоё, Худовандо!

Кош аз паси қуллаи кӯҳ менамудӣ, лабханд мезадӣ, пеши чашмам бинамо хешро, охир, Падарҷон…

Рухи хешро лаҳзае бикшой, мисли Моҳтоб, Офтоб ё кулли Ситорагон!..

Аммо дар Китоби Муқаддас гуфта: ҳар ки намирад, Худойро набинад!

Ин аст, ки инсони зиндаи нафасгиранда Туро дидан натавонад!...

Худоё…

…Дар ин сурат омадаам бо ҳаёт падруд гӯям, то ба дидорат шарафёб шавам, мешитобам ба новақт сӯйи Ту?..

Оваҳ! Аммо!...

Чӣ қадар мӯнису қаринанд бар ман мавҷҳои поки яхсону нақшини қатраҳои алмосиафкани рӯди Сиёма, ки дил мерабоянд!

Он қадар азизу равонбахшанд онҳо – мисли дастони гаҳвораҷунбони модар, ки дастони баррачааш – тифлро бо лутф лӯлакпеч мекунад…

Ман ҳам аз ҷой ҷаста, хешро меандозам ба авҷи

амвоҷи ғамхори монанд ба дастони латифи модар…

Касе ҳам наметавонад пеши роҳамро бигирад…

Худои ман ҳам маро нигоҳ намедорад…

Марг, наздик мешавӣ бар ман…

Аё марг, ту ба даргоҳи хона истодаӣ ва лабханд мезанӣ. Диламро мерабоӣ, ҳол он ки андаруни хона маро Хоҷаи Бузург, Худованди Ману кулли инсонҳо мунтазир аст…

Худоҷон…

Ниҳоят, ту чанд қадам ба пеш гузоштӣ – сӯйи амвоҷ. Худро ба ихтиёраш додӣ ва басо гуворою сангин кафи обҳо ба гулуят ворид мешаванд, дамат мегирад аз резаяхҳои сарди алмосгуну маргзои булӯрин…

Дасту поят ҳам мешаванд сангин…

Оқибат ҷисми бароят бегонагаштаро дидӣ, ки рӯд рӯ-рӯйи мавҷ мебарад дуртар…

Аз миёни фаввораҳои об ҷони худро охирин бор мебинӣ, ки чу мурғи тобноки алмосӣ болои сарат ба парвоз меояд. Ҷисмат мисли гаҳвораи бетифли холӣ мешавад обӣ…

Аё Худои ман! Равона ҳастам, шиноварам ба сӯят. Агар ту маро хондаӣ, кӣ метавонад пеши роҳамро бигирад?...

Бубин: ту омадани Худоро ба манзилат намегузорӣ, вале худат ҷониби вай равонаӣ, мешитобӣ?

Бо ҳамин корат ҳукми ӯро нофармонӣ дорӣ?

Магар Худованд туро ба гирдоби яхини дарё меафканад?...

Ту хешро бар оғӯши сарди мавҷҳои вопасин мезанӣ. Аммо фарде худро ба паҳлуят мепартояд, аз пайи ту: бадон амвоҷи нуқрафому алмосӣ, бар он яхпораҳои мавҷ…

Ин магар Туӣ, дилбохтаи вопасин рӯзҳои ман?

Аз куҷо меоӣ? Барои чӣ? Соати фарҷоми ту дер аст!

Чаро чунин амалро раво мебинӣ ту?...

Худоё! Оҳ! Бунафшшша! Кумушшш! Нахшабӣ! Хуҷаста! Мумтоз Олла Оммо! Убайда! Латофат!...

Ту чаро савори ин амвоҷӣ?

Танҳо марги ман аст нуҳуфта дар ин мавҷҳо...

Манам танҳо бо маргам дар оғӯши ҳамин амвоҷ...

О, дилбарам, чи фикре овард туро сари мавҷҳои вопасини ман...

Кӣ туро фиристод?..

Магар метавон маргро бо дӯст қисмат кард?...

Марг – қулла аст, Эверести танҳоист, оё ду тан метавонанд ин қулларо бо ҳам пешвоз гиранд?..

Дар кураи арз ду Эверест нест...

Аз ин рӯ, меафканам худро ҷонибат ва туро аз чанголи мавҷҳо мераҳонам, вале ту бошӣ, маро наҷот медиҳӣ...

Мо ду танем акнун дар оғӯши амвоҷи яхсон, вале марг мемонад яккаву танҳо...

Мо акнун ду танем – марг сайёди танҳомондагон аст...

Ман дигар мурдан наметавонам, туро, маҳбубаи ман, бояд наҷот бубахшам...

Вале маро наҷотбахш туӣ...

Бад-ин минвол: Марг, ки танҳо мемонад, савораи амвоҷ дур мегардад аз мо...

Ва мо ҳарду меоем бурун аз мавҷи рӯд ба соҳили тунукоби регпӯшу оинасони Сиёма. Реги равон кафи пойҳои моро боназокат молиш медиҳад. Кафи пойҳои ларзонаки моро мехораду мехорад.

Бубин: муҳаббати заминиам. Хостам назди Худованд равам, нашуд, баргаштаму боз омадам ба паҳлуят...

Вале бояд бигӯм, ки сер шудаам аз ишқи рӯйи замин, хастаам кардааст он...

Ту боз оварондӣ маро бар замин, ҳол он ки рахти сафар ба сӯйи кайҳон баста буда ман...

Хӯш, ту акнун маро дар тамоми рӯдҳои кӯҳсори

тоҷикон ҳимоят мекунӣ, дар паноҳат мегирӣ.

Оре, даме, ки марг аз пайи ҷони як нафар ояд, агар ҷуфт бошанд...

Марг ҳам ноилоҷ ақиб мегардад...

Инак, рӯ ба рӯям боз манзараи гуворою фиребои кӯҳсорони бошафоати Хоҷа Обигарм падид меояд.

Ва боз ҳамон бузичаҳои ҷингилапо лаб-лаби ҷар давутоз мекунанд, гоҳо ҷониби осмонҳо меҷаҳанду хез мезананд...

Бо пайроҳаи кӯҳии бузгард сӯям се шубони чеҳрахандон қадам мениҳанд... Меоянд ва мегӯянд:

– Аё, барраи бегуноҳ, мо омадем, ки туро наҷот диҳем, то наафтӣ дар об.

Ҳам Буддои Масъуд,

Ҳам Исои Масъуд,

Ҳам Муҳаммади Масъуд,

Офаридгори Масъуд низ аз қабати наздиктарини осмон сӯям лабханд мезанад...

Ман низ аз роҳи кӯҳсор меравам ҷониби рӯди Сиёма...

Рӯбарӯям падид меоянд ҳамон кӯҳсорони Хоҷа Обигарм бо бузакони дӯшборашон...

Атроф касе ҳам нест...

Марг ҳам нест...

Зеро Худо ҳаст...

# ДУРДОНАҲОИ ХОҶА НАСРИДДИН



## КОСАИ УМР

Оваҳ, косаи умр кач уфтод…

Обаш мана, ҳоло аз байни ангуштони шахшӯлам мерезад…

Мисли каллаҳои сангпуштони хирадманд…

Худовандо!...

Ин манам, ки боз ҳам менӯшам, мемакам, миёни дандон мебарам, миёнам ҳам…

Аз косаи умр.

Ҳарчанд дербоз ин коса холист аз май, фақат об дорад вай…

Об, обу халос…

Аммо! Ман аз косаи холӣ ҳамоно нӯши ҷон дорам...

Байни дӯстони сархуш ва дӯшизагони ба камолрасида, ки кайҳо ин ҷаҳонро падруд гуфта рафтанд...

Аммо абадӣ зиндаанд – дар ду олам – ҳам ин ҷо...

Ҳам он ҷо...

## УМАРИ ХАЙЁМ ВА МАН...

***Нақиза ба худам***

Умари Хайём наздам омад
Бо як кӯза шароби кӯҳнаи Назм,
Мо ҳарду аз он май хӯрдем
Ва он гаҳ гуфт:
Акнун ту ба кӯзаи май осори худро рез...
Ман ҷониби осори худ шитофтам.
Он ҷо ҳама об буд... Об...
Он гоҳ Умари Хайём ҳам абадан об шуд...
Рӯйи миз кӯзаи холии Назмро монда...

## СОЯИ БИҲИШТ ВА ДӮЗАХ...

Хоби саҳарӣ

Аҷаб нозук, дудмонанд, ҳам наздик, ҳам зудгузар ва ҳам ширин бувад...

Худовандо! Гӯиё ҳамон сояҳои муқаддаси одамони азиз пеши чашмат якояк мегузаранд, аранге пайдо шуда боз дур мераванд...

Худои ман! Мегӯянд, ки Биҳишт ин сояҳои гуворои рафтагон аст!

Оре! Онҳо! Тамоман наздик!..

Нафас мекашанд!... Табассум мекунанд!...

Ана модари ҷавонам чалпак мепазад аз пиёзи хушбӯи зумуррадгун... Ва пичиррос мезанад: Писарам, ҷонам, бачекам...

Вақти аз хоб хестан шуд...

Боди хуши атрогин, оре, бод, бод...

## БОД

Дарвеш чунин мефармояд: Ман ибодатгоҳҳои зиёдро зиёрат кардааму китобхонаҳои фузун дида, китобҳои гуногун хонда, роҳҳои зиёди пур аз хоки мамолики гуногунро тай кардаам, то хиради заминиро дарёбам...

Инак, дар охири раҳи заминии хеш, назди Худованд истода худро одаме эҳсос мекунам, ки бо пиёлае гирди уқёнуси беҳудуд мегардад, ё чун мӯрчае, ки рӯйи Аҳроми Хеопс гардиш мекунад, ҳатто аз мӯр ҳам хурдтар... Худоё! Ҳамаи ин саргардониҳо чӣ зарур буд! Ҳамин як мӯрчаи дупо ба ту чӣ зарур?

Ҳамин одами пиёла ба даст гирди уқёнус гарданда чӣ

даркор?

Чӣ ҳоҷат?

Рӯйи замин касе ба ин савол ҷавоб надорад...

На, ба ман ин ҷо касе ҷавоб намедиҳад...

Боз шоири форс-тоҷик Амъақи Бухорой гуфта буд:

*Агар мӯре сухан гӯяд*
*ва гар мӯе равон дорад,*
*Ман он мӯри сухангӯям,*
*ман он мӯям, ки ҷон дорад.*

Аммо баъд... Ба ҳамин тариқ Дарвозаҳои деринтизори Худовандӣ сӯйи осмонҳо боз мешаванд...

Дарвозаҳои Деҳкадаҳои осмонӣ...

## ИШҚ

... Ишқ – моҳиест дар ҷӯши маҷрои дарёи бекарона...

* * *

...Ишқ – шароб барои ҳушёрону тилло барои гадоён аст...

* * *

Аз Дарвеш пурсиданд:

– Ишқ чист?...

– Ишқ – моҳиест, ки дар аъмоқи пурасрору беинтиҳои уқёнус шино мекунад... – ҷавоб дод ӯ...

– Шаҳват чӣ?

– Ҳамон моҳист, аммо дар равғани ҷӯшону сӯзони болои тоба ҷунбандаву рақсон...

## ШАБУ РӮЗ

Пири хирад Ҳоҷӣ Зулфиқор мегӯяд: «Худо шабро барои чӣ офарид?... Барои то субҳ ишқ варзидан! Худо рӯзро барои чӣ офарид? Барои баровардани кӯфти шаби ишқварзӣ, хуфтану ғун кардани шираву шарбат ва низ қуввати камар барои шаби навбатии ишқварзӣ...

Ана бо кадом сабаб мардони бузург рухи офтобро ҳаргиз намедидаанд, балки фақат ба моҳ чашм медӯхтаанд!».

## ТОҶИКУ РУС

Тоҷикону русҳо – одамони як нажоди ҳиндуаврупоианд...

Тоҷикону русҳо ба ҳам бисёр монанданд. Таърихан сода, накукор, хоксор меҳнатдӯст, меҳмоннавоз ...

Хирадманде ин халқҳоро «халқҳои найистони заранддуд» номида буд...

Чунин шуд, ки шайтонбачаҳои демократ нахустин тарошаҳои нимсӯхти ҷанги шаҳрвандиро ба ҳамин найистон партофтанд... Найистон ҳам ботавозӯъ, кӯркӯрона, мастона, бо шавқу завқ оташ гирифта аланга зад...

Урра!.. Зинда бод озодӣ!... Истиқлол!... Нест бод СССР!...

## ЗАБОНИ ИБЛИС ВА ХУДО

Сӯфӣ Ҳоҷӣ Зулфиқор мегӯяд: «Худо як забон донад, Иблис садҳо забони дигарро.

Забони муҳаббат якест... Забони адоват беҳисоб».

## ШОИР

Аз Хоҷа Насриддин – дарвеши ҳазорсола пурсиданд:

– Шоирон кистанд?

– Одамоне, ки дар соҳили уқёнус бошанд ҳам, болида аз хешанд, бо шавқи беандоза дар кӯлмаки аз шошаи худ ба вуҷудовардаашон ба сайругашт мебароянд.

* * *

Хоҷа Насриддин харсавор дараи афсонавии Фон Яғнобро гузар мекард, ки чашмаш ба Шоир Z афтод, ки машғули кор буд.

– Ай шоир, ту чӣ меофарӣ? – пурсид он пири хирад.

– Ман назми озодатаринро!... Бойтаринро!... Аз ангубин гуворою рангинтар аз товусро, ки дар кишвари рус то ҳол назир надошт, меофарам... Аз ин рӯ, на хона дорам, на шуҳрат, на пул ва на дӯстони вафодор. Ҳатто барои зимистон мӯза надорам...

– Вале ту хушбахтӣ, товуси танҳои пойлуч дар кишвари хурӯсҳои яхбастаӣ...

– Оре!

## БУЛӮР ВА АЛМОС

...Дарвеш Зулфиқор гуфт:

– Ҷавонӣ булӯри ишқ аст!

Булӯри дӯстӣ!..

Булӯри иштибоҳ...

Пирӣ алмоси танҳоист!

Алмоси мусаффо чун оби чашма... алмоси Худо!..

Аламовар аст, вақте пир дӯстдори булӯр бошад... дар рӯзҳои нозуку вазнини булӯрӣ оворагардӣ кунад...

Булӯр осон мешиканад!

Аммо алмос ҳеҷ гоҳ!

## ПУЛ

...Аз дарвеш Хоҷа Зулфиқор пурсиданд:

– Пул чист?

Дарвеш табассум кард:

– Аллоҳ пул надорад, ҳатто як танга...

Ҳама пулҳо аз шайтон аст... бинобарин касе шефтаи пул аст, шефтаи шайтон аст...

Агар ҳар чӣ бештар ба рӯйи пул нигоҳ кунӣ, ҳатман дар рӯйи он чеҳраи хандони шайтонро мебинӣ, зеро паёмбарон ҳеҷ гоҳ намеханданд, танҳо шайтон механдад...

Воқеан, ман хело хурсандам, ки ҳеҷ гоҳ пул надоштам ва ҳеҷ гоҳ хандаи шайтонро надидаам...

Аллоҳ пул надорад, ҳатто як танга... бинобарин камбағалон нисбати сарватмандон ба Худо наздиктаранд...

Ба истиснои сарватмандоне, ки ҳама доройӣ ба камбағалон мебахшанд ва худ камбағал мешаванд.

...чунинҳоро Аллоҳ ду баробар дӯст медорад...

## ХАЛҚИ КӮДАК

...Ҳанӯз Хоҷа Насриддин гуфта буд:

– Қариб дар ҳама хонадони тоҷикон кӯдакон зиёданд...

Дарахти зиндагию пояндагии тоҷикон кӯдаконанд...

Дарахти муҳаббати тоҷикона...

Илова бар ин ҳар як тоҷик то марг дар иҳотаи кӯдаконанд... фарзандон... набераҳо, абераҳо...

Ва бо чунин зебоӣ, покизагӣ... фариштаҳо, зудбоварҳо суҳбат карда, тоҷикон худ беолоишу зудбо-

вар ва сода ҳастанд...

Бо шарофати покизагии ҳамешагии кӯдак – покизаву беғубор чун кӯдаканд...

Халқи кӯдак...

Кӯдакро метавон осон фирефту озор дод...

Инсони дар сарчашма мезиста ҳамеша оби соф менӯшад...

Рус – фарзанди Масеҳ.

Тоҷик фарзанди Муҳаммад паёмбар аст...

Ва ин ду бародари беолоиш дар сарчашмаи таърих меистанд.

Бародарон, якдигарро оғӯш кунед!..

Ғоратгарон ҳамаро аз пой афтонданд, ғорат карданд... ва мо камбағал шудем...

Аммо Худоро онҳо наметавонанд аз мо гиранд...

Худо бо мост...

На бо duздон...

## ДАР БОРАИ КИТОБҲО

Тоҷикон мисли яҳудиҳо, халқи китобанд!

Тоҷикон, мақолу масал, шеъру афсона ва сурудҳои зиёдеро азёд медонанд...

Аммо компютер, саргарми қатли китоб аст...

Китобхонаҳо холӣ шуданд ва мағозаҳои китоб низ...

Илм исбот кардааст, ки агар инсон муддати се моҳ китоб нахонад, 90% -и мағзаш мемирад...

Ҳайҳот! – шахсе ки китоб намехонад, ба ҳайвони сухангӯ бадал мешавад... Ҳамон тавре Хоҷа Насриддин мегӯяд: «Ӯро метавон, ба рамаи гӯсфандон фиристод ва онро онҷо чун худӣ қабул мекунанд».

Ҳайҳот!.. Ман чунин рамаҳои сухангӯро дар шаҳрҳои калон зиёд дидаам!...

Фиръавн Рамзеси 2 гуфта буд: «Китобхона дорухонаи қалб аст».

Хуб аст, ки дар Душанбе Маъбади бузурги китобро сохтаанд…

Ман ҳамеша бо ифтихор ҷониби Он менигарам ва соатҳо дар толорҳои хунукаш мешинам…

Дар он ҷо ба ман Сояи бузурги Шоирони абадзиндаамон… Хирадмандон… Сӯфиҳо намудор мешаванд…

Аммо толорҳо холӣ…

Китобҳо танҳо…

Вале фарёд мекунанд, аз варзишгоҳҳои пур, дискотекаву тарабхонаҳо, мағозаву бозорҳо….

Нафс ғалаба мекунад!...

Рӯҳ ятим…

Қалбҳо холӣ шудаанд..

Фарҳангу таърихи бузурги мо андаруни дуди сихкабоб нопадид мегардад…

Мо, тоҷикон – халқи Фирдавсӣ, Саъдӣ, Румӣ, Ҳофиз, Хайём, Лоиқ Шералӣ?

Ё дигар шудем…

Халқи тарабхона ва овозхонҳои ҳангоси харсаро? … Фурӯхташуда ба долларҳои сабзи журналистон, сиёсатмадорон, сиёсатшиносоне, ки хун, бадбинӣ, инқилоб мехоҳанд?...

О Тоҷикон!.. Халқи қадима ва чун дарёи Сиёма покиза аз ҳар тӯфон!...

Мо дар куҷоем?

Дар ин ҷаҳоне, ки бо ракета мекушанд, гуруснагӣ, ғуломӣ… мардумро таҳдид мекунад, дар куҷо ҳастем?

Халқҳои бутунро мекушанд!

Ироқ …Югославия… Либия… Сурия… Афғонистон… Украина…

Кист дар навбат?

Чӣ тавр мо дар ин дунёи зебо ва пурдаҳшат зиндагӣ

кунем?...

Чӣ тавр роҳгум назанем, ҳазм нашавем? Дар мавҷҳои ҷаҳонишавӣ, киштии ҷавони давлати тоҷиконро ғарқ накунем?

Чӣ душвор аст ба Созанда ва Нохудо!

Ё Оллоҳ!..

Суолҳо зиёданд!..

Ба мавзӯи китоб боз мегардем...

Дарвеш гуфт:

– Ҳар як инсон дар замин – китоби Оллоҳ аст!..

Қуръони хурди Оллоҳ!...

Ва Офаридгор ҳамаи Китобҳоро мехонад ва медонад!

Худованд – Хонандаи аз ҳама бузург аст!

Ва Китобхони Вай – калонтар аз Гардун!

Айҳҳҳҳҳ!...

## УСТОД

Боре як раҳгузар ду даст пеши бар ба Хоҷа Насриддин рӯ овард:

– Устодо!...

Насриддин бо ишораи даст бар миёни гапи ӯ лағад зад:

– Ман ин ҷо ҳеҷ гоҳ устоди касе набудам. Вале ҳама одамони рӯйи Замин аз хурд то бузург омӯзгорони ман буданду ҳастанд. Парандагону чарандагон, занбӯрони асал, мӯрчагон, рустаниву гулҳо, сангҳову рӯдҳо низ омӯзгорони мананд. То имрӯз ман ҳама тан гӯшу ҳуш мешаваму ҳарфашонро мешунавам. Ва аз хирадмандии тозаву зиндаи онҳо дар шигифт мемонам.

Ва як чӯпони зиндадилу раҳгузар пеши ман хирадмандтар аз ҳар китоби бузурги чангзадаву мурда аст.

Ба ҷуз Китоби Китобҳо, ки Аллоҳу Паёмбар гуфтаанд!

Ман танҳо як тани хокиву фонии чакомапардозу масалсозам.

Аммо ҳангоме ки гирди хон миёни дӯстон менишинам он андоза достонҳои ангезандаву омӯзанда мешунавам, ки меандешам ман аз дарё танҳо чакраҳое рӯйи каф мегирам, масалҳои берангубӯям як каф аз регистони нуқраийи ҳамешагиянд...

Ҳама китобҳову масалҳои ман – дареғ! – чакраҳои нопойдоре бар сангҳои соҳили рӯди абадиятанд...

## ПАЙМОНАИ ШОДӢ

Дарвеш гуфт:

– Ман бисёр гаштаму оламу одам дидам. Замин паймонаи гирд ва бекарони шодӣ аст.

Ва ҳар кас бояд аз ин Ҷоми муқаддас як қулт саодату хушбахтии худро бинӯшад.

Лек бархе зиёда менӯшанду иддае як ҷуръаи ночиз ҳам наменӯшанд...

Шояд Паймона хурд аст?

Ё инсоният бузург, ай Худо?...

## КӮДАКӢ, ҶАВОНӢ, БАЛОҒАТ, ПИРӢ, МАРГ...

Дарвеш гуфт:

Кӯдакӣ суруд, ҷавонӣ достон, камол фоҷиа, пирӣ масал, марг ҳикмат аст...

Дарвеш гуфт:

Ҳамаи умр – намози дуру дароз...

## САДБАРГ

Дар Замини дав-давони мо зеботарин гул кадом аст,

Дарвеш?

Дарвеш бо лабханд гуфт:

– Зеботар аз гули нор ё садбарги алмосгунаи замистонаи шерозӣ гули дигар нест дар Замин! Он маликаи гулҳост! Гули баргбабарги масткунандаву бомаза... хирадмандони куҳан онро рамзи хоб гуфтаанд? Чаро?

Шояд барои он ки дарозу ноаёну пинҳон мепажмурад ва гулбаргҳои беҳушу беёд бар замин меафканад?...

Дарвеш гуфт:

– Шер – шоҳи ҳайвонҳост... Садбарг – шаҳбонуи гулҳо... Сари серёли шер монанд ба сари пурварақи садбарги заррини шерозӣ аст! Оре! Хорҳои садбарг нохунҳои оташбори шеранд! Оре!

Садбарг шери гулҳо, шер садбарги даррандаҳост.

## ДАРВЕШ ВА МАЙ

Дарвеш гуфт:

– Дар ҷавонӣ ман майи нафису латифро аз пиёлаҳои лабрезу пуркафк ва пурҷилову тобноки бухороиву самарқандӣ менӯшидам.

Ба ҳангоми камол ман майи лаългунро то ними ин пиёлаҳои бомаза мерехтам.

Ва оби сарду ширини Варзобрӯдро ба он меомехтам.

Рӯди азизу ҷовидонаам пеши пойҳои хаставу пиронаам.

Ҳай, ширин аст ин пиёла бо майи ҷӯшону дамону равону ҷовидонаш!...

Ва булӯрину нигорину яхин оби!... оби!... оби тармаҳову чашмаҳову ҷӯйҳои ҳамкаронаш!...

Ба даврони пирӣ ман пиёлаи майро бардоштам

Ва ин пиёларо бо майи бобаракату рӯзидеҳаш ба ҷойгоҳу сарпаноҳу гаҳвораи чашмаву ҷӯйҳои шӯху саркашу фатиламӯйи азиз – рӯдхона сарнагун сохтам!...

Ва аз оби рӯд бардоштаму нӯшидам!...

Ва аз майи сарду равону афзуни он ба гунае сияҳмаст шудам, ки ҳеҷ гоҳ аз майи асл нашуда будам!...

Ай майрӯди чашмаӣ, ай шаҳди мадҳушкунандаи берун аз андоза бомазаи ман, ман, ман!...

Ай ҷоми масткунанда рӯди ман!

Чи гуна душвору дароз буд роҳ то ба ту!

Ва аз ту то ба Худованди ҳамаи ҷӯйҳо ва рӯдҳо ва баҳру уқёнусҳо ва ҳама пиёлаву ҷомҳои баланди бахт!...

Ман имрӯз ҷовидона, бебозгашт бебаёну бекарона маст, маст, маст, Худои ман! Ман рӯд бақоро аз пиёлаи фано менӯшам!...

Ва инак, пиёларо раҳо мекунам ба сангу харсангҳои ҳамешагии монанд ба сари тағали соҳил мезанам, мешиканам...

Дарё ту ба шӯр меойӣ, исён мекунӣ, кафк мезанӣ чун пиёлаҳои пурмайи гузашта, аммо ман хомӯшу сарафканда дар соҳилат истодаам!...

Дарё кадоме аз мо бештар маст, маст, маст?... Ҳай!... Ай!...

## ХОҶА НАСРИДДИН ВА БОЗСОЗӢ

Дунёгарди бузурги ҳамаи давру замонҳо ва бисёр халқҳо Дарвеш Хоҷа Насриддини ҷовидонаро дар Маскави имрӯза диду гуфт:

– Хоҷа Насриддин, ту ба бозсозии Империя чӣ назар дорӣ?

Хирадманд гуфт:

– Дар оғози бозсозӣ тоҷики пиру афтода дар Душанбе гуфт: «Агар аз Бозсозӣ як одам бимирад – чӣ суд аз ин Бозсозӣ?»

Аммо инак, ҳазорон мурданд ва агар Гардунаи хунину

торику гунги марг, ки дар паҳнои Империяи шикастаи Рус мегардад, боздошта нашавад, миллионҳои дигарро ба комаш фурӯ мекашад.

Ё Оллоҳ! Куҷост он тоҷики пир? Шояд кайҳо дар ҷанги шаҳрвандӣ кушта шуд ё аз гуруснагӣ мурд?

Кӣ ба ҳарфи ин пир ва дигар пирони Замини мо гӯш дод?

Он чи имрӯз дар кишвари вайрону хунини мо рух медиҳад, исёни писарон бар падарону бобоён аст...

Ин мудҳиштарин исён аст! Гуноҳе хунину сахту сангин ва гӯшношуниди замон дар замини одамон.

Ҳаққо, ки ҳукмронӣ бояд дар дасти пирони хаставу хушки хирадманд бошад, мардони ҷавону гармро майдони дараву ҷанг ё бистари ишқ мебояд...

## ДАР БИҲИШТ

Дарвеш гуфт:

– Инак, се тан аз дӯстони меҳрубони заминӣ ва рӯзҳои зудгузари ман дар биҳиштанд.

Инҳо яҳудии хирадманду маҳзуннигоҳ Борух, маҷорзани хушхирому меҳрубоннигоҳ Ирина ва шоири парешону мушавваши тоҷик Акмал.

Ё Оллоҳ! Ман ба ҷурми гуноҳонам наметавонам сазовори биҳишт бошам, шир-шири чашмаҳои миёни дарахтонашро бишнавам, кафки нуқраийи обҳояшро бубинам. Лек мехоҳам лаҳзае маро ба боғи биҳишт раҳ диҳӣ, то як дам дӯстони дурафтодаамро дар оғӯш гирам ва ононро ба якдигар шинос кунам, зеро онҳо масруру хушбахт мегарданд он ҷо, бехабар аз будани якдигар...

Ва ба пас!... ба пас!... ба пас... ба дӯзах...

## ШАВҲАРИ ПИР ВА ЗАНИ ҶАВОН

Дарвеш гуфт:

– Шавҳари пири фартуту афтодаву пармуч ва зани ҷавони лолагуну серобу расида дарахти андешаманди хазонро мемонанд, ки оғӯштаи баргҳои заррин асту дар шохааш парандаи рав нишастааст.

Мана боди кушандаи хазон вазид, шохаи садафгун ларзид, барги заррину порчайи сард афтид.

Ва паранда рамиду пар кушод ва ба таври ҳамеша париду рафт.

Оҳ, магар дарахти тирамоҳ метавонад парандаи равро боздорад?...

## ДАРВЕШ ВА ПОИЗ

Боре, як тирамоҳи заррин Хоҷа Зулфиқори дарвешро дӯстону душманонаш ба зиёфат – гирди хони пур аз нозу неъмат даъват карданд. Аммо дарвеш ба ин сур – базми кайфу сафо наомад:

– Ҷойи шоиру хирадманд дар тирамоҳ миёни баргрезони боғ ҳову буттазорону ҷангалистон аст.

Афтодани бесадои барги заррин назди ман ширинтар аз афтодани мастонаи пур аз бӯҳо ва сару садои дӯсти ҷонӣ ё душман аст.

Ва санҷоби сӯри хокиранг ё савсори карахту печида, ки дар шохи дарахти гардзадаи канори роҳ олуи хушку пармучи бомазаро сахт дар чанг гирифтааст, акнун бароям дилхоҳтар аз дӯстест, ки бар кафи дасти ларзону гумроҳаш қадаҳ дорад...

## ПАДРУД

Боре баҳорон дар кӯҳҳои бекаси Фон-Яғноб дарвеш зери селборон монд.

Ва дарвеш худро зери шохаҳои арчаи пиру парешон зад.

Баъд борон аз пайроҳаи оҳувон ба сӯйи кӯҳҳои дигар рафт.

Он гоҳ дарвеш махмур аз нафаси асиркунандаи кӯҳҳои боронхӯрда ва сангҳову дарахтон аз арча дур шуд.

Аммо андак пас пас гашт ва арчаро, ки ӯро аз селборон паноҳ дода буд, бо сипосу дуру дароз намоз кард.

Тӯлонӣ сар фуруд овард ва натавонист аз он чун аз модари меҳрубони деҳотӣ дур шавад.

Он дам арча шохаи тару обчаконашро пеш овард, андак ҷунбонд, ба нишони видоъ даст афшонд ва ӯро раҳо кард.

## ЯҲУДО

Дарвеш гуфт:

Ин андеша ҳамеша маро ранҷ медиҳад, ором намедиҳад: агар Исо пас аз Эҳё Яҳудоро медид, мебахшид?

Оре!... оре!... оре!... Аммо аз канораш мегузашт... Ба сӯяш нигоҳ намекард...

## ДИНҲОИ ДУНЁ

Боре шабона дарвеш дар кулбаи танҳои худ бедор шуд ва овозҳои шабро шунид.

Дарвеш аз кулба баромад ва одамони оҳиставу бесадо равонаро дид, ки либосҳои зард бабар доранду

хушбӯиҳои шифобахш дар даст.

Инҳо буддоиҳо буданд ва дарвеш сарафкандаву хомӯш аз пасашон рафт.

Дарвеш оҳиста пурсид: «Куҷо меравед?...» Онҳо гуфтанд: «Ба биҳиште, ки дар дил аст».

Аммо вай бозпас ба кулба, ба назди чойники пур аз чойи кабуди сӯзон омад.

Лек аз пиёлаи қадима як қулт нанӯшида боз садоҳое ба гӯшаш омад, аз кулба баромад.

Он ҷо яҳудиҳо матса* ва Таврот дар даст мегаштанд, дарвеш аз пасашон рафт ва боз пурсид: «Шумо куҷо меравед?...» Онҳо гуфтанд: «Ба биҳиште, ки дар Замин аст...»

Вале вай бозпас ба кулба, назди чойи бечорааш омад.

Аммо, боз овозҳои аранге шунаво ба гӯшаш зад, аз кулба баромад ва касонеро дид бо салибҳову тимсолҳо, инҳо насрониҳо буданд ва дарвеш аз паси онҳо рафт ва пурсид: «Шумо куҷо меравед?...» Онҳо гуфтанд: «Ба биҳиште, ки дар осмон аст».

Лек вай боз ба кулбаи пинҳону танҳои худ баргашт.

Аммо, инак, овозҳои ханҷараии дигар ба гӯшаш омад ва дарвеш боз аз кулба баромад.

Ва касонеро дид либосҳои сабзи тобон ба бар, Қуръон дар даст.

Инҳо мусулмонон буданд ва дарвеш ҳамроҳашон рафт, онҳо гуфтанд: «Биё якҷо ба биҳиште меравем, ки ҳам дар дил, ҳам дар Замин ва ҳам дар осмонҳост».

Вале вай бозпас ба кулбааш баргашт, чойи кабуди пиёла инак монанди оби навзодаи тармаҳо сард гашта буд.

Ҳай дарвеши худоношиносу бекас, магар як пиёла

---

* Нони тунуки бенамак, ки дар иди писҳо мепазанд. (шарҳи тарҷумон)

чойи сард назди ту болотар аз Паёмбарони бузург аст?

Ҳамин тавр торику яккаву танҳо даруни ин кулбаи фаромӯшу афтодаву фурӯрехтаи дарёӣ мемирӣ?

Дур аз биҳишти ҳамешагӣ... дур... дур...

**ПУБЛИТСИСТИКА**

## СОРБОНИ КОРВОНИ БАХТИ МИЛЛАТ

Вақте ки Президенти оянда дар флот хидмат мекард, дар киштиҳои ҳарбӣ шино менамуд, ӯ оё фикр мекард, ки бо амри Худованд дар сарнавишташ бино кардани Киштии Давлати Тоҷикистон ва нахустин капитани он

будан рақам зада шудааст?...

Ва ҳамчунин аз сифр сохтани артиш, милитсия, саноат, хоҷагии қишлоқ, роҳҳо, неругоҳҳои барқ, боғчаҳои кӯдакон, мактабҳо, донишкадаҳо, майдонҳои варзиш, судҳо, тиҷорат, бонкҳо, дипломатия... Дар компютерҳо, ҳазорҳо километр аз Тоҷикистон (то ин вақт – СССР, воқеан амалиёти бобарори иттилоотӣ роҳандозӣ шуд, ки дар натиҷаи он як одам – Горбачёв, ки дар мағзаш барномаи «Х» ворид гардида буд, империяи бузургро хароб сохт) ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт!...

Тоҷикони содадил, ки кӯр-кӯрона аз он ҷониб идора мешуданд, ба куштори ҳамдигар шурӯъ карданд...

Бар тибқи сенарияҳои голливудии ҷангҳои шаҳрвандӣ!...

Якбора ба ин натиҷа расиданд, ки онҳо тоҷик не, кӯлобӣ, ғармӣ, помирӣ, хуҷандӣ, ҳисорӣ ва ғ. мебошанд.

Ба ин ковокӣ шайтон ворид шуд, мисли мор дар ковокии девор!...

Дастҳо, пойҳо, сарҳо, устухонҳо, ҷигари як инсон ба мубориза бархостанд ва ба қисмҳо ҷудо кардани ҷисмро шурӯъ намуданд!...

Ҷанги шаҳрвандӣ ҳамон одами ақлбохта – қотили худ, худи худро пора-поракунандааст!...

Ман он рӯзҳои мудҳиш дар Душанбе будам.

Ман ҳамаро дидам.

Ман мехостам бимирам, вале Худованд ба ман марг намедод!...

Он вақт ман романи «Дар миёни обҳои давон монда ва гирён»-ро навиштам.

Роман ба забони англисӣ тарҷума шуд. онро «Герникаи Тоҷикистон» меноманд...

Маълум аст, ки Тоҷикистон ватани рӯдҳои мусаффост. Вале мо дар соҳили рӯдҳои хунин қарор гириф-

тем…

Ва ин рӯдҳо тамоми халқи тоҷикро ба мазорҳои нави бародарӣ мебурданд!...

Як қумондони саҳроӣ ба ман гуфта буд: «Ман фикр мекардам, ки мо аз ин куштор ҳеҷ гоҳ даст намекашем, то охирин тоҷикро хоҳем кушт!...»

Вале тоҷике ҳозир шуд, ки ин рӯдҳои хунҳои бародаронро боздорад!...

Рӯдҳое, ки аз ҷасадҳои мурдагон дамгир шуда буд.

Моҳиҳои хориқулодаи одамхӯр пайдо гардиданд!...

Вале Худованд чунин шахсияти Наҷотбахш – Сулҳофарро барои тоҷикон фиристод.

Халқи тоҷик бояд барои ин тоҷики бузург ҳайкали тиллоӣ бигузорад!...

Ӯ Эмомалӣ Раҳмон мебошад!

Гоҳҳо халқҳои хурд роҳбарони бузург меофаранд, вале халқҳои калон бо ходимони давлатии хурд қаноат мекунанд.

Дар ин маврид Хоҷаи ҳазорсола, ки дар тӯли асрҳо бо Подшоҳон ва Хонҳои бузург суҳбат кардааст, табассум намуд:

– Бародари ман! Ба пешвоёни имрӯзаи ИМА, Фаронса, Олмон нигар. Онҳо галстукдору бегалстук тамоми ҷаҳонро давр мезананд, вале халқҳояшон базудӣ урён мемонанд, зеро онҳо ба дар додани «ҷангҳои ҷаҳонӣ» машғуланд ва тавре дар Библия омадааст:

«Пойҳои онҳо барои рехтани хуни дигарон шитоб мекунанд».

Машҳур аст, ки Пайғамбарон, Хирадмандон аз атрофу акнофи империяҳо бармехезанд…

Аз музофотҳо!...

Вале!...

Замонҳои нав фаро расиданд!...

Замонҳои ҷангҳои иттилоотии глобалӣ!

Замонҳои бозорҳо, ширкатҳои глобалӣ!

Замони «компютер», «интернет» !...

Чархи глобализм моро зер мекунад!...

Чӣ тавр дар ин бозори ҷӯшида, ки дар як лаҳза ба мазорҳо табдил меёбад, бояд худро нигоҳ дошт!...

Чӣ тавр дар ин Деги ҷӯшони ҷаҳонӣ мисли қанд-набот об нашуд?

Оҳ, чи гуна мушкил аст бинои киштии давлат дар кӯҳсоре, ки танҳо ҳафт фисади он замини ҳамвор аст!

Давлати ҷавони Тоҷикистон, форели шоҳонаи нуқрагун, ки онро наҳангҳои давлатии Хитой, Русия, Эрон, Ҳиндустон, Туркия, Аврупо, ИМА иҳота кардаанд.

Ту ба кадом самт равонаӣ?

Ба кадом тараф шино мекунӣ?

Чӣ тавр таърихи бузургро бо имрӯзи пурҷӯш бояд пайванд кард?...

Асп ва ракетаро!...

Маркаб (ки хотираи аз ҳама мустаҳкам дорад, бинобар ин корвонҳо ва рамаҳоро пеш мебарад) ва – компютер!...

Ҳукмронии якка ва Демократияро!...

Тавре, ки Ҷопон, Хитой ва Куриё карданд…

Чӣ тавр бояд ба сағирони ҷаҳонӣ, талбандаҳо табдил наёфт, агарчи тамоми олам талбандаҳои долларҳои Ротшилд, Рокфеллер, Морган… шудаанд…

… Дарвеш гуфт:

Агар дар кишвар аён ё ноаён доллар гардиш дорад, маълум мешавад, ки ин кишвар мустамликаи эълоннашуда аст!...

Оё кишварҳои дигар вуҷуд доранд? Қоҳ-қоҳ! Онҳо нестанд…

Ва Хоҷа бо ташвишу эҳтиёткорӣ коғази даҳдоллариро дар кисаи фарсудааш палмосид:

Аз дер боз маълум аст, ки дар давраи буҳрон бояд

музди заҳматро зиёд намуд, теъдоди пулро афзуд ва бонкҳоро фаъол намуд, то иқтисод намирад, хоҷагии қишлоқ, савдо...

Набояд аз эълон доштани таваррум ҳаросанд.

Ва илова кард: Чи гуна гурӯҳе аз «дэн-сяопин»-ҳо ва «Эмомалӣ Раҳмон»-ҳои тоҷикро пайдо намуд, ки онҳо ҳашт миллион тоҷикро бихӯронанд (он гуна ки «дэн» 1,3 миллиард чиниро дар ватани худашон бо ғизо таъмин кард) ва онҳо маҷбур намешаванд, ки барои ҷустуҷӯи «нони тоҷикӣ» дар ҷаҳон парешон шаванд?...

Чӣ тавр ин «муъҷизаи тоҷикӣ»-ро бояд ба миён овард? Туризм? Захираҳои металҳои қиматбаҳо?

Ё шояд ҳосили худододи серфарзандиро кам кард?

Зеро дарахтоне, ки аз мева пурбор мегарданд, ба замин хам мешаванд, ҳатто мешикананд...

Замини хурд ба одамони зиёд ғизо дода наметавонад, бинобар ин онҳоро дубора ба худ фурӯ мебарад.

Бо ёрии ҷангҳо?

Вале, бачаҳо бисёр дӯстрӯянд!

Дар ин дунё ҳеҷ манзарае аз дидани бачаҳое, ки ба истиқболи ту медаванд, гуворотар нест! Чӣ тавр аз ин ҳолат метавон ашки шодӣ нарехт?

Тоҷикистон ин Боғчаи бузурги бачагон аст! Туро ҳамеша бачаҳо иҳота мекунанд!

Ва нисбат ба бачаҳо дурӯғ гуфтан ва разолат нобахшиданист!

Аз ин рӯз тоҷикон халқи поку содадиланд!

Ба бадӣ бо бадӣ посух намегӯянд.

Аз ин ҷиҳат тоҷикон бо русҳо монанданд.

Аз як нажоданд.

Аз ин рӯ, тоҷикон ба Русия меравапд!...

Ба сӯйи бародарони рус!...

Мана, дӯсти ман Абдураззоқ даҳ бача дорад!

Ва ман ҳам онҳоро дӯст медорам!...

Тасаввур карда наметавонам, ки ҳатто якеашон ба дунёи равшан намеомад!...

Дар ҳақиқат! Ҳамааш дар дасти Худост!...

Ва ин гурӯҳи бачаҳо низ!...

Мегӯянд, ки Худованд аз осмон бештар аз ҳама ба бачаҳои машғули бозӣ нигаристанро дӯст медорад!...

Ва ҳазрати Исо фармудааст: «Касе, ки мисли тифл шуда наметавонад, ҳеҷ гоҳ ба биҳишт ворид намешавад!»...

...Хоҷа хастаҳолона табассум кард:

– Мана, дастаи саволҳое, ки дар назди Президент гузошта шудаанд!...

Ман аз як баршумурданашон хаста шудам, барои Президент, ки онҳоро бояд ҳаллу фасл намояд, чи тавр мушкил аст!...

Як худи набзи марзи аз нашъа доғи Афғонистонро чӣ баҳо метавон дод?

Ва ӯ ҳаллу фаслаш мекунад!...

Хуб мешуд агар худи Президент, Пешвои миллат, ки ҳама мушкилоти кишварашро ба дараҷаи аъло медонад, он гуна ки Пизишки пуртаҷриба амрози бемори худро ташхис мекунад, ба ҷавонон ҳамчун Падар ба Писари шӯхаш бо «Баёния дар бораи ҳифзи табиати Тоҷикистон» муроҷиат мекард... Инчунин оид ба қонуни ҷазо «Дар бораи харобкории табиати Тоҷикистон...»

Чӣ сабаб бошад, ки ман ҳоло ҳикмати дарвешро ба ёд овардам: «Аллоҳ танҳо Одам ва Табиатро офарид... Дигар ҳама чизи боқимонда – шаҳрҳо, мамлакатҳо, халқҳо, тамаддунҳо, забонҳо, ороишҳо, мошинҳо, фарҳангҳоро шайтон офарид, бинобар ин ҳама фонист, ҷуз Одам ва табиат»...

Пас, биёед Одам ва Табиатро ҳифз кунем!

Шанбегиҳоро эҳё бояд кард!

Ҷавонон ба ҷойи он ки ҷавониашонро дар сари ком-

пютери берӯҳи шайтонӣ сарф кунанд, бигзор ба соҳили дарёҳо, чашмаҳо, ҷӯйҳои диёрашон бираванд ва онҳоро аз партовҳо тоза намоянд ва ба онҳо обҳои поку зулолашонро баргардонанд.

Вақте инсон табиати меҳанашро, ки аз он баромадаву ба оғӯши он боз хоҳад гашт, пок созад, наҷот диҳад, ба замини падарон бештар дил мебандад!

Ба мардуми одии худ!

Ба рӯзирасонҳои худ – деҳқонон!

Ба Таърихи деринаи худ!

Ман бо ҳаяҷони гуворо ба ёд меорам, ки чӣ гуна дар замони Шӯравӣ мо, донишҷӯён ва мактаббачаҳо, пахта ғунучин мекардем!

Оё аз ёд баровардан мумкин аст, ки чӣ гуна ту субҳи барвақти арғувонӣ бо дӯстони шӯхи худ дар саҳрои барф барин сафеди фарох қадам мезадӣ ва аз ғӯзаҳои дурушт пахтаи абрешимиро мечидӣ...

Баъд дар чойхонаи сари роҳ бо деҳқондухтарони хандону шукуфон чой менӯшидӣ...

Худовандо!

Ин субҳи барвақти арғувонӣ...

Ин хониши парандаҳои бедор...

Ин насими саҳарӣ...

Ин ҷеғи хурӯсони навпару бол...

Ин саҳрои сафеди пахта, ки то кӯҳҳои дур доман мекашанд...

Ин деҳқондухтарони товусмонанди чойхонаи сари роҳ...

Ин ҳама ҷавонии дуруҷовидонии туст...

Ҳаёти ту, Ватани туст...

Тоҷикистони туст, бародарам!

Дар ҳар куҷо, ки бошӣ: дар Маскав...Порис... Ню-Йорк...

Дар яке аз деҳаҳо, дар соҳили дарёи тезоб, писарба-

чае мезист…

Вайро Каюмарс меномиданд…

Вай аз дарёи зулол об нӯшиданро дӯст медошт ва ҳангоме ки рӯ-рӯйи дарё шишаҳои холӣ шино мекарданд, ҷасурона худро ба амвоҷи сард меафканд ва шишаҳоро ба соҳил мепартофт…

Боре дар рӯйи дарё шишаҳои холии бисёри «оби шайтон» пайдо шуданд – эҳтимол гурӯҳи калони мастон сайругашт доштанд…

Каюмарс худро ба дарё андохт. Дар миёни яхпораҳои равон муддати зиёд дасту по зад!...

Дарё вайро бурд… Барои ҳамеша…

Ҷисми лоғари вайро аз назди дарғот ёфтанд…

Ба назари ман чунин мерасад, ки ин писарбача қаҳрамони Тоҷикистон аст!

Ва бояд ӯро тамоми халқ дафн мекард!...

Ва ҳакими бузурги овора Хоҷа Насриддин боз гуфт:

Ҳангоме ки Ҷанги ҷаҳонӣ сар шуд, вазири иқтисод ба наздаш омад.

Ва гуфт: «Хароҷотро ба фарҳанг кам кардан лозим аст…»

Черчилл абру чин кард: «Пас, мо ба хотири чӣ бояд биҷангем?»

…Аҷаб падидаи шигифтангез аст Фарҳанг!

Китобчаи Есенин, ё ҷилди хурдакаки Умари Хайём, ё миниатюраи Беҳзод, ё расми саридастӣ кашидаи Леонардо нисбат ба ҳама филмҳои голливудӣ, ё бозиҳои олимпии тоқатнопазир, ё майдонҳои варзишии пурғавғо, ё арроси даҳшатангези сарояндагони нашъаманд чандин маротиба бештар ба дили одамӣ кора мекунанд!...

Вале – афсӯс! Фарҳанг наметавонад бе тиҷорат вуҷуд дошта бошад.

Наққоши гуруснаю бенаво танҳо дар бораи шикам

фикр мекунад…

Аммо!... Тиҷорат ҳам бе Фарҳанг аз ривоҷ мемонад….

Ҳоло як масали худро ин ҷо меорам…

Аз хирадманде пурсиданд:

– Чаро Шоҳроҳи Абрешим аз байн рафт?...

Ва он ҷо, ки ҳазорон корвони тиҷоратӣ мегузашт, Бозори Бузурги Кӯчиён пур аз ҷӯшу хурӯш буд, акнун пур аз устухон, хор ва рег аст?...

Хирадманд гуфт:

– Аллоҳ аз доду фарёди савдогарону тоҷирон хаста шуд!...

Агар аз Шоҳроҳи Абрешим шоирон, мусиқинавозон, сарояндагон ва ҳакимон мегузаштанд, Аллоҳ ба онҳо гӯш мениҳод ва ба Роҳи Савдо, Роҳи Бозор раҳм меовард!...

Вале чунин набуд!...

Он гоҳ Аллоҳ Бозори онҳоеро, ки фақат манфиат меҷустанд, зери реги фаромӯшӣ гӯронд!...

Эй инсон!...

Агар ту танҳо дар бораи шиками худ, хешу табори худ, ҳавлии худ, манфиати худ, пул, тиҷорат фикр кунӣ, Аллоҳ туро ҳам зери реги фаромӯшӣ мегӯронад, чунонки Шоҳроҳи Абрешимро!...

Ва бозор Мазор шуд…

Бозор, яъне меъда…

Шайтонҳо аррос мезананд, ки бозор чизи асосист…

Лекин боз дил ҳаст!... Рӯҳ ҳаст!... Худо ҳаст!...

Ва ин аст чизи асосӣ дар Одам!...

Дар ин ҷо Омӯзгори ҷовидонии ман, ҳамсуҳбатам Хоҷа Насриддин табассум кард:

– Шукри Аллоҳ, Шоҳи имрӯзаи тоҷик намегузорад, ки Фарҳанги қадимаи Тоҷик зери реги фаромӯшӣ гӯр шавад…

Зери регу хоки «шоу-бизнес»…

Вай таърихи деринаи мардуми худ, фазлу хиради шоҳон, андуҳи шоирони малакутӣ ва арақи ҷабини кишоварзонро дӯст медорад ва қадр мекунад!...

Вай дорои маҳорати қадимии давлатсозии Сомониён аст!...

Вай «Шашмақом», «Фалак», адабиёти шифоҳӣ, ҳунарҳои қадимӣ ва афсонаҳои тоҷикиро дӯст медорад... Оре!...

Бахти Тоҷикистон хандид...

Аллоҳ ба тоҷикон сарвари хирадманд додааст!...

Киштии навбунёди Давлати Тоҷик дар амвоҷи таърихи умумиҷаҳонӣ шино дорад. Гоҳе ба назари ман чунин мерасад, ки ин Яхтаи Сафед аст!...

Нохудо сӯйи дуриҳо менигарад...

Вай Уқёнуси ҷаҳони таърихро мебинад ва дар амвоҷи он Киштии Давлати Тоҷикистонро!...

Худованд ба вай мадад намояд!...

Ва давлати ҷавон мустаҳкам мешавад. Вале мунтақидони сарватманд девонагӣ мекунанду хашмгин мешаванд. Агар як демократ-либералро, ки шавқманди тахту тоҷ аст, ҳадди ақал барои як рӯз дар дафтари кории Президент нишонанд, баъд бубинем, ки чӣ коре мекунад. Дар ин сурат аз куҷо ҳазор проблемаро бояд ҳал кард. Онҳо яқин аз ақл бегона хоҳанд шуд.

Ман аз чӣ бошад, ки Сталинро дар субҳи 22-юми июни соли 1941, вақте ки фашистҳо сарҳади Иттиҳоди Шӯравиро убур карданд, ба ёд меорам. Вақте ки тамоми дунё ба ӯ менигарист, ӯ чиро эҳсос мекард? Тақдири олам дар дасти ӯ буд. Агар дар он вақт Сталин мекалавид, тамоми дунё низ меҷунбид. Аммо вай накалавид.

...Бародарони азиз, дӯстон ва либералҳо! Оё шумо мехоҳед дар ҳамон субҳ дар дафтари кори Сталин бошед?

Вақте ки Гитлер гуфт: «Аввал дар Майдони сурх Ста-

лин ва Левитанро ба дор мекашам».

Хоҷа гуфт: «Ҳастанд демократҳо-гургҳо... Онҳо галаро хӯрда-хӯрда бонӣ мекунанд. Ва ҳастанд либералҳо-бузҳо. Онҳо бозикунон аз шахе ба шахе меҷаҳанд ва боиси сангрезие мешаванд, ки одамону гӯсфандҳоро мекушад. Онҳо аз фарози қуллаҳои бехатар ин сангрезро бо шавқу ҳавас тамошо мекунанд. Инҳо «либерал»-ҳои озоду ҷаҳандае ҳастанд, ки боиси сангрезии «инқилобҳои норанҷӣ» мебошанд. Ва онҳо мехоҳанд ба дафтари кори Сталин ҷойгир шаванд? Дафтари кори Эмомалӣ Раҳмонро орзу мекунанд? Ана дар ҳамин ҷо уқёнуси хун ҷорӣ мешавад. Худо нишон надиҳад. Ҷанги дувуми шаҳрвандӣ мардуми тоҷикро нобуд мекунад. Президенти муҳтарам! Нагзор, ки чунин шавад.

...Шахсе назди Паёмбар (с) омаду барои ширкат кардан дар ҷиҳод иҷозат хост. Паёмбар (с) аз ӯ пурсид:

– Падару модарат зиндаанд?

Ӯ бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Пас пеш аз ҳама назди онҳо раву ғамхорӣ кун ва хидматашонро ба ҷо ор, – гуфт Паёмбар (с).

Ва боз: «Ҳар инсоне, ки Худованд ӯро барои ҳукмронӣ кардан бар сари инсонҳо офарид, вале ӯ ниёзҳои одамонро набаровард, ҳаргиз биҳиштро ҳатто эҳсос намекунад».

Он ҷо Хоҷа Насриддин, раҳнаварди бузурги ҷовидном, ки дар ду дунё мегардаду гоҳе ба биҳишту дӯзах низ медарояд, табассум кард:

– Дар байни мардум мегӯянд, ки дафтари кори Президент бӯйи биҳишт мекунад... Ё ин атри фаронсавист? Таърих аён мекунад!..

Ва боз Хоҷа дар соҳили рӯдҳои биҳиштии Тоҷикистон гуфт:

– Тоҷикистон кишвари осудаи минуист, ватани рӯдҳо, чашмаҳо, ҷӯйчаҳо, дарёчаҳо ва наҳрҳои бузург

аст. Ин як навъ Венетсияи кӯҳистони қадимист.

Мегӯянд, ки чанде пештар як шайхи сарватманди араб ба Тоҷикистон омад ва ҳазор рӯдҳои тезҷараён ва дарёчаҳоро дида, ҳайратзада шуду гуфт: «Ин ҷо биҳишт аст. Худоё! Ман дар биҳиштам!..».

Вале ба мо – тоҷикон, ки чунин биҳишт насиб шудааст, бояд аз рӯйи қоидаҳои биҳишт дар он зиндагӣ кунем, на бо қоидаҳои дӯзах!

Дарвеш гуфт:

– Дарё чист?

Дарё кӯдаки гирёнест дар гаҳвора. Дарё модари сарсафедест, ки роҳи фарзандашро мепояд. Кафкҳои сафеди амвоҷи дарё мӯйҳои сафеди модаронанд.

Ва дар замин чӣ чизе азизтар аз модар аст? Танҳо Офаридгор!

Бародару хоҳари тоҷики ман! Оё шумо ҳам шишаҳои холӣ, бастаҳо ва партовҳоро сӯйи кӯдаки бепаноҳи гаҳвора меафканед? Ва оё шумо ҳам шишаҳо, бастаҳо, партовҳои сохтмонро ба рӯйи модарони сарсафедатон мепартоед?

Дар Корея, Хитой ва Ҷопон дарёҳоро снайперҳо ҳимоят мекунанд.

Дар соҳили дарёе, ки оби софу тоза дорад, на аз се километр наздик рафтан раво нест. Албатта, дар хусуси хона сохтан дар назди чунин дарёҳо ҳатто набояд фикр кард.

Дарё синаи модари рӯзибахш аст ва мо тифли навзодем. Ва мо рӯзибахши худро мекушем. Сангу шишаҳоро сӯйи ин рӯзидиҳанда меафканем. Кӯрҳо!...

...Равшан аст, ки 90 дарсади организми инсон аз об иборат аст. Ҳатто олигархҳое, ки дар соҳили дарё хона месозанд, мутаассифона, аз об иборатанд.

Ростӣ, Хоҷа Насриддин ҳам гуфта, ки фақирон иборатанд аз оби тоза ва сарватмандон аз оби гилолуд.

Дар Чини Қадим, дар қарни 17-и то милод, дар замони салтанати Шан, дастҳои касеро, ки партовро ба об ё роҳ мепартофт, мебуриданд. Ман, албатта, намехоҳам тоҷиконро бедаст бубинам, вале гӯсфандони тиҳимағзро низ дидан намехоҳам.

Ҳоло вақту замони дигар аст, сулолаҳо дигаранд, вале фикр мекунам, вақти он расида, ки барои тозагии дарёҳо ва чашмаҳову дараҳо мубориза сахт бибарем. Дар акси ҳол маҷбур мешавем, ки оби гилолуду гандида ва марговар бинӯшем. Ва дар ин сурат биҳишти мо ба ҷаҳаннам табдид меёбад.

...Хоҷа Насриддин гуфт:

– Ҷаҳаннам биҳишти чиркиншудаест.

Ҷаҳаннам ин шишаҳо ва партовҳои афканда дар дарёҳои булӯрист.

## ИНРО БО МАДАДИ ХУДО ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА АСҲОБИ БОШАРАФИ Ӯ КАРД...

*Моҳи октябри соли 2009, зимни сафари давлатӣ ба Федератсияи Русия, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон фурсат пайдо карда, дар шаҳри Маскав бо 300 нафар зиёии тоҷики муқими Русия вохӯрии судманде барпо кард, ки дар он нависандаи маъруфи русзабони тоҷик Темур Зулфиқоров низ ҳузур дошт. Ин адиби хушбаён соҳиби сабки хоссаи эҷодӣ буда, беш аз 30 сол асарҳои ҷолибе навишта, дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он эътироф гардидааст.*

*Сарвари давлат бо Т. Зулфиқоров шинос шуда, баъди гуфтугӯйи кӯтоҳ ӯро даъват намуд, ки барои зисти доимӣ ба Тоҷикистон биёяд. Нависанда ин даъватро бо хушнудӣ пазируфт ва аз дидор бо Президент Эмомалӣ*

*Раҳмон таассуроти неке бардошта, нигоштаашро аз ин хусус хеле самимӣ рӯйи коғаз овард. Нигоштаро таҳти сарлавҳаи мазкур ҳафтаномаи «События» ба табъ расонда буд, ки онро манзури дӯстдорони эҷоди ин адиби шинохта менамоем.*

Аз нависандаи бузурги хирадманд Гогол пурсиданд: «Чаро Пушкин талоши бо аҳли дарбор шинос ва ба шоҳ қарин шудан накард?». Гогол посух гуфтааст, ки «шоири бузурги хирадманд майл ба сӯйи ҳукмрони вақт дошт, зеро кулли Русия аз тахти шоҳии ӯ аёнтар ба чашм мерасад».

Ва инак, дар Маскав зиёиёни тоҷик бо Президент Эмомалӣ Раҳмон мулоқот оростанд.

Ман нахустин бор Президентро рӯ ба рӯ мешунидам ва моту маҳбут шудам, ки ӯ тамоми мушкилоти Тоҷикистонро ҳис мекунад, андозаи ғояҳои давлатии ӯ фарохдоман буда, вокунишаш ба рӯйдодҳои рӯзгор ва ҳаёти халқи тоҷик фаврӣ ва пурсамар ҳастанд. Ва натанҳо ба халқи тоҷик, балки ба аксари рӯзгори оламиён...

Ман он дам суханони Гоголро ба ёд овардам ва пеши назар омад, ки аз курсии президентӣ, чун аз қуллаи кӯҳ, тамоми Тоҷикистон бо кӯҳҳои сарсафед, боғоту водиҳои зумуррадгун, дараҳои пурасрор ва шаршараҳои кӯҳӣ, чароғакҳои деҳоти баландкӯҳ ва роҳҳои зери гардун, неруҳои обии барқии бузург ва майдонҳои марворидии пахтааш, ки ман дар бачагӣ мечидам, намоён аст.

Вақте ман каломи умда ва ҳаётбахши Президентро гӯш мекардам, меандешидам: дар зиндагии ҳар як халқ марҳилаҳое ҳастанд, ки вай метавонад бидуни хирадмандону шоирони бузургаш умр ба сар барад, вале халқ бе ҳокими асил вуҷуд дошта наметавонад, зеро рама бе шубон туъмаи селаи гургон ва ғоратгарон мегардад.

Ҳамин тарз, СССР ба ҳалокат расид. Мамлакати Бузург бе Сарвари маънавӣ монда, туъмаи бонкҳои ҷаҳонӣ – гургон шуд.

Ба рӯйи кишвари кӯчаки ман бахт дар мисоли Ҳокими Бузургаш хандид ва аз дифои ӯ Тоҷикистонро гургҳои ҷаҳонӣ хӯрдан натавонистанд.

Хоҷа Насриддини ман мегӯяд: «Кишвари хурд бо Ҳокими Бузургаш беҳтар аз кишвари калони ҳокимаш хурд аст. Ҳокими Бузург ҷӯйи хун мерезонад, ҳокими хурд уқёнус...»

Ҳол он ки кишвари ман ҷанги шаҳрвандии пурдаҳшатеро аз сар гузаронд...

Кӣ ба қамишзори заррини халқи ман оташ зад? Чӣ тавр тоҷикони ҳалиму меҳрубон ва меҳмондӯст дасту остин ба куштори ҳамдигар заданд? Танҳо Парвардигори Азимушшаън ин асрорро медонад!

Лек мо медонем кӣ оташи пурдаҳшатро дар қамишзор хомӯш кард! Кӣ «Гурги ҷанги шаҳрвандӣ»-ро, ки аз хуни бародар сармаст шуда буд, ба қафас андохт? Инро бо мадади Худо Эмомалӣ Раҳмон ва ҳаммаслакон – асҳоби бошарафи Ӯ кард!.. Ва барои ин халқи тоҷик аз вай абадӣ миннатдор аст.

Акнун замони Дэн Сяопин, ки Чини миллиард аҳолидоштаро рост бардошт, фаро расид. Аммо Тоҷикистони 7 миллион аҳолидоштаро чӣ сон рост бардоштан метавон? Ба пиндорам, имрӯзҳо Президент ва ёрони бохиради ӯ сари ин масъала андешаҳоеро тарҳрезӣ дорад.

Ман аксари иншоҳои худро ба Хоҷа Насриддин бахшидаам. Вақте ривоятҳои муваффақ эҷод мекардам, маро ҳамсуҳбати хирадманди бузург, дарвеш Хоҷа Зулфиқор ном мебурданд. Вақте ман ривоятҳои номуваффақ менавиштам, маро «хари Хоҷа Насриддин» мегуфтанд. Афсӯс ки маро бештар «хари Хоҷа Насрид-

дин» ном мегирифтанд. Вале, ҳатто хари Хирадманди Бузург будан бадие надорад...

Боре оворагарди ҳазорсола сӯфӣ Хоҷа Насриддин ба ман гуфт: «Асри ХХ асри масхарабозон хоҳад шуд! Онҳо билхосса дар ҳукумат афзалият меёбанд. Шубонҳои ҳақиқиро ба рамаҳои одамӣ роҳ намедиҳанд ва ба ҷойи шубонҳо рамаҳоро гургони ҷомапӯш ба чаро мебароранд».

Агар ба аксари давлату халқҳои ҳозиразамон бингарем, мебинем, ки роҳбариро гургон ё лӯхтакҳои фармонбардор ба уҳда гирифтаанд. Мегӯянд, ки дар арсаи ҷаҳон танҳо як сиёсат вуҷуд дорад, ки сиёсати ҷаҳонгароии ИМА мебошад. Ғояи ҳукмрони ҷаҳон шудан, мисли каждуми таги санг, боз ба берун хазидааст.

Дар таърих чунин довталабони тахти ҷаҳонӣ, аз фиръавнҳо сар карда то императорони Рим, Искандари Македонӣ, Чингизхон, амир Темур, Наполеон, Гитлер бисёр буданд. Алъон куҷоянд онҳо? Ва Тахти Ҷаҳонии онҳо куҷост?!»

Лек Довталаби ҷадиде зуҳур намудааст!

Ин тайёраҳои марговар, мушакҳо ва киштиҳои амрикоӣ мебошанд, ки уқёнусу қитъаҳоро тай мезананд. Фиристодагони Амрико чӣ ғояҳое ба сар доранд?Дар бомбаву мушакҳои амрикоӣ чиҳо навишта шудааст? Магар ғояҳоро бо зӯри бомбаҳо ба сару дили халқҳои бегона бор кардан мумкин аст?

Ва аз миёни ин олами амрикоиниҳод Ватани кӯчаки ман – Тоҷикистон дар оғӯши кӯҳҳо ниҳон аст. Давлати ҷавони навтавлидшуда!...

Гулмоҳии булӯрин дар миёни наҳангҳои қадим: Чин, ИМА, Туркия, Аврупо.

Гулмоҳии заррини навҷавон байни ин моҳиҳои ҳарис чӣ тавр дар амон мемонда бошад?

Оҳ, Худоё!

Аммо як умеде ҳаст: наҳангҳо дар оби зулолу мусаффои булӯрин дер намепоянд, вале гулмоҳӣ дар ин муҳит зиндагӣ дорад.

Вақте ман суханони Президентро дар бораи он ки тоҷик бидуни забони русӣ аз вокзалу фурудгоҳ дуртар рафта наметавонад, шунидам, модари профессорам Успенская – олими намоёни тоҷик, муаллифи луғати тоҷикӣ-русӣ ва бисёр китобҳои филологияи тоҷику рус ба ёд омад. Маҳз ӯ аксар қишлоқҳои тоҷиконро пиёда гашта, зарбулмасалу афсона ва ҳикматҳои алмосию тиллоии тоҷикро гирд оварда буд.

Худи Мирзо Турсунзода ин суханони шавқоварро навишта гирифта, ба ваҷд меомад. Оё ягон муаллима аз ИМА, Аврупо, Чин ва Туркия дар понздаҳ соли охир ба қишлоқи дурдасте омада, ба фарзандони тоҷик забони модарии худро омӯзондааст? Аммо омӯзгорони рус ҳазор-ҳазор ба деҳоту шаҳрҳо омаданд ва халқи қадимаи тоҷик соҳиби ду забон шуд. Камина ба ин қаҳрамонон – «муаллимони мӯйсарашон мошубиринҷи рус» ҳайкал мегузоштам!

Хоҷа Насриддини ман мегӯяд: «Агар ту сайру саёҳати замин дошта бошию ба ту ду асп бидиҳанд, туи кӯрдил аз ҳарду даст кашида, яктояшро мегирӣ?». Хоҷа лабханде зад: «Ҳол он ки ман ду занро дар назар надорам. Чӣ ҳоҷат дар бораи ду забон гап задан? Ё, эй кӯрдил, як забонашро аз даҳонат бурида мепартоӣ?

Набояд фаромӯш кард, ки тоҷикон ва русҳо мансуб ба нажоди ҳиндуаврупоӣ ҳастанд. Ин ду халқ ниҳоят ҳамшабеҳанд. Онҳо таърихан зудбовар, софдил, меҳнаткаш, меҳмондӯст, бохирад ва фурӯтан мебошанд. Нигаред, ки имрӯз ба корҳои вазнинтарин киҳо машғуланд? Русҳо ва тоҷикон. Ана ин бародарии асил аст дар меҳнату дар дӯстӣ. Ин бародариро арақи ҷабин ва таърих мустаҳкам кардааст. Онро хароб насозем.

Ана чунин андешаву пиндор дар вуҷудам эҷод гардид, ҳангоме ки ман ба суханони Пешвои ҳақиқии мардумӣ – Президент Эмомалӣ Раҳмон гӯшу ҳуш шудам.

*P.S. Паёмбар (с) гуфта буд, ки миллат метавонад аз муҳаббат ба неъматҳои заминӣ расад ва аз тарси марг маҳв шавад. Ба пиндори ман, халқи русу халқи тоҷик муҳаббат ва ҳақиқату ростиро аз ҳама беш арҷ мегузоранд. З-ин сабаб, онҳо абадӣ дар мавҷудият мемонанд.*

## ДАР БОРАИ ДАРВЕШ



**Шариф Ҳамдампур**
**Одили Нозир**

# ТЕМУР ЗУЛФИҚОРОВ МАКОНИ МУЛОҚОТИ ИСОИ МАСЕҲ ВА МУҲАММАД (С)

Рӯйи пули борике, ки ду соҳили «Варзоб»-ро ба ҳам мепайваст, марди дарвешсурате чашм ба мавҷи хурӯшони дарё дӯхта, ғарқи олами хаёлот гашта буд. Бо шунидани садои тавaққуфи мошини мо ӯ нигоҳ аз рӯд барканд ва солор-солор қадам ҷониби мо гузошт.

– Рӯдхонаи Варзоб дар фасли гармои тобистон манзили наҷоти ман аст, – ба сухан омад ӯ. – Ҳарчанд дар ин ҷо ғурфае барои аз гармо паноҳ бурдану даст ба эҷод задан надорам, чун бо дарвешон, дӯстон, мухлисонам кунҷи хонае, пораи нонеро бо ман мебинанд.

Дар сухани Темур Зулфиқорови паймонаи умраш ба 80 расида яъс ва дар уфуқи он умед эҳсос мешуд.

Ӯ моро ҷониби сурфа хонд. Ин сурфаи танг гилеми афсонавие буд. Гилеме, ки моро ба осмони парвози хаёлоти нависандае, ки дар қатори 10 машҳуртарин нависандагонии рус ва 100 мумтозтарин қаламкашони ҷаҳон қарор дорад.

Ҳини суҳбат Исои Масеҳ, Муҳамммад (с), Конфутсий, Сталин, Чингизхон, Рӯдакӣ, Мавлавӣ, Фирдавсӣ, Толстой, Маркес… бо мо мепайванданд… Бузург аз бузургон ҳарф мезанад. Чуноне ки Лоиқ Шералӣ гуфтааст:

*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд.*

*– Темур Қосимович, ҷавонӣ саршор аз неруст, ҳамеша дар талоши фатҳи қуллаҳост, андеша чун хунаш дар ҷӯш аст. Даме ки паймонаи умр ба 80 мерасад, инсон, билхосса нависандае чун Шумо дар бораи чӣ фикр мекунад?*

– Дар бораи чӣ? Шурӯъ мекунем, аз марги китоб. Ман дар ҳайрат, ки китоб хондан аз байн меравад, аммо мағозаҳо пур аз ин махзани дониш. Албатта, чунин фазо вобаста ба муҳит ва кишварҳост. Масалан, агар ба мағозаҳои китобфурӯшии Амрико дароед, он ҳамеша пур аз одам аст, мардум китоб мехонанд. Дар ин кишвар барои аз байн нарафтани китоб ва китобхон кардани мардум миллиардҳо доллар сарф мекунанд. Маблағҳои хеле зиёд барои тарғиби китобҳо сарф мешаванд. Албатта, қисмати зиёд китобҳое ҳастанд, ки моли асили адабиёт нестанд. Халтуранависону графоманҳо ҷойи нависандагони асилро мегиранд. Ба ном нависанда ва дар нохунак шоирон тариқи телевизион баромад мекунанд, аз ҳарзаҳои онҳо мавҷҳои радиоҳо, телевизион, саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо пуранд. Барои ҳамин ақидае, ки гӯё китоб мемирад, асос надорад. Воқеият ин аст, ки адабиёти асил мемирад. Зеро нависанда, шоири асил наметавонад, асарашро тарғибу чоп кунад. Ман метавонам даҳҳо нависандаро номбар кунам, ки даҳҳо китоб доранд, аммо ба адабиёт ҳеҷ иртиботе надоранд. Як замон зери шиори «Пролетарҳои ҷаҳон як шавед!» пролетарҳо ҷамъ меомаданд, ҳоло бошад зери ин шиор графоманҳо муттаҳид мешаванд.

*– Чаро чунин аст? Сababи рушди адабиёти графоманҳо ва дар гӯшаи фаромӯшӣ афтодани адабиёти асил дар чист?*

– Сабаб он аст, ки графоманҳо зиёданд ва нависандагони асил дар ҳар давлат 2-3 ва зиёди зиёд 4-5 нафаранд.

*– Имрӯз дар дунё, махсусан тариқи интернет пахши*

*иттилоот суръати кайҳонӣ гирифтааст. Маълумоти заруриро инсон метавонад дар чанд дақиқа ба даст орад. Аммо мутолиаи адабиёт вақту ҳавсала мехоҳад. Шояд канор рафтани адабиёт раванди табиӣ бошад?*

– Не. Ин монанди дарахтест, ки пир шуда, решаҳояш мепӯсанд ва аз тарафи дигар решаҳои онро медаранд.

*– Маънии ташбеҳи шуморо нвфаҳмидам.*

– Адабиёт ё худаш мемирад ва ё онро мекушанд. Амиқ намеравем. Тавре гуфтам, графоманҳо мисли иблисон ба адабиёт часпидаанд ва бо худнамоӣ рақобат мекунанд. Нависандаи асил барои чунин корҳо вақт надорад, ӯ мешинаду эҷод мекунад. Хушбахтона, дар Ғарб як гурӯҳ ашрофзодагон анъанаи ҳазорсоларо идома дода, адабиёт, мусиқӣ, кино ва рассомии асилро нигоҳ медоранд ва инкишоф медиҳанд. Ин хурсандиовар аст. Хурсандии дигари ман ин аст, ки тоҷикон, ки фарҳанги ҳазорсола доранд, дар мисоли Рӯдакӣ, ки 1150 сол пеш, ба забони барои имрӯзиён фаҳмо менавишт, адабиёти классикӣ, яъне асилро зинда нигоҳ медоранд ва мусиқии классикиро ва рассомиро мепарастанд. Русҳо низ ҳамеша Толстой ва Гоголро дӯст медоранд.

*– Маҳз дар ҳамин давлатҳое, ки Шумо классикдӯст гуфтед, хондан аз байн меравад. Дар дунё лоақал графоманҳоро мехонанд, аммо дар Тоҷикистон умуман, намехонанд. Вазъи мутолиаи русҳо ҳам зиёиёни русро ба ташвиш овардааст.*

– Ҷопониҳо исбот кардаанд, ки агар инсон се моҳ китоб нахонад, 80 фоизи фаъолияти мағзи сараш аз кор мемонад. Яъне, инсон ба гӯсфанд мубаддал мешавад ва метавонад қадамашро калон-калон ҷониби рама гузорад. Солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ мардум адабиёти асилро мутолиа мекард, маҷбур мекарданд, ки хонад. Маълум шуд, ки инсонро барои он ки инсон бошад, маҷбур кардан лозим. Чун тарбияи ҳама баробар нест, як нафар аз

кӯдакӣ пушти роял мешинад, Библияву Қуръон ва адабиёти ҷиддӣ мехонад, аммо як нафари дигар дур аз ҳаёти инсонӣ тарбия мегирад. Барои ҳамин, тарбия омили муҳим аст, зеро аввалиро наметавон харид, аммо харидани дувумӣ осон ва бо чанд танга аст.

*– Чӣ бояд кард, ки аққалан фазои китобхонии замони Шӯравиро барқарор кунем, чун имрӯз, тавре ёдовар шудем, мардум намехонад ва ба гуфти Шумо ҷониби рама равонанд?*

– Барои он ки мардум китобхон шавад, бояд аз кӯдакиашон маҷбур кард, ки адабиёт хонанд. Роҳи ҳалли масъала дар маҷбур кардан аст. Ба наздикӣ миёни озариҳо ва арманиҳо як ноороми шуд ва онҳоро маҷбуран ба сулҳ водор карданд. Яъне, маҷбур кардан кора кард.

*– Дар асри 21 мешавад инсонҳоро маҷбур кард?*

– Албатта! Саривақтист! Имрӯз инсонҳоро мусиқии даҳшатноки шайтонӣ дар ҳама ҷо пайгир аст. Адабиёти графоманӣ ҳам пур шудааст. Бинобар ин, вазифаи давлатҳост, ки инсонҳоро наҷот диҳанд.

*– Ба кадом васила? Бо қувваи адабиёт ё бо зӯр?*

– Ҳам маҷбурсозӣ аз ҷониби волидон, ҳам ба воситаи адабиёт, ҳам ба воситаи барномаи давлатӣ. Агар нашуд, ҳатто бо зӯрӣ. Барои ин бояд барномаи давлатӣ тарҳрезӣ шавад, яъне тариқи телевизион бояд мутахассисон баромад кунанд ва ба мардум фаҳмонанд, ки чиро хонанд, чиро не! Бояд гӯянд, ки ин китобро нахонед, музахраф аст, онашро хонед ва маҷбур кунанд. Ҳамин тавр, зидди кинои музахраф, мусиқии музахраф баромад кунанд. Ман ба онҳое, ки мегӯянд давлат ба корҳои адабиёт дахолат накунад, зид ҳастам. Давлат бояд мардумро аз хатари нестшавӣ, фаношавии рӯҳӣ наҷот диҳад. Нагузорад, ки шаҳрвандон ҷониби рама раванд. Бигзор оне, ки мусиқии даҳшатноки ҳайвониро таблиғ меку-

наду месозад, селаи детективу порнографияро ба адабиёт кашидааст ва мағ зи инсонҳ оро хароб мекунад, пушти панҷ ара шинад. Касоне ки «боз табъиз? Боз фишор?» гуфта даъво мекунанд, ҳ ақ нестанд. Кош давлат ба хотире, ки инсонҳ о инсон бошанд, ба онҳ о фишор оварад.

*– Мо дар асри 21 қ арор дорем. Ва боз ҳ ам мехоҳ ем, ки аз роҳ и диктатура ба дунёи маънавии инсонҳ о таъсир расонем. Ин магар зӯ роварӣ ба инсон нест, ки табиаташ демократист?*

– Инсоният сохтҳ ои гуногуни давлатдориро аз сар гузаронид. Ман ҳ амаи онро омӯ хтам. Капитализм, демократия хубанд, аммо на барои мо. Он барои давлатҳ ои аврупоӣ шояд хуб бошад, аммо барои русҳ ову тоҷ икон не!

*– Чаро тоҷ икону русҳ о? Магар миёни онҳ о монандие ҳ аст?*

– Хеле. Шумо тасаввур кунед, чаро тоҷ икон ба Русия мераванд? Ба Эрон, Туркия, Амрико не. Чунки тоҷ икону русҳ о аз як нажоди ҳ индуаврупоиянд ва ҳ ар ду монанданд: коргар, пуртоқ ат... Кӣ сахттарин, бадтарин, чиркинтарин корҳ оро иҷ ро мекунад? Боз ҳ ам тоҷ ику рус!

*– Темур Қ осимович, Шумо ба суоли аввал ҷ авоб нададед, дар синну соли Шумо инсон дар бораи чӣ фикр мекунад?*

– Дар синну соли ман? Падарони муқ аддас мегӯ янд, ки пирӣ барои инсон туҳ фаи бузург аст. Пирӣ на барои машғ ул шудан ба корҳ ои беҳ уда, на барои хешу табор вақ т сарф кардан, балки барои мулоқ от бо Худо ато шудааст. Инсон дар пирӣ бояд дар гуфтугӯ бо Худо бошад, тамом! Аммо ман ба ин фикр комилан мувофиқ нестам. Ман дар ин синну сол дар бораи чӣ фикр мекунам? Масалҳ ои охирини ман дар мавриди асрори пайдоиши ё офариниши инсон дар рӯ йи замин аст. Дуруст аст, ки мо барои кушодани ин сир ҳ еҷ гоҳ мушарраф нахоҳ ем шуд,

аммо ба он наздик шудан имкон дорад. Ман ҳам чун ҳама нависандагони дунё мехоҳам ин асрорро кушоям. Барои чӣ Худованд моро офарид? Ӯ аз офаридани мо дар ҳайрат нашуд магар? Ӯ барои мо охири роҳро омода кардааст? Охират наздик аст? Ин ҳама чун фалсафаи пайдоиши инсон аҷиб аст. Худованд танҳо Одам ва Ҳавворо офарид ва дигар ҳамаи мо дар натиҷаи гуноҳ тавлид шудем.

*– Шумо аз марг метарсед?*

– Албатта, чун ман ҳанӯз зиндаам ва инстинкти ҳаёт ҳанӯз дар ман ҳаст. Аммо ман бештар аз марг не, балки аз марги тадриҷӣ метарсам.

*– Марг аз нигоҳи шумо чист?*

– Марг? Бозгашт ба Биҳишт! Худованд моро аз Биҳишт ронд ва мо боз меравем ҷониби Биҳишт! Ман дар як масалам навишта будам, ки Дӯзах вуҷуд надорад, инсоният дар охир ба Биҳишт меравад, хоҳ гунаҳкор аст, хоҳ бегуноҳ. Дӯзах ин ҳамин дунё аст.

*– Нависандагони бузурги дунё барои эҷод кардан хилват меҷустанд, тарки манзили аслиашон мекарданд ва дар кишвари дигар кунҷи танҳоӣ ихтиёр мекарданд. Чанд соли охир аст, ки шумо тарки Маскав кардед ва дар Тоҷикистонед. Шумо ҳам Тоҷикистонро ба ин хотир интихоб намудед?*

– Дуруст, ман қариб ду соли охир доимӣ дар Тоҷикистон ҳастам. Чун ман фаҳмидам, ки болаззаттарин хӯрок дар дунё ин нони дар оби чашма таркарда будааст. Москвае, ки ман 56 сол зистам, аллакай барои зиндагӣ вазнин шуд. Аҳолӣ зиёд, роҳҳо банд, ғалоғула, миллионҳо омадагон, масквагиҳои асил 3 фоиз мондаанду халос, шаҳри таърихӣ вайрон шуд, камбағалӣ ба ҳолати маъмулӣ табдил ёфт. Ман ҳам дар пирӣ гирифтори камбағалӣ шудам, чизе надорам, ҷуз хонаи дуҳуҷрагиам дар Маскав. Аммо дар ин ҷо Президент

Эмомалӣ Раҳмон ба ман хонаи нағз дод, ҳарчанд ки маро дар он ба қайд намегузоранд. Дигар ин ки синну солам ба обу ҳавои тоза ниёз дорад. Ман дар орзуи як хонача дар лаби дарё ҳастам. Барои ҳамин аз Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки ӯро чун сиёсатмадори қавиирода шинохтаам, як тақозо дорам: ба ман дар лаби дарё як хоначае ҳадя кунад. Медонед, ман бо нависандагони бузурги дунё шинухез доштам, мисол Маркес, ки дар канори уқёнус виллаҳо дошту бо президентҳо шинухез. Чунин ҳам бояд бошад – инсонҳои бузург ҳамеша бо бузургон шинухез дошта бошанд. Роҳбарон, президентҳо ҳам бояд худро аз шуарову нависандагон ва орифон дур нагиранд. Агар соли 1917 Николайи 2 Толстойро барои мулоқот қабул мекард, инқилоби соли 1917 набуд. Тоҷикистон зодгоҳи ман аст, ин ҷо мардум маро дӯст медоранд. Ин ҷо хонанда дорам, гарчанде хонандагони русам садҳо маротиба зиёд ҳастанд. Ҳарчанд ман ба забони русӣ менависам, нисфи эҷодиёти ман ба Тоҷикистон бахшида шудааст. Тоҷикон дар осори ман рӯҳи адабиёти ба забони дигар муҳоҷиршудаи худро эҳсос мекунанд. Агар ман солҳои 70-ум ба забони тоҷикӣ менавиштам, маро кайҳо коммунистон мепаррониданд, зеро ман адабиёти сирф динӣ менавиштам ва аз тарс навиштаҳоямро дар хонаи кампири армании ҳамсоя пинҳон мекардам.

*– Ҳар як нависанда қуллаи эҷодӣ дорад, Толстой «Ҷанг ва сулҳ», Ҳемингуэй «Мӯйсафед ва баҳр», Маркес «Сад соли танҳоӣ», Айнӣ «Ёддоштҳо». Қуллаи эҷодиёти Шумо кадом аст?*

– Ман, вақте ба 7 ҷилди мунтахаби осорам нигоҳ мекунам, якеро аз дигаре ҷудо карда наметавонам. Ин «Марги амир Темур», «Умари Хайём», «Иқрори Иван Грозний», «Кӯдакии Исои Масеҳ», «Як рӯзи зиндагии ҳазрати Муҳаммад», романи «Афъимори марҷонӣ» ва

садҳо масалҳои хурд доир ба Хоҷа Насриддин. Як замон маро Азиз Несин, нависандаи турк пурсид, ки ту ин масалҳоро аз куҷо гирифтӣ? Ман гуфтам аз сарам. Гуфт, бовар намекунам. Гуфтамаш, ки фолклорро мардум месозад, ман низ сохтам. Барои ҳамин миёни асарҳоям наметавонам тафриқа гузорам.

*– Агар Шумо ба реинкарнатсия бовар доред, дар зиндагии оянда кӣ будан мехостед? Аслан хоҳиши дигарбора ба замин омадан доред?*

– Дар зиндагии оянда мехостам, ки дар соҳили уқёнус тавлид шавам ва боғбон бошам. Ва ё шоири дарборӣ бошаму дар дарбори император ё шоҳони бузург хизмат кунам ва ӯро васф карда, тақдири мамлакаташро пешгӯйӣ намоям.

*– Забони асарҳои шумо русист, аммо рӯҳашон чӣ?*

– Ду рӯҳия – насоро, ки ба русҳо рабт мегирад ва мусалмонӣ, ки ба тоҷикон иртибот дорад. Дар эҷодиёти ман пайғамбарон Исову Муҳаммад (с) рӯ ба рӯйи ҳам меоянд.

*– Пас Темур Зулфиқоров макони мулоқоти ин ду пайғамбар аст?*

– Худи ман не, эҷодиёти ман.

*– Навиштаҳои шумо, аз нигоҳи худатон то кай зинда хоҳанд монд?*

– То будани одамият ва забони русӣ...

**Сайёфи Мизроб**

# ТЕМУР ЗУЛФИҚОРОВ – ПОРТРЕТИ МУОСИРИ МАН

«Касымыч»-ро шояд аз ҳама дер ман шинохтам. Албатта, ошноии фардиро дар назар дорам, зеро бо эҷодаш сар аз авоили солҳои 80 ошноям. Пйесаи «Кабки қафас»-аш дар театри Лоҳутӣ фурор ба амал оварда буду мани якумкурсак дар соли 1983, бо ҳидояти профессор Иброҳим Усмонов, ба он ҳатто тақриз ҳам навиштам, ки табиист, ҷое чоп нашуд. Филми «Белый роял»-аш бошад, ки соли 1968 наворбардорӣ шудааст, то ҳол шедеври синамогарони на танҳо Тоҷикон, ки собиқ филмсозхонаи СССР маҳсуб меравад! Ва умуман, роҷеъ ба фаъолияти эҷодии Маэстро навиштан, пургӯист: Кӣ Дантеи муосир, Софокли зинда, Ахиллеси аср, Колосси адабиёти рус, Хеопси адабиёти Тоҷик ва Титани адабиёти олами муосирро намешиносад? Ҳама мешиносад, медонад, мефахрад. Аммо дар бораи кафи пойи Ахиллеси асри муосир, ки кам касон огаҳанд, хоҳам навишт:

Темур Қосимович Зулфиқоров ин шабу рӯз 1 мушкили умда дорад: мехоҳад даврони пириашро дар хоначаи гилине, дар шафати Варзоби дӯстдоштааш гузаронад: Варзобе, ки Қайсу Ромео он қадар Лайливу Ҷулеттаро мадҳ нагуфтаанд, ки Касымыч ин дарёчаро васф карда! Аммо имкони молӣ надорад. Воқеан ҳам, кадом бузургмарди адабиёт, оне, ки худро ба Абадият бахшидааст, пулу пайсаву мол дошт, ки Темур Зулфиқоров дошта бошад? Нотавонии молӣ, ки мардуми нобиғаро пайгир аст, ана ҳамон кафи пойи Ахиллес (Ахиллесова пята – нуқтаи заъф) барои Зулфиқоров аст...

Вале барои 1 миллати Шариф, ки даъвии соҳибсуханӣ

дар Осиёву Олам дорад, магар сохтусози 1 хоначаи гилин барои Нобиғааш мушкил аст? Ин ҳам дар ҳоле, ки Зулфиқоровро ҳатто дар ҳамон хонае, ки Президенти ҶТ тuҳфа карда буд...номнавис (прописка) намекунанд. Боре аз соҳибмансабе шунидам, ки «масъулин метарсидаанд, ки хонаро ба номи Нобиға кунанд, шояд онро фурӯшад»... О, бигзор фурӯшад! Ин туҳфаи шоҳонаи Сарвари 1 давлат аст, охир! Бо туҳфаи шоҳона мову шуморо чӣ кор? Туҳфа дигар моли ҳалоли соҳибҷоиза аст: хоҳад мефурӯшад, нахоҳад зиндагонӣ мекунад, музей месозад, қадамҷояш мешавад баъди солҳо ва миллати фаромӯшӣ ба зиёраташ ҳатман хоҳад шитобид.

Касымычро барои он иззат мегузорам, ки дар ҳама нуқоти олам, ба вежа, дар Русияе, ки замони ахир Тоҷикро журналистикаи фашистмаобаш киноя задаву Джомшуту Ровшан муаррифӣ месозад, худро ҳамеша ТОҶИК мехонад!!!

Ҳаргиз аз решаи пурифтихори ориёии Тоҷикияш ор накардааст. Ҷадди бузургвораш – Қосим Зулфиқоров ва Людмила Владимировна Успенская дар илми сиёсату забоншиносии миллати Тоҷик хидматҳои арзанда кардаанд ва табиист, ки аз чунин ақд ҳамин гуна Нобиғае барҷаст, ки ҳамеша худро аввал Тоҷик ва баъдан Рус мехонад. Темур Зулфиқоров воқеан ҳам охирон пулест, миёни фарҳанги Тоҷику рус. Ҳубби Тоҷику Тоҷикистон дар қалби Устод ба ҳаддест, ки 3 бор пайиҳам ҳамчун намояндаи миллати Тоҷик ва 2 бори дигар тавассути газетаи мардумии СССР номзадияшро барои дарёфти Ҷоизаи Нобел пешниҳод намуд: Танҳо даъвии ин ҷоиза кардани Маэстро барои Миллати Тоҷик аллакай Шараф аст!!!

Темур Зулфиқоров, ки ҳамин рӯз ба синни 80 мерасад, аз диди инфиродии ман кист?

– Ӯ ба масале Гектори афсонавист, ки барои

муҳаббати дигарон ҳар рӯз ба майдони ҷанг рафтаву ба қатл мерасад...

– Ӯ Исоест, ки салиби худро бардошта, равона сӯйи Голгофа асту мо –заминиёни адамулфарҳанг маҳмезаш мезанем, чормехаш мекунем, синаашро бо найзаи назари ҳасуд пайваста ва ҳамарӯза мешикофем...

– Ӯ Чингизхонест, ки аз карда пушаймон асту роҳи наҷот меҷӯяд...

– Ӯ Темури ланг аст, ки дар симои Шералӣ Абдулқайсов – ҳунарманди беҳину беҳтарини Тоҷик, пойи маризашро оғӯш гирифтаву фиғон мекашад ва пӯзиш металабад...

– Ӯ Хоҷа Насриддини ҷавонест, ки дар ҳарамсарои Шоҳ – Ҳошими Гадо аз ишқи шоҳдухтар то ҳанӯз месӯзад...

– Ӯ пайғамбари хурдакакест, ки думболаи рамаи гӯсфандон дар дав аст...

– Ӯ Пушкини кӯчакест, ки бо мӯйҳои тиллойин, зери сояи дарахтзор шеър мебофад...

– Ӯ Дантесест, ки тири қаттолро ҳамарӯза сӯйи Нобиға раҳо месозад...

– Ӯ Дарвешест, ки ҳар шому субҳ дари мардумро кӯфтаву Одамгарӣ металабад...

– Ӯ виҷдони даврони мост!!!

Темур Қосимович ягона марди хирадест, ки дар даврони бедодгарии Елтсинӣ ба ӯ мактуби хашин навиштаву ба адлу инсоф даъваташ кард...

Темур Қосимович ягона абармардест, ки ҷасурона, далерона, нотарсона ба Путин нома навиштаву тамомии қубҳу гуноҳу камбуди ҷамъияти имрӯзаи Русияро мисли авлиё ба риштаи тасвир кашид...

Темур Қосимович Зулфиқоров дарвешест, ки аз Аласт омадаву сӯйи Абад равона аст. Ӯ фардо, ба ояндагон, дар бораи ҷамъияти имрӯзаи мо, ки ҳатто нахостем ё ната-

вонистем, 80-солагиашро ақаллан дар театри Лоҳутӣ ҷашн бигирем, чӣ хоҳад қисса кард? Суоли матраҳ аст, албатта...

**Мирзои Салимпур**

# ТЕМУР ЗУЛФИҚОРОВ – ШОИРИ НОБИҒА, ВАЛЕ КАМБАҒАЛИ ДУ МИЛЛАТ

*Темур Зулфиқоров – шоири нобиға, вале камбағали ду миллат 75-солагии хешро дарвешона пешвоз мегирад.*

«Дантеи адабиёти рус», «классики мутлақ», «ҳакиме, ки аз абадият зоҳир шудааст», «устоди асил ва нобиғаи сухан», «марде ки назмро дар никоҳи наср даровардааст» ва ҳам «охирин дарвеш дар хонақоҳҳои сарду сангии Маскав». Чунин аст сифоте, ки аз Темур Зулфиқоров мекунанд.

Шоири ба пирӣ расида одатан шоири бадест, ки эҳсososти худро дар тӯли умр сарфакорона харҷ кардааст ва ё шоире, ки дигар ба сафи ҳакимон мепайвандад...

Темур Зулфиқоров – тобонтарин ситораи тоҷики адабиёти рус – ба синни мубораки 75 расид. Зулфиқоров, ки ҳамеша ба ин дунё бо чашми ду қаҳрамони абадиаш – Хоҷа Насриддин ва Хоҷа Зулфиқори Девона нигоҳ мекунад, то имрӯз танҳо адиби тоҷик аст, ки ду дафъа ба ҷоизаи Нобел пешбарӣ шудааст.

Ӯ мегӯяд, 75 синне боварнокарданист, вале боз ҳам як нуқтаи атф: «Шоирон ками дар кам ба чунин син мерасанд. Шеър бештар бо ҷавониву ишқу базму шароб тавъам аст, на бо даври пирӣ, ки инсон ба таркиби аъзояш бештар сарфаҳм меравад. Ин дигар даври дарди гурдаву дилу буғумҳост, то вақти илҳом. Шоири ба пирӣ расида одатан шоири бадест, ки эҳсososти худро дар тӯли умр сарфакорона харҷ кардааст ва ё шоире, ки дигар ба сафи ҳакимон мепайвандад. Шояд Худованд маро ҳам лоиқ дида бошад, ки ба соҳили ҳакимон гузарам.»

## Аз «Рояли сафед» то «Як рӯзи бачагии Муҳаммад (с)»

Темур Зулфиқоров 17-уми августи соли 1936 дар Душанбе дида ба ҷаҳон кушодааст. Падараш – Қосим Зулфиқоров котиби аввали ҳизби коммунист дар Шаҳринав буд. Соли 1937, вақте Темур ҳамагӣ як сол дошт, падари ӯ зери чархи мошини таъқиботи сталинӣ уфтод ва ҳамчун «душмани халқ» қатл шуд. Модараш – профессор Людмила Успенская – муҳаққиқи гӯишҳои водии Ҳисор ва яке аз муаллифони «Луғати тоҷикӣ-русӣ»-и чопи соли 1954 буд. Дуруст ҳамон сол, Темур Зулфиқоров ба риштаи фалсафаи Донишгоҳи Ленинград дохил шуд, вале ду сол баъд фалсафаро партофт ва таҳсилро дар Донишкадаи адабии ба номи Максим Горкийи шаҳри Маскав идома дод.

Муаллифи сенарияи 9 филм, аз ҷумла «Рояли сафед», «Ошпаз ва овозхон», «Одам аз паси парандаҳо парвоз мекунад», «Мурғи сиёҳ», «Саробҳои ишқ», «Ишқи аввали Насриддин», «Бозгашти Хоҷа Насриддин» ва «Пешхидмат бо лаълии тилло». Теъдоди умумии нашри 30 китоби Темур Зулфиқоров ба беш аз 1 миллион нусха баробар шуда, ӯ танҳо адиби тоҷик аст, ки ду дафъа ба ҷоизаи адабии Нобел пешбарӣ шудааст.

## Навбати Хоҷа Насриддин расид...

Зулфиқоров ба фарқ аз ҳамсабақҳои зуд шуҳратёфтааш дар Донишкадаи адабии ба номи Горкий – Андрей Вознесенский, Бела Аҳмадуллина ё Юнна Моритс – даврони ҷавонӣ ва ҳатто миёнаи умри худро тақрибан дар гумномӣ ба сар бурд.

Мушкили дигар дар рӯйи дунё парешон шудани тоҷикҳост, ки дар ҷустуҷӯи нон то ба Порису Нью-Йорку Маскав рафтаанд. Чизи дигаре ки дардам медиҳад, фосилаи хеле бузургест, ки дар Тоҷикистон байни аҳли сарват ва аҳли фақр, байни қасру кулба эҷод шудааст... ҳам таълифи филмномаҳои одие буд ба мисли «Ошпаз ва овозхон» бо Махфират Ҳамроқуловаи ҳанӯз ҷавон дар нақши асосӣ.

Ҳарчӣ ӯ дар ин муддат ҷиддитар навишт, ҳатто ҷуръат намекард ба дасти чоп бидиҳад. Нахустин китоби ҷиддиаш – «Достони марги Амир Темур» – соли 1980, дар 44-солагии Темур Зулфиқоров ба дасти хонандагон расид. Ба дунбол, силсилаи достонҳои Хоҷа Насриддину Хоҷа Зулфиқори Девона ва «Саргузаштҳои заминиву осмонии шоир» ҳам баъди солҳои 80 ба дасти хонанда расида, номи Темур Зулфиқоровро ҳамчун адиби навҷӯву навгӯ вирди забонҳо карданд.

Ҷоизаи Нобел шояд ҳанӯз дар пеш бошад, вале дар кӯлбори ҷоизаҳои Темур Зулфиқоров аллакай ҷоизаи англисии «Коллетс» ҳаст, ки «Саргузаштҳои заминиву осмонӣ»-и ӯ соли 1993 ҳамчун «Беҳтарин романи Аврупо» ба даст овард. «Масалҳои тиллоии Хоҷа Насриддин» дар соли 2004 ҳамчун «Асари барҷастаи адабиёти рус» соҳиби ҷоизаи «Ясная Поляна» шуд. Роман-устураи «Афъимори марҷонӣ»-ро «Беҳтарин китоби соли 2005» эътироф карданд ва имсол достони «Як рӯзи бачагии Муҳаммад Пайғомбар»-и Темур Зулфиқоров дар озмуни «Салавот бар Муҳаммад» ҷойи аввалро гирифт.

## «Забони тоҷикӣ»-и шоир

Нахустин китоби русии Зулфиқоров дар Тоҷикистон соли 1983 чоп шуд. Тарҷумаи баланди «Достони бачагии Мушфиқӣ» бо қалами Муҳаммадзамони Солеҳи фақид

ба лашкари ҳаводорони Зулфиқоров дар Тоҷикистон чунон афзуд, ки худи ӯ ҳам мегуфт, ки тарҷумаи Муҳаммадзамон ҳатто аз оригинали русии ин достон олитар аст.

Ҳолиё китобҳои Зулфиқоровро ба тоҷикӣ Нур Табаров бармегардонад ва Зулфиқоров мегӯяд, Табаров танҳо тарҷумон нест, балки забони тоҷикии ӯст. Нашриёти «Адиб» ба муносибати ҷашни Темур Зулфиқоров нашри ду китоби ӯро дар нақша гирифтааст, ки якеаш ба русӣ буда, бояд то поёни сол нашр шавад. Аммо китоби дувум, ки тарҷумаи тоҷикии асарҳои тозаи ӯст, ба гуфтаи тарҷумонаш Нур Табаров бояд то чанд рӯзи дигар ба дасти хонандагон бирасад: «Ин китоб бояд то аввалҳои сентябр барояд. Дар ин китоб ҳам роман-устураи «Афъимори марҷонӣ» ҳаст ва ҳам се достони мансури Зулфиқоров, аз ҷумла «Чойхонаи лаби ҷар», «Марг нест» ва «Як рӯзи бачагии ҳазрати Муҳаммад Пайғомбар», ки порсол дар Русия дар озмуни «Салавот бар Муҳаммад» соҳиби ҷоизаи аввал шуда буд.»

## Ҳамеша бо ёди Тоҷикистону Варзобаш

«Як рӯзи бачагӣ» ва чанд достони дигари вижаи масоили мазҳабӣ ҳокист, ки Темур Зулфиқорови дар гузашта космополит худоҷӯ ва «исломитар» шудааст, вале эътиқоди ӯ ба Ӯи азза ва ҷалла, албатта, дар қолаби ҳеҷ як мазҳаби алоҳида намеғунҷад. Ӯ мегӯяд, қариб 3 моҳ дар Тоҷикистон буд ва тоза ба Маскав баргашт: «Қишлоқҳои дурдастро сайр кардам, ба Искандаркӯл рафтам, бори дигар аз зебоии кӯҳҳои Фон ба ваҷд омадам ва боз ҳам ба ватанам ошиқтар шудам. Вале дардҳои ин ватан низ азобам медиҳанд, аз ҷумла шаробхорӣ ё ифлосии дарёҳо. Хоҷа Насриддин мегӯяд,

ки дарё оби Оллоҳ асту шароб – оби Шайтон. Мушкили дигар дар рӯйи дунё парешон шудани тоҷикҳост, ки дар ҷустуҷӯи нон то ба Порису Ню-Йорку Маскав рафтаанд. Чизи дигаре ки дардам медиҳад, фосилаи хеле бузургест, ки дар Тоҷикистон байни аҳли сарват ва аҳли фақр, байни қасру кулба эҷод шудааст.»

Нур Табаров мегӯяд, ҳар сафари Тоҷикистон барои Темур Зулфиқоров як ҷаҳон мавзӯи тоза медиҳад: «Ин мард меҳри беандозае дорад ба ин сарзамин. Ҳар сол ду дафъа ба Тоҷикистон меояд – ҳам баҳор ва ҳам тирамоҳ. Меояд инҷову мегардад дар ҳамон ҷоҳое ки қаҳрамонҳои воқеиву хаёлии ӯ мегарданд. Бо ҳамон пайроҳаҳои бузгард пои пиёда меравад, шабҳо дар лаби дарёи Варзоб хоб меравад ва ба гуфтаи худаш, ситорашуморӣ мекунад. Ва ҳар боре як дунё эҳсосоти тозаро бо худ мебарад ба Маскав. Тоза аз Маскав «Масалҳои тамузӣ»-ро фиристод, ки инҳо аллакай маҳсули сафари имсолааш ба Душанбеву ба дараи дӯстдоштааш – Варзоб аст.»

## Нобиғаи тасаввуф, вале ҳанӯз бе Нобел

Адиби шинохтаи рус Анатолий Ким Темур Зулфиқоровро «устоди асил» ва «падидае комилан нотакрор» ба қалам дода, бо таассуф мегӯяд, ки ин нобиғаи дар ҷаҳон эътирофшударо дар Русия ба таври кофӣ қадр намекунанд. Валерий Плетнер ӯро «аз ҳама лиҳоз – чи забону мавзӯъ ва чи жанру чи услуб – як падидаи гӯшношуниди адабиёти рус» ном мебарад. «Литературная газета», нашрияи адабии чопи Маскав Темур Зулфиқоровро «Дантеи рус» ва «шоиру носири бузург»- у «ҳаким ва нобиғаи тасаввуф» тавсиф карда, профессор Артём Таласов менависад, «Зулфиқоров классики мутлақи адабиёти ҷаҳонист ва назми ӯ шабеҳи дуоҳо

ва муноҷоти паёмбарони қадим ё шаманҳо.»

Владимир Бондаренко, сардабири нашрияи адабии «День Литературы», чопи Маскав дар суҳбат бо «Озодӣ» Темур Зулфиқоровро аз барҷастатарин шуарои Русияи муосир унвон кард: «Аз нигоҳи чи услуб, чи ороиш ва чи тасвир ягон касро наметавон дар радифи ӯ гузошт. Ба назари ман, Зулфиқоров шеъри русиро хеле бойтар кард. Ва ин аз решаҳои тоҷикии ӯ об меҳӯрад. Темур Зулфиқоров шеъри бузурги Шарқро бо шеъри русӣ гӯиё хунпайванд кард. Ӯ дар воқеъ яке аз бузургтарин шоирони рус дар асри 20 аст.»

Пас чаро талошҳои маҳофили адабии Русия, ки Темур Зулфиқоровро ду дафъа ба ҷоизаи Нобел номзад карданд, самар надод? Владимир Бондаренко мегӯяд, дар эътои ҷоизаҳои адабии Нобел омили сиёсӣ низ ҳамеша нақш дошт ва як далели аслии то имрӯз ба ин ҷоиза ноил нашудани Зулфиқоров ҳам ин аст, ки на ӯ ва на шеъраш сиёсатзада нестанд: «Темур ҳатто бо худвижагиаш кайҳо сазовори ин ҷоиза шудааст. Адибоне ҳастанд, ки истеъдоди хос доранд, вале дар як маҷрои умумӣ қарор доранд. Вале Темур Зулфиқоров падидае чунон вижаву нотакрор аст, ки ҷоизаи Нобелро бояд ба чунинҳо дод. Ҷоизаи Нобелро ҳарсол, албатта, ба беҳтаринҳо медиҳанд, на ба адибони сиёсатмаоб. Вале муносибати умумӣ ба Русияи Путин ва мавзеи сиёсии довталабон низ нақш дорад. Бубинед, Орҳан Памук, ки дар воқеъ сазовор буд, то замоне ки қатли арманиҳоро қатли ом нагуфту кораш ба додгоҳ нарафт, ҷоизаи Нобел нагирифт. Темур Зулфиқоров дар радифи Валентин Распутин ва Василий Аксёнов аз ангуштшумор адибони рус аст, ки шоистаи Нобел ҳастанд. Мушкили ӯ дар камбуди ҳунараш нест, балки дар камбуди фаъолиятҳои сиёсист.»

## Пуле байни ду мардум

Давлат Худоназаров, коргардони тоҷик, ки 20 сол боз дар Маскав ба сар мебарад, мегӯяд, дар шароити имрӯз, ки мори афъии қавмгароӣ дар Русия сар баланд кардааст, пулҳои фарҳангие чун Темур Зулфиқоров сахт лозиманд, ки бо ҳашамат ва бузургии ҳунари худ ба аҳли ин кишвар тасвири дигаре аз мардуми тоҷикро низ бинамоянд, ки ин миллат фақат мардикор намезояд: «Темур Зулфиқоров аз як сӯ ҳамчун адиби тоҷик шинохта шудааст ва аз сӯйи дигар – ҳамчун нависандаи рус. Русе ки сафири фарҳанги тоҷик дар Русия аст. Темур Зулфиқоров дар адабиёти рус давомдиҳандаи анъанаест, ки дар солҳои 20 бо ин услуб, барои мисол, Хлебников менавишт. Ӯ тавонист як услуби омехтаи навиштанро пайдо кунад, ки шираи фарҳанги тоҷикро низ дар худ нигоҳ дошта, ба хонандаи рус мефаҳмонад. Осори ӯ саропо романтикист ва бар пояи ҳар кадоми онҳо метавон филми баланде сохт.»

Темур Зулфиқоров, албатта, аз нахустин адибони тоҷиктабор дар адабиёти рус ва то кунун тобонтарин ситораи тоҷик дар осмони ин адабиёт аст. Вале дар осмони адабиёт ва фарҳанги рус танҳо ин як ситора нест, ки медурахшад.

Темур Варқӣ, зодаи Душанбе, ки низ қариб 20 сол боз дар Маскав ба сар мебарад ва ба русӣ шеър мегӯяд, роҷеъ ба нақш ва саҳми зодаҳои Тоҷикистон дар адабиёту фарҳанги муосири Русия гуфт: «Ба ғайр аз Темур Зулфиқоров метавонем Анвар Тавобовро ном бигирем, ки тоҷики Хуҷанд аст ва ба тозагӣ романи наваш бо номи «Середина мира» аз чоп баромад. Романи таърихист дар бораи ҳаводисе, ки дар Осиёи Марказиву Афғонистон ва то ба Ҳинд мегузашт. Ситораи дигари мо дар Русия коргардони шинохтаи тоҷик Бахтиёр Худона-

заров аст. Адиби ҷавон Алишер Ниёзовро ҳам инҷо дорем. Ва, албатта, Андрей Волос – муаллифи романҳои соҳибҷоизаи «Маккаи Маскав» ва «Хуррамобод» – низ аз Тоҷикистони мост ва «Хуррамобод»-и ӯ ҳам пиромуни ҳаводиси солҳои ҷанги шаҳрвандии мо. Коргардони синамо Валерий Аҳадов ва додари ӯ Рустам. Валерий дар Маскав ба ҳамватанонаш кумаки зиёд мекунад ва тоҷикони зиёдеро дар «Мосфилм» ҷо кардааст.»

Аммо Темур Зулфиқоров мегӯяд, ҳар рӯз, вақте азоби мардикорони тоҷикро дар Русия мебинад, ғашаш меояд, ки тақдир ба ҷойи девони Румӣ ё Камол ба дасти ин мардум белу ҷорӯбу зоғнӯл додааст: «Вақте одам дар ҷустуҷӯи нон меуфтад, аз ситораҳо фаромӯш мекунад. Ҳоло ҳам дар рустоҳои дурдасти Тоҷикистон Саъдиву Ҳофиз мехонанд, вале торафт камтару камтар. Ва вақте аз боми биноҳои осмонбӯси Маскав садои суҳбати тоҷикӣ ба гӯшам меояд, ман ба ёди кӯдаки тоҷике меуфтам, ки дар боми кулбаи падариаш менишаст ва болои сараш уқобҳо парвоз мекарданд ва акнун чархи зиндагӣ ӯро рӯйи боми ин осмонбӯси мураккаб аз бетону пӯлод овардааст. Аз дили ин бача оё чӣ мегузарад? Дилам барои онҳо месӯзад.»

## Бухгалтерияи шоир

Темур Зулфиқоров дар ин гуфтугӯ аз рӯзгори фақиронааш ҳам лаб ба шикоят кушод, вале гуфт, азбаски ҳарду мардуми тоҷику рус, ки ӯ барои онҳо менависад, низ дар чанги фақранд, ӯ ҳам бояд, ба таъбири худи Зулфиқоров, «шоири камбағали ин ду халқи камбағал бошад»: «Талошҳои ман барои раҳоӣ аз чанголи нодорӣ ба ҷое нарасид. Ва феълан ман дар ҷайб пули пучаке надорам, ки дар зодрӯзам ягон хони зиёфат дуруст кунам. Ман боре пулро қоғази Шайтон хонда, гуфта будам, ки

агар ба рӯйи пул нек нигарӣ, симои Шайтон намудор мешавад. Ва шояд Худо барои ҳамин ба ман пул намедиҳад. Вале вақте ҳарду мардуми ман камбағал аст ва ман ҳамчун адиби онҳо бояд низ камбағал бошам. Чунин нодории комил дар синни 75 маро азоб медиҳад, вале аз тақдир мебинам. «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ ба ёд меояд. Рӯдакӣ ҳам дар поёни умр даст ба ҳисобу китоби умраш зад ва маълум кард, ки ғайри асову анбон чизе надорад.»

Чанд сол пеш раисҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Темур Зулфиқоров дар Душанбе як манзили сеҳуҷрагӣ дод, ки ӯ ҳангоми сафарҳояш ба ватан дар он ба сар мебарад. Аммо ба гуфтаи афроди огоҳ аз қазия, мақомот ба Темур Зулфиқоров то ҳол иҷозат надодаанд, ки ин хонаро ба номи худ сабт кунад ва ин туҳфаи дар оғоз «шоҳона»-и президент ба як манзили орият амалан табдил шудааст. Он ҳам дар ҳоле ки худи Темур Зулфиқоров мехоҳад, то баъди ӯ дар ин манзил хона-музейи ӯву модари низ ба Тоҷикистон хидматкардаашро бино кунанд.

Бо ин ҳол, Темур Зулфиқоров, ки ҳама «нобиғаи сухан» ва «Дантеи адабиёти рус» сифаташ мекунанд, бо аҳли хонаводаи худ тақрибан 40 сол боз дар ҳамон кӯчаи Мосфилм ва дар ҳамон як кулбаи танги дуҳуҷрагӣ дар қабати баланди 14-ум ба сар мебарад ва бо ҳасрат мегӯяд, ки ҷайби ҳамеша тиҳиаш нагузошт, то орзуи ӯ барои зиндагӣ дар ҳавлӣ дар Маскав ё дар Тоҷикистон ҷомаи амал бипӯшад.

**МУНДАРИҶА**

ГУЛРУХСОР. МУШКИЛ АСТ БОВАР КАРДАН,
КИ ТЕМУР 80- СОЛА ШУДААСТ

**ПОВЕСТҲО**

ИШҚИ АВВАЛИ ХОҶА НАСРИДДИН.
Тарҷумаи Ҳикмат Неъмат

ДОСТОНИ БАЧАГИИ МУШФИҚӢ.
Тарҷумаи Муҳаммадзамони Солеҳ

ЯК РӮЗИ АЙЁМИ БАЧАГИИ ПАЙҒАМБАР
МУҲАММАД (С). Тарҷумаи Нур Табаров

ПИСАРАКИ АФҒОН ВА ПРЕЗИДЕНТИ АМРИКО.
Тарҷумаи Нур Табаров

**НОВЕЛЛАҲО**

ЧОЙХОНАИ ЛАБИ ҶАР. Тарҷумаи Юнус Юсуфӣ

МАРГ НЕСТ. Тарҷумаи Нур Табаров

**ДУРДОНАҲОИ ХОҶА НАСРИДДИН**

КОСАИ УМР
УМАРИ ХАЙЁМ ВА МАН
СОЯИ БИҲИШТ ВА ДӮЗАХ
БОД. Тарҷумаи Нур Табаров6
САРПӮШИ СИРПӮШИ ЗАНИ РУС
ИШҚ
ШАБУ РӮЗ
ТОҶИКУ РУС

ЗАБОНИ ИБЛИС ВА ХУДО
ШОИР
БУЛӮР ВА АЛМОС
ПУЛ
ХАЛҚИ КӮДАК
ДАР БОРАИ КИТОБҲО. Тарҷумаи Одили Нозир
УСТОД
ПАЙМОНАИ ШОДӢ
КӮДАКӢ, ҶАВОНӢ, БАЛОҒАТ, ПИРӢ, МАРГ
САДБАРГ
ДАРВЕШ ВА МАЙ
ХОҶА НАСРИДДИН ВА БОЗСОЗӢ
ДАР БИҲИШТ
ШАВҲАРИ ПИР ВА ЗАНИ ҶАВОН
ДАРВЕШ ВА ПОИЗ
ПАДРУД
ЯҲУДО
ДИНҲОИ ДУНЁ

**ПУБЛИТСИСТИКА**

СОРБОНИ КОРВОНИ БАХТИ МИЛЛАТ
ИНРО БО МАДАДИ ХУДО ЭМОМАЛӢ РАҲМОН
ВА АСҲОБИ БОШАРАФИ Ӯ КАРД

**ДАР БОРАИ ДАРВЕШ**

Ш. ҲАМДАМПУР, ОДИЛИ НОЗИР.
Темур Зулфиқоров макони мулоқоти Исои Масеҳ ва Муҳаммад (с).
САЙЁФИ МИЗРОБ.
Темур Зулфиқоров – портрети муосири ман
МИРЗОИ САЛИМПУР.
Темур Зулфиқор – шоири нобиға, вале камбағали ду миллат

ТЕМУР ЗУЛФИҚОРОВ

ЧОЙХОНАИ ЛАБИ ҶАР